# ХАЗИНАИ МАЪРИФАТ 4

## *500 Ҳикмат*

***Қисмати якум***

# ХАЗИНАИ МАЪРИФАТ 4

## *500 Ҳикмат*

*Қисмати якум*

## Қурбонов Субҳон

**Душанбе - 2015**
**“Графика - Принт”**

ББК 84тоҷик 7-4+83,3(2тоҷик)+86,38
Қ - 93
Х - 18

Китоб аз ҷониби Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташхиси давлатии диншиносӣ (№160 аз 24.12.2015) гузашта, ба чоп тавсия шудааст.

Хазинаи маърифат 4, *500 Ҳикмат, Қисмати якум*.

**Муаллиф:**
Қурбонов Субҳон

**Муҳаррир:**
Саидолимов Комилҷон

**Сарпараст:**
Муҳаммадраҳим Қурбонов

**Ҳуруфчин:**
Бежани Бароталӣ
Кароматулло Сафаров

**Тарроҳӣ:**
Алиакбари Маҳмадраҳим
Алишер Алимардонов

**ISBN: 978-99947-932-8-0**

© Хазинаи маърифат 4, *500 Ҳикмат, Қисмати якум* 2015

# Мундарича


*Сарсухан* ............ 13
*Абдуллоҳ ибни Муборак ва чӯпон* ............ 15
*Абӯсуфён* ............ 18
*Аввал фиқҳ омӯз* ............ 19
*Аввалин иқдом аз забон* ............ 20
*Агар қаноат мекардӣ* ............ 21
*Агар насиҳатгар беайб мебуд* ............ 22
*Агар Фиръавн гурусна мемонд* ............ 23
*Адои 30 соли намози беихлос* ............ 24
*Адои Ҳаҷҷи Абдуллоҳи Муборак* ............ 25
*Аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) метарсам* ............ 27
*Аз барои ризогии Аллоҳ (ҷ.ҷ.)* ............ 29
*Аз дуо кардан дур машав* ............ 31
*Аз куҷо бифаҳмем, ки амаламон хайр аст?* ............ 32
*Аз назар гузаронидани сухан тариқи се роҳ* ............ 33
*Аз он бузургтарро аз даст додӣ* ............ 34
*Аз рибохӯрӣ то ба тавбакорӣ* ............ 35
*Аз танқид бояд хурсандӣ бикунем* ............ 37
*Аз худ кардани ҳашт масъала дар сию се сол* ............ 38
*Аз ҳукми дор то ба Ислом* ............ 43
*Азоби шахсе, ки дунболи орзӯҳои нафс аст* ............ 45
*Ақл – неъмат* ............ 46
*Ақли кӯдак* ............ 47
*Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) имонамро ҳифз бикунад* ............ 48
*Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) моро ҳифз мекунад* ............ 49
*Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ризқро медиҳад* ............ 51
*Аломатҳои ахлоқи ҳамида* ............ 52
*Ангуштаринро гушвор намуд* ............ 53
*Андешаи ҳаққи чашм* ............ 54
*Асорати Луқмони Ҳаким* ............ 55

Асрори тартиби тасбеҳ дар чист? ............................................ 57
Ахлоқи ҳамидаи бузургон ............................................ 58
Ахлоқи Ҳасани Басрӣ ............................................ 60
Ахлоқро мешиканад ............................................ 61
Аҳволи бахил ............................................ 62
Аҳду вафо дар дини Ислом ............................................ 63
Аҳду вафо ............................................ 65
Ба дарун қабул кардан ............................................ 68
Ба тақдир таслим шудан ............................................ 70
Ба фарзандат дуои бад кардӣ? ............................................ 73
Ба халқи Умар, адолати Умар ............................................ 74
Ба ҷои дуои бад, дуои хайр ............................................ 75
Бадӣ нахоҳӣ, бадӣ макун ............................................ 76
Бандагӣ чунин аст ............................................ 77
Бандаи Худотарс намондааст, магар? ............................................ 79
Бар муқобили девона сабри авлиё ............................................ 80
Бар нафс аз ҳама зиёд чӣ душворӣ меорад? ............................................ 82
Бар нафс аз ҳама зиёд чӣ душворӣ меорад? ............................................ 83
Бар оташ тоқат метавонӣ кард? ............................................ 84
Бар фарзандони худ касб меомӯзонад ............................................ 85
Баракат ............................................ 87
Бародарони имонӣ мувaққатӣ нест, абадӣ аст ............................................ 90
Барои гуноҳ кардани дигарон гамгин шудан ............................................ 92
Барои гуноҳи дигар гиря кард ............................................ 93
Барои рафъи бемории худ дуо намекард ............................................ 94
Барои савоб гирифтан ............................................ 95
Барои чӣ касеро ҷанг намекунед? ............................................ 96
Барои чӣ маргро дӯст намедорем? ............................................ 97
Барои як шукр си сол тавба ............................................ 98
Баҳлули Доно ва Ҳорунаррашид ............................................ 99
Беадаб ба камол намерасад ............................................ 100
Беҳтарин сарфакорӣ дар вақти доройӣ аст ............................................ 101
Бисмиллоҳ ............................................ 102
Бо Аллоҳ Таъоло будан магар гарибист? ............................................ 104
Бо аҳли илм ва хайр бояд нишаст ............................................ 105
Бо илмат набояд фахр кард ............................................ 106
Бо панҷ гурӯҳ дӯсти макун ............................................ 107

Боақл, доно, доро ва бахил кист? ............................................. 108
Боғи 600 дарахти хурмодоштаро бахшид ........................................ 109
Болои кӯҳ ва ё миёни шаҳр ........................................................ 111
Бояд, ки бо пул ба бозор рафт ..................................................... 114
Бузургони дин масъалаҳои оилавии толибилмонашонро ҳам таъқиб мекарданд ........................................................................ 115
Бузургтарин фоида ва зарар бар дин .......................................... 117
Вазни калимаи Шаҳодат ............................................................ 118
Вақташ омадааст ........................................................................ 120
Васияти аҷиби падар .................................................................. 121
Васияти падар ............................................................................ 123
Васияти ҳазрати Алӣ (р.а.) ба фарзандаш ҳазрати Ҳасан (р.а.) .. 124
Вафоии мард бар зан .................................................................. 125
Гули дурустӣ .............................................................................. 126
Гунаҳгор ҳам бошӣ, назди мо биё ............................................. 127
Гуноҳҳои дарунӣ- гуноҳҳои берунӣ ........................................... 128
Гусфанд барои чӯпон нест .......................................................... 129
Ғайбатшунаванда ҳам мисли ғайбаткунанда аст ........................ 130
Ғайримусулмон ва ё мусулмон ................................................... 131
Даврони кӯдакии Боязиди Бастомӣ ........................................... 132
Дар бадӣ сабаб шудан ................................................................ 133
Дар гуноҳ кардани ӯ, шумо ҳам шарик ҳастед .......................... 134
Дар дурӯғи кучаку бузург гуноҳ навишта мешавад ................... 135
Дар ин синну соли ҷавонӣ қозӣ шуда метавонад? ..................... 136
Дар масъалае , ки намедонам, фатво намедиҳам ........................ 137
Дар роҳи ҳақ кафи дастамро маҳкам намекунам ....................... 138
Дар ҳама ҳолат тавсияи ҳақ бикунед ......................................... 139
Дар ҳар кор хайре аст ................................................................. 140
Дарвеш ва каждум ...................................................................... 142
Дардам дар қалбам аст ............................................................... 143
Дарди дандон .............................................................................. 144
Дари намоз .................................................................................. 145
Дари Ҳақ Таъоло (ҷ.ҷ.) маҳкам аст ё кушода? ............................ 147
Дарки неъмат .............................................................................. 148
Дарс аз рафтори саг .................................................................... 150
Дарс барои хоинон ..................................................................... 151
Дарсе аз бузургон ....................................................................... 152

Дарсе аз Луқмони Ҳаким ........ 154
Дарси адаб аз кӯдак ........ 155
Дарси аҳду вафо ........ 156
Дарси аҷиб ........ 157
Дарси аҷибе дар ҳодисаи хар ........ 159
Дарси баробарӣ аз саҳобаҳо ........ 160
Дарси девона ба имом ва аҳли намозгузорон ........ 162
Дарси ибратноки саг ........ 164
Дарси илм аз нигоҳи Абдуллоҳи Муборак ........ 165
Дарси кӯдак ........ 166
Дарси маст ба олим ........ 168
Дарси Нақшбанд ........ 169
Дарси оила аз нигоҳи Иброҳими Адҳам ........ 171
Дарси Роҳиб ........ 172
Дарси таваккул ........ 174
Дарси тавозуъ (хосорӣ) ........ 176
Дарси устод ба шоҳзода ........ 178
Дарси хубе аз падар ........ 180
Дарси ҳаёт ........ 181
Дарси Ҳасани Басрӣ ........ 184
Дарси ҳикмат аз ҳазрати Яъқуб (а.с.) ........ 185
Дарси ҳуқуқи инсон аз нигоҳи дини Ислом ........ 186
Дарси ҷолиб ........ 189
Дарси шукр аз Билоли Ҳабашӣ (р.а.) ........ 191
Даъват ба наҷот ........ 193
Дигар дуое намедонӣ ........ 194
Дигар куртае надорад ........ 196
Дин бо суннат бутун аст ........ 197
Дини мубини Ислом ........ 199
Донистани Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) кофист ........ 200
Доногии моҳигир ........ 201
Доротарин марди водӣ ........ 203
Ду чизе, ки инсонро ҳалок мекунад ........ 205
Дуздӣ ........ 206
Дунё як роҳ аст ........ 208
Дунёро бо чашми ибрат нигаристан ........ 209
Дуо ҳамон дуо, аммо даҳон дигар ........ 210

*Дуои бародар ба бародар* ........ 212
*Дуои пиразан* ........ 213
*Дуои Ҳасан бинни Алӣ (р.а.)* ........ 214
*Дурустӣ* ........ 215
*Дурустии Ҳабиби Аҷамӣ* ........ 217
*Дӯстатро бо айбе маҳкум макун* ........ 219
*Дӯстдорӣ дар Ислом* ........ 220
*Дӯстдорӣ нисбати ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.)* ........ 222
*Дӯстдориҳо аз нигоҳи ҳазрати Фотима (р.а.)* ........ 223
*Дӯсти ҳақиқӣ* ........ 225
*Дӯстҳои ҳақиқӣ кам шудааст?* ........ 227
*Духтар дар оила* ........ 228
*Заковати Иёс ибни Муовия* ........ 233
*Закоти илм* ........ 235
*Закоту садақа бар аҳли илму олимон* ........ 236
*Зани фақир ва ҳоким* ........ 237
*Зебоғӣ ҳам имтиҳон дорад* ........ 239
*Зикр, фикр ва ибрат* ........ 241
*Зикри Аллоҳ (ҷ.ҷ.)* ........ 242
*Ибодат, тӯшаи охират* ........ 244
*Ибодати Имоми Аъзам (р.а.)* ........ 245
*Иброҳими Адҳам ва боғбон* ........ 246
*Иброҳими Адҳам ва салтанати маънавӣ* ........ 248
*Илм воло ва ё ибодат?* ........ 250
*Илм хайртар аст ва ё мол?* ........ 251
*Илм, мол ва номус* ........ 252
*Илми беамал* ........ 253
*Илмро аз даст додан* ........ 254
*Имоми Аъзам (р.а.) ва Аъмаш* ........ 255
*Имоми Аъзам (р.а.) ва вазифаи қозигӣ* ........ 256
*Имоми Аъзам (р.а.) ва кароматиэшон* ........ 257
*Ин кори насабӣ (авлодӣ) нест* ........ 258
*Инсон ва дунё* ........ 260
*Инсон зикри дӯстдоштаашро мекунад* ........ 261
*Интизори мукофот машав!* ........ 262
*Исми ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.)-ро кӣ гузоштааст?* ........ 264
*Ифтор дар қаср* ........ 268

*Ихлос ва риё* ........ 269
*Ишқ ва сабр* ........ 270
*Кадомаш вазнин?* ........ 271
*Кадомашро мехоҳӣ?* ........ 272
*Кароматӣ авлиёҳо ҳақ аст* ........ 273
*Кароматӣ ихлос ва садоқатӣ толибилм* ........ 274
*Кароматӣ Робияи Адвия* ........ 276
*Кафанатон аз худатон бодо* ........ 278
*Кафоратӣ Салавот* ........ 279
*Кашфиётӣ тоза аз обӣ Зам-Зам* ........ 281
*Келини ҳазрати Умар (р.а.) шудан* ........ 282
*Кӣ бахшандатарин аст?* ........ 283
*Кибр ибодатро ва надомат гуноҳро пок мекунад* ........ 284
*Кибру ғурур* ........ 285
*Киро сарзаниш мекунӣ?* ........ 286
*Коре, ки худ намекунем, бар дигарон бигӯем?* ........ 287
*Кори ту душвортар аст* ........ 288
*Кӯдаке Баҳлули Доноро насиҳат кард* ........ 289
*Кӯдаке, ки дурӯғ намегӯяд* ........ 291
*Кӯр ва Қуръон* ........ 294
*Куртаи чаҳордирҳама* ........ 295
*Кӯшиши ба даст овардани ризқи ҳалол* ........ 297
*Қабл аз мурдан тавба кардан* ........ 298
*Қадратро воло бикуну хоксор бош!* ........ 299
*Қадрдонӣ кардан* ........ 300
*Қадри одам* ........ 301
*Қадри ҳайвон дар Ислом* ........ 302
*Қадри шаб* ........ 303
*Қалбе, ки Аллоҳро фаромӯш намекунад* ........ 304
*Қиёмат* ........ 305
*Қиматӣ модар* ........ 307
*Қошуқҳои дарвешон* ........ 309
*Лаззатӣ ибодат* ........ 311
*Лаззатӣ хайр афзун шавад* ........ 312
*Лаҳзаҳои охири ҳазрати Умар бинни Абдулазиз (р.а.)* ........ 313
*Лаънат ба ташвиқгари ғайбат* ........ 314
*Либоси ифлос бо собун шуста мешавад* ........ 315

*Либоси суфигӣ, хандаи ғофилӣ* ........ 316
*Лойи пойафзол ва ҳақи банда* ........ 317
*Луқма* ........ 319
*Луқмаи ҳалол* ........ 320
*Мазааш меравад, аммо масъулияташ мемонад* ........ 331
*Маконе наёфтам, ки Аллоҳ (ҷ.ҷ.) он маконро набинад* ........ 332
*Мақсади шумо намоиш додан аст* ........ 334
*Мансабдор ва зан* ........ 335
*Марги фарзанд* ........ 336
*Мардҳо ҳам оро мекунанд* ........ 337
*Маро бо худат машғул намо* ........ 339
*Маро ғулом мекунад* ........ 341
*Матарс, ки ризқат бурида мешавад* ........ 342
*Машаққат ва савоби илм* ........ 343
*Меваи хоксорӣ ва кибр* ........ 344
*Меҳнат ва роҳат* ........ 346
*Меҳнат ибодат аст* ........ 347
*Мисле, ки ба нафсам ғурур омад* ........ 348
*Мо дар зиндонем* ........ 349
*Мо зинда мекунем* ........ 350
*Модар- қаҳрамон ва роҳбаладӣ беҳамто* ........ 352
*МОДАР* ........ 353
*Моли дунё набояд қалбро пӯшонад* ........ 355
*Моли зиёд қалбро машғул мекунад* ........ 357
*Моли мардум туҳфа намешавад* ........ 358
*Монеа ҳам фурсат аст* ........ 359
*Мори қабри фарде, ки закот намедод* ........ 360
*Мувозинат дар таслим ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва ташаббус бар сабабҳо* ........ 361
*Мувозинати дунё ва охират* ........ 362
*Мукофоти муносибат бо шавҳар* ........ 363
*Мункару Накир ва ҳазрати Умар (р.а.)* ........ 366
*Муносибатҳои зану шавҳар* ........ 368
*Мӯр (мӯрча) ва ҳазрати Сулаймон (а.с.)* ........ 370
*Мӯре, ки об мекашад* ........ 372
*Муриди Ҷунайди Бағдодӣ* ........ 373
*Муши амонат* ........ 374
*Мӯъмин ҳасад мекунад?* ........ 376



**Сарсухан**
**ба китоби Субҳон Қурбонов таҳти унвони**
**“Хазинаи маърифат - 4” (500 ҳикмат). Душанбе, 2015.**

*Эй Худо, эй Қодири бечанду чун,*
*Воқифӣ бар ҳоли беруну дарун.*
*Ин қадар иршод бар мо додаӣ,*
*Ин қадар Ту айби мо пӯшидаӣ.*
*Қатраи илм аст андар ҷони ман,*
*Вораҳонаш аз ҳаво в-аз хоки тан...*
*Ин ҷаҳон кӯҳасту феъли мо – нидо,*
*Сӯи мо ояд нидоҳоро садо...*
*Ин ҷаҳон кӯҳасту гуфтугӯи ту,*
*Аз садо ҳам боз ояд сӯи ту.*
*Мавлоно*

Китобе, ки бо талошу заҳамоти Субҳон Қурбонов таҳия гардидааст, натиҷаи мутолиа ва тафаккуру бардошт-ҳои маърифатии ӯ маҳсуб мешавад, ки хонандаро низ аз лаззати суханони ҳикматноку гуҳарбори инсонҳои комил, аз қабили паёмбарони илоҳиву азизони Худо ва афроди донишманду ҳаким, бархӯрдор месозад. Ин китоб, дар воқеъ, давои дардҳои қалбиву ҷисмӣ (албатта, барои касоне, ки дар сиришташон тухми маърифату садоқат ва муҳаббат кошта шудааст) ва раҳнамое барои оқилону орифон ва ошиқони каломи ҷонбахш аст, ки васелае баҳри ноил гаштан ба камолоти ахлоқист. Вижагии мавзӯъҳои дар китоб матраҳшуда аз он иборатаст, ки инсонро ба тадаббуру чора ҷустан дар ислоҳ ва тарбияи нафси аммора водор месозанд, нафсе, ки ба модарбут (ба қавли Мавлоно: Модари бутҳо бути нафси шумост, З-онки он бут мору ин бут аждаҳост) табдил гардида, имрӯз бани башарро мубталои хеш сохта, ӯро аз ин тариқ ба бадбахтиву фалокатҳои гӯшношунид дучор месозад.

Баҳри ноил гаштан ба камолоти маънавӣ ва ба роҳ мондани тарбияи инсон бар асоси чунин як китоби муфид амри муҳим ва зарурист. Вазифаи аз ҳама муҳимме, ки ҷиҳати ислоҳи нафс дар назди инсони имрӯзу фардо меистад, ин, пеш аз ҳама, убур кардан аз хоҳишоти ботиниву нафсонии ӯст, ки ба сони бут сабаби ба вуҷуд омадани кибру ғурур ва хештанпарастиву худбузургбинӣ шудаанд. Маҳз ҳамин хасоили зишт омили худбегонагии инсон гардида, роҳи камолотро ба рӯяш масдуд месозанд ва маъмулан чунин ҳолатҳо яке аз омилҳои бозмондан аз рушду нумуи кишвару миллат хоҳад гашт.

Дар вазъи кунунӣ чунин ба назар мерасад, ки насли башар, ба хусус насли ҷавон, аз тарбияи маънавӣ фарсаххо дур ва маҳрум мешаванд. Барои бозгашт ба асолати хеш таҳия ва интишор додани ҳамин гуна мавод аз аҳамият холӣ нахоҳад буд

Аз муҳтавои китоб чунин бармеояд, ки муаллиф дар назди худ ҳадафи неке гузоштааст: он чи, ки аз мутолиаҳои пайваста васила ва мояи лаззати маънавиаш гаштааст, дигаронро низ бичашонад, яъне ҳамон фармудаи муъаллими башарият, ҳазрати Расул (с.а.в.)-ро амалӣ намудааст, ки:

***“Он чиз, ки ба худ намеписандӣ,***
***Бо кас маписанд, эй бародари ман“*** *(мазмуни ҳадис)*

Китоб бар мабнои сарчашмаҳои зиёди адабию таърихӣ ва ирфонӣ сурат гирифта, муаллиф зимни баррасии маводи фаровон, дар ҳошияи фармудаҳои бузургон мулоҳизаву хулосаҳои хешро низ зикр кардааст.

***Саидолимов Комилҷон,***
*номзади илмҳои филологӣ*

## Абдуллоҳ ибни Муборак ва чӯпон

Абдуллоҳ ибни Муборак берун аз Мадина баромада саёҳат мекард. Дар роҳ ҷавонеро дид, ки чӯпонӣ мекард. Дилаш ба ҷавон сӯхт. Фикр кард, ки ин ҷавон ибодат ба Аллоҳ Таъолоро чӣ гуна адо мекунад ва чӣ гуна Ӯро мешиносад. Мақсад гузошт, то рафта ба ҷавон аз шинохти Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) таълим кунад. Назди ҷавон омаду салом доду пурсид:

- Фарзандам, Аллоҳ Таъолоро медонӣ?

Чупон:

- Магар банда соҳибашро намешиносад?

Абдуллоҳ ибни Муборак:

Аллоҳ Таъолоро чи гуна шинохтӣ ва ба ту кӣ дарс дод?

Чупон:

- Бо ин гусфандонам шинохтам.

Абдуллоҳ ибни Муборак:

- Бо гусфандон чӣ гуна шинохтӣ?

Чупон:

- Фикр кун, ин гусфандҳо бесоҳибу чӯпон намешаванд, агар танҳо бошанд, коре намеоянд. Шахсе лозим аст, ки ба инҳо обу алаф диҳад ва аз гургу дигар ҷонварҳо нигоҳбинашон кунад. Аз ин дарк кардам, ки коинот, одам, ҷин, ҳайвон ва дигар ҷондорҳо ба нигоҳдоре эҳтиёҷ доранд ва ҳамаи инҳоро бояд қуввае (зоте) таҳти назорат дошта бошад. Пас, ин зот ба ғайри Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дигаре нест. Ҳамин гуна бо ин гусфандҳо, ҳастии Аллоҳ Таъолоро донистам.

Абдуллоҳ ибни Муборак:

- Аллоҳ Таъолоро чӣ гуна мешиносӣ?

Чӯпон:
- Ӯро ба чизе монанд намекунам.

Абдуллоҳ ибни Муборак:
- Аз куҷо донистӣ, ки Ӯро ба чизе монанд намекунӣ?

Чӯпон:
- Боз ҳамин гусфандонро фикр карда, донистам.

Абдуллоҳ ибни Муборак:
- Чӣ хел фикр кардӣ?

Чупон:

- Фикр кардам, ки чӯпони ин гусфандонам ва онҳоро идора мекунам. Дидам, ки на ман ба онҳо монандам ва на онҳо ба ман. Чӣ хеле, ки гусфандон ба чупон монандӣ надоранд, пас, махлуқ низ ба Холиқ монандӣ надорад.

Абдуллоҳ ибни Муборак:
- Хело хуб гуфтед. Аз илм чизе баҳра бурдаӣ?

Чупон:
- Дар ин саҳро чӣ гуна метавон таҳсили илм кард?

Абдуллоҳ ибни Муборак:
- Бо ин фаросатат боз чӣ омӯхтӣ?
Чӯпон:

- Бо мадади Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ин се илмро аз худ кардам; илми дил, илми забон ва илми бадан.

Абдуллоҳ ибни Муборак:
- Инҳо чӣ маъние доранд?
Чӯпон:

- Илми дил ин аст: Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ман қалб дод. Он ҷойро ба худаш ҷойи муҳаббат ва маърифат кард. Хост, то ба ин қалб Ӯро бидонам, шиносам ва дӯст дорам. Он чӣ ки дӯст медорад, ман ҳам дӯст дорам ва он чӣ ки дӯст намедорад дар қалбам ҷо намекунам ва аз он дурӣ меҷӯям.

Илми забон ин аст: Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ман забон дод. Хост бо ин забон ҳамду зикру шукраш кунам ва неъматашро фаҳмонам. Манъ кард, то забон сухани бад нагӯяд.

Илми бадан ин аст: Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ман бадан дод. Хост, то бо ин бадан ба Ӯ хизмат ва ибодат кунам. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) амр кард, то ба сӯи хайр қадам гузораму аз кори бад гурезам.

Абдуллоҳ ибни Муборак ҳайрони суханҳо шуду ӯро аҳсан хонд ва гуфт:

- Асли илмро гӯфтӣ ва ҳозир аз ту хоҳиш мекунам, ки бо ин қалби софат барои ман дуо кун.

Чӯпон гуфт:

- Аз чеҳраатон маълум аст, ки зоти бузургед. Агар илмро аз барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз худ карда бошед, пас, аз мардум чизе талаб макунед, чизе аз мардум интизор машавед ва манфиате махоҳед.

Агар илмро аз барои дунё аз худ карда бошед, дар охират фоидае нахоҳед дид ва ба ҷаннат наметавон даромад, ҳатто зомин хоҳед шуд.

Абдуллоҳ ибни Муборак ҷавонро дуои хайр карду ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шукр карду он ҷоро тарк кард.

*** Хуш ба ҳоли бандае, ки аз Ислом бохабаранд. Ҳар як инсон китобест, албатта, ба он афроде, ки талабгори илманд.

***ХУДОБАХШ***
***18.08.2011с.***

## Абӯсуфён

Дар яке аз ҷангҳо саҳобаи киром Зайд бинни Дасина асир меафтад. Абӯсуфён дар ин замон мусулмон нашуда буд. Зайдро барои шаҳид шудан мебурданд. Абӯсуфён назди Зайд омада мегӯяд:

- Эй Зайд, мехоҳӣ, ки ҳозир ба ҷои ту Муҳаммад мебуду ту сиҳату саломат назди зану фарзанди худ мерафтӣ?

Зайд:

- Ҳаргиз! Куштан як тарафи истад, намехоҳам, ки ба пояш санге бирасад. Бигзор, ман бимирам, аммо ба ӯ (с.а.с.) зарари кӯчаке нарасад.

Абӯсуфён:

- Чунин боварӣ, имону эътимод, ки дар пайравони Муҳаммад мебинам, дар касе намебинам. Муҳаққақ, ки дар Муҳаммад чизе ҳаст.

Абӯсуфён ҳам баъдан мусулмон мешавад ва мисли дигарон соҳиби ҷавҳар, яъне имон мегардад ва дар дини Ислом хизмат мекунад.

*** Ин аст дини барҳаққе, ки ҳамаро хизматгори мардум мекунад. Хизматгори мардум шудан, роҳбари мардум шудан аст. Хуш ба ҳоле, он мардуме, ки хизмати самимӣ ва сирф аз хотири Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) амали хайр мекунанд ва дуоҳои хайри эшонро мегиранд.

***ХУДОБАХШ***
***30.08.2011с.***

## Аввал фиқҳ омӯз

Нафаре назди ҳазрати Алӣ (р.а.) омад ва пурсид:

- Ё Амиралмӯъминин! Ман тиҷорат кардан мехоҳам. Чӣ кор карданамро тавсия медиҳед?

Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармуд:

- Аввал фиқҳ биомӯз. Фиқҳ пеш аз тиҷорат меояд, зеро агар пеш аз омӯзиши фиқҳ, кори тиҷоратӣ кунӣ, аз рибову ҳаром наҷот намеёбӣ.

*** Илм дар ҳама гуна кор файзу баракати худро мегузорад ва аз гуноҳ дур месозад. Ин аст, ки талаби илм фарз аст ва фиқҳи фаъолияти кории хешро донистан ҳатмист, то ин ки дар чаҳорчӯби ҳалол пойро нигоҳ доштан, нодониста ба гуноҳ ғутта нагардем. Ҳар заррае аз гуноҳ, роҳро ба ҷаҳаннам наздик месозад ва ҳар қадами хайр бошад, роҳро ба ҷаннат наздик мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

**Аввалин иқдом аз забон**

Ба Конфючуз суол карданд:

- Агар ба ин кишвар чун шахси идоракунанда даъват карда шавӣ, кори аввалинат чӣ хоҳад буд?

Конфючуз ҷавоб дод:

- Бешубҳа, аввал аз забон сар мекардам. Агар забон айб дошта бошад, суханҳо фикрҳоро хуб баён карда наметавонад. Агар фикрҳо хуб фаҳмонда нашавад, иқдомҳо дуруст ба ҷо оварда намешавад. Иқдомҳо дуруст ба ҷо оварда нашаванд, фарҳанг вайрон мегардад. Фарҳанг вайрон гардад, адолат ба роҳи нодуруст меравад. Адолат аз роҳ барояд, халқ ҳайрон мемонаду чӣ кор карданашонро ва чӣ шуданашонро намедонанд. Аз ин сабаб, забон хело ҳам муҳим аст.

*** Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

Забон сутуни бадан аст. Агар он рост бошад, тамоми вуҷуд рост мешавад ва агар рост набошаду ба тарфи чапу рост равад, он гоҳ аз ягон узви бадан фоидае намеояд.

***ХУДОБАХШ***
***28.06.2015с.***

## Агар қаноат мекардӣ

Абу Вайл нақл мекунад:

- Бо рафиқам ба зиёрати Салмони Форс рафтем. Барои мо каме нон ва каме намак овард. Рафиқам гуфт:

- Агар бо намак боз сағтар (алафи боллазат) мебуд, хубтар мешуд.

Салмон зарфи обгирияшро амонат бидоду каме аз сағтар гирифта овард. Баъд аз тановул рафиқам чунин дуо кард:

- Ба Аллоҳ (ҷ.ҷ.) шукр мекунем, ки ба неъмати додааш қаноат намудем.

Салмони Форс бо табассум фармуд:

- Агар қаноат мекардӣ, зарфи обгирии мо, дар амонат намемонд.

*** Қаноатро дар вақти тангдастӣ бояд нишон дод, на ин ки дар вақти серӣ. Аз қаноат кардан касе намурдааст ва аз ҳирс касе доро нашудааст. Шайх Азиз фармудааст:

- Қаноат ва тақво бурди бузург аст, зеро ба дунё чизе наовардаем ва чизе нахоҳем бурд.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Агар насиҳатгар беайб мебуд

Яке аз бузургони тобеин Саид бин Ҷубайр дар тӯли умри худ вазъу насиҳат мекард. Ҳар рӯз пас аз намози бомдод ва аср дар масҷид ваъз мегуфт. Саид бин Ҷубайр чунин фармуд:

- Агар ваъзу насиҳатро танҳо афроди беайб мегуфтанд, пас, касе ҳаққи ваъзгӯиро пайдо намекард. Касе бехатову беайб намешавад.

Саид бин Ҷубайр насиҳатро бар ҳама кас мекард ва айби касеро бар рӯяш намегуфт.

*** Агар касе ба ту сухан ва ё пешниҳоди хайре кунад, онро дар тарозӯи ақли худ бисанҷ, агар хайр бошад, қабулаш намо, вагарна, не. *(маънои ҳадис)*

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Агар Фиръавн гурусна мемонд

Аз Боязиди Бастомӣ суол карданд:

- Чаро гуруснагиро бо мадҳ (таъриф) шарҳ медиҳӣ?

Боязиди Бастомӣ фармуд:

- Агар Фиръавн гурусна мемонд, «Офаридгори бузургтаринатон манам» намегуфт.

*** Агар одам дар коре номуваффақ шавад, ё бемор шавад, ё дарди фақирӣ бикашад, ва ё дар коре азобу машаққат бикашад, он гоҳ оҷиз будани хешро мебинад ва дарки онро мекунад, ки аз Зоте талаби кӯмак бояд кард. Пас, моро шукр мебояд, ки бо камбудие рӯ ба рӯ мешавему дарду ғам дорем.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Адои 30 соли намози беихлос

Ибни Моликӣ 30 соли намозашро танҳо дар як ҷойи масҷид адо менамуд. Рӯзе аз сабаби намози ҷаноза будан, масҷид серодам буд. Ибни Моликӣ имкон пайдо карда натавонист, ки дар ҷойи доимияш намоз гузорад. Дар қалбаш чунин гузаронид:

- Имрӯз туро дар ҷойи ҳамавақтаат намебинанд.

Ин фикр ӯро ба ҳӯш овард. Ва худ ба худ гуфт:

- Эй нафси риёкор! Маълум мешавад, ки сӣ сол намозро ба хотире гузоштӣ, ки мардум туро бубинанд.

Баъд аз он, сӣ соли намози беихлосашро такроран адо намуд.

*** Дарсе буд дар масъалаи дарк ва фаҳмиши ихлос аз нигоҳи бузургонамон. Дар миёни халқ ҳикматест машҳур: «Ихлос-халос». Абухайри Нассоҷ мефармояд:

- Ихлоси амал василаест, ки сабаби қабули амал мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Адои Ҳаҷҷи Абдуллоҳи Муборак

Абдуллоҳи Муборак ба сафари Ҳаҷ баромад. Дар Куфа занеро мебинад, ки дар партовгоҳ парҳои мурғеро мечинад. Худ ба худ фикр мекунад, ки;

«Агар кушта шуда бошад, чаро дар партовгоҳ тозааш мекунад? Шояд мурда бошад».

Аз зан мепурсад:

- Эй зан! Ин мурғ мурда аст ва ё бе бисмиллоҳ кушта шудааст?

Зан гуфт:

- Ҳаром мурдааст. Барои кӯдакҳо тайёр мекунам.

Абдуллоҳи Муборак:

-Охир ин ҳаром аст.

Зан гуфт:

- Эй мард, роҳатро идома деҳ. Фарзандони ман кӯчаканд. Чанд рӯз аст, ки хӯроке нахурдаанд ва маҷбурам, ки ин мурғро ба онҳо хуронам.

Абдуллоҳи Муборак бо маблағҳои сафари ҳаҷ хӯрока ва либоса харида, ба хонаи зан меорад ва мегӯяд:

- Гир инҳоро. Ҳамааш барои ту ва фарзандонат.

Дигар маблағе надошт, ки сафарашро идома диҳад ва он ҷо монд, то ин ки бо зоирон ҳамроҳ шуда ба ватанаш баргардад.

Ҳамроҳ бо ҳоҷиён шуд. Ҳоҷиён якдигарро муборакии Ҳаҷ гуфтанд, аммо ӯ бо исрор (такрор) мегуфт, ки ман Ҳаҷ накардаам.

Ҳар ҳоҷие бо ҳар ҳодисае ба Абдуллоҳ мегуфтанд:

- Дар Арафот якҷоя будем, дар Мино ва дар Ҳарам ҳам якҷоя будем.

Абдуллоҳ:

- Ман ҳаҷ нарафтам мегӯяму шумо ҳоло ҳам табрик карда истодаед.

Шаб шуд. Абдуллоҳ дар хобаш садое мешунавад:

- Эй Абдуллоҳ! Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) садақае, ки ба зан додӣ, қабулаш фармуд. Дар сурати ту малакеро вазифадор кард, ки ба ҷои ту адои Ҳаҷ кунад. Аз ин хотир, дар дафтари аъмолат савоби Ҳаҷ сабт шудааст. Дӯстҳоят дар сурати ту малакро дидаанд.

*** Баъзеҳо ин ривоятро носаҳеҳ медонанд, аммо ҳадаф шахсеро кӯмак ва аз хурдани ҳаром дур кардан, хайри бузургест. Манзур аз ба даст овардани дил, аз роҳи бад касеро ба роҳи хайр овардан аст ва шахсеро аз роҳи ҳаром ба ҳалол овардан аст. Ҳеҷ амали хайреро кӯчак мабин, шояд амале, ки кӯчакаш фикр мекунӣ, сабаби розигии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) гардад. Пас, ҳоҷат ба шарҳи аъмоли хайри бузург нест.

***ХУДОБАХШ***
***25.08.2011с.***

## Аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) метарсам

Дар давраи ҳазрати Мӯсо (а.с.) оилае хело гурусна мемонанд. Дигар илоҷе намеёбанд. Марди хона ноилоҷ ба ҳамсараш мегӯяд:

- Рав, аз касе нон биталб.

Зан ба хонаи тоҷире меравад ва мегӯяд:

- Дар хона фарзандҳоям хело гурусна мондаанд, хоҳиш мекунам ба ман кӯмаке бикунед.

Тоҷир:

- Хоҳишат иҷро мешавад, аммо худатро бар ман таслим мекунӣ.

Зан сухане ногуфта хонаи тоҷирро тарк мекунад. Дар хона фарзандҳо мегӯянд:

- Модарҷон! Аз гуруснагӣ мемирем, ба мо нон бидеҳ.

Зан дубора хонаи тоҷир меравад ва аҳволи фарзандҳоро мегӯяд. Тоҷир дубора таклифашро ба зан такрор мекунад. Зан ноилоҷ мемонад ва розӣ мешавад.

Вақте ки зан ва тоҷир танҳо мемонанд, аъзои бадани зан ба ларза медарояд. Тоҷир мепурсад:

-Ба ту чӣ шуд?

Зан:

- Аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) метарсам.

Тоҷир дар ҷавоби зан ҳайрон мемонад ва мегӯяд:

- Ту дар ин аҳвол ҳастӣ ва боз аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) метарсӣ, дар асл бояд ман битарсам.

Тоҷир аз фикри ба номуси зан даст дароз кардан бармегардад. Ба зан хӯрокҳои зиёде медиҳад. Зан ба хона бармегардад. Фарзандҳо ҳама шод мешаванд.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳазрати Мӯсо (а.с.) ваҳй нозил

мекунад:

- Ба фалон шахс бигӯ, ки гуноҳҳояшро авф кардам.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) тоҷирро меёбад ва мегӯяд:

- Миёни Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ва худат кори хайри махфиёнае амал кардаӣ.

Тоҷир ҳодисаи аз сар гузаронидан бо зани бечораро нақл намуд. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) фармуд:

- Аз ин хотир, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) тамоми гуноҳҳои гузаштаи туро бахшидааст (Мукошифатул қулуб).

*** Набояд аз ҳолати дармондагии дигарон истифода карду нафси худро қонеъ гардонид.

Агар нафсат туро ба зинокорӣ ташфиқ кунад, оиладор бишав. Агар имкони оиладор шудан надорӣ, рӯза бигир. *(маънои ҳадис)*

Агар дар берун зане ба чашмат биёфтаду нафси туро ба ҳаяҷон дарорад, дарҳол ба хонаат бирав ва бо ҳамсарат ҳамхоба бишав. Он чӣ, ки дигар занҳо доранд, дар ҳамсари худат низ мавҷуд аст.

***ХУДОБАХШ***
***05.01.2014с.***

## Аз барои ризогии Аллоҳ (ҷ.ҷ.)

Аз Ҷунайди Бағдодӣ суол карданд:

- Ихлосро аз ки омӯхтӣ?

Ҷунайди Бағдодӣ гӯфт:

- Дар Маккаи Мукаррама бе пул мондам. Аз Басра интизори пул будам. Мӯи сару ришам хело дароз шуда буд. Назди сартароше рафтам ва гуфтам, ки пуле надорам ва аз барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мӯи сар ва ришамро каме ба тартиб дароред.

Сартарош, ки ба нафаре хизмат мерасонд, ӯро як тараф карда ба тартиб додани сару риши ман оғоз кард. Марди нишаста шикоят кард ва сартарош гуфт:

- Бубахшед, ҷаноб. Ман бар ивази маблағатон хизмат мекунам, аммо ин ҷавон аз барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) талаб кард.

Сартарош пас аз хизматаш боз ба ман каме пул ҳам дод. Пас аз чанд рӯз пули ман ҳам расид. Ба он кас каме зар бурдам. Сартарош гуфт:

- Ҳаргиз нахоҳам гирифт, бовар кун ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) қиматтар аст.

*** Ҳар кори хайре, ки мекунем, аз барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) анҷом диҳем, зеро ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз ҳама гуна дастовардҳо қиматтару муқаддастар аст. Албатта, ки ба ҳама пулу мол лозим аст, аммо дар он амалҳои арзишдор ризогии Аллоҳ Таъолоро (ҷ.ҷ.) низ ҷо диҳем. Боз амалҳои хайре бояд анҷом диҳем, ки дар он заррае аз моли дунё ворид нагардад. Пас, бо изни Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барои дарёфти ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) таваҷҷуҳамонро ба сӯи беморону эҳтиёҷмандон банд мекунем.

Худоё! Барои дарёфти ризогият ба мо иродаи қавӣ иноят бифармо. Омин.

***ХУДОБАХШ***
***14.08.2011с.***

## Аз дуо кардан дур машав

Суфён бин Уяна нақл мекунад:

- Айбҳои содиршуда набояд монеаи дуо кардан гарданд. Иблис, ки бадтарин махлуқот ба ҳисоб меравад, чунин дуо намуд:

- Худоё! Маро то рӯзи қиёмат муҳлат бидеҳ.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дуои Иблисро қабул намуд.

*** Модоме ки Иблиси рондашуда дуо карду қабул гардид, пас, мо набояд ноумед шуда аз дуо кардан даст бикашем. Дар баробари дуо кардан, кӯшиш ба амали дуо кунем.

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

**Аз куҷо бифаҳмем, ки амаламон хайр аст?**

Аз Раҷо бинни Ҳайва суол карданд:

- Хайр будани кори кардаамонро чӣ гуна мефаҳмем?

Раҷо бинни Ҳайва ҷавоб дод:

- Агар коре кардан хоҳӣ ва дар асснои адои он кор туро барои рафтан ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) натарсонаду бар акси ҳол майлатро афзун гардонад, пас, бидон, ки он кор хайр аст. Чунин корро ба оғӯш гир.

Агар коре кардан хоҳӣ ва дар асснои адои он кор туро барои рафтан ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) битарсонад, пас, бидон, ки он кор бад аст. Дарҳол аз он кор даст бикаш.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Аз назар гузаронидани сухан тариқи се роҳ

Нафаре бо Суқрот рӯ ба рӯ мешавад ва мегӯяд, ки медонӣ нисбати рафиқат чӣ фикр мекунанд?

Суқрот:

- Як лаҳза сабр бикун. Пеш аз суханро гӯфтан туро як санҷиш мекунам. Ин ташхисро «аз назар гузарони сухан тариқи се роҳ» меноманд. Пеш аз оне, ки сухаро мегӯӣ, хуб мешуд, ки суханатро тариқи ин се роҳ аз санҷиш гузарон:

Якум: Суханеро, ки ба ман мегӯӣ, ҳақиқат буданашро боварӣ дорӣ?

Мард: Не. Дар асл ман шӯнидам.

Дуюм: Сухане, ки мегӯӣ, хуб аст?

Мард: Не.

Суқрот: Модоме, ки сухани бад аст ва ҳақиқат будани онро намедонӣ, маълум мешавад, ки ӯро бад мекунӣ.

Сеюм: Сухане, ки дар бораи рафиқам мегӯӣ, барои ман нафъ дорад?

Мард: Не.

Суқрот: Модоме, ки ҳақиқат доштани суханро намедонӣ, сухан хуб набошад ва ба кори ман нафъ надошта бошад, чаро ба ман мегӯӣ?

*** Нафаре дар бораи рафиқат сухане гӯфтанӣ шавад, дарҳол аз ин санҷиш гузаронед. Хуб мешуд, ки ҳатто нагузоред, ки ғайбате бикунад, зеро ғайбаткунанда ва ғайбатшунаванда гуноҳи яксон мегиранд. Ғайбатро аз машаварат бояд фарқ кард. Дар баъзе мавридҳо дар ғайби одам ҷиҳати машаварат сухан кардан ҷоиз аст.

***ХУДОБАХШ***
***25.11.2012с.***

## Аз он бузургтарро аз даст додӣ

Яке аз муҳоҷирон шахсеро дид, ки намозашро саросема адо мекард. Баъд аз намоз, сабаби чунин хондани намозро аз ӯ пурсид:

- Риоя кардани таъдили аркон шарт нест магар?

Мард:

- Дар вақти намоз хондан моли гумшудаам ба ёдам омад.

Муҳоҷир:

- Аммо аз он бузургтарро аз даст додӣ.

*** Дар вақти адои намоз фориғ шудан аз хушуи намоз, маънои аз даст додани савоби намозро дорад.

Сарро ба замин чӣ мениҳӣ вақти намоз,
Онро ба замин бубар, ки бар сар дорӣ.

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

## Аз рибохӯрӣ то ба тавбакорӣ

Ҳабиби Аҷамӣ яке аз толибилмони Ҳасани Басрӣ (р.а.) буд. Хело доро буд. Рибохӯрӣ мекард. Рӯзе ҳангоми хӯрок хурдан, нафаре дарро тақ-тақ кард. Фақире дар назди дар ба Ҳабиб гуфт:

«Аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) садақа диҳед».

Ҳабиб дарро ба сӯи фақир пӯшид. Ҳабиб дубора ба сӯи дастархонаш баргашт ва косаи шурборо пур аз хун дид. Пас аз дидани чунин ҳодиса, бар вуҷуди Ҳабиб тарсу даҳшат ворид шуд.

Яке аз рӯзҳои ҷумъа Ҳабиб ба сӯи хонаи Ҳасани Басрӣ раҳсипор шуд. Дар роҳ кӯдакҳо машғули бозӣ буданд ва Ҳабиби Аҷамиро дидан баробар гуфтанд:

- Гурезед, гурезед. Ҳабиби рибохӯр меояд. Чанге, ки аз зери пои ӯ бармехезад бар вуҷуди мо мерасад ва мо ҳам мисли ӯ бадбахт мегардем.

Суханҳои кӯдакон барояш дард овард.

Ба маҷлиси Ҳасани Басрӣ даромад ва дасти Ҳасани Басриро бӯса кард ва шогирди Ҳасани Басрӣ шуд.

Вақте ки аз даргоҳи Ҳасани Басрӣ баромад, ҳар нафаре, ки аз Ҳабиб қарздор буд, аз ӯ мегурехтанд. Ҳабиби Аҷамӣ гуфт:

- Нагурезед, имрӯз ман бояд, ки аз шумо гурезам. Ҳар касе аз ман қарздор аст, ҳамаашро бахшидам.

Ҳабиби Аҷамӣ аз миёни кӯдакҳо мегузашт, ин маротиб кӯдакҳо мегуфтанд:

- Гурезед, гурезед. Тавбакор Ҳабиб меояд. Аз тарафи мо бар вуҷуди ӯ чангу ғубор наравад. Агар расад, мо бар Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) осӣ мегардем.

Ҳабиб ин суханҳоро шунидан пас, ба ҳаяҷон омад ва

чунин дуо кард:

- Худоё! Бар Ту ҳамду сано мекунам, ки ба як тавбаам исми маро аз миёни бадон гирифта, дар миёни хубон ҷо кардаӣ.

*** Даргоҳ ва Раҳмати Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) чунон васеъ аст, ки ба як тавбаи насуҳ (дубора ба гуноҳ барнагаштан) тамоми гуноҳҳои мо бандагонро авф мекунад.

Ин аст, ки Мавлонои Балхӣ мефармояд:

Боз о, боз о, ҳар он чи ҳастӣ, боз о,
Гар кофару габру бутпарастӣ, боз о.
Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,

Сад бор агар тавба агар шикастӣ, боз о. (Девони ғазалиёти Шамси Табрезӣ, саҳ. 1437)

***ХУДОБАХШ***
***08.07.2012с.***

## Аз танқид бояд хурсандӣ бикунем

Ахлоқи бад чун мор ва каждуми заҳрдор аст. Агар нафаре бигӯяд, ки болои баданат ақраб аст, ба он шахс бо тамоми ҳастӣ миннатдорӣ мекунем. Ақраброро аз баданамон дур мекунем ва кӯшиши куштани онро мекунем.

Заҳр ва дарди ақраб дар ҷисмамон аст. Дарду ғамаш якчанд рӯзро мегирад. Аммо дарди заҳри ахлоқи бад, дар зери қалб ҷо мегирад. Метарсам, ки баъд аз марг ҳам ҳазорҳо сол азиятамон медиҳад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ашхосе, ки моро аз ахлоқи бадамон огоҳ мекунанд, ба ҷойи изҳори ташаккур намудан, ба онҳо бо чеҳраи нохуш назар мекунем ва бароиислоҳи ахлоқи бад, ягон кӯшише намекунем. *(Имом Ғазолӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***07.07.2013с.***

**Аз худ кардани ҳашт масъала дар сию се сол**

Шақиқи Балхӣ аз шогирдаш Ҳотами Асам суол кард:

- Чанд сол боз бо ман ҳастӣ?

Ҳотам:

- Сию се сол аст.

Шақиқ:

- Дар сию се сол чӣ аз худ кардӣ?

Ҳотам:

- Ҳашт масъаларо аз худ кардам.

Шақиқи Балхӣ:

- Умрам бо ту гузашт ва ту танҳо ҳашт масъала аз худ кардаӣ?

Ҳотам:

- Ман дурӯғ гӯфтанро дӯст намедорам. Дар ҳақиқат аз ин зиёд наомӯхтаам.

Шақиқи Балхӣ:

- Ин хел бошад, ҳашт масъаларо бигӯ, то ин ки бидонем.

Ҳотам:

Аввал: ҳар як шахс дӯстдоштае дорад ва ҳар дӯстдошта то ба қабр ҳамроҳӣ мекунад ва дар назди қабр якдигарро тарк мекунанд. Ман савобҳоро бар худ дӯстдошта намудам, зеро вақте, ки даруни қабр дароям, онҳо ҳам ҳамроҳӣ менамояд.

Шақиқи Балхӣ:

- Офарин Ҳотам! Масъалаи дуюм чист?

Ҳотам:

- Дуюм он аст, ки ояти 40 ва 41-уми сураи «Назият»

ба ёдам омад, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мефармояд:

وَاَمَّا مَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهٖ وَنَهَى النَّفْسَ عَنِ الْهَوٰى
فَاِنَّ الْجَنَّةَ هِىَ الْمَاْوٰى

«Аммо ҳар кас, ки аз истодан дар баробари Парвардигораш тарсида ва нафсро аз ҳавову ҳавас боздошта бошад, биҳишт ҷойгоҳи ӯст».

Дарки ин ду оятро кардам, ки суханҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳақ аст ва тамоми қувваамро бар муқобили нафс муҷодалла карданро оғоз намудам. Кӯшиш ба он менамоям, ки ҳама вақт итоат бар Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) намоям.

Шақиқи Балхӣ:

- Сеюм чист?

Ҳотам:

- Ба инсонҳо назар кардам, ки ҳар кас дар даст чизеро ҳифз менамояд. Он вақт ояти 96-уми сураи «Наҳл» ба ёдам омад:

مَا عِنْدَكُمْ يَنْفَدُ وَمَا عِنْدَ اللّٰهِ بَاقٍ وَلَنَجْزِيَنَّ الَّذِينَ صَبَرُوا
اَجْرَهُمْ بِاَحْسَنِ مَا كَانُوا يَعْمَلُونَ

«Он чӣ назди шумост, фано мешавад ва он чӣ назди Аллоҳ аст, боқӣ мемонад. Ва ононро, ки сабр варзиданд, савобе беҳтар аз кирдорашон хоҳем дод».

Шақиқи Балхӣ:

- Чорум?

Ҳотам:

- Чорум, ба мардум нигоҳ кардам ва дидам, ки ҳама ба молу мулк таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳанд ва дарки онро намудам, ки ҳамааш беҳуда аст. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар ояти 13-уми сураи «Ҳуҷурат» мефармояд:

يَا اَيُّهَا النَّاسُ اِنَّا خَلَقْنَاكُمْ مِنْ ذَكَرٍ وَاُنْثٰى وَجَعَلْنَاكُمْ شُعُوبًا وَقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا اِنَّ اَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللّٰهِ اَتْقٰيكُمْ اِنَّ اللّٰهَ عَلِيمٌ خَبِيرٌ

«Эй мардум, мо шуморо аз як марду зан биёфаридем. Ва шуморо ҷамоатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишиносед. Албатта, гиромитарини шумо назди Аллоҳ парҳезгортарини шумост. Аллоҳ донову кордон аст».

Дар назди Аллоҳ (ҷ.ҷ.) бо шарафтарин шахс, онест, ки тақво дорад ва ман тақворо ба оғӯш гирифтам.

Шақиқи Балхӣ:

- Панҷум?

Ҳотам:

- Ба мардум боз назар кардам ва дидам, ки мардум дарду бало ҳастанд. Сарчашмаи ҳамаи инро дар ҳасад дидам. Ояти 32-юми сураи «Зухруф» ба ёдам омад ва ҳасадро аз худ дур кардам. Ояти мазкур ин аст;

اَهُمْ يَقْسِمُونَ رَحْمَةَ رَبِّكَ نَحْنُ قَسَمْنَا بَيْنَهُمْ مَعِيشَتَهُمْ فِى الْحَيٰوةِ الدُّنْيَا وَرَفَعْنَا بَعْضَهُمْ فَوْقَ بَعْضٍ دَرَجَاتٍ لِيَتَّخِذَ بَعْضُهُمْ بَعْضًا سُخْرِيًّا وَرَحْمَتُ رَبِّكَ خَيْرٌ مِمَّا يَجْمَعُونَ

«Оё онон раҳмати Аллоҳатро тақсим мекунанд? Ҳол он ки мо рӯзии онҳоро дар ин зиндаги дунё миёнашон тақсим мекунем. Ва баъзеро ба мартаба болотар аз баъзе дигар қарор додаем, то баъзе баъзи дигарро ба хидмат гиранд. Ва раҳмати Аллоҳат аз он чӣ онҳо ҷамъ меоваранд, беҳтар аст».

Шақиқи Балхӣ:

- Шашум?

Ҳотам:

- Шашум, мардумро дидам, ки даст ба гиребони якдигаранд. Ман ҳам ба ояти шашуми сураи «Фотир» фармудааст;

إِنَّ الشَّيْطَانَ لَكُمْ عَدُوٌّ فَاتَّخِذُوهُ عَدُوًّا إِنَّمَا يَدْعُوا حِزْبَهُ لِيَكُونُوا مِنْ أَصْحَابِ السَّعِيرِ

«Шайтон душмаи шумост. Ӯро душман гиред. Ӯ фармонбарони худро даъват кунад, то ҳама аз дӯзахиён бошанд» такя намуда, танҳо шайтонро ба худ душман донистам ва бар муқобилаш тадбирҳо дидам, зеро Аллоҳ (ҷ.ҷ.) шоҳидӣ бар он кардааст, ки шайтон душмани ман аст. Аз ин лиҳоз, аз душманӣ бар дигар махлуқҳо даст кашидам.

Шақиқи Балхӣ:

- Ҳафтум?

Ҳотам:

- Ба мардум назар кардам ва дидам, ки барои як луқмаи ҳалол ба роҳҳои ҳаром даст мезананд. Ба ояти шашуми сураи «Ҳуд» фармудааст, ки

وَمَا مِنْ دَابَّةٍ فِى الْأَرْضِ إِلَّا عَلَى اللهِ رِزْقُهَا وَيَعْلَمُ مُسْتَقَرَّهَا وَمُسْتَوْدَعَهَا كُلٌّ فِى كِتَابٍ مُبِينٍ

«Ҳар ҷунбандае дар рӯи замин мавҷуд аст, рӯзии ӯ бар ӯҳдаи Худост ва ҷои зисту маргашро медонад, зеро ҳама дар китоби мубин омадааст» тафаккур кардам ва дарки онро кардам, ки яке аз он ҷондорон ба ҳисоб меравам.

Шақиқи Балхӣ:

- Ҳаштум?

Ҳотам:

- Ба мардум назар кардам ва ҳар яке ба коре эътимод бастааст; яке ба тиҷорат, дигаре ба кишоварзӣ ва савумин бар санъат. Ман ба ояти сеюми сураи «Талоқ» назар кардам:

وَيَرْزُقْهُ مِنْ حَيْثُ لَا يَحْتَسِبُ وَمَنْ يَتَوَكَّلْ عَلَى اللهِ فَهُوَ حَسْبُهُ إِنَّ اللهَ بَالِغُ أَمْرِهِ قَدْ جَعَلَ اللهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا

«Ва ҳар кӣ бар Аллоҳ таваккул кунад, Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ӯро кофист. Аллоҳ (ҷ.ҷ.) кори худро ба иҷро мерасонад ва ҳар чизро андозае қарор додааст» ва ба Аллоҳи Зулҷалол (ҷ.ҷ.) таваккул кардам.

Шақиқи Балхӣ пас аз шунидани ҳашт масъала чунин гуфт:

- Ҳотам, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) туро муваффақ гардонад. Ман ба илми Таврот, Инҷил, Забур ва Қуръон назар кардам ва дидам, ки ҳамаи корҳои хайр дар ин ҳашт масъала маскан гирифтааст. Ҳар фарде, ки ба ин ҳашт масъала таваҷҷуҳ мекунад, маънои онро дорад, ки бо муҳтавои (мағз) чаҳор китоб амал мекунад.

Шақиқи Балхӣ баъд аз ин суханҳо шогирдашро таҳсин хонд.

***ХУДОБАХШ***
***26.01.2013с.***

## Аз ҳукми дор то ба Ислом

Расули акрам (с.а.с.) Маккаро фатҳ кард ва ба фарзанди душмани Ислом Абӯҷаҳл, ки Икрима ном дошт, ҳукми ба дор овехтанро қарор дод. Икрима аз тарс ба Яман гурехт. Ҳамсари Икрима бо номи Умму Ҳаким мусулмон шуда буд ва назди Расулуллоҳ (с.а.с.) омаду хоҳиш кард, то Икримаро бубахшад.

Расулуллоҳ (с.а.с.) барои Икрима кафолати амниятӣ дод. Умму Ҳаким ба ҷустуҷӯи Икрима афтод. Дар соҳили Тиҳаме мусулмоне ба Икрима гуфт:

- «*Ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммадан Расулуллоҳ*» бигӯ ва ҷонатро халос бикун.

Икрима:

- Ман ҳам аз гуфтани ин сухан мегурезам.

Дар ҳамин вақт ҳамсари Икрима пайдо мешавад ва хабарро мерасонад:

- Ман аз назди хайртарини башар меоям. Бо Ӯ (с.а.с.) ҳамсуҳбат шудам. Ӯ (с.а.с.) барои ту кафолати амниятӣ дод. Биё, равем, худатро маҳв магардон.

Ҳар ду баргаштанд. Дар маконе таваффуқ намуданд. Икрима хост ҳамхоба шавад. Зан рад карду чунин гуфт:

- Мумкин нест. Ман мусулмон ҳастаму ту ғайримусулмон.

Икрима:

- Дар ҳақиқат он чи, ки туро аз ман дур кардааст, бояд хело муҳим бошад.

Икрима ба Макка наздик шуд. Расулуллоҳ (с.а.с.) ба асҳоб (дустонаш) гуфт:

- Икрима, фарзанди Абӯҷаҳл ҳамчун муъмин ва муҳоҷир меояд. Падарашро сарзаниш накунед, зеро

сарзаниши шумо ба мурда ҳам намерасад, аммо ба зиндаҳо зарар мерасонад.

Расулуллоҳ (с.а.с) Икримаро мебинад ва ӯро бо шодӣ пешвоз мегирад. Икрима суол мекунад:

- Эй Муҳаммад (с.а.с.) ! Ту маро ба чи даъват мекунӣ?

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Боварӣ ба «Нест Худое магар Аллоҳ ва ман бандаву Расули Ӯ» ва ба намоз хондану закот додан....

Икрима:

- Валлоҳӣ, ту танҳо ба ҳақ, хубӣ ва зебогӣ даъват мекунӣ. Ту пеш аз паёмбарӣ хайртарин ва содиқтарини мо будӣ.

Икрима пас аз ин суханҳо дасти муборaки Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро гирифта, калимаи шаҳодат ба забон меорад.

*** Кӣ аз куҷо ва чӣ хел файзу эҳсон мегирад, номаълум аст. Шукри онро кунем, ки имонро Худованд (ҷ.ҷ.) ба мо бе машаққат насиб кардааст ва дуо кунем, ки то абад ҳамроҳамон бошад. Бахшидан зафар аст. Албатта, ки қимати ҳамаи амалҳо аз ният аст.

***ХУДОБАХШ***
***11.02.2012с.***

## Азоби шахсе, ки дунболи орзӯҳои нафс аст

Шахсе ба Яҳё бинни Муоз (р.а.) суол кард:

- Гуфта шудааст, ки нафаре, ки дунболи орзӯҳои нафси худ мегардад, дар дунёву охират азоб мекашад. Чаро чунин аст?

Яҳё бин Муоз (р.а.) чунин ҷавоб дод:

- Азобе, ки дар дунё мекашад, кӯшиши ба даст овардани орзӯҳои нафс аст. Азобе, ки дар охират мекашад, ҳисобу китоби он аст.

*** Орзӯҳо басандагиро намешиносанд. Калимаи иктифо дар нафс нест. Ба ҳамин хотир, бояд ақлу ҳӯшро истифода карда, доимо шукру қаноатро пешаи кор интихоб кард. Вагарна на дар дунё ва на дар охират саодат насиб намегардад.

Худоё! Ҳамон гунае, ки тоза ба дунё омадаем, ба ҳамон тозагӣ реҳлат кардан аз дунёро насибамон гардон.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

**Ақл – неъмат**

Ба Ато бинни Аби Рабаҳ суол карданд:

- Кадом неъматро ба банда беҳтарин медонед?

Ато бинни Аби Рабаҳ ҷавоб дод:

- Ақле, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) додааст, беҳтарин неъмат аст. Ақли ҳақиқӣ бошад, бо донистани дин бутун аст.

*** Касе шикоят намекунад, ки аз дигаре ақли камтар дорам. Худованди мутаъол (ҷ.ҷ.) ба ҳама неъмати ақлро баробар додааст. Ҳар кас вобаста аз коштану нигоҳубин кардани ақлаш мева мегирад. Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

- Боақл нафарест, ки ибодатҳояшро адо намуда муқобили орзӯҳои нафс ҳаракат мекунад. Ҷоҳил нафарест, ки гуноҳ карда, орзӯҳои нафсашро ба ҷо меорад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Ақли кӯдак

Султон Маҳмуд кӯдакеро дар роҳ мебинад ва барояш як танга тилло медиҳад, аммо кӯдак рад мекунад. Султон Маҳмуд сабабашро пурсон мешавад. Кӯдак мегӯяд:

- Султонам! Падару модарам тангаи тиллоро аз кучо гирифтӣ, гуфта, маро ҷанг мекунанд.

Султон:

- Ту ҳам мегӯӣ, ки Султон Маҳмуд дод.

Кӯдак:

- Ин хел гӯям, ҳеҷ бовар намекунад. Мегӯянд, ки Султон Маҳмуд, ки медод, ин қадар кам намедод.

Сухани кӯдак ба Султон Маҳмуд хуш меояд ва ба ӯ як коса тило медиҳад.

Кӯдак аз шоҳ Султон косаи тиллоро гирифта, ба ӯ мегӯяд: ба шарте мегирам, ки бо ҳамроҳи ман ба хонаи мо ба пеши волидайни ман биравӣ. То онҳо бо чашми худ дида, боварӣ ҳосил намоянд, ки дар ҳақиқат ҳам ин ҳадяи ту ба фарзанди онҳост. Ин суханон ба шоҳ Султон писанд меояд ва ҳамроҳи кӯдак меравад.

*** Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол. Кӯдак бо ақли бузургаш ҳам косаи тиллоро соҳиб шуду ҳам подшоҳро ба хона бурд.

***ХУДОБАХШ***
***21.03.2013с.***

**Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) имонамро ҳифз бикунад**

Шахсе дар аснои видоъ ба Раҷо бин Ҳайва гуфт:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) туро ҳифз кунад.

Раҷо бин Ҳайва гуфт:

- Бародарам. Дуо бикун, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) баданамро не, имонамро ҳифз кунад.

*** Барои расидан ба ҳақиқати имон илми яқинро бояд донист, барои илми яқин амали холис, барои амали холис, адои фарзҳо, барои адои фарзҳо, татбиқи суннат, барои татбиқи суннат, адабро бояд ҳифз намуд.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) моро ҳифз мекунад

Зуннуни Мисрӣ чунин ривоят мекунад:

Рӯзе барои шӯстани либосҳоям ба канори дарёи Нил рафтам. Канори дарё будам, ақраби бузургеро дидам, ки ба тарафи ман меояд. Тарсидам. Ман аз шарри он ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) паноҳ бурдам. Ақраб наздики дарё шуд, қурбоққае аз об баромад. Ақраб болои қурбоққа нишаст ва қурбоққа ақраброро ба канори дигари дарё бурд. Ман ҳам таъқибашон намудам. Ақраб аз болои қурбоққа фаромад ва назди дарахати бузурге рафт. Дар зери дарахт ҷавоне хоб буд. Худ ба худ гуфтам: «*Ло ҳавло ва ло қуввата илло биллоҳ*». Ин ақраб барои неш задани ҷавон аз он канори дарё ба ин канор омад. Дар ин лаҳза боз мореро дидам, ки ба ҷавон наздик шуда истодааст. Дар ин лаҳза ақраб ба мор ҳуҷум намуд ва бар сари мор неш задан гирифт. Мор мурд. Ақраб боз дубора ба сӯи дарё рафт. Қурбоққа интизор буд. Ақраб болои қурбоққа нишаст ва канори дарё рафт. Ман ҳам нигоҳашон кардам. Баъдтар наздики ҷавон шудам. Ӯҳоло ҳам хоб буд. Худ ба худ гуфтам:

-Эй ҷавони хобида! Ту надонӣ ҳам, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) туро аз шарҳои (бадиҳои) пинҳонӣ низ ҳифз менамояд. Ту хоб равӣ ҳам, Аллоҳ (ҷ.ҷ.) хоб намеравад. Ӯ (ҷ.ҷ.) нисбат ба бандаҳояш бисёр бораҳм аст.

Ҷавон аз суханҳои ман бедор шуд. Ман ҳам тамоми ҳодисаро ба ӯ нақл намудам. Ҷавон дарҳол тавба кард. Тамоми рафторҳои баде, ки дошт, тарк намуд.

*** Шайтон ва шайтонсуратони зиёде бо ҳилаю найранг барои аз по афтондани мо нақшаҳо мекашанд ва мо аз онҳо бехабарем. Аллоҳи Зулҷалоли вал Икром (ҷ.ҷ.) моро аз балоҳо нигоҳ медорад, аммо аз дарк кардани он

ғофил мемонем. Чӣ қадаре, ки ба Зоти Бузург (ҷ.ҷ.) шукр бигӯем, кам аст.

Карам бубину лутфи Парвардгор,
Гуноҳ банда кардаасту Ӯ (ҷ.ҷ.) шармсор.

***ХУДОБАХШ***
***05.01.2014с.***

**Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ризқро медиҳад**

Роҳибе ба Иброҳими Адҳам суол мекунад:

- Рӯзатро чӣ гуна паси сар мекунӣ? Ризқат аз куҷо меояд?

Иброҳими Адҳам:

- Ман намедонам, аз Ризқдиҳанда (ҷ.ҷ.) суол кунед.

Аз Иброҳими Адҳам шахси дигаре суол кард:

- Ҳар рӯз ибодат мекунӣ. Чӣ мехӯрӣ ва чӣ менӯшӣ?

Иброҳими Адҳам дандонҳояшро нишон дода, чунин ҷавоб медиҳад:

- Зоте, ки осиёбро месозад, обашро ҳам равон мекунад.

*** Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Агар шумо ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба куллӣ бовар бикунед, Ӯ (ҷ.ҷ.) ба мисле, ки парандарро ризқ медиҳад, ризқатонро медиҳад. (Ибни Моҷа, Зуҳд,14)

Ҳамаи он корҳоеро, ки анҷом медиҳем, сабаби ризқ аст вагарна касе берун аз ризқаш насибе надорад. Фикри онро кунем, ки агар ризқ танҳо аз бозӯ вобастагӣ медошт, он гоҳ ризқ танҳо аз шерон мешуд ва ҳоли ҷонварони заиф чӣ мешуд, ақли касе намегирад. Ҳоҷат ба сухани мӯр ва дигар ҷонварон нест. Албатта, ки кӯшишу ғайрат бояд кард ва он гоҳ таваккал. На вазифа ва на курсиро набояд чун ризқдиҳанда шинохт, вагарна сабаби ширк мегардад. Бузғола дар оғил таваллуд мешавад, аммо ризқаш дар саҳро мебарояд. Ҳоҷат ба шарҳи ризқи дар батнбудаи модар нест.

***ХУДОБАХШ***
***03.02.2013с.***

## Аломатҳои ахлоқи ҳамида

Имом Ғазолӣ аломатҳои ахлоқи ҳамидаро чунин васф намудааст:

Шахсе, ки ахлоқи ҳамида дорад, бисёр боҳаё, беозор, солеҳ, ростгӯй, камсухан, обид (бисёр ибодаткунанда) ва камхато мебошад.

Суханҳои беҳуда намегӯяд, бовиқор, босабр, шукркунанда, аз ҳукми Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) розибуда ва ҳалим мебошад.

Бошафқат, боиффат, боэҳсос.

Шахсе, ки лаънаткунанда, ҳақоратгӯй, ғайбатгар, саросемакор, ҳасуд, бахил ва чашму забонашро нигоҳ намедорад, соҳиби ахлоқи ҳамида нест.

Аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дӯст медорад, аз барои Аллоҳ

Таъоло (ҷ.ҷ.) ҷанг мекунад ва аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) розӣ мешавад.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

**Ангуштаринро гушвор намуд**

Зане ба дукони заргарӣ медарояд ва ангуштаринашро ба усто дароз карда мегӯяд:

- Ин ангуштаринро тағйир дода, ба ман гушвор бикунед.

Усто ба ангуштарин назар мекунад ва навиштаҷоти «Дӯстат медорам»-ро мебинад. Усто ба зан мегӯяд:

- Чаро ин ангуштаринро гушвор мекунед? Охир ин ёдгорӣ аз дӯстдоштаатон аст.

Зан :

- Ин ангуштарини ақди никоҳамон аст. Ман аз шавҳарам ҷудо шудам. Акнун мехоҳам, ки калимаи «Дӯстат» дар як гушвор ва калимаи «медорам» дар дигар гӯшвор бошад. Ин навиштаҷот дар гӯшам ҳалқа гардад.

Усто сабаби дар гушвор нақш кардани ҷумлаи «Дӯстат медорам»-ро пурсид. Зан чунин ҷавоб дод:

- Дар оянда ин ҷумла вақти ба гӯшам мерасад, садо барораду дубора фикр бикунам.

***ХУДОБАХШ***
***22.06.2015с.***

## Андешаи ҳаққи чашм

Амр бинни Қайс мефармояд:

- Гузаштагонамон дар хиёбонҳо ба фарзандҳояшон чизе намедоданд ва ба дигарҳо ҳам тавсия медоданд, ки чунин накунанд. Шояд шахси фақире онро мебинаду барои фарзандони худ харидорӣ карда наметавонад ва албатта, ки ғамгин мегардад.

*** Он чизе, ки бар худ намеписандед, бар бародарони мусулмони худ ҳам матисандед. (Маънои ҳадис)

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Асорати Луқмони Ҳаким

Роҳзанҳо ба корвоне ҳамла мекунанд ва Луқмони Ҳакимро ҳам асир мегиранд. Ӯро ба шаҳри бегонае мебаранд ва он ҷо ба марди дорое мефурӯшанд. Хоҷааш ба ӯ корҳои вазнин мефармуд. Хоҷааш бо мурури замон марди босабру бошафқат будани Луқмони Ҳакимро дарк кард ва ба ӯ рафтори хуб намуд.

Рӯзе наздикони хоҷа ба зиёрати хоҷа омаданд ва Луқмони Ҳакимро шинохтанд. Хоҷа ҳам шӯҳрати Луқмони Ҳакимро шунида буд, аммо ӯро намешинохт. Аз рафтори қаблии худ пӯшаймон шуд. Хоҷа аз Луқмони Ҳаким бахшиш пурсид. Ба ӯ пули зиёде доду раҳояш кард ва ба Луқмони Ҳаким гуфт:

- Чаро худатро шинос накардӣ?

Луқмони Ҳаким:

- Онҳое, ки бар ман зулм карданд, бадӣ карданашонро намедонистанд. Маро намешинохтанд, лекин шахси озодро асир гирифтан, зулм аст. Ин кас Луқмон набошад ҳам, дигаре ҳам мешавад. Золим қимати ҳикматро намедонад. Ту барои истифода кардани қувваи ман, маро харидӣ. Дар шаҳри шумо барои пардохти ҳаққи ман, қонуне ҳам нест. Ман ҳам медонистам, ки рӯзе шахсияти ман шинохта мешавад ва ҳикмати воло доштани сабрро низ медонистам.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, бояд, ки ман ин ҷо кор мекардам. Зиндагӣ мекардам ва ин зиндагӣ кардам. Бояд, ки хуб мебудам ва ин ҷо хуб будам. Корҳоям вазнин буд, ҳамин буд, ки ба қадри саломатиям расидам. Дар шаҳри худ ба ғуломон рафтори хубтар мекунам. Хӯрокам хуб набуд, акнун аз аҳволи фақирон боз наздиктар хабардор шудам.

Ғулом будам, аммо гунаҳгор набудам. Дар ҷабр будам, аммо ибрату насиҳат мегирифтам. Сухане нагуфтам, ки боварам накунанд. Барои бо ман душман нашудани касе худамро таъриф накардам. Дар шаҳри шумо бегона будам. Ҳоло дар шаҳри шумо бисёр ккасоне ҳастанд, ки маро ба некӣ ёд мекунанд. Роҳзанҳо аз ман фоида диданд. Ту ҳам аз бозӯи ман фоида кардӣ.

Ту *Луқмони Ҳакимро* мушоҳида карда шинохтӣ. Шукри Худо, ки ту ҳам аз ман розӣ ҳастӣ. Ман ҳам бо табъи болида ба шаҳрам меравам. Агар дар аввал худамро шинос мекардам, шояд боварам намекардӣ ва рафторе мекардӣ, ки дар айни ҳол худатро шармандатар ҳис мекардӣ. Ва ё бовар мекардӣ ва маро озод мекардӣ. Ва ин хубиҳо ҳам амалӣ намешуд.

Хоҷа ба ҳамин ин гуфтаҳо чунин сухан кард:

- Эй шахсияти чун офтоб дурахшон, суханҳоят ба суханҳои пайғомбар монанд аст.

*** Шахси боақл дар ҳама кор ва дар ҳам шароит ҳикмате меҷӯяд, на ин ки шикоят. Доимо фикри онро бикун, ки шояд, ин шароити вазнин бароят дарсе шавад, ки тамоми умр шодонат кунад ва албатта, ки дарси шукр ва қаноатро ҳам хоҳӣ гирифт.

Дуруст аст, ки аксари роҳбарон аз босаводии зердастҳояшон хушашон намеоянд, аммо доим такя ба Аллоҳ Таъоло бикун ва аз Аллоҳ хайрашро талаб кун ва дуо бикун, ки басирати ҳамаи мусулмонон ғанитар бигардад.

***ХУДОБАХШ***

***15.04.2012с.***

## Асрори тартиби тасбеҳ дар чист?

Аз Увайси Маданӣ суол карданд:

- Пас аз адои намоз тасбеҳ мегӯемкунем. Асрори тартиби тасбеҳ дар чист? Чаро аввал «Субҳоналлоҳ», баъд «Алҳамдулиллоҳ» ва баъди он «Аллоҳу Акбар» мегӯем?

Увайси Маданӣ ҷавоб дод:

- То аз қалби бандаҳо ба ҷуз аз муҳаббати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дигар ҳама чиз бароварда нашавад, ба неъматҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шукр карда наметавонад. То бар неъмати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шукр карда нашавад, бузургии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дарк карда намешавад.

Аввал бо гуфтани «Субҳоналлоҳ» қалб аз ифлосиҳо тоза гардида, барои шукр кардан омода мегардад.

Баъд «Алҳамдулиллоҳ» гуфта, шукри неъматҳои додашуда ба ҷо оварда мешавад.

Сипас Баъдан «Аллоҳу Акбар» гуфта, бузургӣ ва азамати Аллоҳ (ҷ.ҷ.) зикр ва эълон карда мешавад.

Ин аст, асрори тартиби тасбеҳ гуфтан.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Ахлоқи ҳамидаи бузургон

Молик Ашраф дар бозори Кӯфа мегашт. Нафаре дар назди дуконаш буд ва Молик Ашраф аз наздаш гузашт. Мард қафаси синаашро паҳн карду тарафи Молик Ашраф беодобӣ намуд. Молик Ашраф ягон аксуламале нишон надода, роҳашро идома дод.

Молик Ашраф каме дур шуд ва нафаре, ки Молик Ашрафро мешинохт, назди он мард омаду гуфт:

- Ту магар он мардеро, ки нисбаташ беҳурматӣ кардӣ мешносӣ?

Мард:

- Не, нашинохтам.

Он кас, дӯсти машҳури Амиралмуъминин ҳазрати Алӣ (р.а.), Молик Аштар мебошад, гуфт мард.

Тоҷир, қумандон ва вазири ҳарбӣ будани шахсро фаҳмида, аз тарс баданаш ба ларза омад. Барои узр пурсидан дунболи Молик Ашраф шуд. Молик Ашраф ба масҷид даромад ва дар намоз истод. Намозро адо намуд. Тоҷир худро пеши пойи Молик Аштар партофту бӯса карданро оғоз кард.

Молик Ашраф:

- Барои чӣ чунин мекунӣ?

Тоҷир:

- Аз ҳаракати беадабонаам аз шумо узр мепурсам. Хоҳиш мекунам, ки маро бубахшед.

Молик Ашраф гуфт:

- Ҳаргиз матарс. Ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шукр, ки сабаби ба масҷид омаданам, ҳаракати беадабонаат буд ва аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бароят дуои мағфирату ҳидоят ба роҳи рост кардан буд.

*** Мусулмон набояд беадабии мусулмонеро дар дил гирад. Баръакс, дуои хайр бикунем, ки ислоҳ гардад. Биҳишт бо дӯст накӯст. Албатта, мусулмон ҳам бояд кушиш ба он кунад, ки дили мусулмонеро озор надиҳад.

***ХУДОБАШ***
***02.02.2013с.***

## Ахлоқи Ҳасани Басрӣ

Ҳасани Басрӣ бистарӣ шуд. Ҳамсояи яҳудияш зиёраташ омад. Даруни хона шуд, бӯи ғализе ба димоғаш расид. Аз Ҳасани Басрӣ пурсид:

- Ин бӯи ғализ аз куҷо меояд?

Ҳасани Басрӣ:

- Аз беморини ман аст.

Яҳудӣ:

- Ин бӯй хело ғализтар аст. Бӯи ҳоҷатхона меояд.

Ҳасани Басрӣ ноилоҷ мемонад ва мегӯяд:

- Ҳоҷатхонаи ту ба девори хонаи ман пайваст аст. Чанд рӯз шуд, ки аз сӯрохие ба хонаи ман медарояд. Бемор шудам ва он ҷоро тоза карда натавонистам.

Яҳудӣ:

- Пас, чаро ба ман нагӯфтӣ? Агар медонистам, тадбирашро медидам.

Ҳасани Басрӣ:

- Агар хабар мекардам, шояд меранҷидӣ.

Яҳудӣ ин суханро шунид, баданаш ба ларза даромад ва дигар тоқат накарду гуфт:

«Ашҳаду ан ло илоҳа илаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу».

*** Ин аст ахлоқи мусулмонӣ, ки аз насиҳатҳои беамал ҳазорҳо маротиб волотар аст. Ҳамсоя ғайримуслим ҳам бошад, ҳақ дорад. Кушиш кунем, ки ахлоқамонро дар чаҳорчӯбаи Ислом тарбия кунем.

***ХУДОБАХШ***
***21.08.2011с.***

## Ахлоқро мешиканад

Шахсе ба устод Маҳмад чунин суол кард:

- Тамошои барномаҳои ифлоси телевизион таҳоратро мешиканад?

Устод чунин ҷавоб медиҳад:

- Таҳоратро намешиканад, аммо ахлоқро мешиканад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## *Аҳволи бахил*

Бахиле тамоми молу мулкашро фурӯхта. бар ивазашон тилло харидорӣ намуд. Тиллоро бошад, дар қуттие ҷо карда, зери хок мегӯронад. Ҳар рӯз рафта, хокро меканаду тиллояшро дӯстдорие намуда дубора таги хок мекунад. Шахсе ин аҳволро мебинад ва шубҳа мекунад, ки дар он ҷо хазинае аст. Мард шабе рафта, хокро меканаду тиллоро медӯздад.

Рӯз мешавад. Бахил назди тилло меравад. Хокро меканад, аммо аз тилло дараке нест. Даст бар сар мезанаду мӯи сар меканад. Ҳамсояаш ин ҳолатро мебинаду аҳволро пурсон мешавад. Бахил саргузаштро нақл мекунад. Ҳамсоя мегӯяд:

- Дигар ғам махӯр. Сангеро гиру дар ҳамон чуқурӣ гузор ва фикр кун, ки ин санг ҳамон тилло аст, зеро тиллоро коркард ҳам намекардӣ ва санг ҳам нақши ҳамонро бозида метавонад.

*** Қимати молу мулк дар соҳиб шудан нест, балки дар истифода бурдани он аён мегардад. Ин аст, ки ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

«Шахси бахил дар дунё мисли фақир зиндагӣ мекунад ва дар охират ба мисли дороён пурсида мешавад».

Шахсе, ки худро бо оташи бахилӣ пӯшонидааст, дар охир чун ақраб худашро неш мезанад. (Нитзш)

***ХУДОБАХШ***
***11.07.2015с.***

## Аҳду вафо дар дини Ислом

Абдуллоҳи Муборак дар ҷанге иштирок кард. Дар муқобилаш душмани қавие баромад. Ҷанги якояк зиёд тӯл кашид. Вақти намоз расид. Абдуллоҳи Муборак гуфт:

- Вақти зиёд ҷанг дорем ва касе ғолиб набаромада истодааст. Иҷозат бидеҳ, то намозамро адо бикунам, зеро вақти намоз омад.

Абдуллоҳи Муборак намозро адо мекунад ва дубора ҷангро шурӯъ мекунад. Дар ин вақт душман мегӯяд:

- Ту ибодататро анҷом додӣ. Акнун иҷозат бидеҳ, ман ҳам пеши бут саҷда кунам.

Душман аз даруни либосаш бути кӯчакеро бароварда ба замин мегузораду саҷда мекунад.

Абдуллоҳи Муборак чунин фикр мекунад:

- Акнун вақти куштанаш аст. Шамшерашро мабардорад. Дар ҳамин лаҳза садои оят ба гӯшаш мерасад.

وَلَا تَقْرَبُوا مَالَ الْيَتِيمِ اِلَّا بِالَّتِى هِىَ اَحْسَنُ حَتّٰى يَبْلُغَ اَشُدَّهُ
وَاَوْفُوا بِالْعَهْدِ اِنَّ الْعَهْدَ كَانَ مَسْؤُلًا

- Ва ба аҳди худ вафо кунед, ки бозхост хоҳед шуд (Сураи Исра, 34).

Баъди шунидани оят гиря мекунад. Душман аз ҷой мехезад ва Абдуллоҳи Муборакро мебинад, ки дар даст шамшер ҳасту ашки чашм мерезонад. Сабаби ҳолро мепурсад.

Абдуллоҳ Муборак ҳодисаро нақл мекунаду мегӯяд:

- Аз барои ту огоҳам намуд.

Нақли ҳодиса ва сухан ба душман таъсир мекунаду чунин мегӯяд:

- Аз барои душман, ки бар дӯст огоҳ намуд, ба чунин Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) сарпечӣ кардан кори дуруст нест.

Ин суханро мегӯяду мусалмон мешавад ва дар сафи мусулмонон рост мешавад.

*** Модоме ки дар ҳолати ҷанг низ бо душман аҳду вафо мебояд, пас, вой бар ҳоли мо, ки бо мусулмонҳои худ ҳам бе аҳду вафоӣ мекунем. Худоё! Моро бо Қуръон тарбия намо.

***ХУДОБАХШ***
***14.07.2013с.***

## Аҳду вафо

Ҳазрати Умар (р.а.) бо дустонаш суҳбат дошт ва се ҷавоне мебароянду ба ҳазрати Умар (р.а.) мегӯянд:

- Ё Халифа ин ҷавон падарамонро куштааст ва хоҳиш мекунам, ки ҷазояшро гирад.

Халифа ба тарафи ҷавон нигариста мегӯяд:

- Суханҳо ҳақиқат доранд?

-Ҷавон:

- Бале.

Халифа:

- Ҳодисаро нақл кун.

Ҷавон:

- Ман ҷавоне ҳастам, ки шароити хуб дорам ва рӯзе бо ҳамсарам тамошо баромадем. Аспе доштам, ки хело зебо буд ва шахсе агар як маротиба бинад, хоҳиши дубора диданро мекунад. Аспамро ҳарчанд аз дарахти себи боғи инҳо дур карданӣ шудам ҳам, аммо муваффақ нашудам. Падараш ба ғазаб санге гирифта тарафи аспам партофт. Санг ба аспам расид ва аспам захмин шуду мурд. Нафсам маро мағлуб карду ман ҳам санге гирифта тарафи падари инҳо партофтам ва санг ба падараш расиду падараш мурд. Гурехтан хостам, аммо ин ҷавонҳо маро дастгир карданд.

Ҳазрати Умар (р.а.) эътирофро ба назар гирифта, ҳукми ҷиноятро қатл донист.

Ҷавон:

- Ман ҷавони молдорам ва падарам бароямон тиллои зиёде мерос гузоштааст. Додарам, ки хурдсол буд, ҳаққи ӯро пинҳон кардааам ва агар шумо маро ҳозир ба қатл расонед, барои маҳрум шудани ятим аз мерос сабаб хоҳед шуд ва назди Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) ҷавоб хоҳед дод.

Ҳазрати Умар (р.а.) ба ҷавон мегӯяд, ки;

- Ту ки барои ин мардум бегона ҳастӣ, ба ҷойи ту ки кафолат меистад?

Ҷавон ба тарафи Амр ибни Ос нигариста, мегӯяд, ки ин ҷавон меистад.

Ҳазрати Умар (р.а.) ба Амр менигараду мегӯяд:

- Ё Амр, сухани ҷавонро шунидӣ?

Амр бин Ос:

- Бале, ман кафилам.

Ҷавонро озод мекунанд.

Рӯзи сеюм мешавад, аммо аз ҷавон хабаре нест. Ҷавонон аз ҳазрати Умар (р.а.) талаб карданд, ки ҳукми қатлро ба Амр амалӣ гардонад.

Ҳазрати Умар (р.а.) гуфт:

- Агар падарам кафил мешуд ҳам, ман онро амалӣ мегардондам.

Амр:

- Мо ҳам дар суханамон қарор мегирем.

Дар ҳамин асно ҷавон меояд. Ҳазрати Умар (р.а.) мегӯяд:

- Имкони гурехтан доштӣ, чаро омадӣ?

Ҷавон:

- То нагӯед, ки бар аҳд бевафоӣ кард.

Ҳазрати Умар (р.а.) ба Амр нигариста, гуфт:

- Ту ки ин ҷавонро намешинохтӣ, чаро барояш кафил шудӣ?

Амр:

- Дар миёни ин қадар мардум маро интихоб кард,

ман ҳам нахостам, то гӯед, ки инсонгарӣ маҳв шудааст.

Ҷавонон низ аз даъвояшон даст кашиданд. Ҳазрати Умар (р.а.) ба ҷавонон нигариста, фармуд:

- Чи шуд, ки дар аввал гуфтед, ки хуни падарро дар замин намегузорем ва акнун чӣ сабаб шуд, ки даст кашидед?

Ҷавонон:

- То ки нагӯед, ки одами раҳмдил намондааст.

*** Мафкураи мардум ва фаҳмиши мардум боло гирад, пас, касе парвои роҳбар надорад. Мафкура, ки харобу коста гардад, пас, ҳама танбалиҳои худро дар роҳбарон мебинад.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба куҳ нигариста, барф медиҳад ва ба банда нигариста, роҳбар медиҳад.

***ХУДОБАХШ***
***08.10.2011с.***

## Ба дарун қабул кардан

Ронандае бо мошин ҳамроҳи роҳбараш аз назди масҷиде мегузашт. Дар ин ҳангом садои азон баромад. Ронанда ба роҳбараш мегӯяд:

- Рафиқ сардор, иҷозат бидеҳ, то намозамро бихонам.

Роҳбар бо дили нохоҳам иҷозат медиҳад. Ронанда вориди масҷид мегардад. Роҳбар даруни мошин интизор мешавад. Пас аз муддате ҳама аз намози фориғ мешаванду мебароянд, аммо аз ронанда хабаре нест. Роҳбар бетоқат мешавад ва ба ҳавлии масҷид даромада, аз тирезаи масҷид ба ронандааш садо мекунад:

- Ҳама баромад, чаро ту намебароӣ?

Ронанда:

- Намемонад.

Роҳбар:

- Кӣ намемонад?

Ронанда:

- Зоте, ки туро ба дарун даромадан, намемонад.

Роҳбар дарҳол таҳорат мегираду вориди масҷид мегардад ва ба ронанда мегӯяд.

- Ана, ба ман ҳам иҷозат дод, ки дароям.

Ронанда бо чашми гирён гуфт:

- Албатта мемонад. Ту фикр мекунӣ, ки ман беҳуда ашки чашм резонидам. Дилам ҳеҷ розӣ нашуд, ки ту дар берун бимонӣ. Даст ба дуо бардоштам ва аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) илтиҷо кардам, ки ту ҳам вориди масҷид бигардӣ. Шукри Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мекунам, ки дуоям қабул гардид.

*** Мо ҳам аз Аллоҳи Меҳрубон (ҷ.ҷ.) дуои онро мекунем, ки падарону модарон ва бародарону хоҳарону дӯстони моро қоиммақоми панҷ вақт намоз хондан насиб бигардонад. Албатта, дуо холисона ва бо ашки чашму дили гирён афзал аст.

***ХУДОБАХШ***
***27.01.2013с.***

## Ба тақдир таслим шудан

Вақте ки ҳазрати Мӯсо (а.с.) барои мулоқот бо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба кӯҳи Тӯр меравад, аз ғор шахсе мебарояду ба ҳазрати Мусо (а.с.) мегӯяд:

- Ман бандае ҳастам, ки шабу рӯз дар ин ғор ибодат мекунам. Аз Аллоҳам бипурс, ки ибодатҳои кардаи маро қабул мекунад?

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) пас аз мулоқот бо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) назди он мард меояду ҷавоби гирифтаашро мегӯяд:

- Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) фармуд, ки ибодатҳои он бандаро қабул намекунам.

Мард ҳайрон мемонад ва дарҳол аз ҷой мехезаду даруни ғор медарояд. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) мепурсад:

- Саросема ба куҷо равонаӣ?

Мард:

- Вақт хело муҳим аст ва набояд беҳуда сарф кард. Дарҳол ибодатамро оғоз мекунам.

Ҳзарати Мӯсо (а.с.):

- Охир, Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) хабар дод, ки ибодатҳоятро қабул намекунад.

Мард:

- Ман ба тақдири Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз таҳти дил таслим шудаам. Бандае, ки таслим шудааст, доду гирифт намекунад. Андешаи онро мекунад, ки ҳикмате дорад ва таслим мегардад, новобаста дар ҳолате ногуворе ҳам бошад.

Дар ин вақт ҳазрати Ҷабраил (а.с.) меояду мегӯяд:

- Эй Мӯсо (а.с.)! Ба он бандаи обид бигӯ, ки Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) ибодатҳои гузаштаю ояндаи ӯро ба ҳурмати таслимияташ қабул кардааст.

*** Магар мо дар масъалаи таслимият чӣ қадар фаҳмиш ва чӣ қадар таслимиятро соҳибем? Бар тақдири Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) розӣ ҳастем ё ин ки ширк мекунем?

Дарси дигари таслимият бар Аллоҳ Таъолоро дар ҳодисаи Абдулқодири Гелонӣ бо хизматгор дида метавонем, ки ;

Шахсе мехоҳад дар мадрасаи Абдулқодири Гелонӣ ба ҳайси хизматгор кор кунад. Абдулқодири Гелонӣ аҳвол ва шарту шароити мадрасаро аз наздик ба ӯ шинос мекунад. Баъдан ба хизматгор суол мекунад:

- Ҳама макони мадрасаро аз наздик дидӣ. Акнун имкониятҳоро медонӣ, пас, бигӯ, ки чӣ гуна либос ба бар мекунӣ?

Хизматгор:

- Ҳарчӣ худатон бихоҳед.

Абдулқодири Гелонӣ:

- Чӣ гуна хӯрок мехоҳӣ?

Хизматгор:

- Чӣ гуна ки шумо худатон меҳоҳед, бароям мақбул аст.

- Дар чӣ гуна макон хоб меравӣ?

Хизматгор:

- Ҳар куҷо, ки худатон меҳоҳед, бароям мақбул аст.

Абдулқодири Гелонӣ пас аз ҷавобҳо гиря мекунад. Хизматгор ҳайрон мемонад ва мепурсад:

- Магар хатое аз ман ба вуқуъ омад?

Абдулқодири Гелонӣ мегӯяд:

- Ман барои таслимияти ту гиря мекунам. Ту ба ҳар

саволам мегӯӣ, ки «Он чӣ ки муносиб мебинӣ, розиям». Чунин таслим будан танҳо дар мусулмони комил дида мешавад. Ту намунаи мусулмони комилро ба ман додӣ. Кошкӣ, ман ҳам дар тақдири илоҳӣ чун ту, аз таҳти дил таслим шавам.

***ХУДОБАХШ***
***12.07.2015с.***

## Ба фарзандат дуои бад кардӣ?

Марде назди Абдуллоҳ ибни Муборак омада, аз фарзандаш шикоят кард.

Абдуллоҳ ибни Муборак гуфт:

- Боре ҳам ба фарзандат дуои бад кардаӣ?

Мард:

- Бале, дуои бад карда будам.

Абдуллоҳи Муборак чунин ҷавоб дод:

- Модоме, ки дуои бад карда бошӣ, пас, чаро шикоят мекунӣ? Ту худ фарзандатро бо дуои бад, беадаб кардаӣ.

*** Аксари вақт шоҳиди он мешавем, ки волидайн аз қаҳру ғазаб ба фарзандон дуои бад мекунанд. Дуоҳои бади волидайн низ бар ахлоқи фарзандон таъсири манфии худро мерасонад. На танҳо дуои бад, ҳатто кӯшиш ба он кунем, ки нисбати онон суханҳои бад ҳам зикр накунем, то ин ки бо дасти худ ба ахлоқи фарзандон доғи сиёҳ нагузорем.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2013с.***

## Ба халқи Умар, адолати Умар

Ҳаҷҷоҷ бо ҳамроҳонаш мерафт. Ду нафар аз халқ пеши роҳи Ҳаҷҷоҷро мегиранд ва мегӯянд:

- Адолат ё Ҳаҷҷоҷ, адолат! Аз ту адолати ҳазрати Умар (р.а.)-ро мехоҳем.

Ҳаҷҷоҷ механдад ва аз аспаш мефарояд. Шамшерро аз ғилоф мебарораду заминро кандан мегирад. Ҳамроҳонаш ҳайрон мемонанд ва мегӯянд:

- Ё Ҳаҷҷоҷ, чӣ шуд? Чӣ кор мекунӣ?

Ҳаҷҷоҷ:

- Адолати ҳазрати Умарро ба ҷо меорам ва барои ҳамин халқи ҳазрати Умарро меҷӯям.

*** Пеш аз он, ки шикоят аз роҳбар мекунем, бояд ки ба ахлоқу меҳнат ва садоқати хеш баҳо бидиҳем. Роҳбар низ бояд қадрдонӣ намояд ва ҳамаи зердастҳояшро дар як сатҳ назар бикунад. Роҳнамоии хуб кунад ва таклифу пешниҳодҳои зердастро ба инобат гирад ва дар сурати пешниҳод ва кӯшишҳои хайр ба зердаст таҳсин хонад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Ба ҷои дуои бад, дуои хайр

Ҳазрати Маъруфи Кархӣ ҳамроҳи талабаҳояш дар канори дарёи Даҷла суҳбат мекард. Дар ин асно якчанд ҷавон дар қаиқ аз дарё гузар мекарданд. Ҷавонон ҳам маст буданд ва ҳам суруд мехонданд. Баъди лаҳзае суханҳои дағал гуфтанд. Шогирде дар беодобии онҳо сабр накарда, чунин мегӯяд:

- Ҳамин қаиқ шиканаду рӯзашонро бинанд.

Суҳбатро коста гардониданд. Устод даст ба дуо бардошту гуфт:

- Эй Худо! Чӣ гуна ин ҷавонҳоро дар дунё хурсанд гардонидаӣ, дар охират низ чунин хурсанд бигардон. Онҳоро ҳидоят насиб бифармо.

Дар ин асно яке аз ҷавонҳо назари хайр бар толибилмон намуда, рафиқонашро огоҳ мекунад. Торашонро мешикананду назди Маъруфи Кархӣ меоянд ва дасти мубораки ӯро бӯса мекунанд. Аз он лаҳза доимо дар суҳбати Маъруфи Кархӣ иштирок мекарданд.

*** Дар ҳар лаҳзае, ки набошад, доимо дуои хайр бояд кард. Аз маҳв шудани душман, ислоҳ шудани душман афзал аст. Шахсе, ки дар роҳи бад аст, муҳтоҷ ба дуои хайр аст, на дуои бад. Пас, дар ҳаққи ҳама бояд дуои хайр кард.

Хоҷа Ҳофиз фармудаанд:

Ё Раб, ҳамаи халқ ба мақсад бирасон,

Шояд, ки дар он байн мо ҳам бошем.

Барои дигарон дуо кунем, то дуои худ ба худамон ҳам бирасад. Бар дигарон дуои хайр кунем, то дар ҳаққи мо ҳам дуои хайр кунанд.

***ХУДОБАХШ***
***13.10.2011с.***

## Бадӣ нахоҳӣ, бадӣ макун

Тиллофурӯше зане бономусе дошт. Шахсе ҳар ҳафта ба хонаи тиллофурӯш об меовард. Рӯзе обкаш вақти обро ба зани тиллофурӯш медод, дасташ ба дасти зан мерасад. Зан аз ин ҳолат хело ғамгин мегардад. Шом мешавад ва зан аз мардаш пурсид:

- Имрӯз гуноҳе кардаӣ?

Мард:

- Имрӯз ба дуконам зани хело зебое омад. Дастмонае интихоб намуд ва ман лаҳзае дасти ӯро доштам. Баъдтар пӯшаймон шудам ва тавба кардам.

Зан:

- Ту рафтори баде ба зани дигаре кардӣ, бидон, ки ҳамон рафтор ба зани ту ҳам карда мешавад.

Обкаш ҳам рӯзи баъдӣ аз зани тиллофурӯш узр талаб кард. Зани тиллофурӯш гуфт:

- Гуноҳ аз ту нест, аз шавҳари ман аст. Агар шавҳари ман ба зани дигаре рафтори баде намекард, ба ман хам таъсир намекард. Албатта, ки узри обкашро қабул кард.

*** Агар хонаи шишагине дошта бошӣ, пас, ба хонаи касе санг ва ҳатто сангчае партоб макун. Номӯс хонаи шишагини мост ва бояд эҳтиёт кард. Имону номӯс яке аз масъалаҳои нозуктаринест барои ҳар фарди мусулмон. Дари касеро ба мушт боз накунем, то дарамонро бо шатта накӯшоянд.

***ХУДОБАХШ***
***02.10.2011с.***

## Бандагӣ чунин аст

Иброҳими Адҳам дар рӯзҳои авали воридшавӣ ба роҳи маънавиёт ғуломе харидорӣ намуд. Ба ғулом гуфт:

- Номи ту чист? Чӣ гуна туро фарёд кунам?

Ғулом:

Чӣ гуна, ки фарёд бикунӣ, номам ҳамон аст.

Иброҳими Адҳам:

- Чӣ мехӯрӣ?

Ғулом:

- Ҳар чӣ бидиҳӣ, ҳамонро мехӯрам.

Иброҳими Адҳам:

- Чӣ мепӯшӣ?

Ғулом:

- Ҳар чи бидиҳӣ, ҳамонро мепӯшам.

Иброҳими Адҳам:

- Чӣ кор мекунӣ?

Ғулом:

- Ҳар чи ки бифармоӣ, ҳамонро амал мекунам.

Иброҳими Адҳам:

- Ягон хоҳиш ва ё орзӯе дорӣ?

Ғулом:

- Ғулом фармон ва хоҳиши соҳибашро иҷро мекунад. Дар ҷое, ки соҳибаш ҳаст, ғулом орзӯ ва хоҳише намекунад.

Баъди ин сухан Иброҳими Адҳам худ ба худ фармуд:

- Эй Иброҳим! Ту дар ҳаётат боре ҳам чунин бандагӣ кардаӣ?

*** Иброҳими Адҳам дарси бандаи ҳақиқӣ буданро

гирифт. Бо ин дарс роҳи маънавиётро босуръат оғоз намуд. Мо бояд бидонем, ки бандаву фармонбардори кадом Зоте ҳастем. Соҳиби аслии худро бояд шиносем ва амал бар фармон ва хоҳиши Соҳибамон бипардозем.

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

**Бандаи Худотарс намондааст, магар?**

Нафаре аз Фузайл бинни Иёз пурсид:

- Чаро дар миёнамон Худотарсе намебинем?

Фудайл бинни Иёз фармуд:

- Шояд агар аз Худо (ҷ.ҷ.) метарсидед, Худотарсеро медидед. Худотарсро танҳо Худотарс мешиносад. Аҳволи модари фарзандгумкардаро танҳо модари фарзандгумкарда дарк мекунад. Шахсе, ки дард надорад, дарди дигареро намефаҳмад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Бар муқобили девона сабри авлиё

Абӯмуслим нақл мекунад:

- Бо ҳамсарам чунин маслиҳат кардем. Гуфтем, ки агар инсон қаҳролуд шавад, ақлаш меравад ва чун девонае мегардад. Дар хона касе қаҳролуд шавад, пас, ӯ ба мисли девона аст. Бар муқобили девона авлиёе мебояд. Ман, ки қаҳролуд шудам, ту дарҳол дарк мекунӣ ва сабр мекунӣ. Ягон ҷавоби бад намедиҳӣ. Дар он вақт ман девона мешавам ва то омадани ақлам ту нақши авлиёро мебозӣ ва сабр мекунӣ. Ман ҳам дар вақти қаҳролуд буданат, нақши авлиё ва сабрро пеша мегирам.

Абӯмуслим нақлашро чунин давом медиҳад:

- Эй дӯстон! Сабаби аз ҳамсар шикоят накарданам дар ҳамин аст. Сирри саодатмандии мо дар ҳамин аст. Ба шумо ҳам тавсия медиҳам, ки дар хона нақши авлиёро дар вақти қаҳролуд будани ҳамсар ба роҳ бимонед. Бо мурури замон муҳаббат иҳотаатон хоҳад кард, зеро вақти қаҳролуд ҷавоби номуносиб нагирифтан, ҳисси миннатдориро эҳё мекунад, ки чунин иқдом василаи хурсандӣ мегардад.

*** Оила ягона қасрест, ки ба он подшоҳ ҳам ворид гардида наметавонад. Шайтон кӯшиш мекунад, ки никоҳро вайрон бисозад. Вайрон шудани оила, шайтонро хурсанд месозад. Дӯстдориро бар ҳамсар бояд зикр намуд. Барои мард сухани оддӣ ояд ҳам, аммо барои зан неъмат ва армуғони бебаҳоест.

Баъзан хатогиҳо ё нофаҳмиҳое ба миён меояд, аммо қаҳру ғазаб набояд аз се рӯз зиёд давом бикунад. Ҳар чӣ зудтар якдигарро бояд хурсанд бисозем, то ин ки дастгири шайтон нашавем. Бузурге фармудааст:

Оилаи саодатманд, ҳаёти ҷаннатиро дар дунё дидан аст.

***ХУДОБАХШ***
***09.02.2013с.***

**Бар нафс аз ҳама зиёд чӣ душворӣ меорад?**

Аз Саҳл бинни Абдуллоҳ суол карданд:

- Бар нафс аз ҳама зиёд чӣ душворӣ меорад?

Саҳл бинни Абдуллоҳ чунин фармуд:

- Бар нафс аз ҳама зиёд ихлос душворӣ меорад, зеро нафс аз ихлос чизе ба даст оварда наметавонад. Ин аст, ки нафс ихлосро заррае ҳам намехоҳад.

*** Саид Нурсӣ фармудааст: Рӯҳи ибодат ихлос аст. Ихлос бошад, адои ибодатҳо сирф ба хотири амр шудани онҳост.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

**Бар нафс аз ҳама зиёд чӣ душворӣ меорад?**

Аз Саҳл бин Абдуллоҳ суол карданд:

- Бар нафс аз ҳама зиёд чӣ душворӣ меорад?

Саҳл бин Абдуллоҳ чунин фармуд:

- Бар нафс аз ҳама зиёд ихлос душворӣ меорад, зеро нафс аз ихлос чизе ба даст оварда наметавонад. Ин аст, ки нафс заррае ҳам ихлосро намехоҳад.

*** Дар урфият мегӯянд; «Ихлос - халос».

Дар баробари омӯзиши илм, ихлосро низ бояд барзиёд намуд.

Донистани зиёд наҷот намедиҳад. Шайтон ҳам олим буд. Соҳиби илм буд, аммо ихлос надошт.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

**Бар оташ тоқат метавонӣ кард?**

Абдулҳоким Ҳусайнӣ нақл мекунад:

- Рӯзе шахсе хост, ки гуноҳ кунад. Бархесту дасташро ба оташ андохт. Дардаш то ба ҷигараш расид. Баъд ба нафсаш чунин хитоб кард:

- Эй нафси золим! Бар ин оташи кӯчак тоқат карда наметавонӣ. Сабр надорӣ. Пас, дар оташи ҷаҳаннам ба азоби Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чӣ гуна тоқат карда метавонӣ?

Модоме, ки заифу бесабр ҳастӣ, ки ба ин тоқат карда наметавонӣ, пас, чӣ гуна ҷуръат мекунӣ, ки гуноҳе бикунӣ. Чӣ гуна мухолифи амрҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) мебарои.

*** Баъзан азобҳои ҷаҳаннамро нодида мегирем ва ё ба хотир намеорем, аз ин хотир, ҳар чӣ ки нафсамонро хуш меояд, бе санҷишу фикри оқибати он амалияш мегардонем. Агар дар бораи ғазаби Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) нисбати нофармонии амрҳоро доимо ёдрас шавему андеша кунем, пас, биизниллоҳ ғутаи гуноҳ намегардем. Худоё, ба мо имону саломатӣ ва ақлу заковат насиб гардон.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Бар фарзандони худ касб меомӯзонад

Абӯабдуллоҳ Мағрибӣ чор фарзанд дошт. Ба ҳар кадомаш касбҳои гуногуне омӯзонд. Баъзеҳо рафтори Абӯабдуллоҳ Мағрибиро ба ҳайрат нигариста, чунин суол карданд:

- Ту ба ҳама насиҳати онро мекунӣ, ки дунёро дӯстдорӣ накунед, аммо барои чӣ ба касбомӯзии фарзандҳоят ин қадар кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳӣ?

Абӯабдуллоҳ Мағрибӣ чунин ҷавоб медиҳад:

- Ман аз он метарсам, ки пас аз мурдани ман, зиндагии фарзандҳоям бад шуда, назди дӯстдорони мо рафта, нагӯянд, ки «Мо фарзандони Абӯабдуллоҳ Мағрибӣ ҳастем ва аз шумо кӯмак талаб мекунем». Ба ҳамаашон касб меомӯзонам, то ин ки, дар таъмини зиндагӣ ба душворӣ рӯ ба рӯ нашаванд ва муҳтоҷи дигарон нагарданд.

*** Шайх Саъдӣ фармудааст:

Гирди номи падар чӣ мегардӣ,
Падари хеш шав, агар мардӣ.

Мутаассифона, бисёри касон аз номи падар ва ё хешу ақрабояшон фахр мекунанду сӯистифода мекунанд.

Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) духтараш ҳазрати Фотима (р.а.)-ро хонадор кард. Вақти намози бомдод, дари ҳазрати Фотимаро тақ-тақ намуда чунин садо мекард:

- Духтарам! Хез ва намозатро адо бикун. «Падарам пайғомбар аст» гуфта, дар ғафлат намон. Раҳмати Аллоҳ Таъоло набошад, ман ҳам коре карда наметавонам (Муслим, Имон, 89).

Модоме ки ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) ба ҷигарбанди худ чунин фармудааст, пас, ҳеҷ кадоме аз мо набояд аз

падару модар ва хешу таборамон фахру ноз бикунем. Худро саидзодаву эшонзода ва асилзода гирифта, дар чашмони мардум худро соҳибмаърифату шоёни эҳтиром насозем.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Баракат

Дар Бани Исроил марде се фарзанд дошт. Мард бистарӣ мегардад. Фарзанди калонӣ бародарони кӯчакашро наздаш даъват мекунад.

- Эй бародарон! Падарамон моли зиёд дорад, лекин хизмати падар хело душвор аст. Агар хоҳед, меросро шумо гиред ва ман хизмати падар мекунам ва агар хоҳед, молро ба ман диҳеду хизматро шумо гиред.

Бародарони кӯчак гирифтани молро интихоб карданд. Хизмати падарро ба бародари бузург вогузор намуданд. Бародари бузург хизмати падарро барои худ неъмат, ғанимат ва ибодат медонист. То рӯзи вафот хизмати падар намуд. Ҳамсараш муқобили шавҳар мебаромад ва доимо ҷанҷол мекарданд. Рӯзе мард ба ҳамсараш гуфт:

- Эй зан! Ман падарамро аз хотири мол хизмат намекунам. Танҳо ба хотири Худованд (ҷ.ҷ.) хизмат мекунам ва мехоҳам дуои хайрашро бигирам. Касе, ки моли дунё дар даст дошта бошад ҳам, аммо баракат надошта бошад, дар он мол хайре нест. Хайр танҳо дар баракат аст.

Шабе ҷавон хоб мебинад, ки падараш мегӯяд:

- Рав, аз фалон ҷо сад танга тилло гир ва рӯзгоратро гузарон.

Ҷавон мепурсад:

- Дар он баракат аст?

Падар посух медиҳад:

- Не, дар он баракат нест.

- Дар он чизе, ки баракат набошад, ба ман лозим нест.

Хобро ба ҳамсараш мегӯяд. Ҳамсараш боз ҷанҷол мекунад.

Шаби дуюм боз ҳамон хобро мебинад.

- Дар фалон ҷо 10 танга тилло аст, рафта гир.

Ҷавон:

- Дар он баракат аст?

- Не, дар он баракат нест.

Шаби сеюм боз ҳамин хобро мебинад:

- Дар фалон ҷо як танга тилло аст, рафта онро гир.

Ҷавон:

- Дар он баракат аст?

- Бале, дар он баракати зиёд аст.

Ҷавон субҳ рафта як танга тиллоро мегирад ва аз бозор ду дона моҳӣ мегирад. Дар хона моҳиро тоза мекунад, дар аснои тозакунӣ аз даруни моҳӣ ду ҷавҳари қиматбаҳо меёбад. Якеашро мехоҳад фурӯшад, аммо касе наметавонад бихарад ва дар охир подшоҳ онро ба сӣ ҳазор танга харидорӣ мекунад. Тангаҳоро гирифта, ба хона меорад ва аз Худои Таъоло (ҷ.ҷ.) шукр мекунад.

Подшоҳ ҷавҳари дуюмро мехоҳад соҳиб шавад, аммо дар касе онро намеёбад ва дубора ба ҷавон мурочият мекунанд. Ҷавон ҷавҳари дуюмро ба ҳафтод ҳазор танга мефурӯшад.

Ин маротиб дар хобаш мебинаду, ки шахсе барояш чунин мегӯяд:

- Ҳамаи ин лутфу эҳсони Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) ба хотири ихлос ва хизматҳое, ки ба падарат карда будӣ, вобастагӣ дорад. Эҳсоне, ки дар рӯзи қиёмат насибат мегардад, фаҳмонда намешавад.

*** Ҳадаф аз зиндагӣ бандагии ҳақиқиро ба ҷо

овардан аст. Хизматгузори халқ, роҳбари халқ аст. Пас, хизматгузори самимии халқ бошем, то ин ки лутфу карами Парвардигор (ҷ.ҷ.) насибамон гардад. Боихлос ва беминнат бояд хизмат кард.

***ХУДОБАХШ***
***08.01.2012с.***

**Бародарони имонӣ муваққатӣ нест, абадӣ аст**

Имом Бухорӣ зиёрати бародарро чунин нақл мекунад:

- Шахсе барои дидори бародараш ба роҳ мебарояд. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) малакеро дар роҳи ӯ вазифадор мекунад. Малак аз марди зиёраткунанда суол мекунад:

- Ба куҷо раҳсипорӣ?

Мард:

- Як бародари динӣдорам, барои зиёрати ӯ меравам.

Малак:

- Бо бародарат ягон доду гирифте дорӣ?

Мард:

- Не, ягон доду гирифте надорам, ӯ танҳо бародари дуруст, бовафо ва динӣ аст. Барои ҳамин дӯсташ медорам, бародари диниям мебошаду зиёраташ мекунам, мақсади дунявӣ надорам.

Малак гуфт:

- Ту чӣ қадар бародаратро дӯст бидорӣ, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳам туро хамон зайл дӯст медорад. Инро ҳамин хел бидон. Ман малаке мебошам, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барои мужда додан, ба назди ту равонам кардааст. Зиёратат мақбул бодо, бо хурсандӣ зиёрати бародаратро бикун (Муслим).

*** Муъмин бародари муъмин аст. Муъмин муъминро зулм намекунад ва дар зулм карданаш ҳам ризоият нест (Маънои ҳадис).

Мусулмон аз се рӯз зиёд қаҳр карданаш бо бародари мусулмони худ ҳалол нест (Маънои ҳадис).

Ин аст, ки Ислом нигоҳ доштан ва пойдор будани бародариро талқин мекунад. Дар ҷойи дигар Расулуллоҳ (с.а.с.) фармудааст:

- Агар ду қаҳрӣ бошад ва кадоме аввалин шуда, салом медиҳад, ӯ дар назди Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чун бародари хайртарин муомила мебинад (маънои ҳадис).

Моро хунамон бародар накардааст, балки қалби дарунамон бародар кардааст.

***ХУДОБАХШ***
***04.10.2015с.***

**Барои гуноҳ кардани дигарон ғамгин шудан**

Зиёиддин Нахшабӣ мефармояд:

- Дар замони пеш афроденафарҳое буданд, ки дигарон гуноҳ мекарданд, аммо онҳо чун беморе меларзиданд. Алҳол, одамон бар гуноҳҳои кардаи хеш ҳам намеларзанд.

*** Шиори бузургони мо:

Шишаи номуси олам дар бағал дорем мо.

Ин аст фидокорӣ дар ҳаққи якдигар. Бузурге фармудааст:

- Эй дӯст, эй дӯст, эй дӯст, эй дӯст,
Ҷабри ту аз он кашам, ки рӯи ту накӯст.
Мардум гӯянд, биҳишт хоҳӣ ё дӯст?
Эй бехаборон, биҳишт бо дӯст накӯст.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Барои гуноҳи дигар гиря кард

Рӯзе ашёи Бишри Ҳофиро дуздиданд. Мардум диданд, ки Бишри Ҳофӣ гиря дорад. Фузайл бинни Иёз гуфт:

- Магар барои мол гиря мекунед?

Бишри Ҳофӣ:

- Барои мол гиря намекунам. Ман фикри онро мекунам, ки дузд дар рӯзи қиёмат азоби амалашро мебинад. Аз ин рӯ, гиря дорам.

*** Ин аст, барои дигарон ғамгин шудан. Ғам ва дарди дигаронро чун ғаму дарди худ донистан, нишони волои имондорист.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013***

## Барои рафъи бемории худ дуо намекард

Абдуллоҳ Саҳли Тустарӣ авлиёе буд, ки дуояш қабул мегардид. Беморҳо наздаш меомаданд ва ӯ дуо мекард. Биизниллоҳ шифо мейёфтанд. Рӯзе Абдуллоҳ Саҳли Тустарӣ худ бемор шуд. Мардум диданд, ки Абдуллоҳ Саҳли Тустарӣ шифо намеёбад ва дар миёни худ мегуфтанд: Чаро барои рафъи бемории худ дуо намекунад? Ҳикмати ин кор дар чист?

Шахсе сабаби ин аҳволро чунин шарҳ дод:

- Чи хеле ки шумо ҳам мегӯед, Абдуллоҳ Саҳли Тустарӣ авлиё аст. Сабаби авлиё буданаш ҳам аз ҳамон бемориҳо ҳаст, зеро медонад, ки бемориҳо аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) омадааст ва барои рафъи он дуо намекунад. Баръакси ҳол, натиҷаи ба даст овардани мартаба ва савоб аз бемориҳо, аз сабр дида бисёртар шукр мекунад.

Яке аз сабабҳои он, ки дуои Абдуллоҳ Саҳли Тустарӣ қабул мегардад, дар он аст, ки бар бемории худ ризогӣ нишон дода, онро бо сабру шукр паси сар мекунад.

*** Қуръон ва дуо биизниллоҳ шифо мебахшад. Албатта, ки вобаста аз қироаткунанда ва дуодиҳанда мебошад. Агар чашма оби тоза ва ширин дошта бошад, аммо лулаҳо (трубаҳо) ифлос бошанд, пас, оби чашма то ба манзил ифлос мерасад. Ин аст, ки Қуръону дуо поку ширин ва шифо аст, муҳим қалбу даҳони қироъаткунанда ва дуокунанда аст. Аз ин лиҳоз, баъзеҳо ояте мехонанд ва бемор биизниллоҳ шифо меёбад ва ё руҳи шунаванда шодон мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Барои савоб гирифтан

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) таҳорат мегирифт. Асҳоб қатраҳои оби таҳоратро кӯшиш мекарданд, ки ба даст оранду дар чеҳра ва бадаашон бимоланд. Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) сабаби ин рафторро пурсон шуд.

Асҳоб ҷавоб доданд:

- Барои баракат ва савоб мекунем.

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармуд:

- Ҳар фарде, ки мехоҳад Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ва Расулуллоҳ (с.а.с.) ӯро дӯст бидорад, бар ҷойи ин кор, вақти сухан гуфтан танҳо рост бигӯяд, бар амонат хиёнат накунад ва бар ҳамсоя азият надиҳад.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Марям» ояти 76 фармудааст:

وَيَزِيدُ اللّٰهُ الَّذِينَ اهْتَدَوْا هُدًى وَالْبَاقِيَاتُ الصَّالِحَاتُ خَيْرٌ عِنْدَ رَبِّكَ ثَوَابًا وَخَيْرٌ مَرَدًّا

- Ва Худо бар роҳнамоии онон, ки ҳидоят ёфтанд, хоҳад афзуд ва назди Парвардигори ту мукофот ва натиҷаи кирдорҳои шоистае, ки боқӣ монданиянд, беҳтар аст.

Ҳар фарде, ки нияти хайр кунад ва бо сабабе онро амалӣ нагардонад, савоби амали хайр барояш навишта мешавад (маънои ҳадис, Абӯдовуд).

Амали хайр, баракати умр аст. Модоме даъво мекунем, ки Аллоҳ Тъоло (ҷ.ҷ.), Расулуллоҳ (с.а.с.) ва бузургонро дӯст медорем, пас, бояд амрҳои Аллоҳ (ҷ.ҷ), суннатҳои Расулуллоҳ (с.а.с.) ва тавсияҳои бузургонро ба ҷо биёрем. Танҳо бо гуфтор дӯстдориямонро исбот карда наметавонем.

***ХУДОБАХШ***
***09.02.2013с.***

**Барои чӣ касеро ҷанг намекунед?**

Аз Боязиди Бастомӣ пурсиданд:

- Эй Боязид! Одамҳо чунон айбҳои зиёде доранд, аммо шумо айбҳои касеро намебинеду сарзаниш намекунед. Сабаби ин дар чист?

Боязиди Бастомӣ чунин ҷавоб дод:

- Пеш аз ҳама, ман нафси худро мақбул намебинам, ки аз сарзаниши айбҳои худ фориғ шаваму бо айбҳои дигарон овора бишавам. Мардум хато ва айбҳои дигаронро бузург мебинанд, аммо ҳамон айбу хатоҳоро худашон кунанд, онро хурд мебинанд.

*** *Ла Фонтейн гуфтааст:*

- Тамоми айби худро мебахшем, аммо кайки дигаронро уштур месозем.

Агар айби дигареро бубинем, дарҳол худамонро аз назар гузаронем, ки чунин айб дорем ё не? Агар дошта бошем, зуд ислоҳаш намоем ва агар надошта бошем, шукр бигӯем. Аммо дигаронро набояд сарзаниш ва ба ҳолашон ханда кард. Агар тавонем кӯмакашон кунем ва агар натавонем, ҳадди ақал дар ҳаққашон дуо ва нияти нек кунем.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

**Барои чӣ маргро дӯст намедорем?**

Халифаи Уммавиҳо Сулаймон бин Абдулмалик ба Абӯҳозим суол кард:

- Ё Абӯҳозим! Мо чаро маргро дӯст намедорем?

Абӯҳозим чунин ҷавоб дод:

- Барои он маргро дӯст намедоред, ки охиратро хароб кардаеду дунёятонро обод кардаед. Албатта, касе аз ҷойи обод ба ҷойи хароб рафтан намехоҳад.

*** Молик бинни Динар мефармояд:

- Чӣ қадаре ки барои дунё ғамгин гардем, ҳамон қадар муҳаббати охират кам мегардад. Чӣ қадаре ки барои охиратамон ғамгин гардем, ҳамон қадар дарди дунё аз қалб берун мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Барои як шукр си сол тавба

Сиррии Сақатӣ тоҷир буд. Дар маҳалле, ки дукон дошт, оташ аланга гирифт. Мардум ба маҳал рафт, то бубинанд, ки дукони кӣ даргирифтааст. Марде аз он маҳал бармегашт. Сиррии Сақатӣ аз он мард пурсид:

- Дукони ман ҳам сӯхтааст?

Мард гуфт:

- Дукони ҳама сӯхтааст, аммо аз ту осебе надидааст.

Сирри Сақатӣ:

- Шукр бодо.

Аммо баъдтар дарк кард, ки рафтори кардааш нодуруст аст ва худ ба худ гуфт;

- Агар аз ҳамаи сӯхташудаҳо насӯхтани яке хайр бошад ва ман ҳам барои он шукр кунам, ҳоли ман чӣ мешуда бошад? Дар ҳоле ки он дукониносӯхта моли ман бошад ва ман нафсамро тарҷеҳ кардам.

Сиррии Сақатӣ бо ин дарк сӣ сол ашки чашм резондааст.

*** Эй дӯстон! Ҳаргиз ба зиёни дӯст хурсанд магардед.

Илоҳо, хонаи душман насӯзад,
Ки ман ҳам дар бари ӯ хона дорам.

Яъне ҳаққи хамсоягӣ хаст, ҳатто агар ғайримуслим бошад.

Ҳаққи ҳамсоягӣ, хешутаборӣ ва бародариро набояд фаромӯш кард.

***ХУДОБАХШ***
***17.08.2011с.***

## Баҳлули Доно ва Ҳорунаррашид

Рӯзе Баҳлули Доно Ҳорунаррашидро суол кард:

- Дар рӯи замин, осмон ва зери замин аз ҳама зиёд чист?

Ҳорунаррашид ҷавоб дод:

- Дар рӯи замин аз ҳама зиёд ҳайвону моҳӣ аст. Дар осмон аз ҳама зиёд малоик аст. Дар зери замин аз ҳама зиёд ҷасад аст.

Баҳлул:

- Надонистӣ.

Дар дунё аз ҳама зиёд амал ва орзӯҳои ҳирсҳои бепоёни одамон аст.

Дар осмон аз ҳама зиёд савобҳои ашхосест, ки одилона ҳукм кардаанд, зеро малоик навиштани савобҳои эшонро тамом карда наметавонанд.

Дар зери замин аз ҳама зиёд пушаймониҳои мурдаҳо ҳаст, зеро ҳар мурда пушаймонӣ дорад ва пушаймонӣ охир надорад. Одамони бад пушаймонанд, ки чаро кори хайр накардам. Одамони хайр пушаймонанд, ки чаро кори хайрро зиёдтар накардам. Ҳама пушаймонӣ дорад.

***ХУДОБАХШ***
***21.08.2011с.***

## Беадаб ба камол намерасад

Чанд касе назди Боязиди Бастомӣ омаданд ва гуфтанд:

- Устод! Дар фалон макон зоте аст, ки соҳиби фазилат ва каромат аст.

Боязиди Бастомӣ фармуд:

- Модоме, ки чунин аст, пас, моро зиёрати он зот лозим меояд.

Ҷумла ба роҳ баромаданд. Дар роҳ зоти таърифшударо диданд, ки сӯи масҷид мерафт ва дар ҳамон лаҳза сӯи қибла тӯф кард.

Боязиди Бастомӣ аз зиёрат даст кашиду баргашт. Толибилмон сабаби баргаштро аз устод суол карданд. Боязиди Бастомӣ чунин фармуд:

- Онеро, ки бар суннат ва адаб заифӣ нишон медиҳад, чӣ гуна соҳиби фазилат мешуморед? Чунин шахсро, чӣ гуна соҳиби каромат ва авлиёҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мешуморед?

*** Касе, ки адаб надорад, ба камолот намерасад. Суннати Расулуллоҳ (с.а.с.) худ адаб аст. Тарки суннат маънои тарки адабро дорад. Ин аст, ки бузургон фармудаанд:

Адаб тоҷест аз нури Илоҳӣ,
Бинеҳ бар сар, бирав ҳар ҷо ки хоҳӣ.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2013с.***

## Беҳтарин сарфакорӣ дар вақти доройӣ аст

Халифа Умар бинни Абдулазиз (р.а.) соҳиби зуҳд ва тақво буд. Баъзеҳо зуҳду тақвогии ӯро чун бахилӣ васф намуданд ва рӯзе ба Умар бинни Абдулазиз чунин гуфтанд:

- Эй Амири мӯъминон! Шумо халифае ҳастед, ки ҳама салоҳиятро соҳиб ҳастед. Халифае ҳастед, ки чун хостаатон либос пӯшед. Сабаби хоксорона зиндагӣ карданатон дар чист?

Умар бинни Абдулазиз ба онҳо ҷавоб дод:

- Беҳтарин сарфакорӣ дар вақти доройӣ аст. Беҳтарин авф вақтест, ки қувваи ҷазо доданро соҳиб ҳастӣ.

*** Ба чашми мо мерасад, ки вақти доройӣ ба исроф даст мезанем ва вақти нодорӣ худро сарфакор мегирем. Мо ҳам кӯшиш ба он бидиҳем, ки дар ҳама вақт сарфакор бошему аз исрофкорӣ дурӣ биҷӯем.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

**Бисмиллоҳ**

Бишри Ҳофӣ яке аз бузургони Ислом аст. Дар ҷавонӣ олӯдаи гуноҳ буд. Рӯзе аз дари майхона ба хона мерафт. Маст буд. Зери пояш қоғазеро мебинад. Мегираду мехонад. Калимаи «Бисмиллоҳ». Навиштаҷотро мебардораду бӯса мекунад. Ба хона меораду тоза мекунаду хушбӯӣ мекунаду дар девор овезон мекунад.

Он шаб бузурговоре хоб мебинад ва дар хобаш чунин садо мешунавад:

- Рав ба Бишр бигӯ, ки чи гуна, ки Исмамро тоза кард, ӯро чунин тоза хоҳам кард. Исмамро боло нигоҳ дошт, ӯро боло нигоҳ хоҳем дошт. Ба исмам хушбӯӣ кард, ӯро зебо хоҳем кард. Қасам ба иззатам, ӯро дар дунёю қиёмат тозаю зебо мегардонам.

Ин хоб се маротиб такрор шуд. Он шахси бузург субҳ Бишрро ҷустуҷӯ мекунад ва ӯро дар майхона меёбад. Ба дарбони майхона мегӯяд, ки ба Бишр бигӯ, ки хабаре бароят овардаам.

Бишр аз майхона мебарояд ва мепурсад:

- Аз кӣ хабар медиҳӣ?

Шайх:

- Аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хабар овардам.

Бишр ин суханро мешунаваду нолон мешавад ва мепурсад:

- Маро азоб хоҳад дод?

Шайх хобашро то ба охир нақл мекунад.

Бишр ба майхона медарояду ба дӯстонаш мегӯяд:

Эй дустон! Маро даъват карданд ва дубора маро ин ҷо намебинед.

Бишр назди Шайх тавба мекунад. Дар ин вақт пойлуч буд ва дубора пойафзоле напӯшид. Суолаш карданд, ки :

- Чаро пойлуч мегардӣ?

Бишр:

- Вақти ваъда додан пойлуч будам ва шарм мекунам, ки чизе бипӯшам.

Барои ҳамин пойлуч буданаш Бишрро, Ҳофӣ (пойлуч) мегӯянд.

*** Амрҳои Аллоҳ Таъолоро ба ҷо овардан бандаро султон мегардонад, ҳам дар дунё ва ҳам дар қиёмат. Султониро дар ҳаёти моддӣ набинед, балки дар маънавӣ бубинед. Касе Ӯро (ҷ.ҷ.) ёфт, султон шуд ва касе наёфт, ғулом шуд.

***ХУДОБАХШ***
***16.08.2011с.***

**Бо Аллоҳ Таъоло будан магар ғарибист?**

Зуннуни Мисрӣ нақл мекунад:

- Шабе аз водии Канъон ҷудо шудам. Дар нимароҳ як ҳаракате ба чашмам бархурд ва садо кардам:

- Кист он ҷо?

Садо:

- Ин одам кист?

Ҷавоб додам:

- Як ғариб.

Садо:

- Субҳоналлоҳ! Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба бандааш аз шоҳраги ӯ ҳам қарибтар аст. Пас, сухани ғариб гуфтан дар чист?

*** Дар куҷо ва дар кадом ҳолате, ки набошем, набояд худро чун ғариб фикр ва ҳис бикунем. Ғариб китоби Қуръон аст, ки дар маконе мондаасту касе онро намехонад.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Бо аҳли илм ва хайр бояд нишаст

Инсон бояд, ки бо аҳли хайр (боилму боамал) бошад ва бо аҳли хайр дӯстӣ намояд. Манфиати нишастан бо аҳли хайр то абад давом меёбад. Барои мисол, саги Асҳоби Каҳф. Барои саг буданаш ҳаром аст, наҷисул айн аст. Вақте ки саг тар бошад ва ба бадан расад, пас, ҷойи расидаашро бояд шӯст, ҳатто ба як ривояте ҳафт маротиб бояд шӯст, зеро он ҳаром аст. Саг бо аҳли хайр буд ва Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳурмати оне, ки бо аҳли хайр буд, сагро ҷаннатӣ кард (Абдулҳоким Ҳусайнӣ).

*** Исми саг Қитмир мебошад. Пас, ҳаргиз набояд ноумед шуд. Муҳим он аст, ки дар роҳи хайр бошем ва дунболи аҳли хайр бошем. Аллоҳ Раҳмону Раҳим (ҷ.ҷ.) аст.

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Бо илмат набояд фахр кард

Ибни Камол Аҳмад бо илми азхудкардааш бисёр фахр мекард. Рӯзе наздаш дарвеше омад ва чунин суолаш кард:

- Илми махлуқот дар назди илми Аллоҳ (ҷ.ҷ.) чӣ қадар аст?

Ибни Камол боз бо кибру ғурур чунин ҷавоб дод:

- Байни ин ду муқоиса кадан ғайриимкон аст, аммо барои фаҳмондан ба ту як мисол меорам.

Ибни Камол қоғази калонеро гирифта, дар мобайни он қоғаз нуқтае мегузорад ва мегӯяд:

- Илми илоҳӣ қоғаз ҳасту, илми тамоми махлуқот ҳамин нуқта.

Дарвеш барои посӯхаш изҳори миннатдорӣ мекунаду мегӯяд:

- Дар он нуқта, илми шумо чӣ қадар аст?

Ин суол таконе ба Ибни Камол шуд, то аз хоби гаронаш бархезад.

*** Донистани зиёд наҷот намедиҳад. Шайтон ҳам олим буд. Соҳиби илм буд, аммо ихлос надошт.

Илми душвортарин донистани хеш аст (Мигуел Де Унамуно).

***ХУДОБАХШ***
***01.11.2015с.***

## Бо панҷ гурӯҳ дӯсти макун

Ҷаъфари Содиқ чунин фармудааст:

- Бо панҷ гурӯҳ дӯстӣ макун:

1. Бо дурӯғгӯ, зеро ҳар дам метавонад туро фиреб кунад;

2. Бо ахмақ, зеро ӯ ба мисли сароб (мираж) аст, дурбударо ба ту наздик мегардонад ва наздикбудаҳоро аз ту дур месозад;

3. Бо бахил, зеро ба он чизе, ки муҳтоҷ мемонӣ, онро аз ту дареғ медорад;

4. Бо тарсончак, зеро туро мефурӯшад ва дар вақти душворӣ аз ту мегурезад.

5. Бо фосиқ, зеро туро ба хотири як луқма ва ҳатто аз он ҳам камтар фидо мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

**Боақл, доно, доро ва бахил кист?**

Шақиқи Балхӣ нақл мекунад:

- Кӣ будани боақл, доно, доро ва бахилро аз 700 нафар олим пурсидам. Ҳамаашон ҷавобҳои яксон доданд:

- Боақл, шахсест, ки қалбашро ба дунё намедиҳад.

- Доно, шахсест, ки фирефтаи шавқу завқи гузарандаи дунё намегардад.

- Доро, шахсест, ки ба неъматҳои додашудаи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) қаноат мекунад ва ризогӣ нишон медиҳад.

- Бахил, шахсест, ки аз неъматҳое, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барояш додааст, ба мардум суде намебахшад. Ба дармондагон хайре намекунад.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Боғи 600 дарахти хурмодоштаро бахшид

Чун дигар рӯзҳо, рӯзе дар масҷиди набавӣ саҳобаҳо Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро гӯш мекарданд. Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) ояти 267-уми сураи «Бақара»-ро қироъат ва тафсир намуд:

يَا اَيُّهَا الَّذِينَ اٰمَنُوا اَنْفِقُوا مِنْ طَيِّبَاتِ مَا كَسَبْتُمْ وَمِمَّا اَخْرَجْنَا لَكُمْ مِنَ الْاَرْضِ وَلَا تَيَمَّمُوا الْخَبِيثَ مِنْهُ تُنْفِقُونَ وَلَسْتُمْ بِاٰخِذِيهِ اِلَّا اَنْ تُغْمِضُوا فِيهِ وَاعْلَمُوا اَنَّ اللّٰهَ غَنِيٌّ حَمِيدٌ

- Агар вақти кӯмак ба муҳтоҷон аз моли беҳтаринатон надиҳеду аз моли бадтаринатон диҳед, пас, имони комилро насиб накардаед. Агар хоҳед, ки ба мартабаи волотарини имон бирасед, пас, ба фақирон моли беҳтарин ва хуштаринатонро садақа кунед.

Абӯталҳа ояти мазкурро бодиққат ва таваҷҷуҳи хосса гӯш мекард. Абӯталҳа дар наздикии масҷиди набавӣ боғе дошт, ки 600 дарахти хурмо дошт. Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро доимо ба он боғ даъват мекард.

Абӯталҳа аз ҷой мехезад ва ба Расулуллоҳ (с.а.с.) мегӯяд:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.)! Сарвати ман ва қиматтарин чизе, ки дар ин шаҳр дорам, боғе мебошад, ки шумо ҳам медонед. Аз ин лаҳза эътиборан, аз барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) боғро ба Расулуллоҳ (с.а.с.) мегузорам. Чӣ гунае ки мехоҳед, онро истифода кунед ва ба кадом фақире, ки хоҳед, бубахшед.

Абӯталҳа баъди гуфтани ин сухан бо табъи болида сӯи боғаш рафт. Ҳамсари Абӯталҳа дар зери дарахте аз хурмо нишаста буд. Абӯталҳа дар беруни боғ буд. Ҳамсараш ӯро мебинад ва чунин суҳбати ибратомӯзе сурат мегирад:

Ҳамсар мегӯяд: Ё Абӯталҳа! Дар беруни боғ чӣ интизор ҳастӣ? Дарун биё!

Абӯталҳа: Ман дохил намешавам, ту ашёатро ҷамъ куну берун баро.

Ҳамсар: Чаро эй Абӯталҳа! Ин боғи мо нест, магар?

Абӯталҳа: Ин дигар боғи мо нест. Аз фуқарои аҳли Мадина аст. Шарҳи оят ва ҳодисаро нақл намуд.

Ҳамсар: Аз номи худат ва ё аз номи ҳар дуямон?

Абӯталҳа: Аз номи ҳардуямон.

Ҳамсар: Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз ту розӣ бодо Абӯталҳа! Ман фақирони гирду атрофро медидам ва ҳамин фикрро мекардам, аммо ҷасорате намекардам, ки ба ту бигӯям. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хайрамонро қабул гардонад. Дарҳол мебароям.

*** Дар ҳақиқат, бисёр ҳодисаи ибратомез. Албатта ҳар кас ба худаш нақшае дорад. Агар шахсе боғ, хона ва ё биное дошта бошад, метавонад чунин иқдом кунад: агар шахс истеъдоди корфармоии боғу биноро дошта бошад, пас, метавонад корфармоӣ намояду фақиронро дастгирӣ кунад. Баъзан ҳолатҳое мушоҳида мешавад, ки аз сабаби истеъдоди корфармоӣ надоштан, боғу бино чун макони офатзадае ба чашм мерасад.

***ХУДОБАХШ***
***05.01.2014с.***

## Болои кӯҳ ва ё миёни шаҳр

Ду бародар будаанд. Яке дар деҳа чӯпониро ихтиёр карда гуфт:

- Дар ин замон дар шаҳр зиндагӣ кардан ва ҳаётро бо гуноҳ олуда кардан бад аст. Беҳтар аст, ки ба деҳа рафта, чӯпонӣ кунам ва аз гуноҳ дур шавам.

Бародари дигар дар шаҳр истоду касби пойафзолдӯзиро ихтиёр кард. Чӯпон гӯсфандҳоро ба чарогоҳ мебурд ва ягон намозашро тарк намекард ва ба ягон номаҳраме низ назар намекард. Тамоми рӯз дар оромии ҷангал ба зикру фикру шукр зиндагӣ мекард.

Маънавиёти бародари деҳотӣ хело дараҷа гирифт ва соҳиби каромот шуд. Фикр кард, ки бародараш дар шаҳр аст ва ба номаҳрамон назар мекунаду маънавиёташ суқут кардааст. Хост зиёратаи бародари шаҳрӣ кунад. Шири гусфандро дар латтае (биизниллоҳ тариқи каромоти хеш) гирифта, ба шаҳр меравад. Бародарашро дар кунҷи шаҳре пайдо кард. Латтаи пур аз ширро ба мехе кашол карду аз аҳволи бародараш пурсон шуд. Дар ин асно, хонуме омад ва кафшашро баровард, то ин ки таъмир кунад. Бародар назар кард ва гуфт, ки таъмиршаванда аст. Хонум бо пойи бараҳна интизорӣ кашида пас аз таъмир кафшашро пӯшида рафт. Шаффофии зеҳни бародари деҳотӣ низ хира гардид. Дар ин вақт аз латтаи дар боло кашолшуда қатраҳои шир рехтан гирифт.

Бародари шаҳрӣ назар карду гуфт:

- Аз мардум гурехта, дар кӯҳ авлиё шудан осон аст. Асли зиндагӣ дар миёни мардум авлиё будан аст. Акнун фарқиятро дарк кардӣ?

Бародари деҳотӣ ҷавоб дод:

- Ту рост мегӯӣ. Барои ҳамин монеаи дараҷаёбии

маънавиёти ту ҳамин манзараҳост. Аз ин лиҳоз пастравӣ аст.

Бародари шаҳрӣ гуфт:

- Аз куҷо фаҳмидӣ, ки дар ман пастравӣ аст?

Бародари деҳотӣ посух дод:

- Бубин, ман дар назди ту чунин шудам. Ҳол он ки ту ҳар рӯз бо инҳо рӯ ба рӯ мешавӣ. Наафтиданат, ғайриимкон аст.

Бародари шаҳрӣ фармуд:

- Ман ҳам ҳаминро ба ту гуфта истодаам. Асли кор дар миёни мардум худро муҳофизат кардан аст. Шукри Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), ки худамро то ин вақт муҳофизат кардам ва иншоаллоҳ аз ин пас ҳам муҳофизат мекунам.

Бародари деҳотӣ эътироз карда, гуфт:

- Манзарае, ки маро дар як маротиб фаровард, чи гуна туро, ки ҳар рӯз рӯ ба рӯ ҳастӣ, фароварда наметавонад. Ту барвақт фурӯ рафтаӣ, аммо бехабар мондаӣ.

Бародари шаҳрӣ хост ба сухани бародари деҳотияш ҷавоб диҳад. Ангушти шаҳодатшаро ба даҳонаш бурда, тар кард ва Бисмиллоҳ гуфта, ба сӯрохии латта гузошт. Сӯрохи латта, ки аз он қатраи шир мерехт, маҳкам шуд.

Бародари деҳотӣ манзаро дидан баробар ҳайрон мешавад ва бародарашро ба оғӯш гирифта, мегӯяд:

- Ту рост мегӯӣ, бародари шаҳрии ман. Ҳадаф аз мардум гурехта, ба кӯҳ паноҳ ҷустан нест, ҳадаф дар миёни мардум худро муҳофизат кардан аст.

*** Шароит чи гуна, ки бошад, ба ҳамон сатҳ пурсида мешавад. Агар дорои шароити хуб бошем, пас, дар зикру фикру шукру ибодат ҳамон қадар хуб бошем. Албатта,

ки савоби ибодат дар шароити бад зиёдтар аст. Миёни мардум бо тақво бошем, зеро мардум аз насиҳат дида ба рафтор зиёдтар таваҷҷуҳ доранд. Амали неки мо, сабаби ба роҳи рост ҳидоят ёфтани шахсе гардад, пас, савоби амалҳои хайри он кас низ ба мо мерасад. Ва агар амали бади мо сабаби бадамалкунии нафари дигар гардад, пас, гуноҳи рафтори бади он шахс ба дафтари аъмоли мо навишта мешавад. Ин аст, адолат. Пас, чи дар гуфтор ва чи дар рафтор хело нозукона ва санҷида қадам бояд гузошт.

***ХУДОБАХШ***
***15.01.2012с.***

## Бояд, ки бо пул ба бозор рафт

Раҷаб бин Абӣ Салама нақл мекунад:

- Ибни Муҳайриз барои харидорӣ кардани либос ба бозор меравад. Назди дуконе меравад. Нафаре дар дукон буд ва Ибни Муҳайризро шинохт ва ба соҳиби дукон гуфт:

- Ин зоти муборакро мешиносӣ? Ин зот Ибни Муҳайриз мебошад.

Ибни Муҳайриз ин суханро мешунавад ва дарҳол мехезаду чунин мегӯяд:

- Мо бо пуламон чизе гирифтанӣ омадем, на ин ки бо динамон.

*** Бузургонамон шарм аз он мекарданд, ки бо ном ва ё тақвояшон чизе ба даст оранд. Ҳоло аксари мардум бо саводу тақво не, ҳатто бо номи падар ва ё бобояш аз бозор ва ҳатто рӯирост аз мардум талаб мекунанд. Ё ин ки бо сӯистифода аз вазифаи давлатӣ аз соҳиби мол чизе меситонанд. Ҳамаи ин аъмол ба худ ҷазо дорад. Ҷазоро ҳам дар дунё ва ҳам дар охират мебинанд, аммо мо боя дуои онро кунем, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳидоятамон намояд.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Бузургони дин масъалаҳои оилавии толибилмонашонро ҳам таъқиб мекарданд

Собит Абулмаънӣ толибилми фақире дошт. Толибилми фақир бо духтари дорое оиладор шуд. Ҳамсар ба мақсади дастгирии шавҳараш сарваташро барои гузаронидани рӯзгор сарф мекард, то ин ки ӯ ба кор машғул нашаваду аз талаби илм ақиб намонад. Рӯзе шайтон бар зан васваса намуд:

- Ҳамаи шавҳарҳо ба ҳамсарҳояшон ҳадяҳо мегиранд, ту бошӣ, шавҳаратро кӯмак мекунӣ ва ба ӯ туҳфаҳо мегирӣ.

Баъди ин васваса ҳамсар ба шавҳараш гуфт:

- Агар ту шавҳари ман бошӣ, чун шавҳарҳои дигар бар ман либоси шоҳӣ меорӣ.

Толибилм ба ҳамсараш гуфт:

- Ҳамсарам ҳолати фақирии маро медонӣ. Ман машғули таҳсил ҳастам. Ман машғули коре нестам, ки ба ту либоси шоҳӣ бихарам.

Аммо ҳамсар гӯш надод ва ҳато ба шавҳараш суханҳои бад гуфт. Толибилм барои баёни аҳволи худ назди устодаш рафт. Ба назди хонаи устодаш омад. Устод баромад ва ба шогирдаш косае додар, фармуд:

- Инро гир. Бо маблағи дарунаш ба ҳамсарат либоси шоҳӣ харида туҳфа кун.

Толибилм ҳам ҳайрон монда бо хурсандӣ маблағро аз устодаш гирифт. Аз бозор рафта, куртаи шоҳӣ харид ва ба ҳамсараш туҳфа кард. Ҳодисаи аз сараш гузаштаро нақл кард. Ҳамсараш аз кори кардааш пӯшаймон шуда аз шавҳараш бахшиш пурсид ва то охири таҳсили шавҳар дубора чизе талаб накард.

*** Модоме ки даъвои устодӣ мекунем, пас, аз аҳволи оилавии шогирдон низ бояд дидан бикунем. На танҳо роҳнамои саодатмандии охираташон, балки роҳанамои саодатмандии дунёи толибилмонамон ҳам бояд бошем. Дастгири толибилмон бошем, то ин ки дар оянда бо илму амалашон хизмати Ватану миллатро бикунанд.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2013с.***

## Бузургтарин фоида ва зарар бар дин

Ваҳоб бинни Мунаббеҳ яке аз олимони асри дуюми ҳиҷрӣ мебошад. Аз Ваҳоб бинни Мунабеҳ суол карданд:

- Эй Ваҳоб! Ту барои мо дар масъалаи ҳассос будан дар ҳалолу ҳаром намунаи беҳтарин ҳастӣ. Бузургтарин фоида ва зарар бар дин чист?

Ваҳоб бинни Мунаббеҳ ҷавоб дод:

- Рафтори фоидаовари бузургтарин бар дин, зуҳд аст. Зуҳд, аз касе манфиат интизор нашудан аст.

Рафтори зараровари бузургтарин бар дин, аз ҳама кас манфиате интизор шудан ва кӯмак талабидан аст.

Банда ин иқдомро дар ҳаётам татбиқ кардам ва аз ҳаёт ҳузур дарёфтам. Касе аз зуҳди ман шубҳа накард. Дар тақвоям баҳона наҷӯст, зеро аз касе чизе талаб накардам.

*** Ба хотири манфиате ба миқдори нуқта худамро заррае қоматшикаста намекунам. Ҳисобу китоби ҳаётамро ба ҷуз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба касе намедиҳам.

Банда бояд тамоми қуввату имтиёзу ҳастияшро ба кор барад ва баъдан таваккул намояд.

***ХУДОБАХШ***
***31.10.2015с.***

## Вазни калимаи Шаҳодат

Рӯзе Расулуллоҳ (с.а.с.) ба асҳоби кином вазни гуфтори боихлоси калимаи Шаҳодатро чунин шарҳ доданд:

- «Худои азза ва ҷалла рӯзи қиёмат бандаеро мегирад ва барояш 99 дафтари бузург мекушояд ва мегӯяд:. Чашмонат чи қадар бузургиеро бубинад, ба ҳамон ҳаҷм аст».

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.):

- Навиштаҳоро инкор мекунӣ?

Банда:

- Не, Аллоҳам. Ҳамааш дуруст аст.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.):

- Ягон узр ё баёне барои кардани ин аъмол дорӣ?

Банда:

- Не, Аллоҳам.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.):

- Бале, лекин ту дар аъмолат хайри бузурге низ дорӣ. Имрӯз ба ту зулм намешавад. Варақае пайдо мегардад. Дар варақа навишта шудааст: «Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан Расулуллоҳ»

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.):

- Омодаи вазни ин гуфторат бош!

Банда:

- Ин варақа бар муқобили ин ҳама аъмоли ман?

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.):

- Ба ту зулм намекунад. Дафтарҳо дар як паҳлӯи тарозӯ ва калимаи Шаҳодат дар паҳлӯи дигари тарозӯ гузошта мешавад. Ва паҳлӯи дафтарҳо сабӯк меояд. Дар

назди исми Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чизе вазнинтар намебарояд.

*** Дуо мекунем, ки кулли муъминонро гуфтори боихлоси калимаи Шаҳодат насиб гардонад. ОМИН!

***ХУДОБАХШ***
***11.03.2012с.***

## Вақташ омадааст

Ҷунайди Бағдодӣ барои дарс додан дарсхонае таъсис дода буд. Ҳама аз суҳбатҳои шайх истифода мекарданд. Масеҳие, ки дар ӯ нишонае аз масеҳият дида намешуд, дар суҳбатҳо ҳозир мегашт. Аз Ҷунайди Бағдодӣ суол кард:

- Устод! Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) мефармояд:

«Аз фаросати муъмин битарсед, зеро муъмин бо нури Аллоҳ (ҷ.ҷ) назар мекунад (нурест, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба бандаҳои дустдор лутф мекунад)».

Маънои ин ҳадис чист?

Шайх:

- Мусулмон бишав. Вақти мусулмоншавият омадааст.

Насронӣ баъ аз сухани шайх калимаи шаҳодат меорад.

Имом Ёфиӣ шарҳ медиҳад, ки ;

«Баъзеҳо дар ин ҳодиса танҳо як кароматИ Ҷунайди Бағдодиро мебинад. Дар ҳоле ки дар ҳодиса ду каромат аст; донистани насронӣ будани ҷавон ва вақти мусулмон шудани ҷавон».

*** Мусулмон бояд бо тақво бошад, то фаросат насибаш гардад ва паҳлуҳои ҳодисаҳо ва суханҳоро дарк кунад. Ҳадаф аз дарки ҳодисаҳо, ба мардум дарс додан ва ба роҳи рост роҳбаладӣ кардан аст. Илмро ба хотире омӯхт, ки ба дигарон нафъ диҳад. Ин аст, ки Расулуллоҳ (с.а.с.) фармудаанд: «Аз илме бенафъ паноҳ металабам».

***ХУДОБАХШ***
***13.03.2012с.***

## Васияти аҷиби падар

Марди дорое дар бистари марг буд. Писарашро ҷеғ зада васияташ кард:

- Писарам, ман бистарӣ шудам ва кори Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст. Агар бимирам, маро бо ҷуробам дафн кун.

Баъдтар падар боз дӯсташро даъват кард ва ба ӯ мактубе доду таъкид кард, ки дар вақти кафанпӯшонии ман ҷанҷоле мешавад ва ҳамон замон ин мактубро ба писарам бидеҳ. Баъди чанд рӯз падар вафот мекунад. Писар васиятро ба ҳама гуфт. Ҳама ҷанҷол бардоштанд, ки ин кор берун аз чаҳорчӯбаи Ислом аст, мурда танҳо бо кафан меравад.

Дӯсти падар дар миёни ҷанҷол даромада, мактуби падарро ба писар медиҳад. Писар дар мактуб чунин сатрро мехонад:

- Фарзандам! Медонӣ, ки туро хело дӯст медорам. Ман мурдам. Ту ҳам мемирӣ. Худ шоҳид шудӣ, ки ҳатто намегузоранд, ки як ҷуробро ҳамроҳ бибарам. Сарвати аз худ мондаамро дуруст ва дар роҳи хайр сарф кун. Насиҳатҳоямро амалӣ гардон. Хоҳӣ, ки сарватат пас аз маргат бароят фоида (савоб) орад, пас, дар корҳои хайр истифодаааш кун. Дуоҳои фақирону ятимону толибилмонро гир. Аз ман ибрат гир. Фирефтаи нафс машав.

*** Ҳаёти инсон ба мисли бозии шатранҷ аст. Вақти бозӣ шоҳ ҷойи худро дораду вазир ҷойи худро, афсар ҷойи худро дораду аспсавор ҷойи худро ва албатта, ки пиёдагард низ ҷойи худро. Аммо баъд аз бозӣ, новобаста аз ҷой, ҳама дохили як қуттӣ гузошта мешавад.

Мо дар дунё вобаста аз вазифа ва рафтор дар ҷойҳои

махсус қарор мегирему ҳаракат мекунем, аммо умр, ки адо шуд, ҳама зери хок хоҳем шуд.

Вақти баромадан ба боло ва дар боло будан ба ҳама саломму амали хайр бикун, зеро вақти фаромадан боз бо онҳо рӯ ба рӯ хоҳӣ шуд. Ҳаққи касеро поймол макун, зеро дар қиёмат ҳатман бо ӯ рӯ ба рӯ хоҳӣ шуд. Ҳама вақт ва дар ҳама мавқеъ, қиёмататро фаромӯш макун. Дар дунё бояд хонду амал кард вагарна дар қабр на хонда метавонему на амал карда метавонем. Қадри зиндагиро бояд донист.

Шайх Аттор мефармояд:

Умрро медон ғанимат ҳар нафас,
Чун равад, дигар наояд бозпас.

***ХУДОБАХШ***
***14.09.2011с.***

## Васияти падар

Падаре вақти марг ҳарсеи фарзандашро наздаш мехонад ва мегӯяд:

- Пас аз марги ман байнатон норозигӣ нашавад ва ба ҳамин хотир, 17 уштурамро ба шумо тақсим мекунам. Қисми зиёди онҳоро ба фарзанди бузург, аз се якаш ба фарзанди миёна ва аз нуҳ якаш ба фарзанди хурд мемонам.

Пас аз марги падар фарзандҳо 17 уштурро тақсим карда натавонистанд. 17-ро на ба ду, на ба се ва на ба 9 тақсим карда натавонистанд.

Назди мӯйсафеди пуртаҷрибае рафтанд ва аз ӯ суол карданд.

Мӯйсафед гуфт:

- Ман як уштур дорам. Онро гиреду ҳисоб кунед.

Фарзандҳо ҳисоб карданд:

- Аввал ба ду тақсим карданд ва фарзанди бузург нуҳ уштур гирифт.

Дуюм ба се тақсим карданд ва фарзанди миёна шаш уштур гирифт.

Сеюм ба нуҳ тақсим карданд ва фарзанди хурд ду уштур гирифт.

Як уштур боқӣ мемонад. Мӯйсафед мегӯяд, ки модоме, ки масъала ҳали худро ёфтааст, ман уштурамро мегирам.

*** Дар гиреҳ кушодани дарди шахсе ҳеҷ зараре нахоҳем дид ва ҳатто таъбу рӯҳамон болида мегардад. Таҷрибаи дигаронро аз худ бикунем, то аз насл ба насл барои рафъи кабудиҳо ва нафъи мардум мавриди истифода қарор гирад.

***ХУДОБАХШ***
***01.12.2012с.***

## Васияти ҳазрати Алӣ (р.а.) ба фарзандаш ҳазрати Ҳасан (р.а.)

- Дар бораи мавзӯе, ки маълумот надорӣ, сухан магӯ;

- Ба коре, ки масъул нестӣ, кордор машав;

- Корро ба аҳли кор (кордон) бимон;

- Роҳе, ки ба фалокат мебарад, тарк бикун;

- Дунё бароят илтифотҳои дурӯғинро пешкаш мекунад. Ту ба ҳилаҳои шикории он фирефта машав. Баъзан чунон рафтор мекунад, ки гӯё аз ту рӯй гардонидааст. Ба ин ҳам аҳамият мадеҳ ва ғамгин машав;

- Дар дунё барои охират ҳар чӣ ки омода карда бошӣ, ҳамонро мебинӣ. Дунё зироатгоҳи охират аст (маънои ҳадис). Ҳар чӣ бикорӣ, ҳамонро бидравӣ;

- Он чиро, ки анҷом дода наметавонӣ, мавридаш сухане магӯ;

- Аҳли кор бишав, на ин ки аҳли сухан.

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Вафоии мард бар зан

Як субҳ пирамарде аз роҳ мегузашт, ки дучархае бар ӯ бармехӯрад ва пирамард меафтад. Атрофиён ӯро зуд ба беморхонаи наздиктарин мебаранд. Ҳамшираи шафқат мехоҳад, ки пирамардро рентгин кунад, аммо пирамард рад мекунаду мегӯяд:

- Бояд зуд ба хонаи пиронсолон равам. Он ҷо ҳамсарам аст ва бояд якҷоя наҳорӣ бикунем.

Ҳамшираи шафқат мегӯяд;

- Ба ҳамсарат хабар медиҳем ва имрӯз бе шумо наҳорӣ кунад. Шуморо ҳатман аз санҷиш бояд гузаронем.

Пирамард мегӯяд:

- Ҳамсари ман бемории фаромӯшхотирӣ (алсгеймер) дорад. Чизеро намефаҳмад ва ҳато маро ҳам намешиносад.

Ҳашираи шафқат мегӯяд:

- Модоме, ки шуморо намешиносаду чизеро намефаҳмад, чаро ҳар рӯз бо ӯ наҳорӣ мекунед?

Пирамард ҷавоб медиҳад:

- Ӯ намефаҳмаду намешиносад, аммо ман ӯро мефаҳмаму мешиносам.

*** Модоме ки дӯст медорему эҳтиром мекунем, пас бояд дар ҳама шарту шароит ва дар ғайбаш ҳам яксон эҳтиром бикунем ва ҳатто пас аз маргашон.

***ХУДОБАХШ***
***04.07.2015с.***

## Гули дурустӣ

Вақти он расида буд, ки Шоҳзода сари тахт нишинад, аммо тибқи қонун бояд, ки издивоҷ намояд. Баҳри ёфтани хонум, духтарони атрофро ба қаср даъват намуданд. Яке аз духтарони хизматгор шоҳзодаро дӯст медошт. Ӯ низ дар қатори духтарҳо ҳамроҳ шуданӣ буд. Модараш сари роҳаш шуд, аммо духтар гуфтаҳои модарро гӯш надод. Дидани дӯстдошта барояш лутф буд ва хурсанд мегардид.

Ҳамаи духтарҳо бо либосҳои зеботаринашон дар ҳузури Шоҳзода буданд. Шоҳзода ба ҳамаи духтарҳо тухми гул дод ва фармуд:

- Пас аз шаш моҳ ҳама бо гулдонҳо оянд ва гули кадоме аз ҳама зеботар шукуфад, бо он кас издивоҷ мекунам.

Аз байн шаш моҳ мегузарад. Духтари хизматгор ҳарчанд кӯшиш кард, аммо гулаш нашукуфт. Дигарон ҳама бо гулдонҳои гули хушбӯю зебо ҳозир шуданд. Духтари хизматгор бо гулдони холӣ вориди қаср шуд. Шоҳзода ба ҳамаи гулдонҳо назар карду эълон кард, ки духтари хизматгорро интихоб намудааст. Ҳама эътироз намуданд, аммо Шоҳзода шарҳи интихобашро чунин баён намуд:

- Ин духтар беҳтарин гулро нигоҳубин намуда, ба ман тақдим кард. Номи ин гул, гули дурустӣ мебошад. Ба ҳамаи шумо тухмҳое корношоямро дода будам ва гул шудани онҳо ғайриимкон буд.

*** Ҳазрати Умар (р.а.) фармудааст: Дурустӣ моли гарон аст ва дар шахсони беарзиш ёфт намешавад.

***ХУДОБАХШ***
***22.06.2015с.***

## Гунаҳгор ҳам бошӣ, назди мо биё

Абӯамр нақл мекунад:

- Баъди хатои кардаам тавба намудаму ба маҷлиси Абӯусмони Хайрӣ иштирок карданро оғоз бахшидам. Баъди чанд муддат боз гуноҳ кардам. Хело шарм кардам. Аз ин сабаб маҷлиси Абӯусмони Хайриро тарк кардам. Аз Абу Усмони Хайрӣ мегӯрехтам. Рӯзе маро дар роҳ дид ва бо садои шафқатангез фармуд:

- Фарзандам! Гуноҳ ҳам бикунӣ, назди мо биё. Бо дигарон рафту омад макун, зеро дигарон гуноҳои туро зуд меёбанду бар рӯят мегӯянд. Ту ҳам аз он ғамгин хоҳӣ гашт. Мо, бар ту сабр мекунем. Айбҳоятро ҳифз мекунем.

Суханҳои он зоти шариф сахт таъсирам кард. Дарҳол тавбаи самимӣ кардам. Дубора гуноҳе накардам.

*** Даъват ба роҳи рост бо таънаву маломат судбахш нест, балки бо хушсуханӣ, чеҳраи хандон ва рафтори бошафқату самимӣ таъсирбахшу судбахш аст.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Гуноҳҳои дарунӣ- гуноҳҳои берунӣ

Аз Аҳмад бин Асим суол карданд:

- Волотарин амал барои наздик шудан ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) кадом аст?

Аҳмад бин Асим фармуд:

- Тарк кардани гуноҳҳои дарунӣ: кибр, риё, ҳасад, ғайбат, кина, қаҳр, меҳри дунё.

Пурсиданд:

Тарки гуноҳҳои дарунӣ чӣ гуна аз тарки гуноҳҳои берунӣ воло аст?

Аҳмад бин Асим чунин ҷавоб дод:

- Гуноҳҳои дарунӣ тарк карда шавад, гуноҳҳои берунӣ худашон тарк мегарданд.

*** Манзур аз гуноҳҳони дарунӣ, гуноҳҳое мебошанд, ки бо қалб амалӣ мегарданд ва ин аст, ки қалб аз гуноҳҳо холӣ бошад, пас, намегузорад, ки гуноҳҳои берунӣ амалӣ гарданд. Солеҳ Алмаррӣ гуфтааст:

- Гуноҳҳо қалбро сиёҳ мекунанд ва қалбро танҳо ашки чашм тоза мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Гусфанд барои чӯпон нест

Шахсе дар гӯшае аз саҳро менишаст. Ҳокиме бо ҳайаташ аз назди ӯ гузашт. Мард аз ҷояш нахест. На эътибор доду на эҳтиром ба ҷой овард. Ҳоким бадқаҳр шуд. Вазир назди мард омад ва гуфт:

- Чаро эҳтиром накардӣ?

Мард ҷавоб дод:

- Ба Ҳокимат бигӯ, ки эҳтиромро аз касе интизор шавад, ки он кас аз ӯ неъмате интизор бошад. Инро ҳам бояд донад, ки Ҳоким барои ҳифзи мардум аст. Гӯсфанд барои чӯпон нест. Чӯпон барои гӯсфанд аст. Сухани мард ба Ҳоким хуш омад. Ба мард гуфт:

- Ҳар он чӣ аз ман мехоҳӣ, бихоҳ?

Мард гуфт:

- Мехоҳам, ки дубора маро нороҳат макунӣ.

Ҳоким фармуд:

- Пас, маро насиҳат бикун.

Мард гуфт:

- Ҳоло, ки дар даст неъмат дорӣ, фикр кун. Волонишин ҳастӣ. Аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳар чӣ карданӣ бошӣ, алъон амалӣ бикун. Давлату салтанат ҳама гузаранда аст. Танҳо амалҳое, ки барои охират кардаӣ, ҳамон ба дардат мехӯрад. Ҳатто ибодате, ки барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хонда намешавад, моли дунё ба ҳисоб меравад ва дар дунё мемонад.

***ХУДОБАХШ***
***20.01.2013с.***

## Ғайбатшунаванда ҳам мисли ғайбаткунанда аст

Абдуллоҳ Деҳлавӣ нисбати касе сухан намекард ва ҳатто намегузошт, ки дар наздаш нафаре ҳам нисбати фарди дигаре сухан бигӯяд. Аз ғайбат кардан ҳазар мекард ва дар ин масъала ҳассос рафтор мекард. Рӯзе шахсе дар наздаш дигареро ғайбат кард. Абдуллоҳ Деҳлавӣ рӯзадор буд. Ба ғайбаткунанда гуфт:

- Рӯзаамон барбод рафт.

Марде гуфт:

- Шумо ғайбат накардед охир?

Абдуллоҳи Деҳлавӣ гуфт:

- Бале, мо ғайбат накардем, аммо гуфтаҳоро шунидем. Ғайбаткунанда ҳам, ғайбатшунаванда ҳам яксонанд.

*** Устод Аҳмад фармудааст:

- Ҳар шахсе, ки ғайбатро бар худ одат мекунонад, дар охир либоси нифоқӣ ба бар мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Ғайримусулмон ва ё мусулмон

Имоми Аъзам дар масҷиде нишаста буд, ки шахсе ворид шуду чунин суол кард:

- Касе, ки ҷаннатро нахоҳаду аз ҷаҳаннам натарсад, гушти мурда хурад, бе рукӯъ намоз хонад, он чиро, ки набинад, шоҳидӣ диҳад, фитнаро дӯст дорад, ҳақро нахоҳад, оё ин шахс ғайримусулмон аст ва ё мусулмон?

Мардум ҳама бо як овоз гуфтанд, ки ин ҳама сифати ғайримусулмон аст ва он фард ғайримусулмон аст.

Ҷавоби Имоми Аъзамро хостанд.

Имоми Аъзам (р.а.):

- Инҳо сифати мусулмон ва он кас мусулмон аст, зеро шахси имондор ҷаннатро намехоҳад, Соҳибашро мехоҳад; аз ҷаҳаннам наметарсад, аз Соҳибаш метарсад; гушти мурда, яъне моҳиро мехӯрад; он чиро намебинад, яъне Аллоҳро намебинад, аммо ба ягонагӣ ва вуҷуди бемисли Ӯ шоҳидӣ медиҳад; бе рукӯъ намоз адо мекунад, яъне намози ҷаноза мехонад; фитнаро дӯст медорад, яъне фитна, ки молу фарзанд аст, онро railmеписандад; ҳақро намехоҳад-мусулмон маргро, ки ҳақ аст, талаб намекунад.

*** Кӯшиш кунем, то доимо ҳусни зан, яъне тарафи мусбати корро бубинем. Дар ҳаққи бародари худ фикри хайр кунем, то бародарамон хайр гардад. Дар баробари фикри хайр кардан, дар ҳаққаш дуои хайр намоем ва насиҳаташ кунем. Вақти насиҳат аввал бар нафси худ насиҳат кард. Бо амалкунанда суҳбат накарда, мақсади фардро нофаҳмида набояд ҳукм дод.

***ХУДОБАХШ***
***02.10.2011с.***

## Даврони кӯдакии Боязиди Бастомӣ

Шахси воломақом будани ҳазрати Боязиди Бастомӣ аз айёми хурдсолияш маълум буд. Рӯзе Шақиқи Балхӣ ӯро бо кӯдакон мебинад, ки бозӣ дорад ва мефармояд, ки «ин кӯдак калон шавад, шахси бузурги замонаш хоҳад шуд».

Яке аз бузургон ҳазрати Боязиди Бастомиро мебинад ва мехоҳад заковату фаҳмиши ӯро санҷад:

«Эй кӯдаки зебо, тарзи хондани намозро медонӣ?»

Ҳазрати Боязид посух мегӯяд: «Бале, Худо хоҳад, метавонам».

Он кас мепурсанд: «Чи хел?»

Ҳазрати Боязид аз ҷо хеста, такбир меораду сурае аз Қуръони Каримро ботартил мехонад ва бо тавозӯъ таъзиму рукуъу саҷда мекунад ва баъдан салом медиҳад.

Олим ҳайрон мемонаду боз мепурсад:

- Эй кӯдаки дустрӯяк ва доно! Ту соҳиби фазилат ҳастӣ ва чаро иҷозат медиҳӣ, ки дигарон сари туро сила кунанд?

Ҳазрати Боязид мегӯяд: «Онҳо маро не, офаридаи зебои Аллоҳ Таъоло-ро масҳ мекунанду сила мекунанд. Он чизе, ки ба ман таллуқ надорад, чаро монеъ шавам».

*** Доимо фикри онро кунем, ки он чизе ки дар мо ҳаст, чун амонате донему нисбат ба он чун амонатдоре рафтор кунем, на чун соҳиби аслӣ, ҳатто фарзандонамонро. Фарзандонамонро амонат медонем, пас, ҳоҷат барои молу амволи дурӯза ҳоҷати шарҳ ҳам нест.

***ХУДОБАХШ***
***06.08.2011с.***

## Дар бадӣ сабаб шудан

Рӯзе аз рӯзҳо шайтон аз деҳае мегузашт. Аз дур ба зане назар мекард, ки машғули ширҷӯшии гове буд. Шайтон наздик шуд ва банди гусолаи говро каме кушод. Гусола кӯшиш кард, ки аз банд раҳо шавад ва муваффақ ҳам шуд. Гусола тарафи гов давид ва сатили ширро чаппа кард. Зан барои рехтани шир ба ғазаб омад ва бо чӯбе ба сари гусола зад. Гусола аз по афтид. Гов низ гусолаашро дар чунин ҳол дид ва занро лагаде зад. Зан аз зарбаи пои гов ҷон бидод. Падаршавҳари зан зарба задани говро мебинад ва аз қаҳр бо милтиқаш говро мепаронад. Шавҳари зан садои тирро мешунавад ва силоҳашро гирифта мебарояд. Дар дасти падар силоҳро мебинаду ҳамсарашро беҷон. Мард дар ғазаб мешавад ва ба сӯи падар тир холӣ мекунад. Падар ҳам беҷон мегардад. Баъди лаҳзае мард ҳақиқатро дарк мекунад ва худкушӣ мекунад.

Шайтон ҳамаи ин ҳодисаро аз дур тамошо мекунад ва мегӯяд:

- Ин фалокатро низ ба ман бор мекунанд. Охир, ман ба ҷуз каме кушода кардани банди гусола, дигар чӣ кор кардам?

*** Баъзан афроде чун амали шайтон ҳаракат мекунанд ва боз даъво мекунанд, ки охир ман коре накардам. Сабаби амали хайр, аҷри хайр мебинад ва сабаби амали бад ҷазои шадид мебинад. Сабаби амалҳо, чӣ қадар умре бубинад, савобу азоби он ҳамроҳияш мекунад. Хушо ба ҳоли онҳое, ки ба амалҳои хайр сабаб мегардад ду дафтари аъмоли худро бо савоб пур мегардонанд.

Худоё! Моро аз шарру васвасаи шайтон ҳифз намо.

***ХУДОБАХШ***
***07.07.2013с.***

## Дар гуноҳ кардани ӯ, шумо ҳам шарик ҳастед

Суфёни Саврӣ бо яке аз дӯстонаш назди дарвоза суҳбат мекард. Аз пешашон шахсе гузашт, ки либоси хело зебо пӯшида буд. Дӯсти Суфёни Саврӣ бо ҳайрат ба он мард назар мекард. Суфёни Саврӣ ба дӯсташ фармуд:

- Агар шумо ба ӯ бо ҳавас ва ҳасад назар намекардед, он мард чунин исроф намекард. Бо рафтори ҳайратоваратон дар исроф, яъне гуноҳ кардани он мард, шумо ҳам шарик мешавед.

*** Маълум мешавад, ки баъзан барои дӯстони худ хизматҳои хирсона мекунем. Онҳоро бо ҳасаду таърифҳои ноҷо васф мекунем, ки боиси ба исроф даст задании дӯстонамон мегардем. Чӣ дар масъалаи либос, мошин ва хонаҳои боҳашамат ва чӣ дар масъалаи маъракагузаронӣ. Мутаассифона, дарсҳои бузургонамонро намехонему ибрат намегирем ва дар ҳаёт татбиқ намекунем. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳамаи моро ислоҳ намояд.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

**Дар дурӯғи кучаку бузург гуноҳ навишта мешавад**

Абдуллоҳ ибни Амр нақл мекунад, ки;

- Расулуллоҳ (с.а.с.) дар хонаи мо буд. Модарам ба ман садо кард, ки «Биё, ба ту як чиз медиҳам».

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуд:

- Ба ӯ чӣ медиҳӣ?

Модарам гуфт:

- Барояш хурмо медиҳам.

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуд:

- Бидон, ки агар ба ӯ чизе тақдим намекардӣ, бар ту як гуноҳи дурӯғ навишта мешуд (Абудовуд, Адаб, 80; Аҳмад ибни Ҳанбал, ал-Муснад, 3/447).

*** Ягон дурӯғ баҳри манфият ҷоиз нест. Бо дурӯғ наздат якчанд касро ҷамъ мекунӣ, аммо баъди ифшои дурӯғат ҳамаро аз даст медиҳӣ. Умри дурӯғ дароз нест.

«Фоидаи дурӯғ як бор аст, аммо фоидаи ҳақиқат беохир аст» (Денис Дидерот).

***ХУДОБАХШ***
***17.10.2015с.***

**Дар ин синну соли ҷавонӣ қозӣ шуда метавонад?**

Яҳё бинни Аксамро дар сини 20 солагӣ дар шаҳри Басра чун қозӣ таъйин намуданд. Сокинони Басра миёни худ чунин мегуфтанд:

- Қозиямон чанд сол дорад? Дар ин синну соли ҷавонӣ қозӣ шуда метавонад?

Сухан ба гӯши Яҳё бинни Аксам расид ва чунин гуфт:

- Пайғобарамон (с.а.с.) Аттабро дар Макка ва Муоз бинни Ҷабалро бошад, дар Яман ба ҳайси қозӣ таъйин намуданд, ки ман аз онҳо солхурдатарам. Пас, дар қозӣ шудани ман чаро ҳайрон мемонед?

*** Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол. Доир ба мавзӯи мазкур тавсия медиҳам, ки китоби «Роҳ ба сӯи муваффақият»-ро бихонед.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

**Дар масъалае , ки намедонам, фатво намедиҳам**

Абдуллоҳ ибни Умар ба саволе, ки намедонист ва ё дар ҷавоби он тараддуд мекард, бечуну чаро мегуфт:

- Ман ин масъаларо намедонам.

Аксари мардум ба ин гуна эътироф кардан ҳайрон мемонданд. Рӯзе шахсе барои масъалае назди Абдуллоҳ ибни Умар омад, то ин ки фатвое гирад. Абдуллоҳ бин Умар ҷавоб дод, ки масъаларо намедонам. Соҳиби савол бо исрор мехост ҷавобе бигирад. Абдуллоҳ бин Умар чунин фармуд:

- Бародарам! Ба хотири ту гуфта, ба масъалае, ки намедонам, фатво намедиҳам. Бо василаи ту ба сӯи ҷаҳаннам пуле (кунрук) намесозам.

*** Надонистан айб нест, наомӯхтан айб аст. Надонистаатро эътироф кардан, қадамест барои омӯхтан. Шубҳа шавқи омӯхтанро бедор мекунад, албатта барои шахсе, ки мехоҳад аз шубҳа дур шавад. Касе, ки шубҳаашро бартараф намекунад, пас, дар имондорияш ва дар иломӯзияш костагӣ меорад.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Дар роҳи ҳақ кафи дастамро маҳкам намекунам

Ҳазрати Талҳа шахси саховатманд буд, аммо фарзандаш Имрон ӯро ба хасисӣ айбдор мекунад. Ҳазрати Талҳа нисбати фикри фарзанд чунин мефармояд:

- Ман дар роҳи ҳақ кафи дастамро маҳкам намекунам, аммо дар кори ботил кафи дастамро намекушоям.

*** Дар кори ҳалол, доимо пешсаф бошед ва мусобиқа намоед, аммо дар кори ҳаром бошад, қадаме магузоред.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Дар ҳама ҳолат тавсияи ҳақ бикунед

Ба ҳазрати Ҳасани Басрӣ суол карданд:

- Баъзе касон чунин мегӯянд: То худатро мукаммал накунӣ, пас, майли мукаммал гардонидани дигарон машавед. Шумо ба ин сухан чӣ мегӯед?

Ҳасани Басрӣ фармуд:

- Яке аз суханҳое, ки шайтон дӯст медорад, ҳамин аст. Шайтон ин суханро оро дода, пешкаш мекунад. Дар ин сухан ташфиқи тарк кардани амри «Амри билмаъруф ва наҳий анил мункар» ҷо гирифтааст. Олимони ислом ба иттифоқ омадаанд ва фармудаанд:

Инсон худ бидонад, ки агардар чаҳорчӯбаи ҳақ зиндагӣ накунад ҳам, аммо аз тавсия додан (гуфтани сухани ҳақ) бояд ақиб намонад.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Дар ҳар кор хайре аст

Дар яке аз кишварҳои Африқо шоҳе буд. Шоҳ рафиқе дошт, ки аз замони кӯдакияш якҷо буданд. Рафиқашро асло аз худаш ҷудо намекард.

Дӯсти шоҳ хислати аҷибе дошт. Ҳар коре, ки хоҳ ба сари худаш ояд ва хоҳ ба сари дигарон, танҳо як сухан мегуфт «Дар ҳар кор хайре аст».

Як рӯз шоҳ бо рафиқаш ба шикор мебароянд. Рафиқи шоҳ силоҳро омода мекарду шоҳ тир холӣ мекард. Дар маротиба вақти тирпаронӣ, силоҳ дасти шоҳро пахш мекунад ва нарангушти шоҳро меканад.

Рафиқаш ба шоҳ мегӯяд:

«Дар ҳар кор хайре аст».

Шоҳ дар ғазаб ба рафиқаш мегӯяд:

«Чи хел хайр аст? Магар намебинӣ, ангуштам ҷудо шуд».

Шоҳ аз қаҳру ғазаби зиёд рафиқашро зиндонӣ мекунад, зеро ба силоҳ рафиқаш тир пур мекард ва хатогӣ аз рафиқаш шуда буд.

Солҳо мегузарад. Рӯзе шоҳ ба шикор мебарояд ва аз шавқи зиёд, бехабар ба деҳаи одамхӯрон мегузарад. Тудаи одамон шоҳро дастгир мекунанд ва барои хурдан омодагӣ мегиранд. Дар ин вақт мебинанд, ки ангушти шоҳ нест. Одамхӯрон одате доранд, ки агар ягон узви одам нуқсонӣ дошта бошанд, намехӯранд. Шоҳро раҳо мекунанд.

Шоҳ аз ин рафтор ҳайрон мешавад. Аз рафтори кардааш пӯшаймон шуда рафиқашро озод мекунаду саргузашташро нақл мекунад ва аз дӯсташ узр мепурсад.

Рафиқаш ба шоҳ мегӯяд, ки:

«Дар ин ҳам хайр аст».

Шоҳ:

«Чи гуна хайр, ки туро зиндонӣ кардам».

Рафиқ:

«Фикр кун, ки агар ман дар зиндон намебудаму, бо ту дар шикор мебудам».

*** Дар ҳар кор хайреро бояд ҷӯст. Бузурге фармудааст: «Хайр фикр кун, то хайр бубинӣ, хайр бубин, то аз дунё лаззат бибарӣ».

***ХУДОБАХШ***
***12.02.2012с.***

## Дарвеш ва каждум

Дарвеш каждумеро мебинад, ки дар об афтодааст ва мехоҳад онро кӯмак кунад. Дасташро дароз мекунад. Каждум ҳамлаи газидан мекунад. Дарвеш дасташро мегирад. Боз кӯмак карданӣ мешавад. Каждум боз ҳамла мекунад. Касе кори дарвешро мебинад ва мегӯяд:

- Хубӣ кардан мехоҳӣ ва он ҳам ба ту зарар доданӣ ҳаст, пас, чаро боз кӯшиши кӯмак кардан дорӣ?

Дарвеш:

- Хислати каждум неш задан аст, хислати ман бошад, ба махлуқот раҳм кардану дӯст доштан аст. Ӯ хислаташро иваз намекунад, пас, чаро ман хислатамро иваз бикунам?

*** Пас, моро мебояд чун дарвеш фикр бикунем, то ин ки хислати инсонӣ ва мусулмонии худро ба ҷо биёрем. Дастгири якдигар бошем, гарчанде ки ба мо бадӣ кунанд. Ҳазрати Исо (а.с.) фармуданд:

- Агар ба як тарафи рӯят шаппот зананд, боз тарафи дигари рӯятро гузор.

Тарафи дигари корро ҳам бояд биандешем. Агар шахсе моро бори аввал фиреб бикунад, айби ӯст, аммо маротиби дуюм фиреб бидиҳад, айби мо аст.

Ҳар як фард бояд мувозинатро риоя бикунад. Албатта, барои дӯстон боз ҳам раҳмтар ва дӯстдор рафтор бояд бикунем. Бузурге фармудааст:

Дӯстро бо як бадӣ натвон фурӯхт,
Баҳри кайке гилем натвон бисӯхт.

***ХУДОБАХШ***
***02.12.2012с.***

## Дардам дар қалбам аст

Робияи Адвия доимо гиря мекард. Наздиконаш ин аҳволро бардавом медиданд ва тоқат накарданду рӯзе пурсиданд:

- Бемор ҳам нестед. Сабаби гиря дар чист?

Робияи Адвия чунин фармуд:

- Дарди ман дар баданам нест, дар қалбам ҳаст. Чунон дард дорам, ки табибон аз табобати он оҷиз мебошанд. Марҳами захмам, расидан ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)мебошад.

*** На ҳама дарду ғаму сӯзиш дар бадан аст, аксари он дар рӯҳ аст.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Дарди дандон

Аҳмад ибни Қайс нақл мекунад:

- Шабе дандонам дард кард ва шабро бо дард саҳар кардам. Ба амакам гуфтам:

- Имшаб аз дарди дандон хоб накардам.

Амакам ин суханро ба ман гуфт:

- Бале. Барои як дарди дандони якшаба шикоят намудӣ. Чашми ман сӣ сол боз намебинад, аммо ман ба касе нагуфтам ва шикояте ҳам накардаам.

*** Солҳои дароз дар вуҷудамон дарде нест, аммо шукргузорӣ намекунем. Лаҳзае ягон узви баданамон ба дард ояд, он вақт нишонаи шикоятро берун мебарорем.

Дар ҳар мусибате фикри онро бояд кард, ки бадтар аз он низ ҳаст.

Дар ҳама гуна аҳвол бояд шукргузорӣ кард ва ризогӣ нишон дод.

Ба тақдири Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мо бояд розӣ ва хурсанд бошем.

***ХУДОАБХШ***
***02. 06.2013с.***

## Дари намоз

Шахсе ҳодисаи аҷиби аз сар гузаштаашро чунини нақл мекунад:

Зимни сафар роҳзанҳо пеши роҳи корвонро гирифтанд ва ҳар чӣ ки онҳо доштанд, гирифтанд. Чашмаш ба сардори роҳзанҳо меафтад, ки ба кунҷе рафта, таҳорат мегираду намоз мехонад. Мард наздаш рафта, бо чеҳраи ҳайратовар суол мекунад:

- Амалат золимона ва ҳаром аст, даруни гуноҳ ғӯтидаӣ. Боз таҳорат карда, назди он Зоте (ҷ.ҷ.) роз мекунӣ, ки ин амалҳоро ҳаром хондааст. Ин чӣ гуна рафтор аст?

Роҳбари роҳзанҳо бо як овози ғамолуд чунин ҷавоби ибратомезро мегӯяд.

«Эй роҳгузар! Ман солҳост шайтону нафсамро итоат карда, аз сад дари Аллоҳ Таъоло, ки бароямон кушодааст, 99 тояшро маҳкам кардам ва мехоҳам, ки ҳеҷ набошад, як дараш кушода бошад, яъне дари намоз».

Аз байн солҳо мегузарад. Роҳгузар ба Хонаи Худо, ба Каъба меравад. Дар вақти тавоф мебинад, ки роҳбари роҳзанҳо ҳам дар он ҷост. Як кунҷи Каъбаро ба оғӯш гирифта, гирёну нолон дуо дорад.

Роҳгузар боз ҳайрон мешаваду наздаш рафта, салом медиҳад ва худро шинос мекунаду мепурсад:

- Аз дигар қисмат ба ин қисмат. Ин чӣ гуна сурат гирифт? Ҳикмати ин кор дар чист?

Роҳбари роҳзанҳо каме табассуме карда, бо чашмони пур аз ашк ва қомати шикаста мегӯяд:

- Ба ту гуфта будам, ҳеҷ набошад миёни ману Ӯ (ҷ.ҷ.) даре кушода истад. Ман он дарро бо тамоми оҷизӣ ва самимияту ихлосам кушода нигоҳ медоштам. Аллоҳ

Таъоло низ бо раҳмату лутфу муҳаббаташ дигар дарҳоро низ бароям кушод. Магар раҳмати Ӯ (ҷ.ҷ.) сарҳад дорад?

*** Дар ин асре, ки мо зиндагӣ дорем, асри фитна аст. Нафсу шайтон доимо моро ба гуноҳ кардан майл мекунонад. Мо инсонем ва албатта, ки заиф ҳастем ва гуноҳ мекунем. Кӯшиш кунем, то фирефтаи шайтону нафс нагардем ва ҳеҷ набошад, доимо як дарро кушода нигоҳ дорем, ки он ДАРИ НАМОЗ аст.

Бо ихлос ва муҳаббат намозро адо кунем ва ҳаргиз фирефтаи сухани «ман гунаҳгорам ва намози ман қабул намегардад» нашавем.

Намози бо ихлос, би изни Аллоҳ бандаро аз корҳои бад дур мекунад.

Дари намозро кушода нигоҳ дорем Аллоҳ Қодир (ҷ.ҷ.) аст.

***ХУДОБАХШ***
***03.08.2011с.***

**Дари Ҳақ Таъоло (ҷ.ҷ.) маҳкам аст ё кушода?**

Солеҳ ал-Муррӣ рӯзе дар рафти насиҳат чунин гуфт:

- Банда агар тақ-тақ кардани дарро бидонад, дере нагузашта, дари Ҳақ ба рӯяш кушода мегардад.

Дар аснои ин сухан зане бархесту чунин гуфт:

- Эй Солеҳ! Магар дари Ҳақ маҳкам аст? Дари Ҳақ ҳаргиз маҳкам набуд.

Солеҳ ал-Муррӣ баъди шунидани ин сухан чунин фармуд:

- Ба доногии ин зан ва ба ҷоҳилии ин шайхи бузург нигаред.

*** Дари раҳмат то дами марг кушода аст. Дуо ва истиғфор намоем, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар мо раҳмат кунад. Бузурге фармудааст:

Карам бубину лутфи Парвардигор,<br>Гуноҳ банда кардаасту Ӯ шармсор.

***ХУДОБАХШ***<br>***09.05.2013с.***

## Дарки неъмат

Китоби Инҷилу Таврот дар бораи пайғомбарамон ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) хабар додааст. Баъдан ин хабар ба чаҳор тараф паҳн шуд. Пешвоёни мушрикон аз ин хабар нороҳат шуданд, зеро онҳо ба тиҷорат машғул буданд. Пайғомбар, ки зуҳур кард тамоми бутҳоро мешикаст ва ҳазорон бутпараст ба Макка дубора намеомаданд ва хариду фурӯш коста мегашт. Мушрикон молашонро ба онҳо гарон мефурӯхтанд ва бо ҳамин зайл сарват ҷамъ мекарданд.

Абӯсуфён ҷаласае гузаронид. Дар аснои ҷаласа Умая ном шахс чунин гуфт:

«Омаданаи пайғомбари нав наздик аст».

Пешвои Макка Абӯсуфён ба ғазаб омада, Умаяро аз ҷаласа пеш карда, чунин гуфт:

«Дигар чунин ҳарф назан. Мо аз бутҳо розӣ ҳастем».

Саҳоба Абӯҷаъфар чунин нақл мекунад:

«Пеш аз нузули пайғомбар марди пиронсоле бо номи Зайд бинни Амр маро наздаш хонду гуфт». «Ман пайғомбареро аз насли ҳазрати Исмоил (а.с.) меояд, интизорам, аммо намедонам, то омадани ӯ зинда мемонам ё не. Омадани пайғомбарро бовар дорам ва ба ӯ чун паёмбари Аллоҳ боварӣ дошта, шаҳодат медиҳам. Агар дидор насибат гардад, саломамро ба ӯ бирасон».

Баъдан хусусиятҳои пайғамбарро чунин шарҳ дод: «Қади пайғомбар на дарозу на паст аст. Дар чашмонаш сурхӣ аст. Дар миёни ду шонааш муҳри пайғомбарӣ аст. Исмаш Аҳмад аст. (номи Расулуллоҳ (с.а.с.) дар Инҷил ба маънои Аҳмад аст) Дар Макка таваллуд мешавад ва дар ҳамин шаҳр пайғомбар мешавад. Ӯ пайғомбари охирин аст».

Баъди солҳо ҳодисаро ба ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) нақл кардам ва саломашро расонидам. Расулуллоҳ (с.а.с.) табассум карда, чунин гуфт: «Ман ӯро дар ҷаннат дидам, ки сайругашт дошт».

Бисёр касон Расулаллоҳ (с.а.с.) – ро нодида, имон оварданд, яъне пеш аз нубувват шинохта шуда буд.

*** Барои ҳамаи мо неъмат аст, ки имкон дорем, ки Қуръон ва китобҳои бузургонро хонему ахлоқи имониро соҳиб шавем ва пайрави гулчини Расулуллоҳ (с.а.с) бишавем.

***ХУДОБАХШ***
***31.03.2012с.***

## Дарс аз рафтори саг

Марде ба саги ташнае диққат медод. Саг то назди об меояд ва об нанӯшида бармегардад. Ин кор чандин маротиб такрор мешавад. Мард чунин андеша мекунад:

Монеаи аксари муваффақиятҳои мо тарсу ваҳмҳост, ки дар даруни худ бузург мекунем. Агар тарсу ваҳми даруни худро мағлуб бикунем, пас, ба муваффақиятҳо ноил мегардем.

*** Тарсу ваҳм монеаи муваффақият аст. Ҷасорати қадамгузориро коста мегардонад.

Бузургонамон фармудаанд: Бути бузург дар даруни худамон аст. Манзур нафс аст. Худо (ҷ.ҷ.) моро аз ин бутпарастӣ нигоҳ дорад.

Пас, муҷодала бар худ, аввалин қадами муваффақият ҳам дар дунё ва ҳам саодатмандӣ дар қиёмат мебошад.

Модари бутҳо бути нафси шумост,
З-он ки он бут мору ин бут аждаҳост.
Бут шикастан саҳл бошад, нек саҳл,
Нафси худро саҳл дидан ҷаҳл аст, ҷаҳл.

*(Мавлонои Балхӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***01.12.2012с.***

## Дарс барои хоинон

Рӯзе подшоҳ Султон Салим дар бозор чарх мезад. Чашмаш ба кабкфурӯше мерасад. Наздаш меравад. Қимати кабкҳоро мебинад. Нархи кабкҳо 1 танга тилло, аммо боз дар қафаси алоҳида кабке ҳаст, ки қиматашро 100 танга тилло мегӯяд.

Султон Салим мепурсад:

- Чаро дигар кабкҳо 1 танга тилло, аммо ин кабки дар қафас буда 100 танга тилло?

Кабкфурӯш мегӯяд:

- Ин кабке, ки 100 танга тилло арзиш дорад, чунон садое дорад, ки дигар кабкҳоро наздаш ҷамъ мекунад ва барои дастгир кардани дигар кабкҳо бароям кӯмаки зиёде мешавад.

Султон Салим 100 танга тилло дода кабкро мехарад. Султон Салим кабкро гирифта, сарашро аз тан ҷудо мекунаду мегӯяд:

- Оқибати қавмфурӯшӣ ҳамин аст.

*** Ягон баҳона хоиниро намебахшад. Хоин бояд ҷазо бубинад, то дарс ба дигарон шавад. Яке аз бузургонамон фармудааст: «Душмани худатро бубахш, аммо душмани ватану миллататро асло».

***ХУДОБАХШ***
***31.08.2014с.***

## Дарсе аз бузургон

Ҳазрати Умар ибни Абдулазиз (р.а.) дар вақти хилофат ва ҳукмронии кишвар дар масоили ҳаққи банда ва адолат хело нозукона рафтор мекард. Барои коридавлатдорӣ чароғи алоҳида ва барои кори хона чароғи алоҳида дошт. Халифае буд, ки ҳамагӣ як курта дошт.

Шахсе барояш себе ҳадя овард. Ӯ себро каме бӯй кашиду ба масъул гӯфт, то онро ба соҳибаш расонад, ки себ соҳибашро ёфтааст. Масъул эътироз кард ва гуфт:

- Расулуллоҳ (с.а.с.) ҳадяро қабул мекард ва ҳатто ин себро ҳам яке аз назидконатон равон кардааст.

Халифа:

- Бале, ба Расулуллоҳ (с.а.с.) ҳадя равон мекарданд, аммо ҳадяҳое, ки ба мо равон мекунанд, ришва ҳисоб мешавад.

Сабаби маоши зиёди роҳбарони шаҳрҳоро чунин арз намудааст:

- Роҳбарон бояд ба чизе эҳтиёҷ надошта бошанд, то худашонро барои халқ истифода намоянд.

**** Шабе назди Халифа меҳмоне буд. Равғани чароғ тамом шуда буд. Меҳмон гуфт:

- Хизматгорро бедор кунем, то ин ки ба чароғ равған пур кунад.

Халифа гуфт: Не, бимон хоб равад, ман ӯро яку якбора ду кори гуногун намефармоям.

Меҳмон гуфт:

- Пас, ман равған пур кунам.

Халифа фармуд:

- Ман меҳмонро кор намефармоям.

Халифа равғани чароғро пур карду гуфт:

- Ман аз ҷо хестаму кор кардам. Умар будам ва омада, боз дар ҷоям нишастам, боз ҳамон Умарам.

Дар дую ним соли халифагияш дар олами Ислом адолатро ҳукмрон кард. Мисли бобояш ҳазрати Умар (р.а.) соҳиби басират буд. Душманон яке аз хизматгоронро бо ҳазор динор харидорӣ карданд ва хизматгор дар хӯроки Халифа заҳр андохт, он замон Халифа чиҳил сол дошт. Хизматгор ба гуноҳаш иқрор шуд ва ҳазор динорро ба хазинаи давлат гузошт ва барои ба қатл нарасидани хизматгор ба ӯ тавсия дод, ки ҷойи зисташро тарк кунад.

*** Гузаштаро ба хотири дарс гирифтану амал кардан бояд омӯхт. Агар чун гузаштаҳоямон амал накунем, набояд даъвои авлоди эшон буданамонро таърифу тавсиф намоем. Доимо назди бегонагон зикр мекунем, ки аз авлодони Салмони Форсу Имом Бухорию Абӯҳанифа ва Мавлоною Саъдию Ҳофизу Ҷомӣ ҳастем, аммо аз рафторашону аз насиҳатҳояшон на дарс мегирему на амал мекунем.

Бо умеди насли дарсомӯз аз гузаштагони воло,

***ХУДОБАХШ***
***05.10.2011с.***

## Дарсе аз Луқмони Ҳаким

- Дар назди олимон забонатро нигоҳ дор;
- Дар намоз қалбатро нигоҳ дор;
- Дар хӯрокхӯрӣ меъдаатро нигоҳ дор;
- Дар хонаи дигарон чашмонатро нигоҳ дор;
- Дар миёни мардум динатро нигоҳ дор.

***ХУДОБАХШ***
***25.11.2012с.***

## Дарси адаб аз кӯдак

Муҳаммад бинни Аби Ҳамза нақл мекунад:

- Рӯзе ҳамроҳи толибилмон аз назди киштзоре мегузаштем. Кӯдакеро дидам, ки гандум мечид ва ба зарфе пур мекард. Ин аҳволро дидаму ба кӯдак гуфтам.

- Дигар мачин, эй писар! Чӣ ҳақ дорӣ, ки ғаллаи мардумро ҷамъ мекунӣ?

Кӯдак ба ин сухан чунин гуфт:

- Исбот карда метавонӣ, ки ин ғаллаи мардум мебошад? Валлоҳ, ки ин замини падару бобоям аст. Ғалла низ аз мо аст.

Бар сухани кӯдак хело шарм кардам. Барои он, ки асли корро надониста сухан кардам, дар назди толибилмон шарманда шудам. Баъд ба кӯдак гуфтам:

- Фарзандам! Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ) ба ту хайр диҳад. Ба ман дарси адаб бидодӣ, ки аз ин пас сухани бедалел нахоҳам гуфт.

*** Дарс на танҳо аз устод ва ё пиронсол гирифта мешавад, балки барои аҳли фаҳм аз ҳар фард, чӣ хурд ва чӣ бузург, дарс метавон гирифт. Ин аст, ки бузургонамон фармудаанд:

- Имрӯз бихон, дар қабр хонда наметавонӣ.

Имрӯз дарс бигир ва дарси гирифтаро татбиқ намо, зеро дар қабр танҳо ҳисоб додан аст.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2013с.***

## Дарси аҳду вафо

Абдуллоҳ бинни Абӯҳамза (р.а.) нақл мекунад.:

- Пеш аз пайғомбарии ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) бо Ӯ (с.а.с.) як доду гирифти тиҷоратӣ кардам. Қарздор мондам. Гуфтам, ки каме интизор шав, рафта пулро меорам. Ман баргаштам ва ваъдаи кардаамро фаромӯш кардам. Баъди се рӯз ваъдаам ба ёдам омаду рафтам ва мебинам, ки Расулуллоҳ (с.а.с.) истодааст. Маро дид ва фармуд:

- Эй ҷавон! Маро азият додӣ. Ман се рӯз туро ин ҷо интизорам.

*** Мақсади истодани Расулуллоҳ (с.а.с.) гирифтани маблағ набуд, балки дар ваъдаи сухан содиқ мондан буд. Бо ахлоқи ҳамидааш ба ҷавон ситам накард.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Раъд» ояти 20 фармудааст:

لَّـذِيـنَ يُـوفُـونَ بِـعَـهْـدِ اللّٰهِ وَلَا يَـنْقُـضُونَ الْـمِـيـثَـاقَ

«Касоне, ки ба аҳди Аллоҳ вафо мекунанд ва худ паймон намешикананд».

Пайғомбарон ва бузургони аҳли Ислом ба аҳду вафо таваҷҷуҳи хосса медоданд. Ваъдахилофӣ кардан аз сифати мунофиқин аст.

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Дарси аҷиб

Дар шаҳри Дубай шахси дорое пас аз хурокхӯрӣ бо мақсади роҳгардӣ аз хона мебарояд. Баъди чанд лаҳзаи роҳгардӣ масҷидеро мебинад ва барои адо кардани ду ракаъат намоз дохили масҷид мешавад. Дар кунҷи масҷид шахсеро мебинад, ки гиряи зор ва таваллое дорад. Шахси доро тоқат намекунаду сабаби гиряашро мепурсад. Мард мегӯяд, ки 5000 риёл (1000 доллар) қарздорам ва баҳри наҷоти қарз ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) зораву таваллo дорам. Шахси доро зуд санади 5000 риёлаеро менависаду барояш тақдим мекунад. Шахси доро корти шиносоияшро ба мард дароз мекунад ва мегӯяд, ки ҳар вақте эҳтиёҷе шавад, мурочият намо.

Мард санади маблағро мегирад, аммо корти шиносоиро намегирад. Шахси доро сабаби нагирифтани корти шиносоиро пурсон мешавад. Мард чунин ҷавоб медиҳад:

- Агар боз муҳтоҷ шавам, боз ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) таваллo мекунам. Туро намекобам. Ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) таваллo кардам, туро ба ман равон кард. Пас дигареро ҳам метавонад равон кунад.

Ин ҳодисаро пас аз гӯш карданам, хело фикр кардам ва барои худ дарсҳои зеринро гирифтам:

1. Марди фақир ба Аллоҳ чунон имон овардааст, ки гӯё Ӯро мебинад ва маъноиэҳсонро дарки яқин намудааст.

2. Бо нагирифтани корти шиносоӣ таваккул бар Аллоҳро исбот кардааст.

3. Пешниҳоди корти шиносоӣ имтиҳоне буд ва марди фақир аз ин имтиҳон гузашт.

4. Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) дуоро иҷобат мекунад.

5. Таҷаллои ояти "Аз маконе, ки интизораш нестед, ризқ мебахшад"- ро дидем.

6. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бо василаи ин ҳодиса ба мо дарси таваккулро бидод.

***ХУДОБАХШ***
***07.06.2015с.***

## Дарси аҷибе дар ҳодисаи хар

Рӯзе хари марде ба чуқурие меафтад. Болои чуқурӣ шояд тахтае монда бошад, ки хар онро намебинад ва меафтад. Соҳиби хар аз ҳодиса хабардор мешавад. Назди чуқурӣ меояд. Кӯшиши баровардани харро мекунад, аммо наметавонад. Хар захмин шудааст, садои дардаш баланд шудан мегирад. Мардуми деҳа ҷамъ шуда, аммо харро баровaрда наметавонанд. Соҳиби хар гуфт:

- Ягона роҳ ба болояш хок партофтан аст.

Мардум хокро болои хар партофтан мегиранд. Хар дар ҳар партофтани хок баданашро меҷунбонад ва хок зери пояш ҷамъ шудан мегирад. Хок ҳам зери пои хар зиёд мешуду барои баромаданаш кор осон гардид. Ниҳоят, хар аз чуқурӣ мебарояд.

*** Болои мо ҳам чангу хок мепартоянд. Пас, моро ҳам мебояд, ки ҳар вақти хокпошӣ ба рӯямон, худамонро ба ҳаракат дарорем. То ин, ки хок зери поямон бимонад ва боз ҳам волотар бигардем. Набояд, аз хокпошии дигарон хаста шуда дар ҷое қарор бигирем. Агар қарор бигирем, пас, худамонро зери хок мебинем.

***ХУДОБАХШ***
***14.07.2013с.***

## Дарси баробарӣ аз саҳобаҳо

Саҳоба Абӯзар (р.а.) нақл мекунад:

- Рӯзе бо Билоли Ҳабаш дар масъалае якдигарфаҳмӣ ба даст наомад ва масъала ба мунокиша расид. Ҳазрати Билолро чунин таҳқир кардам: «Ту аз ин чӣ мефаҳмӣ, фарзанди зани сиёҳ». Ҳазрати Билол ҳодисаро ба ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) нақл мекунад. Расулуллоҳ (с.а.с.) маро ба ҳузураш хонд. Ман тозон ба ҳузури Расулуллоҳ (с.а.с.) омадам. Расулуллоҳ (с.а.с.) ба ман гуфт:

- Ту Билолро сиёҳ гуфта, ҳақир шумурда, ҳақорат кардаӣ. Дуруст аст?

Ман дар хиҷолат мондам ва аз шарм натавонистам ҳарфе бигӯям. Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) суханашро чунин идома дод:

- Маълум мешавад, ки то ҳол, дар ту одатҳои давраи ҷоҳилият мавҷуд ҳаст. Ҳол он ки дар Ислом ранги пуст ҳеҷ нақше надорад. Ислом фарқияти авлод, нажод ва рангро аз миён бардоштааст. Дар мусулмонӣ ҳар фарде аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) зиёдтар биҳаросад, ӯ аз дигаре волотар аст.

Аз сарзаниши суханҳои Расулуллоҳ (с.а.с) хело ғамгин гаштам ва чӣ кор карданамро намедонистам. Рост ба сӯи хонаи Билоли Ҳабашӣ рафтам ва сарамро пеши дари хонаи Билол гузоштам ва садо кардам.

- Эй Билол! Агар то пойҳои муборакатро ба болои сари сарди ман нагузорӣ, худамро намебахшам ва аз ин ҷо намеравам.

Ҳазрати Билол баромад ва ба ман чунин гуфт:

- Эй бародари гиромии ман, туро бахшидам. Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ҳам бубахшад. Ин чеҳра зери по не, балки лоиқи бӯсидан аст.

Ин суханро бигуфту маро аз ҷой хезонду бӯса кард ва ба хона қабул кард.

*** Худованди Аъза ва Ҷалла (ҷ.ҷ.) дар сураи «Ҳуҷурат» ояти 13 фармудааст:

يَا اَيُّهَا النَّاسُ اِنَّا خَلَقْنَاكُمْ مِنْ ذَكَرٍ وَاُنْثٰى وَجَعَلْنَاكُمْ شُعُوبًا وَقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا اِنَّ اَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللّٰه اَتْقٰيكُمْ اِنَّ اللّٰه عَلِيمٌ خَبِيرٌ

«Эй мардум, мо шуморо аз як марду як зан биёфаридем. Ва шуморо ҷамоъатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишносед. Албатта, гиромитарини шумо назди Аллоҳ парҳезгортарини шумост. Аллоҳ донову кордон аст».

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) дар хутбаи ҳаҷҷатулвидоъ фармуд:

- Сиёҳ бар сафед ва араб бар аҷам вологӣ надорад. Ҳама дар ҳузури Аллоҳ (ҷ.ҷ.) баробар аст. Вологӣ дар тақвост.

Худро ҳеҷ донистан, қадами нахустинест барои худро шинохтан. Инсонро на ба молу мулку қавм, балки бо ахлоқаш бояд эҳтиром кард. Аксари вақт инсонро бо молаш пешвоз мегиранд, аммо доимо бо ахлоқаш гусел мекунанд.

***ХУДОБАХШ***
***10.02.2013с.***

**Дарси девона ба имом ва аҳли намозгузорон**

Девонае ба масҷид медарояд. Ба атрофи масҷид ва аҳли намозгузорон назар мекунад. Баъдтар зуд аз масҷид мебарояд. Баъди лаҳзае, дар пушт ҳезумҳоро бор карда, ба масҷид медарояд ва барои адои намози фарз бо намозгузорон саф мегиранд. Вақти адои намоз чубҳои пушташ нороҳаташ мекунад ва якояк афтидан мегирад. Мардум аз садои ҳезумҳо нороҳат мешавад. Садои шикояти мардум то ба имом мерасад. Баъди намоз имом бо аҳли намозгузорон назди девона меоянд ва мегӯяд:

- Хуб мешуд, ки агар вақти адои намоз ҳезумҳоро як тараф мегузоштӣ ва бароҳат намоз мехондӣ. Ҳам барои худат осон мешуд ва ҳам дигарон нороҳат намешуданд.

Девона мегӯяд:

- Магар одат чунин нест.

Имом ҷавоб медиҳад:

- Кадом одат?

Девона посух медиҳад:

- Ман барои адои намоз ба масҷид даромадам. Ба намозгузорон назар кардам ва дидам, ки ҳар яке дар пушт боре дорад. Яке фарзанд, дигаре киштзор, сеюмин хонуми зебо, чаҳорум гову мол ва ғайра.

Имом мепурсад:

- Дар пушти ман ҳам боре буд?

Девона ҷавоб медиҳад:

- Дар асл ба ту таъаҷҷуб кардам. Пушти ту гови мариз буд, ки фикри зинда мондан ва ё намондани онро мекардӣ.

*** Банда намегӯям, ки бебор дар намоз меистам, аммо барои ҳамаамон дарс аст ва кӯшиш бикунем, ки вақти намоз танҳо ба хотири адои амри Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва розӣ будани Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҷаҳд намоем. Албатта, ки ҳар банда ба худ камбудиҳо ва дард дорад. Дардашро танҳо ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мегӯяд. Баъди адои намоз, дар дуо метавонем, ки дарду ғамҳоямонро ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) арз кунем ва хайрашро аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) талаб намоем.

***ХУДОБАХШ***
***14.07.2013с.***

## Дарси ибратноки саг

Имом Шиблӣ ҳодисаи аз сар гузаронидаи хешро, ки сабаби иршод гардидааст, чунин нақл мекунад:

- Рӯзе сагеро дидам, ки канори дарё буд ва бо ҳайрат ба об назар мекард. Забони саг аз ташнагӣ берун аз даҳон баромада буд, аммо ҷасорате намекард, ки қатрае об бинӯшад. Ҳар вақте ба об наздик мешуд, акси худро дида, фикр мекард, ки саги дигаре аст ва аз тарс дур мешуд. Дар охир, дарк кард, ки ин кор натиҷа намедиҳад ва якбора худро даруни об партофт ва акси дар об буда нопадид гашт. Саг ба серӣ об нӯшид.

Аз аҳволи саг дарси ибратноке гирифтам. Нафсам доимо маро таҳдид мекунад. Монеаи он мегардад, ки аз ҳавзи маънавиёт об бинӯшем. Яку якбора пардаи орзӯю ҳаваси нафсро пора кардам. Он вақт аз пеши чашмонам нест гардиду ман ҳам аз ҳавзи маънавиёт ба серӣ об нӯшидам. Дар имтиҳони муҷодала бар нафсам муваффақ шудам ва ба асолати хеш пай бурдам

*** Барои шахси ибратгир ҳар як ҳодиса барояш панде ва ё роҳе нишон медиҳад. Бузурге фармудааст:

Хайр назар кун, то ин ки хайр бубинӣ. Хайр бубин, то ин ки аз дунё лаззат бибарӣ.

Малакаи дидани чашми сар ва қалбро бояд сайқал бидиҳем.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Дарси илм аз нигоҳи Абдуллоҳи Муборак

Абдуллоҳи Муборак дар бистари марг буд. Шахсе баъзе аз масъалаҳои маргро навишта, назди Абдуллоҳи Муборак мехонд.

Нафаре суол кард:

- Дар бистари марг ҳам таҳсили илм мекунед?

Абдуллоҳи Муборак гуфт:

- Бале, шояд илме мефаҳмам, ки то имрӯз надонистаам ва барои ман фоида мебахшад.

*** Ҳар яки мо бояд тавсияи Расулуллоҳ (с.а.с), «Аз гаҳвора то гур илм биҷӯ»-ро чун Абдуллоҳи Муборак дар ҳаёт бояд татбиқ намоем.

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Дарси кӯдак

Кӯдаке ба дукони сагфурӯшӣ медароядӣ. Аз соҳиби дӯкон сагбача хоҳиш мекунад. Соҳиби дӯкон фармон медиҳад, ки сагбачаҳоро биёранд. Кӯдак қимати сагбачаҳоро мепурсад. Соҳиби дӯкон мегӯяд:

- Сагбачаҳои хубанд ва ҳар кадомаш 50 доллар арзиш дорад.

Кӯдак мегӯяд, ки ман ҳамагӣ 5 доллар дорам.

Дар ҳамин вақт сагчбачаҳо ҳам оварда мешаванд. Яке аз сагбачаҳо оҳиста- оҳиста меояд. Кӯдак сабаби ҳолро мепурсад:

Соҳиби дӯкон мегӯяд:

- Як устухони пояш кам аст.

Кӯдак:

- Ҳаминро харидорӣ мекунам.

Соҳиби дӯкон:

- Агар ин сагбачаро бихоҳӣ, ройгонат медиҳам, вале чаро маҳз ҳамин сагбачаро хостӣ?

Кӯдак:

- Ман инро ройгон намехоҳам, маблағашро медиҳам. Ҳоло панҷ долларо медиҳам. Боқимондаашро оҳиста-оҳисат пардохт мекунам. Соҳиби дӯкон пурсид:

- Чаро инро боисрор мехоҳӣ?

Кӯдак ба соҳиби дӯкон наздик шуда, почаи шимашро боло карда пойи маъюбашро нишон дода, мегӯяд:

- Ин сагбача ҳам эҳтиёҷ ба касоне дорад, ки ӯро дарку меҳрубонӣ бикунанд.

*** Пас, моро мебояд, ки фикри хешу табор ва ҳамсояҳои дармондаро карда, ба андозаи тавоноӣ кӯмакашон намоем. Ҳеҷ набошад, наздашон нишаста, дарду ғамашонро гӯш кунем. Худамон ҳам, кӯмак карда натавонем, пас, шахсони тавоноро роҳнамоӣ кунем.

Касе, ки дарди дигаронро эҳсос мекунаду ба дардашон шарик мешавад, пас, метавон номашро «Одам» ниҳод.

Вақти ҳоҷат аз даҳони худ рабурдан ҳиммат аст,
В-арна, ҳар кас вақти серӣ пеши саг нон афканад.

***ХУДОБАХШ***
***05.07.2015с.***

## Дарси маст ба олим

Олиме мастеро мебинад, ки бар замин афтидааст ва аҳволи худро фикр карда, кибр мекунад. Ҳато бо канори чашмаш ҳам ба сӯи маст нигоҳ намекард. Маст сарашро бардошта ба олим чунин мегӯяд:

- Эй зоти муҳтарам! Бар неъмате, ки расидаӣ, шукр бикун. Ҳаргиз кибр макун, зеро аз кибр маҳрумият ҳосил мегардад. Шахсеро дидӣ, ки дасташро бастаанд, бар ӯ маханд. Шояд ба сари ту ҳам ояд. Тақдир номаълум аст. Шояд рӯзе ту ҳам ба мисли ман бар замин биафтӣ.

*** Муъмин шахсеро бубинад, ки гуноҳ карда истодааст, набояд ӯро ҳақир шуморад. Аҳволи худро дида, набояд кибр бикунад, баръакс, бояд раҳм кунад. Барои ислоҳи дигарон дуо бикунад. Барои ба аҳволи шар наафтидан, ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) истиғфору таваллo намояд.

Касе ҳаққи санҷиши имони каси дигарро надорад, худро доимо хуб ва шахси гунаҳгорро набояд бад бубинад.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Дарси Нақшбанд

Ҳазрати Баҳоваддини Нақшбанд дар Бухоро, дар хонаи Хусрав ном шахсе меҳмон мешавад. Шаб дар аснои суҳбат шахсе барои шайх ва муридонаш як сабад нок меорад. Сабадро назди шайх мегузоранд. Шайх яке аз нокҳоро гирифта, ба он кас, ки нокро оварда буд, медиҳаду мепурсад:

- Сабаби овардани нок дар чист?

Мард мегуяд:

- Шунидам, ки ба деҳа шайхе омадааст. Нокҳоро гирифтам ва якеашро ишорат кардам ва гуфтам, агар шайхи ҳақиқӣ бошад, ноки ишораткардаи маро дарк мекунад. Барои ҳамин омадам.

Шайх мегӯяд:

- Канӣ бубин. Дар дастат ҳамон ноки ишораткардаат аст?

Мард посух медиҳад:

- Бале, ҳамон аст.

Шайх мефармояд:

- Дар пеши худ мақсади имтиҳони бузургонро макунед. Ноки ишораткардаро ба ту додам ва ин ба хотири нишон додани каромат набуд, балки ба хотири фикри бад кардан нисбати мо буд. Агар чунон намекардам, нисбати мо фикри бад мекардӣ ва зарар медидӣ. Барои зарар надиданат чунин рафтор кардам.

*** Мо ҳаққи имтиҳон кардани бузургонро надорем. Аз бузургон ҳикмат, дарс ва адаб бояд омӯхт. Онҳоро ба саволҳои аз манфиат берун машғул набояд кард. Бо шарофати бузургон баракат нозил шуда балоҳо дур

мегардад. Қадри бузургонро ҳангоми дар ҳаёт буданашон бояд донист, на ин ки пас аз маргашон қабрҳои эшонро орову торо дода, мавриди парастиши ғофилон қарор диҳем.

***ХУДОБАХШ***
***21.08.2011с.***

## Дарси оила аз нигоҳи Иброҳими Адҳам

Иброҳими Адҳам пас аз тарки қаср дубора оиладор нашудааст. Умри хешро ба ибодат гузаронидааст. Яке аз дӯстон аз Иброҳими Адҳам суол мекунад:

- Хуб кардӣ, ки оиладор нашудӣ. Ҳеҷ набошад, бо дарду ғами оила овора намешавӣ ва ҳама вақт дар ибодат ҳастӣ.

Иброҳими Адҳам мегӯяд:

- Магар ту фазилати оиладоршавиро намедонӣ? Заҳмате, ки барои аҳли оила кашида мешавад, аз ибодати ман афзал аст.

Он дуст мепурсад:

- Пас, чаро оиладор намешавӣ?

Иброҳими Адҳам посух медиҳад:

- Агар ман эҳтиёҷ ба зан медоштам, оиладор мешудам. Намехоҳам, ки бесабаб ҳаёти занеро ба бадбахтӣ бибарам.

*** Ҳазрати Умар (р.а.) фармудааст:

- Баъд аз имон беҳтарин неъмат зани солеҳа аст.

Ҳамсари хуб намунаест аз ҷаннат ва ҳамсари бад намунаест аз ҷаҳаннам. Эҳтиром оиладориро рушд медиҳад. Пеш аз ҳама ахлоқи ҳамида сабаби усутвор будани оила мебошад. Сабаби сухани Иброҳими Адҳам дар масъалаи бадбахт кардани ҳамсар дар он аст, ки умрашро бар илму ибодат додааст ва аз он метарсад, ки барои ҳамсарш вақти лозимаро ҷудо карда наметавонад ва ҳаққи ӯро поймол мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Дарси Роҳиб

Роҳиб (донишманди дини масеҳӣ) пас аз бист соли таълим ба шогирдон, аз толибилме қабл аз гусел чунин суол кард:

Дар ин бист сол чӣ омӯхтӣ?

Толибилм: Ҳафт ҳақиқат омӯхтам.

Роҳиб: Хоҳиш мекунам, ҳафт ҳақиқати омӯхтаатро бигӯ.

Толибилм:

1. Дӯстҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Дӯстҳои пояндадор ва гузаранда. Дар мушкилие рӯ ба рӯ шудӣ, дӯстҳои пояндадор паҳлӯят қарор мегиранд, аммо дӯстҳои гузаранда нопадид мегарданд.

2. Аксари мардум ақлу ҳушашонро барои корҳо ва молҳои гузаранда машғул менамоянд. Барои чунин кор ва молҳои гузаранда, ҳатто истеъдоди худро дар корҳои бад низ истифода мекунанд.

3. Баъзе аз инсонҳо барои ба ҳадафи худ расидан, дигар инсонҳоро зер мекунанд, ғофил аз он ки ҳар чизеро чи гуна ба даст оварда бошӣ, ҳамон тавр аз дастат гирифта мешавад.

4. Баъзе аз инсонҳо барои он чизҳое, ки дар чашмашон боқадр менамояд, якдигарро зарар мерасонанд. Бо ҳамин одат кардаанд ва ҳаёти якдигарро ба худ заҳр мегардонанд.

5. Мардум сабабҳои хатогиҳо ва номуваффақиятҳои худро дар дигарон меҷӯянд. Касе фикри онро намекунад, ки хатогӣ аз худаш сарчашма гирифтааст, то ин ки онро ёбаду ислоҳ намояд.

6. Мардум *луқмаи ҳалол* ва баробартақсимкуниро намедонанд. Аз он ғофиланд, ки *луқмаи ҳалол луқмаи*

болаззаттарин мебошад.

Агар дар миёни виҷдон ва меъда бимонанд, он гоҳ меъдаро интихоб мекунанд.

7. Мардум то ба чизе такя накунанд, нерӯи зиндагӣ карданро намеёбанд. Ин аст, ки ба чиз ва касоне такя мекунанд, ки маъние надоранд. Ҳол он ки, ба муҳаббат такя кунанд, муваффақ мешаванд, аммо дар қабул кардани он якравӣ менамоянд.

***ХУДОБАХШ***
***25.11.2012с.***

## Дарси таваккул

Соли қаҳтӣ буд. Шақиқи Балхӣ ба мардум назар мекунад, ки дар фикр ғӯта задаанд, аммо ғуломеро мебинад, ки бозӣ дорад. Назди ғулом рафта мегӯяд:

- Ҳама дар ин қаҳтӣ дар фикри гурусанаанд, аммо ту киро бовар дорӣ, ки чунин бозӣ дорӣ?

Ғулом ҷавоб дод:

- Аз дигарон ба ман чӣ? Барои ман ягон хатаре намеояд. Хоҷаи ман 7-8 деҳа дорад. Эҳтиёҷотро аз он деҳаҳо бартараф мекунад.

Шақиқи Балхӣ ҳайрон мешавад, зеро худ ҳам аз қаҳтӣ андеша дошт. Ғулом ӯро низ бедор кард ва худ ба худ гуфт:

- Шақиқ ба худ биё. Ин ғулом ба хоҷаи худ боварӣ дорад ва худро дар амн медонад. Ту, ки ба Аллоҳе бовар дорӣ ва таваккул мекунӣ, ки Ризқдиҳандаи тамоми ҷондорон аст, ин чӣ гуна таваккул аст, ки андешаи ризқ мекунӣ?

*** Ҳотами Асам фармудааст: «Бандае, ки ризқашро аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) медонад, пас, дар вақти доро шуданаш хурсанд намегардад ва дар вақти фақир шуданаш ғамгин».

Тадбир дидан шарт аст, аммо хилофи таваккул ҳаракат кардан дуруст нест. Тавозунро бояд нигоҳ дошт.

Мавлонои Балхӣ ҳадиси Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро чунин зикр мекунад:

Гуфт: «Оре, гар таваккул раҳбар аст,
Ин сабаб ҳам суннати пайғамбар аст».
Гуфт пайғамбар ба овози баланд:
«Бо таваккул зонуи уштур биբанд».

Рамзи «ал-косиб ҳабибуллаҳ» шунав,
Аз таваккул дар сабаб коҳил машав.

***ХУДОБАХШ***
***06.01.2013с.***

## Дарси тавозуъ (хосорӣ)

Аҳмад Руфоӣ рӯзе бо толибилмонаш дарс мегузашт ва чунин фармуд:

- Аз миёнатон касе дар ман айбе бубинад, ба ман бигӯяд.

Яке аз толибилмон гуфт:

- Устод! Дар шумо айби бузургест.

Аҳмад Руфоӣ соҳиби тавозуъ буд ва ҳаргиз ба толибилмаш нигоҳи сард накарда. Барои раҳоӣ ёфтан аз айбаш аз толибилмаш пурсид:

- Ба ман бигӯ, чӣ айб дорам?

Толибилм бо чашмони пур аз ашк гуфт:

- Мо барин толибилмон, шогирду шумо шудем.

Ҳама ашки чашм резониданд, зеро сухан ба ҳама таъсир намуд. Аҳмад Руфоӣ ҳам гиря карда, гуфт:

- Ман хизматгори шумо ҳастам, ман аз ҳамаи шумо паст мебошам.

*** Об дар қулла намеистад, дар замин меистад. Хок ҳам нарм мешаваду барои парвариши дарахту сабзавот нашъа мебахшад. Хоксорӣ будан низ ба инсон илҳом мебахшад ва инсонро воло мегардонад.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Фурқон» ояти 63 фармудааст:

أُولَٰئِكَ الَّذِينَ يَعْلَمُ اللَّهُ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَعْرِضْ عَنْهُمْ وَعِظْهُمْ وَقُلْ لَهُمْ فِي أَنْفُسِهِمْ قَوْلًا بَلِيغًا

- Бандагони Аллоҳи Раҳмон (ҷ.ҷ.) касоне ҳастанд, ки дар рӯи замин ба фурӯтанӣ роҳ мераванд. Ва чун ҷоҳилон ононро хитоб кунанд, ба мулоимӣ сухан гӯянд.

- Инсон кибр кунад, ду малоик дуо мекунанд: «Худоё,

инро залил бигардон». Инсон тавозуъ кунад, ду малоик дуо мекунанд «Худоё, ӯро воло бигардон». (маънои ҳадис, Байҳақӣ)

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Дарси устод ба шоҳзода

Фотеҳ Султон Маҳмад соли 1453 дар синни 21- солагӣ Истанбулро забт кардааст.

Дар айёми кӯдакӣ зимни дарсомӯзӣ нисбати устод беҳурматӣ мекард. Устодаш Акшамсиддин бисёр нороҳат мешуд. Ҳатто ба устодаш мегуфт:

- Ман фарзанди подшоҳам ва ту ба ман коре карда наметавонӣ. Устод низ аҳволро ба падари Маҳмад, Муроди дуюм намегуфт. Маҳмад аз беҳурматӣ кардан ҳам даст накашид.

Рӯзе устод Акшамсиддин назди Муроди дуюм рафт. Муроди дуюм ба устод гуфт:

- Шарм макун. Он чӣ, ки ҳаст, бароям бигӯ.

Устод Акшамсиддин гуфт:

- Подшоҳам! Фарзандатон, ҷигарпораатон Маҳмад беодобӣ мекунад ва ман ҳам дар дарс додан мушкилӣ мекашам. Ҳар вақте ки сарзанишаш мекунам, аз номи шумо маро таҳдид мекунад.

Муроди дуюм ба устод наздиктар мешавад ва дар гӯшаш чанд сухане мегӯяд:

Устод аз шунидани суханҳои подшоҳ ба ҳайрат мемонад. Амалӣ кардани нақшаи гуфташуда ғайриимкон аст. Ба подшоҳ эътироз кард, аммо подшоҳ қабул накард.

Фардо дар дарс Маҳмад беодобӣ мекард. Устод ӯро сарзаниш кард ва Маҳмад чун ҳолати қаблӣ таҳдид намуд. Дар ҳамин лаҳза подшоҳ вориди дарсхона мешавад. Устод ба тарафи подшоҳ фарёд зада, мегӯяд:

- Магар намедонӣ, ки бе иҷозат вориди синфхона шудан мумкин нест?

Устод ин суханро мегӯяду ба рӯи подшоҳ як шаппот

мезанад ва ӯро аз синфхона пеш мекунад.

Подшоҳ бо сари хам аз синф берун мешавад.

Маҳмад ҳодисаро мебинаду ҳайрон мемонад ва нутқашро фурӯ мебарад. Падаре, ки эътимод мекард, шаппоте хурд ва ҳатто аз синф ронда шуд.

Подшоҳ дубора дарро тақ-тақ карда, иҷозат ва бахшиш пурсид ва сипас вориди синфхона шуд.

Баъди ин ҳодиса Фотеҳ Маҳмад дигар беодобӣ накард, зеро ба он кӯҳе бовар мекард, барф борид.

*** Ҳар фарде, ки набошем, дар таълиму тарбияи фарзандонамон бояд, ки диққати ҷиддӣ бидиҳем. Нагузорем, ки фарзандҳоямон моро аз устодашон баланд бидонанд. Фарзанд беодоб ва ё шӯхмиҷоз таваллуд намешавад, мо худ фарзандҳоямонро боодобу беадаб месозем. Фарзанд чун хишти хому тоза аст ва ҳар чӣ ба рӯяш афтад, тағйири шакл мекунад ва ба ҳамон шакл хушк мегардад ва дар деворсозӣ нақши лозимаро бозӣ карда наметавонад.

***ХУДОБАХШ***
***29.09.2013с.***

## Дарси хубе аз падар

Падаре мехоҳад фарзандашро ба китобхонӣ одат кунонад. Аз ин хотир, ба духтараш китоберо дода фармуд:

- Духтарам! Агар ин китобро бихонӣ, бароят 5 сомонӣ медиҳам.

Пешниҳод барои фарзанд хуш омад. Кӯдак китобхониро дӯст намедошт. Аз ин хотир, китобро нахонд. Аз модараш, ки қаблан китобро хонда буд, хоҳиши муҳтавои китобро намуд. Модараш нақл кард. Фарзанд баъди чанд рӯз назди падар омад ва гуфт:

- Падар китобро хондам.

Падар хоҳиш кард, ки каме нақл кунад. Фарзанд ҳам нақл кард. Фарзанд ҳадяи китобхониро талаб кард. Падар гуфт:

- Ту ин китобро нахондӣ. Маро фиреб мекунӣ. Агар китобро мехондӣ, ман даруни китоб панҷ сомонӣ гузошта будам.

*** Дар ҳоли ҳозир мардум аз меъёр зиёд барои мухтасари китоб рӯ ба интернет мениҳанд. Намегӯям, ки интернет бад аст, аммо дар хониши китоб инсонро танбал месозад. Ҳол он ки кайфияти хониши китоб дигар аст. Ҷаҳонбиниро васеъ мегардонад. Падарону модарон кӯшиш кунанд, ки соате дар даст китоб гиранду бихонанд ва ин беҳтарин таблиғи китобхонӣ барои фарзандон аст.

***ХУДОБАХШ***
***04.08.2013с.***

## Дарси ҳаёт

Рӯзе профессор бо баъзе лавозимот ба дарс ворид мешавад. Баъди салом додан як зарфи шишагини калонро болои миз мегузорад. Даруни зарфро пур аз тубчаҳои тенис (тениси рӯи миз) мекунад. Баъдан ба толибилмон суол мекунад:

- Оё зарф пур аст?

Толибилмон ҷавоб медиҳанд:

- Бале, пур шуд.

Ин маротиб профессор, аз халтачае порчаҳои сангро гирифта, ба зарф пур мекунад. Сангчаҳо дар миёни тупчаҳои тенис ҷогирифтан мегирад. Баъдан боз ба толибилмон суол мекунад, ки;

- Оё зарф пур аст?

Толибилмон ҷавоб медиҳанд:

- Бале, пур шуд.

Ин маротиб бошад, профессор аз халтачаи дигар қумро бароварда, ба зарф мерезад.

Баъдан боз ба толибилмон суол мекунад, ки;

- Оё зарф пур аст?

Толибилмон ҷавоб медиҳанд:

- Бале, пур шуд.

Аммо ин маротиб бошад, профессор пиёлаи чойро гирифта, ба зарф мерезад. Толибилмон ҳама табассум мекунанд. Профессор натиҷаҳои корашро чунин шарҳ медиҳад:

- Зарфи калоне, ки дохилаш тупчаҳо, пораҳои санг, қум ва об андохтам, ҳаёти шумо аст.

Тупчаҳои тенис: чизҳое мебошанд, ки дар ҳаётатон

хело муҳиманд; волидайнатон, оилаатон, фарзандонатон, саломатиатон, дӯстонатон. Ҳама молу мулкатонро аз даст диҳед ҳам, ҳамин зикркардаҳоям бароятон кифоя аст.

Пораҳои санг: чизҳое мебошанд, ки барои шумо на он қадар муҳиманд: кору хонаву дару мошин. Умуман, моле, ки нархаш баланд асту аммо арзишаш кам.

Қум, чизҳои майда, чуйда мебошад.

Агар аз аввал даруни зарфи калон қумро мерехтам, ба сангу тупчаҳои тенис ҷо намешуд. Дар ҳаётамон ин иқдом хело нақши хубе дорад. Вақту қувватро ба корҳои майда, чуйда набояд сарф кард, вагарна исроф мегардад, зеро ба корҳои муҳим вақт намерасад. Таваҷҷуҳатонро зиёдтар ба корҳои муҳимтарин бояд равона кунед: ҳифзи саломатӣ, суҳбат бо волидайну эҳтиром кардани эшон, ба аҳли оила (зану фарзанд) вақт гузаронидан.

Дар ин асно, яке аз толибилмон аз ҷо бархеста, суол мекунад:

- Пиёлаи чой чӣ нақш бозӣ мекунад?

Профессор табассум карда, ҷавоб медиҳад:

- Ман ҳам интизори ҳамин суол будам. Ҳаётатон чӣ қадаре, ки пур аз машғулият бошад ҳам, баҳри нишастан бо дӯстон ва нӯшидани як пиёла чой, ҳатман вақту маконе дорад.

*** Дӯст на онеро меноманд, ки вақти бемакон монданаш паҳлӯи ту бошад, балки дӯст онест, ки барои рафтан маконҳои зиёд дорад, аммо паҳлӯи ту қомат рост мекунад.

Баъзан дӯстонро зиёрат мекунӣ, аммо онҳо сабаби зиёрат карданашонро дар он мебинанд, ки вақташон нест.

Аммо ба онҳо мегӯям, ки чӣ гуна, ки шумо кор доред, мо ҳам кор дорем. Боз барояшон гуфтанӣ ҳастам, ки як шабонарӯзи мо ҳам 24 соат аст, аз шумо ҳам. Муҳим хостан асту чора ёфтан, на ин ки баҳона ҷустан. Каме кибру ғурурро як тараф гузошта, дӯстони давраи кӯдакиро низ зиёрат ва ҳатто кӯмак бояд кард.

***ХУДОБАХШ***
***05.07.2015с.***

## Дарси Ҳасани Басрӣ

Шахсе назди Ҳасани Басрӣ омад ва гуфт:

- Бисёр касон ба Шумо саволҳо медиҳанду ҷавобҳо ва илмҳои фоидаовар мегиранд, аммо дар берун дар ҳаққи Шумо суханҳои хуб намегӯянд.

Ҳасани Басрӣ:

- Ман танҳо баъзе аз чизҳое, ки дигарон намедонанд, ба ҳамон ҷавоб медиҳам. Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) бисёр неъматҳо додааст, аммо бандаҳое ёфт мешавад, ки нисбати Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) шикоят мекунанд. Мо, ки танҳо бандаему халос, албатта, аз пушти мо суханҳо хоҳанд гуфт.

*** Албатта, ҳар шахсе, ки муваффақ аст, дар ҳаққи ӯ суханҳои паст мегӯянд. Сухане касе набояд туро озурда созад, баръакс, кӯшиш кун, то суханҳое, ки дар ҳаққат мегӯянду мешунавӣ, чун доруи нерӯдиҳанда бидон. Муваффақиятатро танҳо шахсе қадрдонӣ мекунад, ки туро аз барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) дӯсту эҳтиром мекунанд.

***ХУДОБАХШ***
***20.08.2011с.***

## Дарси ҳикмат аз ҳазрати Яъқуб (а.с.)

Ба ҳазрати Яъқуб (а.с.) суол карданд:

- Бӯи куртаи аз Миср овардашударо ҳис кардӣ, аммо чоҳи Канъонро, ки Юсуф (а.с.) он ҷо буд ва ба ту ҳам наздик буд, ҳис накардӣ?

Ҳазрати Яъқуб (а.с.) ҷавоб дод:

- Ҳолати мо ба мисли раъду барқ аст. Баъзан менамояд ва баъзан пинҳон мегардад. Баъзан дар мартабаи боло нишаста, ҳама тарафро мебинем. Баъзан болои пойи худро намебинем.

*** Тақдир, ки сухан бикунад, башар хомӯш меистад. Парда бардошта шавад, дурӣ ҳам дида мешавад ва агар парда поён карда шавад, пас, пеши пойи худро дида наметавонӣ.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Дарси ҳуқуқи инсон аз нигоҳи дини Ислом

Соли 17-и ҳиҷрӣ халифа ҳазрати Умар (р.а.) аз сабаби зиёраткунандаҳои зиёди масҷиди Набавӣ, хост масҷидро васеъ кунад. Аз ин лиҳоз, заминҳои назди Мазори Саодатро харидор мешавад.

Ба соҳибони замин чунин пешниҳод намуд:

- Хона ва заминҳоятонро барои васеъ кардани Масҷиди Набавӣ харидорӣ кардан мехоҳам. Касе фикри онро накунад, ки аз қиматаш арзон мегирам. Соҳиби хона ва замин нархи хостаашро бигӯяд ва ман мехарам. Хона ва замини касе маҷбур гирифта намешавад.

Ҳама розӣ мешаванд, ба ҷуз ҳазрати Аббос. Ҳазрати Аббос мегӯяд:

- Барои масҷид ҳам бошад, заминамро фурухтанӣ нестам.

Халифа таклифашро дубора ба ҳазрати Аббос мегӯяд:

-Ё Аббос! Ман замини туро арзон намегирам. Ман ҳам раво намебинам, ки заминеро маҷбурӣ барои Масҷиди Набавӣ истифода кунем. Агар зиёдтар хоҳӣ, ман мехарам. Масҷид калон шавад ва мардум бароҳат зиёрат кунанду намоз гузоранд.

Ҳазрати Аббос мефармояд:

- Моли ман аст, қимати зиёд ҳам диҳед, фурӯхтан намехоҳам. Агар маҷбурӣ гиред, пас, он масъалаи дигар аст.

Халифа масъаларо ба додгоҳ кашид. Ҳоким (қозӣ) Убайд бинни Каъб буд.

Халифа ҳазрати Умар (р.а.) гуфт:

- Мо барои васеъ кардани Масҷиди Набавӣ замин

ва хонаҳои атрофи онро харидорӣ дорем. Ҳазрати Аббос (р.а.) таклифи моро қабул надорад.

Ҷавоби ҳазрати Аббос (р.а.):

- Замин моли ман бошад, ман соҳиби он бошам, чи қадар маблағе, ки диҳед, фурӯхтан намехоҳам. Касе замини маро аз ман маҷбурӣ на харидорӣ карда метавонад на соҳибӣ.

Қарори ҳоким:

- Мувофиқи ҳуқуқи Ислом, касе мулки касеро тариқи маблағ ҳам бошад, маҷбурӣ соҳиб шуда наметавонад. Барои масҷид ҳам бошад, ҳаққи зуран соҳиб шуданро надорад. Мулки Аббос дар Аббос меистад ва ҳукумат онро маҷбур гирифта наметавонад.

Муорифа ба итмом мерасад. Ҳама толорро тарк мекунанд. Дар ин асно, Аббос сухан мекунад:

- Ё Убайд! Мурофиа ба итмом расид ва қарор тасдиқ шуд?

Убайд мегӯяд:

- Бале суд ба итмом расид ва қарор тасдиқ шуд. Касе маблағи калон ҳам диҳад, моли туро маҷбурӣ соҳиб шуда наметавонад.

Ҳазрати Аббос (р.а.) мефармояд:

- Ин хел бошад, ба ман гӯш диҳед. Дар ин ҷо ошкоро мегӯям, ки заминро барои Масҷиди Набавӣ ҳадя мекунам ва мулк аз ин пас, моли халифа аст.

Убайд мегӯяд:

- Ё Аббос! Чаро чунин рафтор кардӣ? Дар аввал бо нархи гарон ҳам нахостӣ ва ҳозир муфт тақдимаш намудӣ?

Ҳазрати Аббос (р.а.) посух медиҳад:

- Хостам ба оламиён исбот намоям, ки Ислом ба ҳуқуқи инсон эҳтироми воло дорад.

*** Агар аз фарди мусулмоне ноҳаққие дидед, аз худи ӯ бишуморед, на ин ки аз Ислом. Ислом ба зоти худ нуқсоние надорад. Пас, фикр кунем, ки агар нисбати ғайримусулмоне рафтори ғайримусулмонӣ кунем ва он фард нисбати Ислом сардӣ ҳис кунад, он вақт рӯзи қиёмат чи ҷавобе хоҳем дод? Дар зиндагӣ андеша кун, то дар қиёмат пушаймон нагардӣ, зеро пушаймонии бузург дар қиёмат аст. Ахлоқи исломӣ бар рӯҳи инсон нерӯ мебахшад. Инсони нерӯманд ҳам ба худ ва ҳам ба дигарон хайр аст.

***ХУДОБАХШ***
***03.03.2012.с***

## Дарси ҳолиб

Шахсе барои ёфтани ҷойи кор ба ширкати «Микрософт» меравад. Ҷойи кор- тоза кардани ҳоҷатхона. Бо масъули ширкат вомехӯрад. Масъул мегӯяд:

- Нишонаи электрониятро (е-майл) ба мо бинавис, мо ба шумо ҷадвали кориро равон мекунем.

Мард мегӯяд:

- Ман компютер надорам ва нишонаи электронӣ истифода намебарам.

Масъул мегӯяд:

- Бубахшед. Модоме, ки нишонаи электронӣ надошта бошед, ба маънои маҷозӣ мавҷуд буданатонро ҳисоб намекунем.

Мард ноилоҷ меравад. Дар фикри кори навбатӣ мешавад. Дар ҷайбаш 10 доллар дорад. Онро гирифта, 20 киллогелосмехарад.Дарбадармегардадугелосмефурӯшад ва дар миёни ду соат тамом мекунад. Маблагаш 20 доллар мешавад. Ба ин кор чунон дил мебандад ва ғайрат мекунад, ки рӯз то рӯз сармояаш зиёдтар мегардад. Дар муддати кӯтоҳ мошини кӯчаки боркаш харидорӣ мекунад. Баъд аз панҷ сол соҳиби яке аз ширкатҳо нақлиётии номдор мегардад. Ояндаи оилаашро фикр кардан мехоҳад, барои сабт ба ширкати суғурта меравад.

Масъули ширкати суғурта нишонаи электронӣ хоҳиш мекунад.

Мард мегӯяд;

- Ман нишонаи электронӣ надорам.

Масъул мегӯяд:

- Хело аҷиб. Нишонаи электронӣ надоред, аммо ширкати бузургеро соҳиб ҳастед. Агар нишонаи электронӣ

медоштед, чӣ корҳое анҷом медодед.

Мард ҷавоб медиҳад:

- Агар нишонаи электронӣ медоштам, ҳоло дар ширкати «Микрософт» ҳоҷатхона тоза мекардам.

*** Баъзан надоштан барои мо неъмат аст, зеро ба мо дарки фикррониро мебахшад. Ҳар кас новобаста аз доро ва ё фақир буданаш, ба худ дунёе дорад, ки худро хушбахт ҳис мекунад. Муҳим он аст, ки дунёи хушбахтияшро кашф намояд.

***ХУДОБАХШ***
***28.07.2013с.***

## Дарси шукр аз Билоли Ҳабашӣ (р.а.)

Билоли Ҳабашӣ дар як гӯшаи масҷид нишаста, тафаккур мекард. Дар олами ӯ чи рӯх медод, касе намедонист, аммо лаҳза ба лаҳза Аллоҳ, Аллоҳ гӯфта, фарёд мезад. Аз ӯ каме дуртар ҳазрати Умар (р.а.) буд, ки шоҳиди ҳол гашта, назди Расулуллоҳ (са.с.) меравад ва арз мекунад:

Ё Расулуллоҳ (с.а.с)! Билол дар масҷид моро нороҳат мекунад. Лаҳза ба лаҳза Аллоҳ, Аллоҳ гуфта дод мезанад.

Расулуллоҳ (с.а.с) мегӯяд:

- Сабаби ҳолашро пурсидӣ?

Ҳазрати Умар (р.а.) ҷавоб медиҳад:

- Не.

Пас, Расулуллоҳ (с.а.с) фармуданд, ки Билолро наздаш бихонад. Ҳазрати Билол (р.а.)-ро назди Расулуллоҳ (с.а.с) хонданд. Расули Худо (с.а.с) сабаби ҳолро пурсид. Ҳазрати Билоли Ҳабашӣ (р.а.) ҷавоб дод:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с)! Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳама чи ба Ту (с.а.с) додааст, аммо ба ту як чиро нadодааст ва он ҳам бошад, ҳидоят кардан аст. Фикри онро мекунам, ки агар Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дастури ҳидоят карданро ба Ту (са.с.) медод, аввал ба хешу табори худ, ба бузургони Макка, ба хонадони Ҳошимиҳо мебахшидӣ ва кӣ медонад навбат ба мани ғуломи Ҳабаш мерасид ё не. Ҳаминро тафаккур мекунам ва аз худ мегардаму Аллоҳ, Аллоҳ гуфта, дод мезанам. Агар аз ин амалам нороҳат шуда бошӣ, эй бародарам Умар (р.а.), маро бубахш.

*** Магар моро лозим намеояд, ки чун Билоли Ҳабашӣ (р.а.) тафаккур кунему зикри Аллоҳу Аллоҳ

бикунем.

Магар аз ин тоҷи ҳидоят, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар мо насиб кардааст, бохабар ҳастем ва шукргузорӣ мекунем?

Мо бо имон саодатмандем. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз фалокати беимонӣ нигоҳ дорад.

***ХУДОБАХШ***
***08.04.2012с.***

## Даъват ба наҷот

Рабӣ бинни Ҳайсам дар пиронсолӣ фалаҷ шуда буд, аммо бо кӯмаки ду нафар ба масҷид меомад. Дӯстон аҳволи вазнини ӯро дида, чунин гуфтанд:

- Эй Рабӣ! Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ба ту иҷозат додааст. Намозатро дар хона адо намо. Азобу машаққат макаш.

Рабӣ ҷавоб дод:

- Гуфтаи шумо дуруст аст. Муаззин (азонгӯ) ҳар вақте ки «ҳая алалфалоҳ – бишитобед ба сӯи наҷот» мегӯяд, ман ҳам худро ба наҷот ҳавола медиҳам. Агар касе аз шуморо бигӯянд, ки ба наҷот бишитоб, магар ба зонӯ ҳам бошад, шитоб намекунад?

*** Модоме, ки намоз сабаби наҷотбахшии мо аст, пас, ҳеҷ баҳонае монеъаи он намегардад.

Ба ҳамаи кор вақт ёфта метавонем, аммо барои Зоте, ки вақтамон медиҳад, вақт надорем, магар?

***ХУДОБАХШ***
***01.06.2013с.***

## Дигар дуое намедонӣ

Шахсе дар дари Ҳарами Шариф танҳо як дуое мекард:

- Эй Худое, ки ростравонро мадад мекунӣ ва онҳоеро, ки аз ҳаром дӯрӣ меҷӯянд, ҳифз мекунӣ.

Аз ӯ суол карданд:

- Магар дуои дигаре намедонӣ?

Мард:

- Дар аснои тавофи Хонаи Шариф поям ба чизе даррасид ва хам шудаму гирифтам. Халтае бо 1000 танга тилло. Шайтону имонам ба ҳам ҷангиданд. Шайтонам мегуфт, ки ҳазор танга тилло тамоми камбудиҳоятро бартараф мекунад. Имонам мегуфт, ки ҳаром аст беҳуда пинҳон макун. Соҳибашро дарёбу амонатро деҳ. Дар аснои ин муҷодалла овозе шунидам:

- Дар ин ҷо халтаамро гум кардам, ки 1000 танга тилло дошт ва ҳар касе, ки онро ёбад 30 танга тилло муждааш медиҳам.

Худ ба худ гуфтам, ки аз ҳазор тангаи ҳаром си тангаи ҳалол беҳтар аст. Амонатро ба соҳибаш додам. Ӯ маро 30 танга тилло дод. Дар ин асно дидам, ки арабе ғуломашро бо ҳамон қиммат мефурӯшад. Ман ғуломро харидам. Баъд аз муддате як гурӯҳ арабҳо омада байни худ суханронӣ намуданд. Суханронияшонро пурсон шудам. Ғулом гуфт:

- Ман писари султони Мағрибам, падарам бо молики Ҳабаш ҷанг оғоз карду бохт. Маро асир гирифтанду ба инҳо фурӯхтанд. Падарам ба инҳо панҷоҳ ҳазор танга тилло додаанд, то маро харида ба наздаш бибаранд. Маро чун фарзанди худ нигоҳ кардӣ ва ман аз ту розӣ ҳастам. Онҳо маро харидорӣ мекунанд ва ту ҳам аз панҷоҳ ҳазор

танга тилло кам нафурӯш.

Тибқи гуфтаи ӯ ба панҷоҳ ҳазор танга тилло вайро фурӯхтам. Бо ин сармоя моли зиёде харида ба Бағдод рафтам. Дуконе кушодаму молҳоямро мефурӯхтам. Шиносе наздам омад ва гуфт:

- Як дӯсти тоҷирам вафот кард. Духтари ба мисли моҳаш танҳо монд. Биё бо он кас издивоҷ кун.

Ман ҳам қабул кардам. Духтар дар маҳраш табақҳо овард, ки ҳар кадоми он ҳазор танга тилло буд. Дар як табақаш нуҳсаду ҳафтод танга тилло дошт. Сабабашро пурсон шудам. Духтар ҷавоб дод:

- Падарам косаи зарашро дар Ҳарами Шариф гум карда буд. Як покдомане ӯро ёфту ба падарам дод ва падарам ба он кас сӣ танга тилло туҳфа кард. Барои ҳамин, дар ин табақ сӣ танга тилло кам аст.

Ҳодисаи аз сар гузарондаамро ба духтар нақл кардам. Баракати хубиро дидам.

*( Аз китоби Наводир Суҳайлӣ, саҳ. 280-281)*

*** Дурустӣ инсонро на танҳо дар дунё, ҳатто дар охират низ саодатманд мегардонад.

***ХУДОБАХШ***
***13.11.2011с.***

## Дигар куртае надорад

Бародараруси Умар бинни Абдулазиз, Мусаллама ном дошт. Рӯзе зиёрати халифа Умар бинни Абдулазиз намуд. Куртаи халифаро чиркин дид. Хоҳарашро сарзаниш кард ва гуфт:

- Куртаи амири мӯъминонро бишӯед.

Мусаллама баъди як рӯз боз ба хонаи хоҳараш омад ва куртаи халифаро дар ҳамон ҳол дид. Қаҳролуд шуда, ба сӯи хоҳараш садо баланд кард:

- Ба шумо нагуфтам, ки куртаро бишӯед.

Ҳамсари халифа чунин гуфт:

- Валлоҳ, ки куртаи дигар надорад, ки онро бипӯшаду инро бишӯям.

*** Дараҷаи шукр: қаноат аст, сарфакорӣ аст, ризогӣ аст, мамнун будан аст Саид Нурсӣ).

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Дин бо суннат бутун аст

Шахсе ба Имрон бинни Ҳусейн чунин мегӯяд:

- Ба мо танҳо аз Қуръон бигӯ.

Имрон бинни Ҳусейн мегӯяд:

- Дар Қуръон магар панҷ вақт фарз будани намозро мееёбӣ?

Ба чунин мисол ба ҳазрати Умар (р.а. ) гуфтанд:

- Дар Қуръони Карим ояте наёфтем, ки дар сафар чанд ракъат намоз адо бикунем.

Ҳазрати Умар (р.а.) гуфт:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барои мо ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.)-ро равон кардааст. Он чиро, ки дар Қуръон намебинем, чӣ гуна, ки Расулуллоҳ (с.а.с.) амал кардааст, ба ҳамон зайл амал мекунем. Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) дар сафар ба ҷойи чор ракъат, ду ракъат адо мекард. Мо ҳам чунин мекунем.

*** Худованди Мутаъол дар сураи «Ниссо» ояти 59 фармудааст:

يَا اَيُّهَا الَّذِينَ اٰمَنُوا اَطِيعُوا اللّٰهَ وَاَطِيعُوا الرَّسُولَ
وَاُولِى الْاَمْرِ مِنْكُمْ فَاِنْ تَنَازَعْتُمْ فِى شَىْءٍ فَرُدُّوهُ اِلَى اللّٰهِ
وَالرَّسُولِ اِنْ كُنْتُمْ تُؤْمِنُونَ بِاللّٰهِ وَالْيَوْمِ الْاٰخِرِ ذٰلِكَ خَيْرٌ
وَاَحْسَنُ تَاْوِيلًا

Эй касоне, ки имон овардед, Худоро итоат кунед ва ба Расул (с.а.с.) ва сардорони хеш фармон баред. Ва чун дар коре ихтилоф кардед, агар ба Худову рӯзи қиёмат имон доред, ба Худову паёмбар руҷӯъ кунед. Дар ин хайри шумост ва саранҷоме беҳтар дорад.

Пас, моро мебояд, ки Қуръону Суннатро ба оғӯш бигирем ва дар чаҳорчӯби он амал бикунем, то ин ки фикри ғайр дар миён пайдо нагардад. Бузургонамон

тафсири Қуръону ҳадис кардаанд ва бояд бихонему ибрат гирем. Ба хости худ набояд тафсири ояту ҳадис пардохт бикунем.

***ХУДОБАХШ***
***09.02.2013с.***

## Дини мубини Ислом

Ҳазрати Уфтода бо муридонаш ба як ҷои хушманзаре барои дарс баромаданд. Пас аз дарс ҳама ба тамошои чаман баромаданд ва ҳар яке бо дастаи гули тозаю хӯшбӯй шайхро хурсанд карданд, вале шогирде дар даст як буттаи шохшудаи гулеро овард. Дигар шогирдон ба ҳайрат назар карданд ва шайх пурсид:

- Ҳама гулҳои тару тоза оварданд, аммо сабаб чист, ки ту буттаи шохшудаи гулеро овардӣ?

Шогирд:

- Устодам! Ба ту ҳар чӣ ки тақдим кунам, кам аст, аммо ба кадом гуле, ки даст дароз кунам, зикри «Аллоҳ, Аллоҳ» мекунад. Дилам нашуд, то онҳоро аз ин зикр дур созам. Ноилоҷ ҳамин буттаи шохшудаи гулро овардам, зеро ин бутта дигар зикр карда наметавонад.

*** Пайравони содиқи ин дини мубораки Ислом, ҳатто барои тақдими устоди хеш наметавонад, ки буттаи гулеро беҷон кунанд, пас, чи гуна метавонад ҷони бандаеро озор диҳанд.

Дини Исломро дар он афроде, ки номи Ислом мегиранду ғарази зидди Ислом доранд, назар накунед. Онҳо танҳо аз номи Ислом сухан мегӯянду ҳадафашон мусулмононро доғдор кардан аст.

***ХУДОБАХШ***
***09.08.2011с.***

## Донистани Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) кофист

Амр бинни Абдуллоҳ Анбарӣ шахси бораҳме буд. Ба маъюбону дармондагон ва ашхосе, ки ноқисулақл буданд, зиёфат меорост. Мардум ба ӯ гуфтанд:

- Инҳо аз зиёфат чӣ мефаҳманд?

Амр бинни Абдуллоҳ Анбарӣ ҷавоб дод:

- Инҳо надонанд ҳам, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) намедонад магар? Дидан ва донистани Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барои ман кофӣ аст.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Доногии моҳигир

Моҳигире моҳии мақбуле меқапад. Моҳигир мехоҳад, ки моҳии доштаашро ба шоҳ тақдим намояд. Роҳ сӯи қасри шоҳ мекунад. Дар ин асно шоҳ низ ба берун назар дорад. Моҳигирро мебинад, ки бо азобу машаққате қадамзанон омада истодааст ва ба муҳофизон дастур медиҳад, то моҳигирро наздашон биёранд. Шоҳ ба моҳигир чиҳил танга тилло мебахшад ва моҳигир хурсандона аз дар мебарояд. Зани шоҳ, ки каме дуртар ҳолатро назорат мекард, ба шоҳ гуфт: Чаро ба моҳигир ин қадар тангаи тилло бахшидӣ?

Дар саҳни қаср аз дасти моҳигир як танга тилло меафтад. Хам шуда, тангаи тиллоро мегираду бӯса мекунад. Ҳамсари шоҳ ин ҳолатро мебинад ва ба шоҳ мегӯяд:

- Ӯ талбанда аст. Чаро ба ӯ ин қадар тангаи тилло бахшидӣ? Тангаи ба замин афтидаро бӯса кард.

Шоҳ моҳигирро чеѓ мезанад ва мегӯяд:

- Мо ба ту ин қадар тангаи тилло додем. Як танга тилло чӣ аст, ки хам шуда гирифтӣ ва бӯса кардӣ.

Моҳигир гуфт:

- Ман аз ҳисси гурусначашмӣ тангаро аз замин нагирифтам, балки ба хотире гирифтам, ки дар он танга расми шумо аст. Ман худамро сарзаниш кардам, ки чаро тангаро афтондам ва ба хотири эҳтиром онро бардоштаму бӯса кардам.

Шоҳ аз ин сухан хушаш меояд ва ба моҳигир чил тангаи тиллои дигар медиҳад. Моҳигир бо хушӣ аз қаср мебарояд.

Ҳамсари шоҳ боз ба ғазаб меояд ва мегӯяд, ки барои

як моҳи ҳаштод танга тилло додан кори оқил нест.

Шоҳ ҷавоб медиҳад, ки:

- Кори шудагӣ шуд. Дубора гирифтан аз рӯи одоб нест.

Ҳамсари шоҳ ба шоҳ мегӯяд, ки;

- Моҳигирро даъват бикун ва бигӯ, ки моҳи нарина аст ё модина? Агар нарина гӯяд, пас бигӯ, ки ба ман модина лозим. Ва агар модина гӯяд, пас бигӯ, ки ба ман нарина лозим.

Шоҳ боз моҳигирро даъват мекунад ва суолро чун хости ҳамсараш медиҳад:

Моҳигир мегӯяд, ки:

- Ин моҳи на нарина ҳасту на модина, балки хунсо (на нарина буданаш ва на модина буданаш маълум нест) аст.

Шоҳ аз ҷавоби моҳигир хушаш меояд ва боз чил тангаи тилло медиҳад. Шох ба ҳамсараш нигариста, мегӯяд:

- Дигар суханатро гӯш намекунам, зеро барои як моҳӣ як саду бист танга тилло бахшидам.

*** Пеш аз оне, ки қадам мегузорӣ, ҷойи қадами мондаатро бидон, то ин ки наафтӣ.

Фалсафа ба худамон суол карданро меомӯзонад (Ҷевдет Андай).

***ХУДОБАХШ***
***01.11.2015с.***

## Доротарин марди водӣ

Дар яке аз водиҳо марди мутакаббире бо номи Шака зиндагӣ мекард. Дар заминҳояш бо аспаш сайр мекарду бо ғурур садо баланд мекард, ки ин ҳама замини ман аст. Рӯзе аз рӯзҳо Шака дар зери дарахте Шокир ном мардеро мебинад, ки пас аз тановули хӯрок даст ба дуо бардошта, дуо мекард. Шака то ба наздикии Шокир меояд, аммо Шокир хабардор намешавад. Баъди лаҳзае Шакаро мебинад ва мегӯяд?

- Бубахшед, омаданатро нафаҳмидам. Бар неъматҳое, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) додааст, шукр карда истода будам.

Шака дар дастархони Шокир пораи нонеро дида, гуфт:

- Агар ин хӯроки ман мебуд, ман шукр намекардам.

Шокир бо хоксорӣ гуфт:

- Охир барои сер кардани шиками ман басанда кард. Муносиб шуд, ки имрӯз бо шумо рӯ ба рӯ шудам. Дишаб хоби аҷибе дидам.

Шака бо кибр хобашро пурсон шуд ва Шокир ҷавоб дод:

- Майдони пур аз гулҳои зебо буд ва садое шунидам. «Имшаб доротарин марди водӣ вафот мекунад».

Шака:

- Ин танҳо як хоб аст. Суханҳои беҳуда аст.

Шака дар роҳ дар фикр фурӯ рафт. Доротарин марди водӣ ман ҳастам, лекин ин суханхо беҳуда аст ва набояд фикраш кард. Худашро хуб ҳис намекард. Баъдтар тоқате накарду табиби деҳаро наздаш хонд. Хоби Шокирро барояш нақл кард.

Табиб Шакаро ташхис кард ва гуфт:

- Вазъи саломатияш хело хуб аст. Имшаб мурданат номумкин аст.

Табиб кифташро ҷамъ мекард, ки шахсе вориди хона шуд ва гуфт:

- Табиб, табиб! Зуд бо ман биё. Шокир! Шокири мо! Дар хобаш вафот кардааст.

*** Доро на онест, ки моли зиёд дорад, балки шахсест, ки қаноат дорад. Бисёр касон дорои моли зиёданд, аммо ҳаёт ва ҳисси фақирӣ доранд.

Аз Мавлоно суол карданд:

Фарқи салтанати подшоҳ аз салтанати ту дар чист?

Мавлоно ҷавоб дод:

Салтанати подшоҳ вақти вафоти подшоҳ ба итмом мерасад, аммо салтанати мо пас аз вафот оғоз меёбад.

***ХУДОБАХШ***
***27.01.2013с.***

## Ду чизе, ки инсонро ҳалок мекунад

Ба Шақиқи Балхӣ суол карданд:

- Инсонро чӣ ҳалок мекунад?

Шақиқи Балхӣ ҷавоб дод:

- Инсонро ду чиз ҳалок мекунад; тавба мекунам, гуфта гуноҳ мекунанд, баъдтар тавба мекунам, гуфта дер тавба мекунанд.

*** Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

Агар фардо гуноҳи қаблан кардаатро такрор карданӣ бошӣ ҳам, тавба бикун. Шояд марг даратро тақ-тақ мекунад ва ҳеҷ набошад, дар дафтари аъмолат як тавбае сабт бошад.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Дуздӣ

Дузде вориди боғе мешавад. Болои дарахти сермевае мебарояд, аммо дасташ ба меваҳои беҳтарин намерасад. Навдаҳои дарахтро меларзонад, то ин ки меваҳои биафтанд. Соҳиби боғ аз дур мебинад, ки навдаҳои дарахт ҳаракат доранд. Назди дарахт меравад ва тарафи дузд мегӯяд:

- Эй нодон! Ту кӣ ҳастӣ ва чӣ кор карда истодаӣ? Аз Худо (ҷ.ҷ.) наметарсӣ? Ҳамаи меваҳоро ба замин афтондӣ. Меваҳои боғро ифлос кардӣ.

Дузд худро чун соҳиби мол тасаввур карда, чунин мегӯед:

- Эй одам! Чӣ ин қадар доду фиғон мекунӣ? Бандаи Аллоҳ (ҷ.ҷ.) аз боғи Аллоҳ (ҷ.ҷ.) мева бихурад, ин гуноҳ аст магар?

Соҳиби боғ:

- Аз дарахт фаро, суҳбат бикунем.

Дузд аз дарахт мефарояд ва соҳиби боғ дасту пои дуздро мебандад. Хизматгорашро ҷеғ мезанад ва мегӯяд:

- Ин чӯбро гиру ахмақро бизан.

Хизматгор мезанаду дузд доду фиғон мебардорад ва мегӯяд:

- Хоҳиш мекунам, назанед. Аз Аллоҳ (ҷ.ҷ.) битарсед.

Соҳиби боғ:

- Чаро доду фиғон мебардорӣ? Чуб аз Аллоҳ (ҷ.ҷ.), зананда ҳам бандаи Аллоҳ (ҷ.ҷ.) аст ва яке аз амрҳои Аллоҳро ба ҷо меорад, пас гуноҳи ин чист?

*** Инсон барои эҳтиёҷ ва гурусна буданаш дуздӣ намекунад, балки барои дузд буданаш дуздӣ мекунад.

Ягон шароит сабаби амали бад кардан намешавад ва чун узр эътироф намегардад. Барои раҳоӣ ёфтан аз шароити бад, роҳи ҳалолро бояд ҷуст.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Мумтаҳина», ояти 12 фармудааст:

يَا اَيُّهَا النَّبِىُّ اِذَا جَاءَكَ الْمُؤْمِنَاتُ يُبَايِعْنَكَ عَلٰى اَنْ لَا
يُشْرِكْنَ بِاللّٰهِ شَيْپًا وَلَا يَسْرِقْنَ وَلَا يَزْنِينَ وَلَا يَقْتُلْنَ اَوْلَادَهُنَّ وَلَا
يَاْتِينَ بِبُهْتَانٍ يَفْتَرِينَهُ بَيْنَ اَيْدِيهِنَّ وَاَرْجُلِهِنَّ وَلَا يَعْصِينَكَ فِى
مَعْرُوفٍ فَبَايِعْهُنَّ وَاسْتَغْفِرْ لَهُنَّ اللّٰهَ اِنَّ اللّٰهَ غَفُورٌ رَحِيمٌ

Эй паёмбар, агар занони мӯъмин назди ту омаданд, то аҳду паймон кунанд, ба ин шарт, ки ҳеҷ касро бо Худо шарик накунанд ва дуздӣ накунанд ва зино накунанд ва фарзандони худро накушанд ва фарзандеро, ки аз они шавҳарашон нест, ба дурӯғ ба ӯ нисбат надиҳанд ва дар корҳои нек нофармонии ту накунанд, бо онҳо байат кун ва барояшон аз Худо бахшоиш бихоҳ, ки Худо бахшояндаву меҳрубон аст!».

***ХУДОБАХШ***
***17.03.2013с.***

## Дунё як роҳ аст

Фарзанди ҳазрати Сулаймон (а.с.) вафот кард. Ҳазрати Сулаймон (а.с.) бисёр ғамгин гашт. Ду малоик ба сурати инсон барои дарс додан ба ҳазрати Сулаймон (а.) аз якдигар шикоят намуданд. Яке аз малоик даъво кард:

- Ин мард бо тӯдаи гусфандҳояш замини ғаллаи маро зер кард. Ман аз ӯ шикоят дорам.

Дигар малак гуфт:

- Ман бо тӯдаи гусфандон мерафтам. Аз пешам замини кишт баромад. Ин мард ҳам, дар гузаргоҳи мардум кишт кардааст. Маҷбур мондам, ки бигзарам.

Ҳазрати Сулаймон (а.с.) ба марди киштдор гуфт:

- Ту медонистӣ, ки аз ин роҳ мардум гузар мекунанд? Барои чӣ он ҷо кишт кардӣ?

Марди даъвогар:

- Ту ҳам медонӣ, ки дунё роҳест, ки барои гузаштан ба охират? Албатта ҳар нафаре, ки ба охират сафар мекунад, ҳатман аз ин роҳ мегузарад. Барои чӣ ба марги фарзандат ин қадар ғам мехӯрӣ?

Ҳазрати Сулаймон (а.с.) аз ин дарсашро гирифт ва аз дардаш танҳо ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) паноҳ бурд. Бо сабр кардан шурӯъ намуд.

*** Марг барои инсон чун дарест ҷиҳати гузашан аз дунё ба охират. Алббата, дили ҳар як одам ба марги наздиконаш месӯзад. Муҳим шикоят накардан аст ва инчунин рафторе набояд кард, ки маънои шикоят ва ширкро бидиҳад. Мурдаҳо аз зиндаҳо танҳо дуо мехоҳанд.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

**Дунёро бо чашми ибрат нигаристан**

Гурӯҳе аз Ҳотами Асам пурсиданд:

- Шахсе аз мо, кай ва чӣ хел аз зумраи онҳое мегардад, ки дунёро ба чашми ибрат назар намояд?

Ҳотами Асам фармуд:

- Инро ҳамон вақте дарк мекунед, ки ҳар он чӣ, ки дар дунё аст, дар охир хароб мегардад ва ҳама кас ба хок меравад.

Шахсе, ки аз хонааш ва ё наздикаш тобуташ мегузараду ибрат намегирад, ба ӯ на илм, на ҳикмат ва на ваъзу насиҳат фоида намекунад.

*** Чӣ қадаре ки барои дунё ғамгин гардем, ҳамон қадар муҳаббати охират кам мегардад. Чӣ қадаре, ки барои охиратамон ғамгин гардем, ҳамон қадар дарди дунё аз қалб берун мегардад (Молик бинни Динор)

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Дуо ҳамон дуо, аммо даҳон дигар

Муҳйиддини Арабӣ нақл мекунад:

Фақире назди ҳазрати Алӣ (р.а.) меояду аз аҳволи вазнини кӯдакҳояш сухан мекунад.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) як мушт қум мегирад ва болои он дуо мехонад. Мушташро боз мекунад ва донаҳои қум ба тилло табдил ёфтааст. Онро ба фақир медиҳад ва мегӯяд, ки эҳтиёҷатро рӯйпӯш бикун.

Фақир ҳайрон мешавад ва аз ҳазрати Алӣ (р.а.) суол мекунад, ки;

- Ё Амиралмуъминин! Чи хондед, ки донаҳои қум ба тилло табдил ёфт?

- Ҳазрати Алӣ (р.а.):

- Ман сураи «Фотиҳа»-ро (Алҳамд) хондам.

Фақир як мушт қум мегирад ва сураи «Фотиҳа»-ро мехонаду мехонаду мехонад, аммо донаҳои қум табдил намеёбад. Аз ҳазрати Алӣ (р.а.) мепурсад:

- Ман ҳам хондам, аммо чизе тағйир наёфт. Донаҳои қум иваз нашуданд.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) ғамгинона чунин ҷавоб медиҳад:

- Дуо ҳамон дуо аст, лекин даҳон як даҳон нест. Дуоро пурра хондӣ, аммо ихлос ва таваҷҷуҳи хонанда пурра нест.

*** Қуръон шифо аст, аммо аз хонанда вобастагӣ дорад. Аз ихлос ва таваҷҷуҳи хонанда пайвандӣ дорад. Агар сарчашма оби тоза дошта бошад ҳам, аммо лула ифлос бошад, пас, об ба манзил ифлос мерасад. Қуръон бо қалб хонда мешавад ва бо даҳон мебарояд ва агар даҳон пок бошад, чи саодат ба хонанда ва чи саодат ба шунаванда. Агар ки лулаи қалбу даҳон пок набошад, пас

интизори хайр мабош. Лулаи миёни қалбу даҳон ихлос ва иртибот бо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст.

Чун Худо пок аст, покӣ даррасид,
Рахт барбандат, бурун ояд палид. *(Мавлонои Балхӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***15.01.2012с.***

## Дуои бародар ба бародар

Шайх Абулҳаҷҷоҷи Аксурӣ нақл мекунад:

- Ман бо бародари хурдам назди Шайх Искандарӣ рафтем. Кашфан маълумам гардид, ки мақоми ман аз шайхам болотар аст. Дарҳол дуо кардам:

- Худоё! Мақоми ӯро аз мақоми ман болотар бигардон.

*** Чунин аст, тарбия ва ба воя расонидан. Бародарон бояд барои муваффақиятҳои якдигар дуо бикунанд. Муваффақиятҳои якдигарро бо хушҳолӣ истиқбол намоянд.

***ХУДОБАХШ***
***09.06.2013с.***

## Дуои пиразан

Пиразане ҳар субҳ аз хона мебарояду назди дари хонааш бо садои баланд чунин дуо мекард:

- Худоё, ба неъматҳои додаат шукр мекунам.

Зане дар ҳамсоягияш буд, ки доимо бар муқобили дуои пиразан чунин мегуфт:

- Худо нест, Худо нест.

Пиразан қаҳролуд мешуд, аммо ҳар субҳ дуояшро мекард. Зани ҳамсоя ҳам бо садои баланд «Худо нест, Худо нест» гуфтан мегирад.

Зани ҳамсоя мехоҳад бо пиразан бозие кунад. Шаб ба назди дари пиразан халтаи мева, нон ва дигар маводи хӯрока мегузорад. Субҳ мешавад. Пиразан аз хона мебарояду халтаи хӯрокаро мебинад ва бо садои баланд дуо мекунад:

- Худоё ба неъматҳои додаат шукр мекунам.

Зани ҳамсоя аз пушти дарахт мебарояду мегӯяд:

- Худо нест, Худо нест. Халтаи хӯрокаро ман гирифта, ба ту овардам.

Пиразан мегӯяд:

- Худоё, ба неъматҳои ирсолкардаат шукр мегӯям. Чӣ қадар шукр бигӯям, ҳамон қадар кам аст. Ҳам неъматҳоро равон кардӣ ва ҳам пулашро бо шайтон пардохт кунондӣ.

***ХУДОБАХШ***
***02.11.2014с.***

## Дуои Ҳасан бинни Алӣ (р.а.)

Рӯзе Ҳасан бинни Алӣ (р.а.) чодари Каъбаро ба оғӯш гирифта чунин дуо мекард:

- Худоё! Ба ман неъмат эҳсон намудӣ, аммо маро чун бандаи шукргузор дарнаёфтӣ. Ба ман дард бидодӣ, аммо маро чун бандаи босабр дарнаёфтӣ. Новобаста аз шукр накарданам, неъмататро аз ман нагирифтӣ ва барои сабр накарданам шиддати дардро зиёда нагардондӣ.

Худоё! Аз соҳиби Карам ба ҷуз Карам чӣ интизор бишавам.

*** Худоё! Дар дуои Ҳасан бинни Алӣ (р.а.) моро ҳам шарик бигардон. Моро чун бандаи шокир ва собир бигардон.

***ХУДОБАХШ***
***09.06.2013с.***

## Дурустӣ

Аввалин шайхулисломи усмонӣ Мулло Фанорӣ қаблан қозии шаҳри Бурса буд. Дар давраи қозигияш чунин ҳодиса рӯх дода буд.

Шахсе аз бозор аспе мехарад. Баъд аз харидорӣ мефаҳмад, ки асп бемор аст. Хост аспро ба соҳибаш баргардонад, аммо фикр кард, ки соҳиби асп шояд қабул накунад ва аз ин хотир, қарор дод, ки иқдомро расмӣ анҷом диҳад. Ба сӯи бинои қозӣ рафт, аммо қозӣ (Мулло Фанорӣ) дар утоқаш набуд. Корашро ба фардо гузошт. Шаб асп бимурд. Субҳ аҳволро ба қозӣ нақл кард ва тавсия талаб намуд.

Мулло Фанорӣ чунин гуфт:

- Зарари туро ман ҷуброн мекунам.

Мард:

- Чаро ту ҷуброн мекунӣ? Ба мавзӯъ ягон рабте надорӣ.

Мулло Фанорӣ:

- Ба назар чунин менамояд, аммо гуноҳи ман бузург аст. Агар дирӯз дар омаданат ман дар утоқам мебудам. Корро таҳлил намуда, аспро ба соҳибаш бармегардонидам ва ту ҳам пулатро мегирифтӣ. Асп ҳам дар дасти соҳибаш мемурд. Ин имкон ҳоло вуҷуд надорад. Набудани ман дар утоқи корӣ, сабаби зарари ту шудааст, аз ин рӯ, зараратро ман ҷуброн мекунам.

*** Беҳтарин тарозӯ виҷдон аст. Ҳар кас масъулияти хешро бидонад ва фоидаю зарари додаашро таҳлил бикунад. Агар вазифаи ишғолнамуда ба ватану миллат хайр набошад, пас, машғул кардани вазифа ба ҷуз зоминї,

кори дигаре нест. Аммо вазифаи ишғолнамуда ба ватану миллат хайр бошад, чӣ саодатест, бар он банда.

Дар сураи «Исра» ояти 35 Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мефармояд:

وَاَوْفُوا الْكَيْلَ اِذَا كِلْتُمْ وَزِنُوا بِالْقِسْطَاسِ الْمُسْتَقِيمِ
ذٰلِكَ خَيْرٌ وَاَحْسَنُ تَاْوِيلًا

«Чун чизеро чен кунед, паймонаро комил гардонед ва бо тарозӯи дуруст вазн кунед, ки ин беҳтар ва саранҷомаш некӯтар аст».

- Ба шумо ростиву дурустӣ зеб дорад. Ростиву дурустӣ инсонро ба хубӣ, он ҳам ба ҷаннат гирифта мебарад. Инсон як маротиб худро ба дурустӣ диҳад, ба он роҳ равад, доимо дуруст мегӯяд ва дурустиро пайгирӣ мекунад. Бо ҳамин, дар назди Аллоҳ (ҷ.ҷ.) чун «содиқ» навишта мешавад (Бухорӣ, Адаб, 69; Муслим, Бирр, 105; Абӯдовуд, Адаб, 80).

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Дурустии Ҳабиби Аҷамӣ

Роҳбари золиме буд. Роҳбари золим барои дастгир кардани Ҳасани Басрӣ супорише дод. Ҳасани Басрӣ ба кулбаи шогирдаш Ҳабиби Аҷамӣ пинҳон шуд. Одамони роҳбари золим ба дари кулбаи Ҳабиби Аҷамӣ омаданд ва пурсиданд:

- Ҳасани Басриро дидед?

Ҳабиби Аҷамӣ:

- Бале, дидам.

Одамон:

- Дар куҷост?

Ҳабиби Аҷамӣ:

- Дар ҳамин кулба аст.

Одамон вориди кулба шуданд, аммо Ҳасани Басриро наёфтанд ва ба ба Ҳабиби Аҷамӣ таҳдид карданд, ки:

Ё Шайх! Чаро дурӯғ мегӯед?

Ҳабиби Аҷамӣ:

- Ман дурӯғ нагуфтам. Шумо, ки надидед, гуноҳи ман чист?

Вақте ки одамҳо рафтанд, Ҳасани Басрӣ ба Ҳабиби Аҷамӣ гуфт:

- Ё Ҳабиб! Медонам, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳурмати ту маро ба онҳо нишон надод, аммо чаро маконамро гуфтед. Магар ҳаққи устодӣ ҳамин аст?

Ҳабиби Аҷамӣ:

- Устодам! Наёфтани шумо аз ҳурмати ман набуд, балки аз ҳурмати ростгӯии ман буд. Албатта, ки медонед, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ростгӯён кӯмак мекунад. Агар дурӯғ мегуфтам, ҳам шуморо ва ҳам маро дастгир мекарданд.

*** Албатта, барои наҷоти мазлум аз дасти золим дурӯғ гуфтан ҷоиз аст, аммо агар ба мисли Ҳабиби Аҷамӣ бар тақдир таслим шуда бошем, пас, рост гуфтан афзал аст.

Ҳатто чӯби рост худро аз оташ наҷот медиҳад, зеро дастаи асбобе мешавад.

***ХУДОБАХШ***
***15.01.2012с.***

## Дӯстатро бо айбе маҳкум макун

Яҳё бинни Муоз нақл мекунад:

- Касеро бо айбаш маҳкум макун. Рӯзе дӯстамро барои гуноҳе маҳкум намудам ва ман ҳам 20 сол пас дар он гуноҳ дарафтодам.

*** Дар ҳама ҳолат дарс бигир ва худро ҳаргиз воло набин. Ба аҳволи дигаре маханд, то ки бар сарат наояд. Дуои онро бикунем, ки охири нафасамон ба хайр ояд.

Албатта, чӣ гуна кӣ зиндагӣ бикунӣ, ба ҳамон зайл мемирӣ ва чӣ гуна, ки бимирӣ ба ҳамон шаклу ҳолат ҳашр мегардӣ (маънои Ҳадис).

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Дӯстдорӣ дар Ислом

Абӯмуслими Хавлонӣ нақл мекунад:

- Дар Мадина ба масҷиди пайғомбар даромадам. 30-40 шахс ҷамъ шуданд. Дар миёнашон ҷавоне буд. Агар дар масъалае баҳс мешуду ба қароре намеомаданд, он гоҳ аз ҷавон суол мекарданд.

Ман аз як нафаре пурсидам:

Ин ҷавон кист?

Гуфтанд:

- Муоз бинни Ҷабал аст.

Фардои он рӯз, Муозро дар масҷид дидам ва гуфтамаш:

Нисбатат эҳтиром дорам.

Муоз гуфт:

-Чаро?

Гуфтам:

- Аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.).

Он вақт Муоз гуфт:

- Агар дуруст гуфта бошӣ, мужда бар ту бодо, зеро аз ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) шунида будам, ки фармудааст:

«Касоне, ки аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бо якдигар дӯст мешаванд, рӯзи қиёмат дар сояи Арш, дар минбари нуронӣ менишинанд».

*** Ҳазрати Умар (р.а.) фармудааст.

- Дӯстони самимӣ гиред, зеро дар рӯзҳои хуб шаъни дил ҳастанду дар рӯзҳои бад ёвари дил.

Боз фикри онро бояд кард, ки дӯстон дар ҳаққи

якдигар роҳнамоӣ ва дуоҳои хайр мекунанд, ки он ҳам сабаби наҷоти дунё ва охират мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***09.06.2013с.***

## Дӯстдорӣ нисбати ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.)

Пас аз фатҳи Макка дар миёни қабулкунандагони дини Ислом падари ҳазрати Абӯбакр (р.а.), Абӯкаҳҳофа низ буд. Солаш ба ҳаштод расида буд ва назди ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) калимаи шаҳодатро зикр намуд. Ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (р.а.) ашки чашм мерезонид. Ҳама дар ҳайрат монданд ва сабаби ашки чашмро пурсиданд. Абӯбакри Сиддиқ ҷавоб дод:

- Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) бисёр мехостанд, ки Абутолиб мусулмон шавад, аммо ин орзӯ амалӣ нагардид. Ман мехостам, ки ҳоло ба ҷойи падари ман, амаки Расулуллоҳ (с.а.с.), Абутолиб калимаи шаҳодат меовард. Аз оне, ки дили ман барои мусулмоншавии падарам шод мегардад, амаки Расулуллоҳ (с.а.с.), Абутолиб мусулмон мешуд ва дили Расулуллоҳ (с.а.с.) шод мегардид. Барои нашудани ин кор ашки чашм мерезонам.

*** Ин аст, сифати сиддиқӣ. Ин аст, хислати мусулмонӣ.

Он чӣ, ки ба худ мехоҳӣ, ба дигарон низ ҳамон бихоҳ. Он чӣ, ки ба худ намехоҳӣ, ба бародари мусулмонат низ махоҳ (маънои ҳадис).

Дуо мекунем, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) моро низ ба чунин савияи муҳаббат насиб гардонад.

***ХУДОБАХШ***
***06.01.2013с.***

**Дӯстдориҳо аз нигоҳи ҳазрати Фотима (р.а.)**

Рӯзе Расулуллоҳ (с.а.с.) ба ҳазрати Алӣ (р.а.) суол мекунад:

- Ё Алӣ! Аллоҳро дӯст медорӣ?

Ҳазрати Алӣ (р.а.) ҷавоб медиҳад:

- Бале, ё Расулуллоҳ (с.а.с.).

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Маро ҳам дӯст медорӣ?

Ҳазрати Алӣ (р.а.) ҷавоб медиҳад:

- Бале, ё Расулуллоҳ (с.а.с.).

Расулуллоҳ (с.а.с.) боз суол мекунад:

- Ҳамсаратро дӯст медорӣ?

Ҳазрати Алӣ (р.а.) ҷавоб медиҳад:

- Бале, ё Расулуллоҳ (с.а.с.).

Расулуллоҳ (с.а.с.) боз суол мекунад:

- Фарзандҳоятро дӯст медорӣ?

Ҳазрати Алӣ (р.а.) ҷавоб медиҳад:

- Бале, ё Расулуллоҳ (с.а.с.).

Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) мефармояд:

- Ту ҳамаи инро дар як қалбат чӣ гуна ҷой мекунӣ?

Ҳазрати Алӣ (р.а.) ба ин суол дар ҳайрат мемомонад ва мегӯяд:

- Дар ин бобат фикр мекунам.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) ғуттаи фикр шуда, ба хона меояд. Ҳазрати Фотима (р.а.) истиқболаш мегирад ва мепурсад:

- Ин чӣ аҳвол аст, ё Алӣ! Агар туро изтиробҳои дунё дар фикр фурӯ бурда бошад, ин иқдом ба ту зебанда нест

ва фикраш ҳам макун. Агар изтироби Раҳмонӣ бошад, пас, ба ман ҳам бигӯ ва якҷоя ҳал бикунем.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) ҳодисаро накл мекунад. Ҳазрати Фотима (р.а.) табассум мекунад ва мегӯяд:

- Рафта ба падарам бигӯ, ки; Инсон Аллоҳро бо ақлу рӯҳаш дӯст медорад, Пайғомбарро бо қалбаш дӯст медорад, ҳамсарашроо бо нафсаш дӯст медорад ва фарзандҳояшро бо шафқаташ дӯст медорад.

***ХУДОБАХШ***
***21.07.2013с.***

## Дӯсти ҳақиқӣ

Бузурге фармудааст;

- Дар дунё дар кафи дастат тангаи тилло гузоранд ҳам, дар қиёмат судат (фоида) намекунад. Дӯсти ҳақиқӣ диндорӣ мебахшад ва ин диндорӣ дар қиёмат чун тангаи тиллои аслӣ аст. Дар қиёмат на тилло, балки диндорият наҷотат медиҳад. Аз ин лиҳоз, дӯстҳое бояд тарҷеҳ бикунем, ки диндориямонро рушд бидиҳанд, то ин ки судаш то ба қиёмат идома диҳад. Албатта чунин дӯстҳоро бояд зиёда гардонид ва инчунин барои аз даст нарафтани онҳо рафтори хайри худро бардавом нигоҳ бидорем.

Маъруфи Кархӣ мефармояд;

- Ҳаётамонро баҳри хизмати Ислом чунин бибахшем, ки дар вақти талафи дунё ғамгин ва дар вақти бурди дунё шодон нагардем, зеро ҳадафи дунё бурди қиёмат аст. Шахсе, ки қиёматро бурд кардааст, ҳеҷ чизе талаф надодааст. Оне, ки қиёматашро аз даст додааст, ҳеҷ чизе бурд накардааст.

Агар банда нияташро хайр бикунад ва равиши ҳаёташро ихлосона роҳандозӣ намояд, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ӯ дари ахлоқи намуна шуданро мекӯшояд ва пеш аз забонаш, ахлоқаш сухан меронад. Инсонро на танҳо забонаш, балки ахлоқаш низ наҷот медиҳад. Ин аст, ки намунаи ахлоқи ҳамида шуданро набояд аз даст бидиҳем.

Маъруфи Кархӣ дар масъалаи таваккал чунин фармудааст:

- Ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чунон таваккал бикунед, ки ба ҳамаи дардҳоят танҳо ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) такя бикунӣ. Пас аз чунин таваккали ихлосона бандаҳо худашон барои дастгирӣ мешитобанд.

Рӯзе Маъруфи Кархӣ дар каноре нишаста, нон

мехӯрд. Сагеро мебинад, ки дар рӯ ба рӯяш нишастааст ва бо иштиҳо назар мекунад. Маърӯфи Карҳӣ аз танҳо хӯрдан шарм кард ва нонро бо саг якҷоя мехӯрд. Шахсе ин ҳолатро диду чунин гуфт:

- Шарм намекунӣ, ки нонро бо саг мехӯрӣ?

Маъруфи Карҳӣ:

- Шарм кардам, ки танҳо бихӯрам. Ба ин хотир, якҷоя хӯрда истодаем. Агар ту мебудӣ, шарм намекардӣ, вақте ки ту шикам сер мекунӣ ва саге бо иштиҳо ба ту назар мекунад?

***ХУДОБАХШ***
***08.12.2012с.***

## Дӯстҳои ҳақиқӣ кам шудааст?

Шахсе ба Ҷунайди Бағдодӣ гуфт:

- Дар ин замон дӯстони ҳақиқӣ кам шудаанд. Куҷо шуд он дӯстии аз барои Аллоҳ (ҷ.ҷ.), дӯстҳои пешина?

Ҷунайди Бағдодӣ ба ин сухан чунин фармуд:

- Агар барои дарду эҳтиёҷҳои худро кам кардану рафъ кардан дӯст биҷӯӣ, чунин дӯсту бародар ёфта наметавонӣ, аммо агар дӯст ва бародаре бихоҳӣ, ки аз барои Аллоҳ (ҷ.ҷ.) дастгирияш бикунӣ, чунин дӯсту бародарон зиёданд.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Духтар дар оила

То имрӯз чун даврони ҷоҳилият, дар баъзе мавридҳо мушоҳида карда мешавад, ки нисбат ба духтар дар оила таваҷҷӯҳи кам зоҳир мегардад. Духтарҳоро хору зор мебинанд.

Дар давраи ҷоҳилият (пеш аз зуҳури Ислом) таваллуди духтарро чун фалокате медонистанд. Таваллуди духтарро чун нишонаи бадбахтиву наҳс дар оянда арзёбӣ мекарданд.

Дар сураи «Наҳл», оятҳои 58-59 Аллоҳ Таъоло мефармояд:

وَاِذَا بُشِّرَ اَحَدُهُمْ بِالْاُنْثٰى ظَلَّ وَجْهُهُ مُسْوَدًّا وَهُوَ كَظِيمٌ

يَتَوَارٰى مِنَ الْقَوْمِ مِنْ سُوءِ مَا بُشِّرَ بِهِ اَيُمْسِكُهُ عَلٰى هُونٍ اَمْ يَدُسُّهُ فِى التُّرَابِ اَلَا سَاءَ مَا يَحْكُمُونَ

«Ва чун ба якешон муждаи духтар диҳанд, сияҳрӯй шавад ва хашмгин гардад. Аз шарми ин мужда аз мардум пинҳон мешавад. Оё бо хорӣ нигоҳаш дорад ё дар хок ниҳонаш кунад? Огоҳ бошед, ки бад доварӣ мекунанд».

Дар давраи ҷоҳилият духтар, ки таваллуд мешуд, падар ӯро ба биёбоне мебурд. Чуқурие меканд ва ӯро он ҷо зинда ба зинда гӯр мекард. Ҳатто дар баъзе минтақаҳо, зимни никоҳ, ба зиммаи падар ва ё модар барои гӯр кардани духтар қарор қабул мекарданд. Агар гӯр кардани духтар ба зиммаи модар гузошта мешуд, он гоҳ зимни амали ин кор, гурӯҳе аз занон барои тамошои он ҷамъ карда мешуданд.

Шукри Парвардигор (ҷ.ҷ.), ки бо омадани дини мубини Ислом ин одати зишт аз миён бардошта шуд.

Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) дар сураи «Шӯро», оятҳои 49-50 фармудааст:

لِلّٰهِ مُلْكُ السَّمٰوَاتِ وَالْاَرْضِ يَخْلُقُ مَا يَشَاءُ يَهَبُ لِمَنْ يَشَاءُ اِنَاثًا وَيَهَبُ لِمَنْ يَشَاءُ الذُّكُورَ

اَوْ يُزَوِّجُهُمْ ذُكْرَانًا وَاِنَاثًا وَيَجْعَلُ مَنْ يَشَاءُ عَقِيمًا اِنَّهُ عَلِيمٌ قَدِيرٌ

«Аз они Худост фармонравоии осмонҳову замин. Ҳар чӣ бихоҳад, меофаринад. Ба ҳар кӣ бихоҳад, духтар мебахшад ва ба ҳар кӣ бихоҳад, писар мебахшад. Ва ё ҳам писар диҳад ва ҳам духтар. Ва ҳар касро бихоҳад, ақим (нозо) мегардонад, зеро Ӯ донову тавоност!».

Афсус, ки ҳоло ҳам шоҳиди он мегардем, ки падар вақти таваллуди писар, худро ситоиш мекунад ва вақти таваллуди духтар, модар худро. Чунин баҳодиҳӣ ширки сағир ҳисоб меёбад. Бешубҳа, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҷинсияти тифлро муайян мекунад.

Инсон дар таваллуди фарзанд, ки хоҳ писар аст ва ё хоҳ духтар, бояд, ки ба Аллоҳи Зулҷалол (ҷ.ҷ.) шукр бикунад ва неъмати Аллоҳро бо шукр қабул намояд. Дарки онро кунад, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ӯ армӯғоне додааст. Дар ҳар кори Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) ҳикмате нуҳӯфтааст, ки мо аз он бехабарем. Баъзе ашхос, муҳтоҷи фарзанд мебошанд. Чунин афрод набояд шикоят кунанд ва суханҳои ширкона бигӯянд. Дуо кунанд, ки Аллоҳ (ҷ.ҷ.) барояшон фарзанди хайр насиб кунад. Дини Ислом манъ накардааст, ки инсон талаби фарзанд бикунад, аммо вақти талаби фарзанд, бояд хайрашро талаб кард.

Худованд (ҷ.ҷ.) дар сураи «Бақара», ояти 215 мефармояд:

يَسْئَلُونَكَ مَاذَا يُنْفِقُونَ قُلْ مَا اَنْفَقْتُمْ مِنْ خَيْرٍ فَلِلْوَالِدَيْنِ وَالْاَقْرَبِينَ وَالْيَتَامٰى وَالْمَسَاكِينِ وَابْنِ السَّبِيلِ وَمَا تَفْعَلُوا مِنْ خَيْرٍ فَاِنَّ اللّٰهَ بِهِ عَلِيمٌ

«Аз ту мепурсанд, ки чӣ нафақа кунанд? Бигӯ: «Он чӣ аз моли худ нафақа мекунед, барои падару модар ва хешовандону ятимон ва мискинону мусофирон бошад ва ҳар кори неке, ки кунед, Аллоҳ ба он огоҳ аст».

Фарзанд амонати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст. Бузург, тарбия ва ҳимоя кардани он вазифаи волидайн аст. Эҳтиёҷи моддии фарзандро бартараф кардан ва инчунин тарбияи маънавӣ кардан, бар дӯши волидайн аст.

Дар тарбияи духтар кӯшишҳо назар ба писар дучанд мегардад. Ҳар касе, ки духтар, хоҳар ва ё духтари шахсеро тарбия намуда, бо марди боимон оиладор мекунад, савоби бузурге насибаш мегардад. Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Ҳар фарде, ки се духтар ба воя мерасонад, тарбияи хуб мекунад, оиладор намуда ба онҳо хайр мекунад, Аллоҳ (ҷ.ҷ.) барои ин фард ҷаннатро ато менамояд (Абӯдовуд, Адаб, 120, 121).

- Ҳар фарде, ки ду духтарро ба воя мерасонад ва тарбия мекунад, рӯзи қиёмат он фард бо ман бар ба бар мешавад (Муслим, 149; Тирмизӣ. 19).

Дар мавзӯи тарбияи духтар, манзур танҳо духтари худ нест. Ҳамаи духтарҳо, чӣ ҳамсоя, чӣ хеш, чӣ дӯр ва чӣ наздик, фарқе надорад. Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) чунин мужда додааст:

- Шахсе, ки ятими худ ва ятими дигарро ҳимоя мекунад, дар ҷаннат бо ман бар ба бар хоҳад шуд (Бухорӣ, Талоқ, 25; Адаб 24).

Ба воя расонидан ва ба ҳаёт омода намудани духтар, рафторе мебошад, ки Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ва Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро мамнун мегардонанд. Волидайне, ки духтарро дар чаҳорчӯбаи Ислом тарбия мекунад, рӯзи охират ҳамсояи

Расулуллоҳ (с.а.с.) мегарданд.

Ҳазрати Оиша (р.а.) чунин ривоят мекунад:

- Модаре бо ду духтаре наздам омад ва озӯқа талаб кард. Дар хона ба ғайри як хурмо чизи дигаре набуд. Онро ба зан додам. Зан онро ночашида, ду тақсим карду ба духтарҳояш бидод. Расулуллоҳ (с.а.с.) омад ва ҳодисаро нақл кардам. Расулуллоҳ (с.а.с) фармуд.

Ҳар фарде, ки аз рӯи духтараш ба душворие рӯ ба рӯ мегардад ва духтарро хуб нигоҳ бикунад, ин фарзанд рӯзи қиёмат сипаре мегардад, ки аз оташи ҷаҳаннам нигоҳаш медорад. (Бухорӣ, Закот, 10, Адаб, 18)

Дар ҳадисе, ки Ибни Асокир ривоят мекунад:

- Аввал духтар таваллуд шудан, аз баракати зан аст.

Ширъа низ ҳадисеро ба ин маъно ривоят мекунад:

- Аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) фарзанди бахайр талаб кардам ва ба ман духтарҳо эҳсон намуд.

Фарде, ки марҳамат мекунад, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ӯро марҳамат мекунад. Шумо дар заминбударо марҳамат кунед, то ин ки осмонбудаҳо ба шумо марҳамат бикунад (Абӯдовуд, Адаб, 58).

Ҳазрати Оиша (р.а.) рафтори ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.)-ро чунин ривоят мекунад:

- Вақте ки ҳазрати Фотима (р.а.) -духтари Расулуллоҳ (с.а.с.)) ба хона медаромад, ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) аз ҷояш мехестанд ва дасти Фотимаро (р.а.) мегирифт, аз пешонааш бӯса мекард ва дар ҷои худаш мешинонд. Билмуқобила, вақте ки ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) ба хонаи Фотима (р.а.) мерафтанд, ҳазрати Фотима (р.а.) низ аз ҷояш мехест ва дасти Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро мегирифт ва аз чеҳраи муборaки Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро бӯса мекард ва дар

ҷои худ мешинонд (Бухорӣ, ал-Адабул муфрад, саҳ. 337, рақами ҳадис 971; Абӯдовуд. Адаб, 144, рақами ҳадис, 5217; Тирмизӣ, Маноқиб, 61, рақами ҳадис, 3872).

Дини мубини Ислом, мартабаи зан – модарро чунин воло намудааст, ки ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

Биҳишт зери қудуми модарон аст (маънои ҳадис).

Дуо бикунем, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар дили мо марҳаматро маскан бикунад.

***ХУДОБАХШ***
***13.01.2013с.***

## Заковати Иёс ибни Муовия

Иёс ибни Муовия (соли вафот 740) яке аз тобеъин буд. Бисёр шахси олим ва пурзаковат буд, ки бар забонҳо достон шудааст. Дар давраи Уммавиҳо қозигии Басраро ба уҳда дошт.

Рӯзе дар аснои қозигияш ду нафари дигаре ба ҳузури Иёс даромад. Даъвогар шахсеро бо худаш овардааст ва мегӯяд, ки ин кас аз ман маблағеро чун амонат гирифта буд, ҳоло рад мекунад.

Иёс ба даъвогар мегӯяд, ки;

- Ту дар куҷо ба ин мард амонат додӣ?

Даъвогар ҷавоб медиҳад:

- Дар зери дарахти боғ.

Иёс:

- Ҳозир ҳамон ҷо бирав ва аз он дарахт навдае гирифта биёр.

Даъвогар аз толор мебарояду сӯи боғ раҳсипор мешавад. Дигарон интизори овардани навдаи дарахт мешаванд. Иёс ба дигар даъвоҳо назар кардан мегираду шахси радкунандаи амонат бошад, дар кунҷе интизорӣ мекашад. Баъди чанд лаҳзае Иёс аз мард мепурсад:

- Оё рафиқат ба назди дарахт расида бошад?

Мард ҷавоб медиҳад:

- Не, ҳоло нарасидааст.

Иёс аз ҷояш бармехезаду мегӯяд:

- Хез аз ҷоят, гунаҳгор ва душмани ҳақиқат. Ҳаққи он мардро пардохт намо, вагарна туро ҷазо медиҳам.

Баъди чанд лаҳзаи дигар, марди даъвогар бо навдаи дарахте ворид мегардад. Марди амонатгирифта

супоридани маблағро ба дӯш мегирад.

*** Мо бояд таҷриба ва малакаи дигаронро дар худамон маскан кунем ва дар баробари он рушд диҳем.

Ҳар як китоби хондашуда, заковати инсонро рушд медиҳад. Ин аст, ки баъди итмоми ҳар як китоб, баргаштан ба ҳоли қаблиямон имконнопазир аст (Оливер Венделл Ҳолмс).

***ХУДОБАХШ***
***22.06.2015с.***

**Закоти илм**

Ҳасан бинни Амр ал Марвазӣ чунин нақл мекунад:

- Рӯзе назди Бишри Ҳофӣ будам. Гурӯҳе аз аҳли ҳадис наздаш омаданд. Бишри Ҳофӣ фармуд:

- Бидонед, ки шумо ҳам бояд закот бидиҳед. Ҳар касе, ки 200 дирҳам дорад, бояд 5 дирҳам закот бидиҳад. Шумо ҳам 200 ҳадис аз худ кардед, бояд 5 ҳадис омӯзонед. Аз ин пас чунин амал кунед.

*** Ҳама гуна доройӣ ба худ закот дорад. Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст.

Закоти бадан рӯза аст.

***ХУДОБАХШ***
***07.07.2013с.***

## Закоту садақа бар аҳли илму олимон

Абдуллоҳ ибни Муборак закоту садақаашро ба эҳтиёҷмандон ва зиёдтар ба аҳли илму олимон мебахшид. Сабаби ин иқдомро аз ӯ суол карданд.

- Кӯмакҳоятро боз ҳам васеътар карда ба дигарон низ бубахшӣ беҳтар нест, магар?

Абдуллоҳ ибни Муборак гуфт:

- Магар ман намедонам, ки пас аз мақоми пайғомбарӣ, мақоми олимон мақоми фазилаттарин аст? Агар эҳтиёҷи олимон бартараф нагардад, қалбашон ҳам машғули кор мегардад ва вақти сарфи вақт баҳри илм намеёбанду дарс намегӯянд. Бо ин тариқ, таъмини олим барои илмомӯзӣ афзалтарини амал аст.

*** Толибилмеро дастгирӣ кардан чӣ дар садақа ва чӣ дар закот беҳтарин иқдом аст, зеро дар оянда наслҳоеро ба воя мерасонанд, ки хизматҳои беҳамтое баҳри рушди миллат хоҳанд кард. Албатта, дар баробари ин, аз эҳтиёҷмандону фақирони деҳоти дӯр набояд фаромӯш кунем. Ё барои пул (купрук) сохтан ва обёрӣ кардан ба мардуме, ки барои овардани оби нӯшокӣ рӯзашонро торик мекунанду аз дигар корҳои боз ҳам ҷиддитар (тарбияи фарзанд, роҳнамоии фарзанд ва ғайра) дасткӯтоҳ мегарданд, яке аз иқдомҳои афзалтарин ба ҳисоб меравад.

***ХУДОБАХШ***
***21.06.2015.***

## Зани фақир ва ҳоким

Ҳокиме қасд мекунад, то дар замини зани фақире қаср бунёд кунад. Замини зани фақир дар наздикии замини ҳоким буд ва ӯ мақсади пардохти ҳаққи замин низ надошт. Зани фақир ба ғайри замин чизе надошт. Зан баҳри даъво назди Шайхулсислом рафту масъаларо арз кард. Шайхулислом бел ва линчае гирифта, ба замини зан даромад. Заминро канда, хоки онро ба линча пур кард. Ин кори Шайхулисломро ҳоким аз дур назорат карда, худ ба худ мегӯяд, ки Шайхулислом ақлашро гум кардааст.

Шайхулислом линчаро бардоштанӣ мешавад ва зӯраш намерасад. Боз даҳони линчаро мекушояду онро хок пур карда, даҳонашро мебандад. Дубора бардоштанӣ мешавад, онро бардошта наметавонад.

Ҳоким тоқат намекунад ва ба назди Шайхулислом меояду мегӯяд:

- Шайхулислом, ту, ки линчаро бардошта натавонистӣ ва ба ҷойи холӣ кардан боз хок пур кардӣ, чӣ, магар ақлат намегирад, ки бо ин заифият онро бардошта наметавонӣ?

Шайхулислом низ ҳамин саволро интизор буд ва чунин гуфт:

- Ту медонӣ, ки ман инро бардошта наметавонам, аммо ту чаро фикр намекунӣ, ки фардо рӯзи қиёмат дар назди Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) қомати бардошти заминро мекунӣ ё намекунӣ?

Ҳоким пас аз шунидани ин ҷавоб, хатояшро фаҳмида, дарсашро аз Шайхулислом гирифт ва аз гирифтани замини зан даст кашид.

*** Барои қонеъ ва хурсанд кардани нафсамон ва ё барои муваффақ шудан мо ҳақ надорем, ки ҳаққи дигареро поймол кунем. Барои шифо ёфтани бадани хеш, набояд ба саломатии дигаре зарар дод.

***ХУДОБАХШ***
***16.08.2011с.***

## Зебогӣ ҳам имтиҳон дорад

Сулаймон бинни Ясир бо як дӯсташ дар Абва дар чодаре мезистанд. Дусташ барои харидорӣ кардан ба дӯкон меравад. Зане аз дурӣ Сулаймонро нигоҳ мекард. Зан ба Сулаймон овоз мебарорад, ки ба тарафаш ояд.

Сулаймон фикр кард, ки зан чизи хурдание хоҳиш дорад аз ин рӯ, озуқае гирифта, сӯи зан раҳсипор шуд.

Зан хитоб кард, ки:

- Ман хӯрока намехоҳам, ман туро мехоҳам. Зебогият мафтунам кард. Ба чодар биё. Касе наздам нест.

Сулаймон дарки имтҳон кард ва бо овози баланд гуфт:

- Дафъ шав аз ин ҷо, сафири шайтон. Ҳозир дӯстам меояд ва ҳар дуямон шарманда мегардем.

Зан, ки интизори чунин ҷавоб набуд, бадқаҳр вориди чодараш шуд. Сулаймон низ, ба чодараш даромаду гиря кард. Дӯсташ аз харидорӣ кардан баргашт ва сабаби гиряи Сулаймонро пурсид. Сулаймон нақл кард. Дӯсташ низ ба гиря даромад. Сулаймон сабаби гиряи дӯсташро пурсид. Дӯсташ гуфт:

- Бародарам, дар ҳақиқат, ту марди боиффат будаӣ. Хуб шуд, ки ман дучори ин имтиҳон нашудам, зеро эҳтимоли мағлуб шуданро доштам. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба мисли зебогии зоҳириат, ба ту зебоии имон ҳам лутф кардааст.

Сулаймон аз он ҷо ба Мадина сафар мекунад. Дар хобаш ҳазрати Юсуфро (а.с.)-ро мебинад. Ҳазрати Юсуф (а.с.) дастонашро тарафи Сулаймон боз карда, мегӯяд:

- Бародари иффатҳифзам, биё туро ба оғӯш бигирам. Зебогӣ ҳам ба худ имтиҳон дорад. Ту ҳам мисли ман ба

имтиҳон дучор шудӣ ва ғолиб баромадӣ. Туро табрик мекунам.

*** Модоме, ки мо ҳамсари боиффат мехоҳем, пас, бояд донист, ки зан ҳам марди боиффат мехоҳад. Худо ба мо ҳидоят ва қувват бахшо, ки иффати хешро ҳифз намоем ва аҳли мусулмононро чун бустони иффат бар дигарон намуна бигардон.

***ХУДОБАХШ***
***28.01.2012с.***

## Зикр, фикр ва ибрат

Товӯс яке аз олимони тобеъин чунин ривоят мекунад:

- Яке аз дӯстони ҳазрати Исо (а.с.) ба ҳазрати Исо (а.с.) суол кард:

- Эй Набии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)! Ҳоло дар дунё ба мисли ту шахси дигаре аст?

Ҳазрати Исо (а.с.) фармуд:

- Бале ҳаст. Касе, ки суханаш зикр, хомӯшияш фикр ва нигоҳаш ибрат аст, пас, он нафар чун ман аст.

*** Убайдуллоҳ Аҳрор фармудааст:

- Зикр ба мисли асбоби деҳқонист, яъне қалбро аз хорҳои бегона тоза мекунад.

Инсон бо зикр дар фикр фурӯ меравад ва баъдан ибрате барояш насиб мекунаду ба иқдом қадам мегузорад.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Зикри Аллоҳ (ҷ.ҷ.)

Ҷавони фақире ба духтари подшоҳе ошиқ мешавад. Барои расидан ба ишқ назди дарвеше рафт, то маслиҳате гирад. Дарвеш гуфт:

- Фарзандам, дар даромади шаҳр нишин ва ҳар касе, ки чизе мегӯяд, танҳо «Аллоҳ (ҷ.ҷ.)» бигӯ.

Фақир гуфтаро иҷро намуд. Рӯзҳою моҳҳо нишаст. Ба ҷуз калимаи «Аллоҳ (ҷ.ҷ.)» дигар сухане нагуфт. Дарвеш барояш озӯқа ва об меовард. Бо мурури замон, ҷавон дар миёни халқ машҳур шуд. Рӯзе подшоҳ ба ҷавони фақир таваҷҷуҳ кард ва хост дар бораи ӯ аз дарвеш маълумоте гирад. Дарвеш гуфт:

- Ҷавон яке аз бузургони давр аст.

Подшоҳ барои зиёрат наздаш рафт ва ба ҷавон гуфт:

- Ту ки ҳастӣ? Чӣ мехоҳӣ? Чӣ дарде дорӣ?

Ҷавон танҳо «Аллоҳ (ҷ.ҷ.)» гуфт. Дигар калимае нагуфт.

Дарвеш шаб назди ҷавон омад ва гуфт:

- То он вақте ки подшоҳ нагӯяд, ки «духтарамро медиҳам», ягон хоҳише макун.

Рӯзе подшоҳ назди ҷавон омад ва гуфт:

- Чӣ мехоҳӣ? Агар бихоҳӣ, бо духтарам оиладорат мекунам.

Ҷавон гуфт:

- Не. Дигар ӯро ҳам намехоҳам. Ман ба хотири дигаре «Аллоҳ (ҷ.ҷ.)» гуфтам ва подшоҳро то ба пеши поям овард ва духтарашро бар мани фақир пешниҳод кард. Агар ба хотири Аллоҳ (ҷ.ҷ.), зикри «Аллоҳ (ҷ.ҷ.)» мекардам, кӣ медонист, чӣ мешуд. Аз ин пас, танҳо зикри Аллоҳ (ҷ.ҷ.)-ро мекунам ва танҳо Ӯро (ҷ.ҷ.) мехоҳам.

*** Баъзан ба хотири корамон зикри барзиёд мекунем. Кош, чун ҷавони фақир тасмим бигирем, ки танҳо ба хотири Аллоҳи Зулҷалол (ҷ.ҷ.) зикри Аллоҳ (ҷ.ҷ.) бикунем.

***ХУДОБАХШ***
***26.01.2013с.***

## Ибодат, тӯшаи охират

Аз Ваҳб бинни Вард суол карданд:

- Одамонро оид ба чӣ вазъу насиҳат бикунем?

Ваҳб бинни Вард ҷавоб дод:

- Ба онҳо дар бораи аҳмияти ибодат сухан бигӯед. Киштӣ барои ба соҳил баромадан чӣ қадар аҳмият дошта бошад, ибодат низ барои сафар дар охират аҳмияти яксон дорад.

*** Яҳё ибни Муоз (р.а.) фармудааст:

- Агар ибодат парранда мебуд, пас, намозу рӯза қанотҳои он мешуд.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Ибодати Имоми Аъзам (р.а.)

Ибодати Имоми Аъзам вирди забони тамоми мусулмонон достон шудааст. Ба баъзе ривоятҳо 30 сол ва ба баъзе ривотятҳо 40 сол бо таҳорати намози хуфтан намози бомдод адо кардаанд.

Ҳазрати Имоми Аъзам вафот мекунад. Духтараке, ки ҳамсояааш буд, аз модараш мепурсад:

- Модарам, дарахте, ки дар боми хонаи Имоми Аъзам буд, куҷо шуд?

Модар:

- Духтарам, он дарахт набуд, балки Имоми Аъзам (р.а.) буд, ки дар фасли гармо дар боми хонааш ибодат мекард.

Дар қиём дароз истодани Имоми Аъзам (р.а.), бар чашми духтари хурдсол чун дарахте намудор шудааст. Зоти бузург вафот кардааст ва ту он дарахтро намебинӣ.

*** Модоме ки худро пайравони Имоми Аъзам медонем, пас, кӯшиш намоем, то рафтору кирдору ибодатамонро ҳамчун Имомамон бикунем. Мо кӯшиш кунем, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) онро ба итмом мерасонад. Кӯшишу ғайрат накарда, ҳақ надорем, бигӯем, ки муваффақ нашудем. Дар вақти талош ба ҳадаф расидан, дуоро низ набояд фаромӯш кард. Барои муваффақ шудан се чиз аст:

Боисрор кӯшиш кардан, дуо кардан ва хайрашро талаб кардан.

***ХУДОБАХШ***
***04.09.2011с.***

## Иброҳими Адҳам ва боғбон

Иброҳими Адҳам нақл мекунад, ки:

- Падарам аз ҳукмдорони Балх буд. Рӯзе ба аспаш савор шудаму ба шикор баромадам. Сайдеро дунболӣ кардам. Овозе шунидам:

- Эй Иброҳим, ту барои ин кор халқ нашудаӣ ва барои ин кор амр нагирифтаӣ.

- Ба атрофам назар кардам, аммо касеро надидам. Ҳамон овозро боз аз наздиктар шунидам. Ин маротиб худ ба худ гӯфтам, ки ин огоҳие аз ҷониби Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст. Савганд ёд кардам, ки аз ин пас ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) исён нахоҳам кард.

Рост ба сӯи яке аз галабонҳои падар рафтам. Либосҳои гарони худро ба ӯ додаму либосҳои чупонро гирифтам. Кӯҳу пуштаву чаманро гузар кардам. Ба диёри Ироқ расидам. Дар он ҷо чандин рӯз кор кардам, аммо ягон амале ба ман ҳузур намебахшид. Баъзе аз бузургон тавсия доданд, то ба Шому Тарсус равам. Ба он ҷо низ рафтам. Дар Тарсус чандин рӯз боғбонӣ кардам. Рӯзе соҳиби боғ бо дӯстонаш ба боғ омаданд. Ба ман фармуд, ки беҳтарин анорҳоро наздашон биёрам. Ба онҳо анор овардам. Анорро пора карданд ва анор турш баромад. Ба ман гуфтанд:

- Дер боз дар боғ боғбонӣ мекунӣ, аз меваю анорҳо мехӯрӣ ва анори ширинро аз турш фарқ намекунӣ?

Гӯфтам: Валлоҳ, ман аз меваҳоятон начашидам ва ширину турш будани онҳоро намедонам.

Мард ҳайрон шуду ба ман гуфт:

- Оё ту Иброҳими Адҳам нестӣ? Танҳо аз ӯ интизори чунин амалро шуданд мумкин аст?

Фардо дар миёни мардум овоза шуд. Мардуми зиёд ба сӯи боғ омаданд. Ман дар кунҷе пинҳон шудам ва мардум, ки дохили боғ шуданд, ман аз миёнашон баромада тарки боғ кардам.

*** Бе иҷозат моли касеро истифода бурдан, ҳаром аст. Ҳатто вақти харид дар бозорҳо, бояд донӣ, ки маззаи мева ва ё чизе, ки харидорӣ мекунӣ, чи гуна аст. Пас, дар ин ҳолат бояд аз соҳиби мол иҷозати чашидан гирӣ.

Дар бобати худро аз миёни мардум дур кардан дар он аст, ки аксари вақт хушомадгӯӣ ё ин ки таърифкунӣ ба инсон кибр тавлид мекунад ва кибр сифати мусулмон нест.

Бузургонамон фармудаанд:
Манманиҳо пешаи шайтон бувад,
Ҳар ки худро мард гуфт, зан он бувад.

***ХУДОБАХШ***
***13.08.2011с.***

## Иброҳими Адҳам ва салтанати маънавӣ

Иброҳими Адҳам асилзодае буд, ки тахту қасрро тарк карда, рӯ ба ибодат ниҳод. Шахсе, ки қаблан зери амраш фаъолият мекард, назди Иброҳими Адҳам, ки назди ҷӯйе мӯзадӯзӣ мекард, меояд ва хоҳиш мекунад, ки дубора ба қаср баргардад. Иброҳими Адҳам даъватро қабул накард. Мард сӯзани Иброҳимро ба об мепартояд. Иброҳим ба тарафи об нигариста мегӯяд:

- Эй моҳиҳо! Сӯзани маро биёред.

Якчанд моҳӣ дар даҳон бо сӯзани тиллоӣ аз об мебароянд.

Иброҳими Адҳам мегӯяд:

- Не, ман инҳоро намехоҳам. Сӯзани маро биёред.

Ҳамаи моҳиҳо ба об фурӯ рафт ва танҳо як моҳӣ, ки дар даҳон сӯзани Иброҳимро дошт, истод. Иброҳим сӯзани худро гирифт ва гӯфт:

- Кадоме аз салтанат воло аст? Салтанати қаблӣ ва ё салтанати кунунӣ?

*** Ҳар фарде, ки аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз салтанат даст мекашад, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барояш салатнати маънавӣ эҳсон мекунад. Чунин салтанат ҳам дар дунё ва ҳам дар охират ба кор меояд.

Албатта, ҳар кас ба худ нияти хоссе дорад. Чунин рафтори Иброҳими Адҳам шоёни таҳсин аст, аммо Абдулқодири Гелонӣ тавсия медиҳад, ки чунин қасру иморатҳоро метавон ба дабистоне табдил дод.

Дороӣ бадие надорад, агар онро дар кори хайр истифода барӣ. Ҳаст афроди доро, ки барои кӯшодани мактабҳо, беморхонаҳо, пулҳо, обёрӣ ва дигар корҳои

хайр дасти кӯмак дароз мекунанд. Ҳазрати Усмон (р.а.) доро буд ва тавонист чоҳи оберо, ки аз яҳудӣ буд, барои мусалмонон харидорӣ кунад, ки то ҳол вирди забонҳост.

Хуш ба ҳоли он нафароне, ки дороии худро, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барояшон насиб гардонидааст, дар корҳои хайр истифода менамоянд ва закоту садақа медиҳанд, ки ҳам боиси афзунии мол ва ҳам дастгирии дунёу қиёмат мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***16.12.2012с.***

## Илм воло ва ё ибодат?

Илм донистан аст. Чизеро нодониста амал намекунанд. Агар илм аҳли бо илмаш амал накунад, пас, илм барояш фоидае намебахшад. Илму ибодат бо якдигар робита доранд.

Ду бародар буданд, яке олим дигаре дарвеш. Олим бо илмаш кӯшиши амал мекард. Дарвеш ба илм таваҷҷуҳи зиёд намекарду ибодатро воло медонист.

Рӯзе ҳар ду бародар суҳбат мекарданд. Дарвеш, ки ибодатро аз илм боло медонист гуфт:

- 10 сол қабл мӯшеро нофаҳмидаю нодониста куштам. Пушаймон шудам ва он мӯшро даҳ сол аст, ки дар саллаам (тоқӣ) мегардонам.

Бародаре, ки илму амалро воло медонист, гуфт:

- Пас, даҳ соли намози гузаштаатро такроран адо кун, зеро дар саллаат наҷосатро (ифлосӣ, ҳаромӣ ) гардондаӣ. Бо он намоз хондан ҷоиз нест.

*** Ҳар як мусулмон маҷбур аст, ки илми лозимаи барои ибодатро аз худ кунад. Агар дарвеш шартҳои адои намозро медонист, пас, ба ин хатогӣ рӯ ба рӯ намешуд. Донистани илм барои фаҳмиши адои ибодат фарз аст. Илме, ки дар амал татбиқ намегардад, ба соҳибаш фоидае намебахшад, ба ҷуз дарс додани илм ба дигарон. Яке аз гурӯҳҳое, ки дар қиёмат аз пушаймонӣ азияти сахт мекашанд, олимест, ки ба дигарон гуфту онҳо амал карданду наҷот ёфтанд, аммо худаш амал накарду роҳи наҷотро аз даст додааст.

Бо умеди аз бар кардани илм, ба хотири амал ва дарс додани дигарон;

***ХУДОБАХШ***
***01.10.2011с.***

## Илм хайртар аст ва ё мол?

Аз Абдулвоҳид бинни Муҳаммад ал-Амидӣ суол карданд:

- Илм бохайр аст ва ё мол?

Абдулвоҳид бинни Муҳаммад ал-Амидӣ ҷавоб дод:

- Илм аз мол бохайртар аст, зеро илм туро ҳифз мекунад, молро бошад ту ҳифз мекунӣ. Мол бо сарф кардан кам мегардад, илм бошад, бо сарф кардан, зиёда мегардад.

Боз суол карданд, ки:

- Бадтарин гуноҳ кадом аст?

Абдулвоҳид бинни Муҳаммад ал-Амидӣ ҷавоб дод:

- Бар гуноҳи худ фахр кардан, аз гуноҳи кардашуда бадтар аст.

*** Кибр кардан гуноҳ аст. Агар бар гуноҳи кардаат кибр бикунӣ, пас, гуноҳи кардаат боз ҳам бузургтар мегардад. Барои мисол; хамр нӯшидан ҳаром аст, аммо миёни мардум хамри нӯшидаатро таъриф кардан, гуноҳи кардаатро бузургтар месозад. Сабаб дар кори хайр савоб мебахшад, ҳамзамон сабаб шудан дар кори бад гуноҳ бор мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Илм, мол ва номус

Илму молу номус якҷоя сафар намуданд. Ҳар куҷо, ки мерафтанд, онҳоро бо эҳтироми воло пешвозу гусел мекарданд. Рӯзе илм китобхонаеро мебинад ва мегӯяд:

- Дӯстонам ман ба ҳамин китобхона дароям, каме интизор шавед, меоям.

Мол:

Ман ба ҳамин маркази тиҷорат равам, каме интизор шавед, меоям.

Номус:

- Дӯстон, ман мисли шумо нестам, агар ман равам, дубора барнамегардам. Барои ҳамин, ё маро ҳамроҳатон мебаред ва ё худ фикр кунед, ки аз чӣ чизҳо маҳрум мемонед.

*** Эй соҳибони илму молу мулк! Номӯси худро бояд нигоҳ дорем. Номусро дар нимароҳ набояд тарк кунем. Ӯ, ки биравад, дубора барнамегардад ва дубора ҳамроҳ намегардад.

Барои як лаҳзаи хуши нафсонӣ ҳам дар дунё ва ҳам дар қиёмат аз дӯсти дастгир бо номи НОМӮС маҳрум намонем. Номӯсро тарк кардан, маънои доғи сиёҳе дар зоҳиру ботин гузоштан аст.

***ХУДОБАХШ***
***18.09.2011с.***

## Илми беамал

Талабае аз устодаш Имом Ғазолӣ хоҳиши насиҳат кард. Имом Ғазолӣ чунин насиҳат кард:

- Хуб бидон, ки илми беамал инсонро наҷот намедиҳад. Инро ба ту бо як мисол мефаҳмонам. Агар фарде дар куҳ бо шере рӯ ба рӯ шавад, дар даст силоҳ ва шамшер дошта бошаду силоҳу шамшерро истифода карда тавонад, ҳамзамон ҷасур ҳам бошад, аммо силоҳу шамшерро истифода накунад, аз шер наҷот меёбад магар? Ту ҳам медонӣ, ки наҷот ёфта наметавонад. Ба мисоли ҳамин, ҳар фарде, ки чӣ қадар илме дошта бошад ва бо он амал накунад, илм барояш суде намебахшад.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Ҷумъа», ояти панҷум фармудааст:

مَثَلُ الَّذِينَ حُمِّلُوا التَّوْرَاةَ ثُمَّ لَمْ يَحْمِلُوهَا كَمَثَلِ الْحِمَارِ يَحْمِلُ أَسْفَارًا بِئْسَ مَثَلُ الْقَوْمِ الَّذِينَ كَذَّبُوا بِآيَاتِ اللَّهِ وَاللَّهُ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ

«Мисоли касоне, ки Таврот ба онҳо дода шуд ва ба он амал намекунанд, мисли он хар аст, ки китобҳоро мебардорад. Бад мисолест мисоли мардуме, ки ояти Аллоҳро дурӯғ мешуморанд. Ва Аллоҳ золимонро ҳидоят намекунад».

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармудааст:

- Ҳар касе бо илмаш амал мекунад, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) надонистаашро меомӯзонад. (Муҳаммад Ходимӣ)

Бояд зикр кард, ки аз худ накардани илм ҳам, ба худ ҷазо дорад. Дар замоне зиндагӣ дорем, ки дарёфти китоб бароямон саҳл аст. Барои хондан вақт бояд ҷудо кард, на ин ки дар вақти бекорӣ китоб хонд. Амал аз илм сарчашма мегирад.

***ХУДОБАХШ***
***10.02.2013с.***

## Илмро аз даст додан

Шахсе ба ҳазрати Абӯҳурайра (р.а.) гуфт:

- Ман аз илм омӯхтан дурӣ меҷӯям, зеро аз он метарсам, ки омӯхтаамро боз фаромӯш мекунам.

Абӯҳурайра (р.а.) чунин фармуд:

- Илм наомӯхтан, ин худ маънои аз даст додани илм аст.

*** Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

Касе, ки илм меҷӯяд, дунболи ҷаннат аст. Оне, ки дунболи гуноҳ аст, ҷаҳаннамро мехоҳад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Имоми Аъзам (р.а.) ва Аъмаш

Донистану фаҳмидан як нест. Аъмаш (Сулаймон бинни Миҳран) аз Имоми Аъзам (р.а.) масъалаеро мепурсад. Имоми Аъзам (р.а.) ҷавоб медиҳад. Аъмаш аз куҷо овардани далели ҳукмро мепурсад. Имоми Аъзам (р.а.) ҳадисе меорад.

Аҷибӣ дар он аст, ки дар санади ҳадиси зикршуда исми Аъмаш ҳам ҷо гирифтааст. Аз ин хотир, Аъмаш фармуд:

- Дуруст, ман ин ҳадисро ривоят кардам, аммо намедонистам, ки аз ин ҳадис чунин маънӣ пайдо мешавад. Дурусташ он аст, ки мо доруфурӯшем, доруро медиҳем, аммо табиб шумоед. Шумо хубтар медонед, ки ба кадом бемор, кадом дору хубтар меояд.

*** Донистан дигар ҳасту дарку фаҳмишу амал дигар.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Имоми Аъзам (р.а.) ва вазифаи қозигӣ

Халифаи Аббосиҳо Маъмун хост, ки Имоми Аъзамро қозӣ таъин намояд. Имоми Аъзамро даъват карду пешниҳод кард. Имоми Аъзам гуфт:

Ман қозигӣ карда наметавонам.

Халифа ба қаҳр омаду гуфт:

- Дурӯғ мегӯӣ, ту қозигӣ карда метавонӣ.

Имоми Аъзам (р.а.):

- Агар ман дурӯғ гӯям, пас, барои дурӯғ гуфтанам қозигӣ карда наметавонам. Агар «наметавонам» гӯфта бошам, рост гуфтаам. Дар ҳар ду ҳолат қозигӣ карда наметавонам.

***ХУДОБАХШ***
***17.08.2011с.***

## Имоми Аъзам (р.а.) ва кароматӣ эшон

Имом Абӯюсуф яке аз толибилмони машҳури Имоми Аъзам (р.а.) буд. Дар хурдсолияш падараш вафот карда буд. Модараш ӯро назди дӯзандае чун шогирд гузошт. Дар фақр зиндагӣ мекарданд. Пас аз кор аз маҷлиси Имоми Аъзам (р.а.) чизе аз худ мекарду баъдан ба хона мерафт. Ба дарс таваҷҷуҳи зиёд мекард ва ин буд, ки модараш ба Имоми Аъзам (р.а.) шикоят кард:

- Эй Имом! Ман бевазане ҳастам ва ин фарзандам барои таъмини ризқи хона назди дӯзандае чун шогирд кор мекунад, аммо ба маҷлиси ту зиёдтар иштирок мекунад. Агар ӯ ин корро давом диҳад, мо гурусна мемонем ва ту сабаби ин кор мегардӣ. Хоҳиш мекунам, ки монеа шавед, то маҷлис наояд.

Имоми Аъзам (р.а.):

- Модарам, ғамгин мабош. Фарзандат дар маҷлис иштирок кардан гирад ва рӯзе фоидааш ба ту низ хоҳад расид. Аз баракати илм ба ту хӯроки бо равғани бодом тайёр мекунад.

Абӯюсуф соҳиби илм шуду хоким (қозӣ) таъйин шуд. Рӯзе ба модараш хӯроке бо равғани бодом тайёр кард. Хӯрокро назди модар ниҳоду гуфт:

- Ин кароматӣ раҳматии Устодам ҳаст.

*** Хуш ба ҳоле он касоне, ки толибилмеро дастгирӣ мекунанд, зеро толибилм на танҳо ба оилааш хизмат мекунад, инчунин барои Ватану миллат ҳам хизмат мекунад. Агар дунболи савоб бошед, дастгирии толибилм яке аз беҳтарин роҳ аст.

***ХУДОБАХШ***
***28.08.2011с.***

## Ин кори насабӣ (авлодӣ) нест

Довуди Той назди набераи ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) омад ва гуфт:

- Эй набераи Расулуллоҳ (с.а.с.)! Ба ман насиҳате бикун, зеро қалбам сиёҳ шудааст.

Ҷаъфари Содиқ фармуд:

- Эй Довуд! Ту нафари зоҳидтарин ва тақводортарини замон ҳастӣ. Ба насиҳати ман эҳтиёҷе надорӣ.

Довуди Той:

- Эй набераи Расулуллоҳ (с.а.с.)! Ту аз насли пайғомбари бузург ҳастӣ. Шумо аз ҳама волотар ҳастед. Шумо дар мавқеи насиҳат кардан қарор доред.

Ҷаъфари Содиқ фармуд:

- Эй Довуд! Ман аз он метарсам, ки рӯзи қиёмат бобоям ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) аз дастам мегираду мегӯяд: «Чаро маро куллан тобеъ нашудӣ? Чаро суннатамро куллан итоат накардӣ? Ин кори насабӣ нест, балки ин кори ибодату амал аст.

Довуди Той бар сухани Ҷаъфари Содиқ бо ашки чашм чунин фармуд:

- Ё Раб! Ин мард, ки аз насли Расулуллоҳ (с.а.с.) ҳасту чунин мефармояд, Довуд худаш кист, ки ба амалҳояш эътимод мекунаду худро маъқул медонад.

*** Бузургонамон новобаста аз насли Расулуллоҳ (с.а.с.) буданашон ва ё ботақвою зоҳид буданашон, худро сарзаниш бар он мекунанд, ки бандагии куллӣ анҷом надодаем. Аммо ҳайҳот, ки нафарони зиёдеро мебинем, ки бе илму амалу зоҳидию тақвогӣ, боз даъвои сайидӣ ва эшонӣ мекунанд. Ва ҳатто сӯистифода аз он мекунанд, то

ин ки мардум эҳтиромашон намоянд. Аллоҳ моро ақлу фаросат ва илму амалу тақво насиб бигардонад. Омин!

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Инсон ва дунё

Падар аз рӯзи душанбе то шанбе хело зиёд кор кард ва хост саҳари якшанбе истироҳат кунад. Ба дасташ рӯзномаеро гирифту ба хондан шурӯъ намуд. Дар ҳамин лаҳза писарчааш омаду гуфт:

- Падар, ин ҳафта ба берун ҳам набаромадем, биё ба синамо равем.

Падар, ки намехост аз хона барояд, баҳонаеро фикр мекунад. Дар мобайни рӯзнома харитаи дунё чун тухфа гузошта шуда буд. Падар харитаи дунёро мегираду ба чанд қисмат пора мекунад ва ба писар дода мегӯяд:

- Агар ин харитаро дуруст карда, ба итмом расонӣ, туро ба синамо мебарам.

Писар розӣ мешавад ва харитаро гирифта ба утоқаш медарояд. Падар худ ба худ мегӯяд, ки ҳатто профессори соҳаи ҷуғрофия то шаб аз ӯҳдаи он намебарояд. Баъд аз чанд лаҳза писар тозон ба назди падар меояду харитаи дурусткардаашро дароз мекунад. Падар дар ҳайрат мемонад ва мегӯяд;

- Чӣ гуна дар муддатти кутоҳ дунёро васл карда тавонистӣ?

Писар мегӯяд:

- Пушти харитаи дунё расми инсон будааст. Онро дуруст кардам ва харитаи дунё ҳам дуруст шуд.

*** Агар инсон дуруст бошад, пас, дунё худ дуруст мегардад. Дунё ба ҳамон зайле мешавад, ки шумо онро месозед. *(Андре Гиде)*

***ХУДОБАХШ***
***01.11.2015с.***

## Инсон зикри дӯстдоштаашро мекунад

Гурӯҳе назди Робияи Адвия омаданд ва дар бораи бадкунии муҳаббати дунё суханҳо мекарданд.

Робияи Адвия онҳоро чунин гуфт:

- Бадкунӣ ҳам бошад, дар бораи дунё ҳарфе назанед. Агар заррае ҳам муҳаббати дунё дар дили шумо намебуд, пас, онро ин қадар зикр намекардед. Маълум аст, ки инсон он чизеро, ки дӯст медорад, ҳамонро зикр мекунад.

*** Доимо зикри Аллоҳ Таъолоро бикунем, то ин ки вақти ҷон додан, онро ба осонӣ гуфта тавонем. Он чиро, ки бисёр зикр намоем, вақти мурдан ҳам, ҳамонро зикр хоҳем кард.

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

**Интизори мукофот машав!**

Ҳаммод, яке аз дороёни шаҳри Бағдод буд. Ҳама моли доштаашро ба фақирон тақсим кард. Фақиртарин нафари Бағдод шуд.

Рӯзе чанд нафар ба кулбаи Ҳаммод омаданд, аммо ӯро наёфтанд. Вақти аз кулба дур шуданд, Ҳаммод омад. Дар даст нону об дошт. Дастархон омода карданд. Дар ҳамин лаҳза шахси ношиносе омаду тарафи Ҳаммод сӣ танга тилло дароз кард. Ранги рӯи Ҳаммод зард шуд. Ҳаммод сӣ танга тиллоро рад кард. Марди бегона ҳарчанд, ки гуфт, аммо Ҳаммод рад кард ва ҳатто бо садои баланд қасам ёд кард, ки намегирам. Дар ҳамин асно садои зане баромад:

- Ин корро бубин. Имрӯз барои хӯрокаро харидан, чодари сарамро ба бозор бурда фурӯхт. Ҳоло бошад, ин миқдор тиллоро рад мекунад ва ҳатто қасам ҳам ёд кард, дар ҳоле, ки аз ӯ хоҳиш мекунанд.

Ҳама хомӯш мешавад. Касе ба садои зан ҷавобе ҳам намедиҳад. Дар ҳамин вақт ба ӯ суол мекунанд:

- Аҳволатон хуб нест ва ба замми ин, сӣ танга тиллоро рад мекунӣ. Сабаб дар чист?

Ҳаммод:

- Чодари сари ҳамсарро барои харидории хӯрока ба бозор бурдам. Дар бозор садое шунидам. «Ин корро барои мо адо кардӣ ва мукофоташ ҳар чӣ зудтар ба ту мерасад».

Ин шахси бегона омаду сӣ танга тилло пешниҳод кард ва дарк кардам, ки амали садоест, ки дар бозор шунидам. Барои ҳамин қабул накардам.

*** Мо, амале, ки кардем, набояд мукофоташро

интизор бошем ва ҳатто интизорӣ як тараф истад, ҳатто рафторе накунем, ки маънои хоҳиши мукофот диданро пайдо кунад. Ҳар коре, ки анҷом медиҳем, бояд танҳо ба хотири ризоияти Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) бошад.

***ХУДОБАХШ***
***15.04.2012с.***

**Исми ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.)-ро кӣ гузоштааст?**

То таваллуд шудани Расулаллоҳ (с.а.с.) исм ва сифатҳои Ӯ (с.а.с.) ба ҳамагон маълум буд. Ҳар як пайғомбар васфи Ӯро (с.а.с.) тасвир мекард. Ҳазрати Исо (а.с.) Ӯро (с.а.с.) бо исми Аҳмад чун мужда вирди забон оварда буд. Ҳатто ривоят аст, ки тарафдорони аҳли китоб фарзандони худро «Муҳаммад» номгузорӣ мекарданд.

Барои мисол;

- Суфён ибни Муҷашӣ аз қабилаи Бани Тамим ба Шом сафар намуд. Дар хонаи роҳибе меҳмон мешавад. Суфён аз Мударҳо будани худро муаррифӣ мекунад. Роҳиб мегӯяд:

- Дар миёни арабҳо пайғомбаре нузул меёбад, ӯро Муҳаммад ном мегузоранд.

Суфён номи фарзанди ба дунё омадаашро Муҳаммад мегузорад.

Омина (р.а.) - модари Расулуллоҳ (с.а.с.) дар вақти ҳомиладор буданаш хоб мебинад. Дар хобаш чунин садоро мешунавад:

- Ту хайртарин инсон ва роҳбари умматро ба дунё меорӣ. Ва бигӯ, ки Ӯро (с.а.с.) аз ҳасад ва шарри инсон ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) паноҳ металабам ва исмашро ё Аҳмад ва ё Муҳаммад гузор.

Ҳазрати Омина (р.а.) вақти ба дунё овардани Расулуллоҳ (с.а.с.) хобашро ба падари шавҳараш Абдулмутолиб нақл намуд. Дар рӯзи ҳафтуми таваллуди Расулаллоҳ (с.а.с.), Абдулмутолиб Ӯро (с.а.с.) ба назди Каъба мебарад ва ба Худои Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳамду сано мекунад. Барои таваллуди Расулуллоҳ (с.а.с.) якчанд уштур қурбонӣ мекунад ва ба халқи Макка се маротиба хӯрок медиҳад.

Баъд аз зиёфат Қурайшиҳо аз Абдулмутолиб пурсон шуданд:

- Эй Абдулмутолиб! Ба фарзанде, ки ба дунё омадааст чӣ ном гузоштӣ?

Абдулмутолиб мегӯяд:

- Муҳаммад.

Қурайшиҳо:

-Чаро номе аз гузаштаҳои худамонро нагузоштед ва номи Муҳаммадро гузоштӣ?

Абдулмутолиб:

- Дар осмон Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ва дар замин халқ Ӯро (с.а.с.) васф менамоянд.

Маълум мешавад, ки исми Муҳаммад (с.а.с.) аз тарафи башар не, аз илҳоми хоби модарамон ҳазрати Омина (р.а.) гузошта шудааст.

Исми Муҳаммад (с.а.с.) дар Қуръони Карим, сураи «Оли Имрон», ояти 144 чунин омадааст:

يُؤْمِنُونَ بِاللّٰهِ وَالْيَوْمِ الْاٰخِرِ وَيَاْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَيُسَارِعُونَ فِى الْخَيْرَاتِ وَاُولٰئِكَ مِنَ الصَّالِحِينَ

- Шубҳае нест, ки Муҳаммад паёмбарест, ки пеш аз ӯ паёмбароне дигар будаанд. Оё агар бимирад ё кушта шавад, шумо ба дини пешини худ бозмегардед? Ҳар кас, ки бозгардад, ҳеҷ зиёне ба Худо нахоҳад расонид. Худо шукргузоронро подош (мукофот) хоҳад дод.

Дар сураи «Аҳзоб», ояти 40 низ фармудааст;

مَا كَانَ مُحَمَّدٌ اَبَا اَحَدٍ مِنْ رِجَالِكُمْ وَلٰكِنْ رَسُولَ اللّٰهِ وَخَاتَمَ النَّبِيِّنَ وَكَانَ اللّٰهُ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمًا

- Муҳаммад падари ҳеҷ як аз мардони шумо нест. Ӯ расули Худо ва ҳотами (охирини) паёмбарон аст. Ва Худо ба ҳар чизе доност!

Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) дар сураи «Муҳаммад», ояти 2 чунин фармудааст;

وَالَّذِينَ اٰمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ وَاٰمَنُوا بِمَا نُزِّلَ عَلٰى
مُحَمَّدٍ وَهُوَ الْحَقُّ مِنْ رَبِّهِمْ كَفَّرَ عَنْهُمْ سَيِّپَاتِهِمْ وَاَصْلَحَ بَالَهُمْ

«Худо гуноҳи касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд ва ба он чӣ бар Муҳаммад нозил шуда, ки он ҳақ аст ва аз ҷониби Парвардигорашон, имон овардаанд, аз онҳо дур кард ва корҳояшонро ба салоҳ овард».

Дар сураи «Фатҳ», ояти 29 Парвардигори оламиён (ҷ.ҷ) фармудааст;

مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللّٰهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ اَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ
تَرٰيهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِنَ اللّٰهِ وَرِضْوَانًا سِيمَاهُمْ فِى
وُجُوهِهِمْ مِنْ اَثَرِ السُّجُودِ ذٰلِكَ مَثَلُهُمْ فِى التَّوْرٰيةِ وَمَثَلُهُمْ فِى
الْاِنْجِيلِ كَزَرْعٍ اَخْرَجَ شَطْپَهُ فَاٰزَرَهُ فَاسْتَغْلَظَ فَاسْتَوٰى عَلٰى سُوقِهٖ
يُعْجِبُ الزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ الْكُفَّارَ وَعَدَ اللّٰهُ الَّذِينَ اٰمَنُوا
وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ مِنْهُمْ مَغْفِرَةً وَاَجْرًا عَظِيمًا

«Муҳаммад — паёмбари Худо ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгиранд ва бо якдигар меҳрубон. Ононро бинӣ, ки руқӯъ мекунанд, ба саҷда меоянд ва талабкунандаи фазлу хушнудии Худо ҳастанд. Нишонаашон асари саҷдаест, ки бар чеҳраи онҳост. Ин аст васфашон дар Таврот ва дар Инҷил, мисли зироате ҳастанд, ки гиёҳ барорад ва он ҷавона маҳкам шавад ва бар поҳои худ биистад ва деҳқононро ба ҳайрат водорад, то он ҷо ки кофиронро ба хашм оварад. Худо аз миёни онҳо касонеро, ки имон овардаанд, ва корҳои шоиста кардаанд, бахшоиш ва мукофоте бузург ваъда додааст!» (Сураи «Фатҳ», ояти 29).

Дар Сураи «Саф», ояти 6 омадааст;

وَاِذْ قَالَ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ يَا بَنِى اِسْرَائِلَ اِنِّى رَسُولُ اللّٰهِ
اِلَيْكُمْ مُصَدِّقًا لِمَا بَيْنَ يَدَىَّ مِنَ التَّوْرٰيةِ وَمُبَشِّرًا بِرَسُولٍ يَاْتِى مِنْ
بَعْدِى اسْمُهُ اَحْمَدُ فَلَمَّا جَاءَهُمْ بِالْبَيِّنَاتِ قَالُوا هٰذَا سِحْرٌ مُبِينٌ

- Ва Исо бинни Марям гуфт: «Эй банӣ Исроил, ман

паёмбари Худо бар шумо ҳастам. Тавротеро, ки пеш аз ман будааст, тасдиқ мекунам ва ба паёмбаре, ки баъд аз ман меояд ва номаш Аҳмад аст, хушхабаратон медиҳам». Чун он паёмбар бо муъҷизаҳои равшан омад, гуфтанд: Ин ҷодуест ошкор!»

Маънои Муҳаммад, лоиқи таъриф кардан ва аз ҷониби ҳама таъриф кардан аст.

Маънои Аҳмад, аз ҳама барзиёд ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шукр кардан аст, ҳамдкунанда.

Расулуллоҳ (с.а.с.) бисёр бо номи Муҳаммад хитоб карда шудааст. Расулуллоҳ (с.а.с.) бо ҳазрати Хадиҷа (р.а.) издивоҷ намуд ва Расулуллоҳ (с.а.с.) аввалин писарашро Қосим ном ниҳод, аз ин лиҳоз, Расулуллоҳ (с.а.с)-ро «Абулқосим», яъне «Падари Қосим» хитоб мекарданд.

Қуръони Карим Расулаллоҳ (с.а.с.)-ро бо сифатҳои Расул, Набӣ, Шоҳид, Мубашшир, Башир, Мунзир, Сироҷун Нур, Мудассир, Муззаммил, Ҳотамун Набӣ васф намудааст.

Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ) дар сураи «Тавба» ояти 128 фармудааст;

لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِنْ اَنْفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ بِالْمُؤْمِنِينَ رَؤُفٌ رَحِيمٌ

Албатта паёмбаре аз худи шумо бар шумо фиристода шуд, ҳар он чӣ шуморо ранҷ медиҳад, бар ӯ гарон меояд. Сахт ба шумо дилбаста аст ва бо мӯъминон мушфиқу меҳрубон аст.

Дар ин оят сифати «Раъуф» ва «Раҳим» яъне мушфиқу меҳрубон, ишорат ба Расулуллоҳ (с.а.с.) аст.

***ХУДОБАХШ***
***07.07.2012с.***

## Ифтор дар қаср

Моҳи Рамазон буд. Ҳорунаррашид ба Баҳлул гуфт:

- Намози шом ба масҷид рав ва ҳар шахсе, ки ба намоз меояд, ба ифтор даъват бикун.

Шом шуд. Намоз хонда шуд. Баҳлул бо 5-10 кас ба қаср омад. Ҳорунаррашид дид ва ҳайрон монд. Пурсид:

- Баҳлул инҳо кистанд? Ман ба ту нагуфтам, ки ҳар шахсе, ки ба намоз омад, ба ифтор даъват кун. Ту аз он ҷамоъати калон, ба қадри як дастархон ҳам даъват нанамудаӣ.

Баҳлул гуфт:

- Ба ман гӯфтед, ки ашхосе, ки ба намоз меоянд, ба ифтор даъват кун. Пас аз намоз назди дари масҷид истодам ва аз намозгузорон пурсидам, ки имом кадом сураро тиловат кард. Суолро танҳо ҳаминҳо донистанд. Ба масҷид бисёр касон омаданд, аммо ба намоз танҳо ҳамин қадар омадааст.

*** Сарро ба замин чӣ мезанӣ вақти намоз,

Онро ба замин бинеҳ, ки дар сар дорӣ.

Вақте ки дар намоз меистем, бояд на танҳо ҳастии вуҷуд, балки тамоми ҳастӣ, эҳсосот ва рӯҳамон бояд дар намоз бошад.

***ХУДОБАХШ***
***06.01.2013с.***

**Ихлос ва риё**

Ба Абулҳасан Ҳарақонӣ суол карданд:

- Ихлос ва риё чист?

Абулҳасан Ҳарақонӣ ҷавоб дод:

- Ҳар иқдоме, ки Аллоҳ Таъолоро фикр карда, амалӣ мегардад, ихлос аст. Ва иқдоме, ки халқро фикр карда, амалӣ мегардад, риё аст.

*** Руҳи ибодат ихлос аст. Ихлос бошад, адои ибодатҳо сирф ба хотири амр шудани онҳост (Саид Нурсӣ).

Барои ба саодати абадӣ расидан се чиз ҳатмист; илм, амал ва ихлос Имом Раббонӣ (р.а.).

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Ишқ ва сабр

Бишри Ҳофӣ нақл мекунад:

- Рӯзе дар Бағдод мардеро дидам. Чӣ қадаре, ки ӯро бизананд ҳам, овозашро намебаровард. Баъдтар ӯро ба маҳбасхона бурданд. Ин ҳолат бароям хело аҷиб намуд ва дунболаш бирафтам. Ман ҳам ба маҳбасхона рафтам. Сабаби заданашонро пурсон шудам. Ҷавоб дод:

Ба зане ошиқ шудам ва барои ҳамин маро заданд.

Пурсидам:

- Ин қадар туро заданд, чаро овозе набаровардӣ.

Мард ҷавоб дод:

- Занеро, ки дӯст медоштам, ба ман назар мекард.

Баъди шунидани ин сухан, барояш гуфтам:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) туро доимо нигоҳ мекунад ва агар инро дарк мекардӣ, ҳоли ту чӣ мешуд?

Ин суханро шунид ва фарёде кашиду беҳуш шуд.

*** Дар баъзе аз корҳо шарм аз он мекунем, ки ё ҳамсар набинад ва ё дӯсте набинад. Ин дар ҳолест, ки малоик тамоми кору рафторамонро сабт мекунанд ва онҳо рӯзи Маҳшар намоиш дода мешавад. Пас, коре мебояд кард, ки рӯзи Маҳшар аз тамошои филми худамон, ки дар нақши асосӣ худамон бозӣ мекунем, шарм накунем.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳамаамон дарки онро ато намояд, ки доимо Худовандро ҳозиру нозир ва шоҳиди аъмоли худ донем. Омин.

***ХУДОБАХШ***
***02.06.2013с.***

**Кадомаш вазнин?**

Рӯзе толибилмон ба Абулвафо гуфтанд:

- Ба шаҳрамон шахсе омадааст, ки сангҳои вазнин ва борҳои калонро бардошта метавонад.

Абулвафо ба толибилмонаш чунин сухани маънидорро фармуд:

- Борҳои вазнинро бардоштан осон аст, аммо бардоштани зарфи оби таҳораткунӣ аз он душвортар аст.

*** Одам барои он борҳои вазнинро бардошта метавонад ва ҳатто аз бардоштани он завқу лаззат мебарад, ки бар нафсаш хуш меояд.

Дар бардоштани зарфи оби таҳораткунӣ нафсаш лаззат намебарад, баръакс, нафсаш мухолифат нишон медиҳад. Ин аст, ки зарфи оби таҳораткунии сабук назар ба борҳои вазнин бар нафс хело гаронӣ меорад.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Кадомашро мехоҳӣ?

Ба Ваҳиб бинни Вард суол карданд:

- Шумо орзӯи онро мекунед, ки ҳар чӣ зудтар вафот кунед ва ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бирасед ва ё барои ибодати зиёд кардан умри дароз мехоҳед?

Ваҳиб бинни Вард чунин фармуд:

- Ҳеҷ кадомеро орзу намекунам. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бароям чизеро, ки тақдир кардааст, ман ҳамонро мехоҳам.

*** Ба тақдир тан додан ҳамин аст. Он чӣ, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар мо тақдим кардааст, қабулаш дорем ва калимаи «кошкӣ»-ро набояд истифода кард, зеро калимаи мазкур хосси онҳоест, ки ба тақдир тан надодаанд.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Кароматиавлиёҳо ҳақ аст

Дар шаҳри Ракко яке аз шайххо дар мавзӯи каромат суҳбат мекард. Зане омаду ба шайх чунин сарзаниш кард:

- Дар мавзӯъҳои сохтаю бофта ва беасос ин қадар суҳбатҳо мекунед, аммо мардум аз хушкӣ шикоят доранд. Боронро намебинем.

Бешубҳа, ки чунин тарзи гуфтор қалби инсонро мешиканад. Зан гӯё, ки сухани баде нагуфтааст, бепарвоёна аз маҷлисгоҳ берун шуду ба маркабаш савор шуда рафт. Дар роҳ абре пайдо мешаваду борони бошиддате меборад. Баъди чанд лаҳзае боз шамоли сахте мешавад, ки хар нороҳат шуда, занро ба болои лой мепартояд. Зан дубора ба хар савор шуда, назди шайх рафта мегӯяд:

- Дуо кардӣ, борон борид. Аммо ман чаро аз болои хар афтидам?

Шайх ҷавоб медиҳад:

- Аз сабабе оне, ки нисбати дӯстони Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) фикри бад (туҳмат, ифтиро) намудӣ.

*** Мо ҳаққи имтиҳон кардани бузургонро надорем. Кӯшиш кунем, то аз илми онҳо бархӯрдор шавему тавсияҳои эшонро ба ҷо орем. Олимон ворисони пайғомбаранд. Набояд беэҳтиромӣ кард. Абдуллоҳ ибни Масъуд фармудааст, ки:

Субҳ, ки шавад, ё олим бишав ё толибилм. Берун аз ин ду машав, зеро онҳое, ки берун аз ин се чизанд, ё нодон ҳастанд ва ё розиянд, ки нодон бимонанд.

Ҳасани Басрӣ фармудааст, ки:

Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) шахсеро, ки залил кардан хоҳад, забонашро нисбати бузургон дароз мегардонад.

***ХУДОБАХШ***
***12.07.2015с.***

## Каромати ихлос ва садоқати толибилм

Юсуфи Ҳамадонӣ рӯзе дар хона нишаста буд ва хоҳиши ба берун баромадан дар дилаш пайдо шуд. Ин дар ҳолест, ки ба ғайри рӯзи ҷумъа одати берун баромадан надошт. Хоҳиши баромаданаш чунон зиёда гардид, ки болои хачираш нишаст ва хачирро ба ҳоли худаш гузошт, ки ба куҷое биравад. Хачир Юсуфи Ҳамадониро аз шаҳр баровард ва ба масҷиди назди канори водие бурд. Юсуфи Ҳамадонӣ вориди масҷид шуд. Ҷавонеро дид, ки дар ҳоли тафаккур қарор дорад. Интизори ҷавон шуд.

Ҷавон, яке аз шогирдони содиқи Юсуфи Ҳамадонӣ буд. Баъд аз соате сарашро бардошту устодашро дид ва дасташро бӯса намуд. Баъдан ба дӯсташ гуфт:

- Устодам! Ба камбудие рӯ ба рӯ шудаам. Хуб шуд, ки шуморо ёфтам. Намедонам, ки чӣ кор бикунам?

Ҷавон масъалааашро арз намуд. Устод барои рафъи масъала тавсияҳо дод.

Юсуфи Ҳамадонӣ баъд аз додани тавсияҳо ба хачираш савор шуду ба сӯи шаҳр раҳсипор шуд. Ба шогирдаш фармуд:

- Фарзандам! Ҳар вақте ки ба камбудие рӯ ба рӯ шудӣ, ба шаҳр биё ва масъалаатро арз бикун. Дубора маро то ба ин ҷо машаққат мадеҳ.

*** Муҳйиддини Арабӣ баъди нақли ин ҳодиса фармудааст:

- Толибилми содиқ бо садоқат ва ихлос метавонад устоди худро ба назди худ бихонад ва барои рафъи мушкил муваффақ шавад.

Чӣ саодат ба толибилмоне, ки соҳиби садоқат ва

ихлосу кароматанд. Ва албатта, чӣ саодати бузург, ба толибилмоне, ки устоде ба мисли Юсуфи Ҳамадонӣ насибаш гардидааст. Ягон заҳмат зоеъ намегардад.

***ХУДОБАХШ***
***19.05.2013с.***

## Кароматӣ Робияи Адвия

Рӯзе ду нафар ба зиёрати Робияи Адвия рафтанд. Ҳар ду гурусна буданд. Ҳадафи зиёрат шикамро сер кардан буд. Дар аснои зиёрати эшон шахсе аз Робия нон талаб кард. Назди Робия ду нон буд ва ҳар дуро ба ӯ дод. Баъди соате каси дигаре як табақ нон овард. Робия нонҳоро ҳисоб кард, ҳаждаҳ дона буд. Робия гуфт:

- Бояд бист дона нон мебуд.

Он кас, ки нонро оварда буд, дутояшро пинҳон карда будааст. Баъд ҳар ду нонро овард. Суол карданд?

- Ин чи сиррест? Мо барои хӯрдани нони шумо омадем. Нонҳоро ба дигаре додед. Баъдтар боз нон оварданд ва фармудед, ки кам омадааст.

Робияи Адвия:

- Шумо ҳар ду омадед ва дарк кардам, ки гурусна ҳастед. Он ду нонро ба дигаре бахшидам. Аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) талаб кардам, ки ба ҷои як даҳам диҳад. Ба ҷои ду нон бист нон омаданашро боварӣ доштам, зеро Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба як даҳ медиҳад.

*** Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) дар сураи «Анъом», ояти 160 фармудааст:

مَنْ جَاءَ بِالْحَسَنَةِ فَلَهُ عَشْرُ اَمْثَالِهَا وَمَنْ جَاءَ بِالسَّيِّئَةِ فَلَا يُجْزٰى اِلَّا مِثْلَهَا وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ

«Ҳар кас кори неке анҷом диҳад, даҳ баробар ба ӯ подош диҳанд ва ҳар кӣ кори баде анҷом диҳад, танҳо монанди он ҷазо бинад, то ситаме бар онҳо нарафта бошад».

Баъзан мардум ба хотири дорошавӣ ин корро анҷом медиҳанд ва интизори даҳчанди он мегарданд, аммо

муваффақ намешаванд. Сабаб дар он аст, ки ҳадаф дарёфти ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) нест, балки доро шудан аст.

Баъзан барои шифо ояти Қуръон хонда мешавад, албатта ихлос халос аст, аммо эътимоди хом ба мақсад намерасонад.

***ХУДОБАХШ***
***05.09.2011с.***

## Кафанатон аз худатон бодо

Пиронсоле ба деҳае меравад. Бо худ на озӯқае дорад на обе. Хаставу бемор, ба масҷид меравад. Касе истиқболаш намегирад. Касе ба хонааш ҳам даъват намекунаду аз аҳволаш пурсон намешавад. Пас аз намози хуфтан дар масҷид танҳо мемонад. Ҳамон шаб мемирад. Шояд аз гуруснагӣ.

Субҳ. Мардум ба намози бомдод меоянд. Пиронсолро мурда мeёбанд. Мешӯянду кафан мекунанд ва дафнаш мекунанд.

Фардо субҳ, мардум барои адои намози бомдод меоянд. Дар минбар кафан ва навиштаҷоте мебинанд. Навиштаҷот чунин аст:

- Мо ба шумо меҳмоне равон кардем. Хастаю гурусна буд. Ӯро меҳмондорӣ накардед. На хӯрокаш додеду на об. Кафанатон аз худатон бодо.

*** Аз меҳмондорӣ наҳаросед. Бо ихлос меҳмондорӣ намоед, то соҳиби баракат бигардед. Ҳар кас бо қадри тавонияш меҳмондорӣ кунад. Меҳмон атои Худост. Лутф кунед, то лутф бубинед.

***ХУДОБАХШ***
***11.03.2012с.***

## Кафорати Салавот

*(дуруду салом ба ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) гуфтан)*

Номи падари Робияи Адвия Исмоил буд. Се духтар дошт. Чаҳорум духтараш таваллуд шуд ва номашро Робия гузошт. Маънои Робия чаҳорум аст, яъне духтари чаҳорум. Падари Робия қасам ёд карда буд, ба ҷуз Худои Мутаъол аз касе чизе талаб намекунам. Вақте ки Робия таваллуд мешавад, равғане набуд, ки барои равшанӣ кардан истифода кунанд. Модари Робия аз падар хост, ки аз хонаи ҳамсоя равған хоҳиш кунад, аммо падари Робия розӣ нашуд. Модари Робия ғамгин шуд ва падари Робия ноилоҷ сӯи хона ҳамсоя рафт. Дари ҳамсояро танҳо ламс карду баргашт. Ва ба ҳамсараш гуфт:

- Дар кушода нашуд.

Исмоил ҳам дар кунҷе хобаш бурд. Дар хобаш Расули Акрам (с.а.с.)-ро мебинад. Расули Акрам (са.с.) мефармояд:

- Ғамгин машав! Ин духтар чунон ба воя мерасад, ки аз уммати ман ҳафтод ҳазор нафарро шафоат мекунад. Пагоҳ дар вараќе чунин бинавис ва ба волии Басра Исо Зодан бидеҳ:

«Ту ҳар шаб ба Расулуллоҳ (с.а.с) сад саловот ва шаби ҷумъа чорсад саловот мефиристӣ. Ин ҷумъа фаромӯш кардӣ. Кафорати нафиристондани салавот, ба ин шахсе, ки ба ту навиштаҷотро овардааст, чорсад тангаи тилло бахшидан аст».

Падари ҳазрати Робия аз хоб мехезад ва барои дидани Расулуллоҳ (са.с.) дар хобаш гиря мекунад. Навиштаҷотро омода карда, назди Исо Зодан меравад ва онро ба ӯ тақдим месозад. Исо Зодан аз шодиёнае, ки Расулуллоҳ (с.а.с.) ёдаш кардааст, ба фақирҳо ҳазор тангаи тилло садақа

карда, ба падари Робия низ чорсад танга тилло медиҳад ва таъкид мекунад, ки ҳар вақте ки эҳтиёҷе пайдо шавад, огоҳаш кунад.

Исмоил шароити хонаро хуб карда, имкони хубе барои тарбияи фарзанд муҳайё мекунад.

*** Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.)-ро дар хоб дидан, Ӯро (с.а.с.) дар зиндагӣ дидан аст, зеро шайтон ба сурати ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) даромада наметавонад. Хуш ба ҳоли касоне, ки ҳазрати Муҳаммад (с.а.с)-ро дар хоб мебинанд ва хуш ба ҳоли он шахсе, ки ҳазрати Муҳаммад (са.с.) ба ӯ салом мефиристад.

***ХУДОБАХШ***
***15.04.2012с.***

## Кашфиёти тоза аз оби Зам-Зам

Олими ҷопонӣ доктор Масару Эмото (Dr. Masturo Emoto) зимни тадқиқоти оби Зам-Зам ба чунин натиҷа расидааст:

- Оби Зам-Зам вақти хондани азон ва тиловати Қуръон боз ҳам равшантар (барроқ, соф) мегардад. Оби Зам-Зам тамоми тағйироти атрофашро дар ҳофизаи худ сабт мекунад. Сохтораш куллан дигар аст ва чун роҳбари ҳамаи элементҳо ба ҳисоб меравад.

Олими немис доктор Кнут Пфайффер (Dr. Knut Pfeiffer) каме оби Зам-Замро менӯшад ва баъди 35 дақиқа худашро хело хуб ҳис менамояд. Доктор Кнут Пфайффер аз натиҷаи тадқиқоташ чунин мегӯяд:

- Оби Зам-Зам дар ҳеҷ ҳолате тағйир намеёбад, аммо тағйир медиҳад. Тадқиқоти аҷибе намудам. Як қатра оби Зам-Замро ба сад қатра оби оддӣ илова кардам ва дидам, ки ҳамаи об чун оби Зам-Зам шудааст. Баътар як қатра оби Зам-Замро ба ҳазор қатра оби оддӣ илова кардам ва ҳамаи об ба оби Зам-Зам мубаддал гардид. Дар оби Зам-Зам қувваи бузургест. Ҳамаро иваз мекунад, аммо худаш иваз намегардад.

Сарчашма:

1. http://www.7cgen.com/index.php?showtopic=48123
2. http://www.youtube.com/watch?v=BJg7ynIlcrM
3. http://www.masaru-emoto.net/english/image45.html
4. http://www.youtube.com/watch?v=BJg7ynIlcrM

***ХУДОБАХШ***
***14.07.2013с.***

## Келини ҳазрати Умар (р.а.) шудан

Ҳазрати Умар (р.а.) Халифа таъйин шуд. На танҳо рӯзҳо, балки шабҳо низ аз аҳволи мардум хабар мегирифт. Аз назди хона мегузашт. Аз хона овоз мебаромад. Садои модару духтар.

Модар:

- Духтарам, шире, ки пагоҳ мефурӯшем, дар он об илова кун.

Духтар:

- Модар, Халифа дар шир об рехтанро манъ кардааст.

Модар:

- Духтарам, Халифа дар ин нисфи шаб аз куҷо хабардор мешавад. Ӯ ҳозир хоб аст.

Духтар:

- Модар! Халифа хоб аст мегӯӣ ва намебинад, аммо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) моро мебинаду мешунавад ва аз аҳволи мо бохабар аст. Ҳиларо аз мардум пинҳон карда метавонем, аммо аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳаргиз.

Ҳазрати Умар (р.а.) аз ахлоқи духтар ҳайрон шуд. Ин аҳволро ба завҷааш нақл кард. Ҳазрати Умар (р.а.) духтарро барои писараш Асим талаб кард, духтари келини ҳазрати Умар (р.а.) шуд.

*** Дар ҳама давр пайравони ҳазрати Умар (р.а.) ҳастанд.

Духтарони моро мебояд, чун келини ҳазрати Умар (р.а.) хушахлоқ бошанд. Он вақт, биизниллоҳ оилаҳои хубе бунёд мегарданд. Бо хушахлоқӣ сабаби саодатмандии дунё ва охират мегарданд.

***ХУДОБАХШ***

***15.04.2012с.***

## **Кӣ бахшандатарин аст?**

Суфёни Саврӣ ба Ҳаммод бин Салама чунин суол кард:

- Эй Ҳаммод! Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) моро мебахшад?

Ҳазрати Ҳаммод ҷавоб дод:

- Эй Суфён! Агар ба ман ихтиёр гузоранд, ки рӯзи қиёмат ҳисобу китобро ба падару модар додан мехоҳӣ ва ё ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)? Валлоҳ ман аз падару модар дида, Аллоҳ Таъолоро ихтиёр мекунам, зеро медонам, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз падару модар бораҳмтару бахшандатар аст.

*** Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) дар сураи «Зумайр», ояти 53 фармудааст;

قُلْ يَا عِبَادِىَ الَّذِينَ اَسْرَفُوا عَلٰى اَنْفُسِهِمْ لَا تَقْنَطُوا مِنْ رَحْمَةِ اللهِ اِنَّ اللهَ يَغْفِرُ الذُّنُوبَ جَمِيعًا اِنَّهُ هُوَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ

Рӯзе, ки мардони муъмину занони мӯъминро бубинӣ, ки нурашон пешопеш ва дар самти росташон меравад. Дар он рӯз башорататон (хушхабаратон) ба биҳиштҳоест, ки дар он, наҳрҳо равон аст ва дар он ҷовид хоҳед монд ва ин комёбии бузургест.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Кибр ибодатро ва надомат гуноҳро пок мекунад

Шахсе аз Бани Исроил 40 сол роҳзанӣ карда буд. Рӯзе ҳазрати Исо (а.с.)-ро бо дӯстонаш мебинад ва худ ба худ мегӯяд, ки ҳазрати Исо (а.с.)-ро ҳамроҳӣ мекунаму гуноҳҳои кардаамро тарк мекунам.

Дар аснои роҳ, роҳзан чунин фикр мекунад. «Ман, ки фарди залилам, ҳамроҳи ҳазрати Исо (а.с.) роҳ рафтанро ҳақ дорам, магар?».

Яке аз дӯстони ҳазрати Исо (а.с.) бошад, чунин фикр мекунад:

«Ин роҳзан худаш кӣ аст, ки бо ман роҳ мегардад». Яке худро ҳақир ва дигаре худро бузург дид. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳазрати Исо (а.с.) ваҳй кард:

- Ба ҳардуяшон бигӯ. Гузаштаи ҳардуро тоза кардам. Дӯстат худро мақбул донист, аз ин ҷиҳат ибодатҳояшро нест кардам. Роҳзан худро ҳақир шумурд, бад-ин сабаб гуноҳҳояшро авф кардам, аз нав амалро оғоз бикунанд.

Ҳазрати Исо (а.с.) аҳволро барояшон бигуфт. Роҳзанро миёни худашон гирифтанд.

*** Хоксорӣ мева медиҳад ва кибру ғурур решаи дарахтро хушк мекунад. Магӯ, кӣ ҳастам, баръакс, фикри ояндаро кун, ки чӣ касе хоҳӣ шуд. Фикри охирин нафасро бикун. Доим дар зикр ва кори хайр бош, то умрат бо зикру хайр ба охир бирасад. Кадом лаҳзае аз хато баргардӣ, бурд аст.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Кибру ғурур

Рӯзе ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) чунин гуфт:

- Ба ҷаннат чизе аз кибр ворид намегардад.

Саҳобае суол кард:

- Эй Расули Худо (с.а.с.)! Ман аз садои қамчинам ва зебо будани пойафзолам хушам меояд. Ин рафторам кибр аст?

Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуд:

- Не, ин кибр нест. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) зебост ва зебогиро дӯст меорад. Кибр, ҳақро паст дидан ва бо сару чашм мардумро масхара кардан аст.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Луқмон», ояти 18 фармудааст:

وَلَا تُصَعِّرْ خَدَّكَ لِلنَّاسِ وَلَا تَمْشِ فِى الْاَرْضِ مَرَحًا اِنَّ اللّٰهَ لَا يُحِبُّ كُلَّ مُخْتَالٍ فَخُور

«Ба такаббур аз мардум рӯй магардон ва ба худписандӣ бар замин роҳ марав, зеро Худо ҳеҷ такаббури фахрфурӯшеро дӯст надорад».

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Касе, ки дар қалбаш ба миқдори донаи хардал имон дошта бошад, ба ҷаҳаннам (дӯзах) намедарояд. Ва касе, ки дар қалбаш ба миқдори донаи хардал кибр дошта бошад, ба ҷаннат намедарояд.

Бузурге фармудааст:

Ман маниҳо пешаи шайтон бувад,<br>
Ҳар кӣ худро мард гуфт, зан он бувад.

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Киро сарзаниш мекунӣ?

Муҳаммад бинни Шақиқ нақл мекунад:

- Рӯзе ба бозор рафта, барои модарам тарбузе овардам. Тарбуз ба модарам хуш наомад. Ба модарам гуфтам:

- Модарҷонам, ту киро сарзаниш мекунӣ? Харидорро, фурӯшандаро ва ё Холиқи тарбузро? Қасам ёд мекунам, ки Холиқи тарбуз Холиқи беҳамто аст. Харидор ва фурӯшанда бошад, ба ту тарбузеро расонид, ки дар азал бароят тақдир шудааст.

Модарам аз сухани гуфтааш тавбаю истиғфор намуд.

*** Зарбулмасали арабӣ аст, ки ;

- Тақдир, ки ояд, фазо танг мегардад.

Дар тақдират ҳар чӣ, ки бошад, ҳамонро хоҳӣ дид. Баъди худро барқасд аз куҳ партофтан, ҳаққи даъво надорӣ, ки бигӯӣ «Дар тақдирам саломатӣ бошад, саломат мемонам». Бо тадбир тақдирро бояд ба оғӯш гирифт.

Чун қазо ояд, шавад дониш хароб,<br>Маҳ сияҳ гардад, бигирад офтоб.

***ХУДОБАХШ***<br>***20.05.2013с.***

**Коре, ки худ намекунем, бар дигарон бигӯем?**

Аз Абӯҳурайра (р.а.) ривоят аст. ки фармуд:

- Ба Расулуллоҳ (с.а.с.) суол кардем: Ё Расулуллоҳ (с.а.с.), кореро, ки мо худ намекунем ва ё даст накашидаем, метавонем бар дигарон амр ба хайр (маъруф) ва наҳий аз бадӣ (мункар) бикунем.

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуданд:

- Бале, шумо худатон амал ҳам накунед, амр ба хубӣ намоед. Ё худ даст накашидаед, дигаронро аз бадӣ кардан манъ намоед.

*** Баъзан шайтон чунин васваса мекунад, ки ту худ амали хайр намекунӣ, пас, чаро дигаронро ба амали хайр даъват мекунӣ? Баъзан шасхе, ки барои ҷурми кардааш дар зиндон аст, беҳтарин насиҳатро мекунад ва баъзан нафари доное ба гуноҳ кардан майлат мекунонад. Ҳар фарде, ки моро насиҳат мекунад, бояд суханҳояшро дар тарозӯи ақламон бисанҷем баъдан барои қабул кардан ва ё накардани он қарор барорем. Ба ҷуз сухани Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва Расулуллоҳ (са.с.) дигар суханҳои ҳамаро бояд мавриди санҷиш қарор диҳем.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Кори ту душвортар аст

Ҳорунаррашид ҳамроҳи Баҳлули Доно ба Ҳаҷ сафар намуданд. Дар баландие нишастанд ва ба гиряю истиғфори мардум назар мекарданд. Баҳлул фурсате ба даст оварду ба Ҳорунаррашид гуфт:

- Эй халифаи мусулмонон! Ҳамаи ин мардум барои он ашки чашм мерезонанд, ки намедонанд ҳисобу китобашонро чӣ гуна медиҳанд. Ту дар баробари ҳисобу китоби нафси худ, боз ҳисоби ҳамаи ин мусулмононро хоҳӣ дод.

*** Ин мисол на барои дилсард шудан аз корҳои роҳбарӣ аст, балки ҳушёр кардани роҳбар аст. Роҳбар бояд одил бошад, зеро тариқи адл бар мардум осӯдагӣ ва фароҳ меорад, ки сабаби эҳсони раҳмати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мегардад. Роҳбар маънои роҳбаладиро дорад. Хизматгори мардум будан, мардумро ба роҳи рост ташфиқ кардан ва ба мардум равиши зиндагии хайр овардан аст.

***ХУДОБАХШ***
***06.01.2013с.***

## Кӯдаке Баҳлули Доноро насиҳат кард

Баҳлули Доно аз кӯчаҳои Басра мегузашт. Кӯдакон чормағзбозӣ мекарданд. Кӯдаке дуртар нишаста тамошо мекарду гиря дошт. Баҳлули Доно дид, ки кӯдак барои бозӣ накардан ягон нуқсоне надорад. Назди кӯдак рафт ва гуфт:

- Туро чӣ ба гиря овард?

Кӯдак:

- Мо барои бозӣ кардан офарида нашудаем.

Баҳлули Доно:

- Пас, барои чӣ офарида шудаем?

Кӯдак:

- Аллоҳ Таъолоро донистану шинохтан ва бар ӯ (ҷ.ҷ.) ибодат кардан.

Баҳлули Доно:

- Инро аз куҷо омӯхтӣ? Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) туро муборак гардонад.

Кӯдак:

Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) дар сураи «Муъминин», ояти 115 фармудааст:

اَفَحَسِبْتُمْ اَنَّمَا خَلَقْنَاكُمْ عَبَثًا وَاَنَّكُمْ اِلَيْنَا لَا تُرْجَعُون

«Оё пин доред, ки шуморо беҳуда офаридаем ва шумо ба назди Мо бозгардонида намешавед?».

*** Бар банди дурӯғини дунё печидаем ва баҳри наҷоти он кӯшиш мекунем, аммо боз ҳам печидатар мегардем.

Молик ибни Динор фармудааст:

Чӣ қадаре, ки барои дунё ғамгин бигардем, ҳамон

қадар муҳаббати охират кам мегардад. Чӣ қадаре, ки барои охиратамон ғамгин бигардем, ҳамон қадар дарди дунё аз қалб берун мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***12.07.2015с.***

## Кӯдаке, ки дурӯғ намегӯяд

Саид Абдулқодири Гелонӣ дар синни хурдсолӣ тӯдаи ҳайвонҳоро ба саҳро бурд. Думи говеро дошта бозӣ мекард. Дар ин лаҳза садое шунид:

- Эй Абдулқодир! Ту барои ин кор халқ нашудаӣ ва барои ин кор амр нагирифтаӣ.

Аз ин сухан Абдулқодири Ҷейлонӣ бисёр тарсид. Хона омад ва болои бом баромад. Ба ҳоҷиён назар кард, ки дар Арафот қомат рост кардаанд.

Абдулқодир:

- Модарҷонам, ба ман иҷозат деҳ, то барои дарси илм ба Бағдод биравам. Солеҳону авлиёҳоро зиёрат бикунам.

Модар:

- Эй фарзанди ман, нури чашмон ва тоҷи сари ман. Аз ҷудошавии ту сабр карда наметавонам. Аз ин хотир, иҷозатат намедиҳам.

Абдулқодир Гелонӣ ҳодисаи аз саргузаштаашро нақл кард. Модараш ба гиря омад. 80 танга тиллое, ки аз падараш мерос монда буд, 40 тангаашро ба бародари кӯчакаш ва 40 тангаи дигарро ба Абдулқодир дод.

Модари Абдулқодир чиҳил дирҳамро дар либоси Абдулқодир ҷо кард ва дӯхт. Баъд ба чашмони фарзандаш нигариста гуфт:

- Эй Абдулқодир! Тоҷи қалб ва нури чашмони ман. Агар ризогии Ҳақ Таъоло (ҷ.ҷ.) намебуд, ба ту иҷозат намедодам. Ба ту роҳи сафед таманно мекунам ва шояд фикр мекунам, ки ин ҷудошавии мо то абад аст. Ба ту насиҳати охиронамро мекунам.

«Агар хоҳӣ, ки маро хурсанд бикунӣ, пас, ҳаргиз дурӯғ магӯ, ҳаргиз аз роҳи дуруст берун машав. Аллоҳ

Таъоло (ҷ.ҷ.) доимо ва дар ҳама ҷо бо дурустон аст».

Абдулқодир ба модараш ваъда дод ва бо чашми гирён дасти модарро бӯса кард. Ба корвоне, ки сӯи Бағдод раҳсипор буд, ҳамроҳ шуд. Аз Ҳамадон гузар карданд. Дар маҳаллаи Арзи Татранк роҳзанҳо ба корвон ҳамла карданд. Сандуқҳоро вайрон карданд. Ашёро ба яғмо бурданд. Роҳзанҳо ҳамаро якояк пурсон шуданд. Навбати Абдулқодири Гелонӣ расид.

- Навраси фақир, ту чӣ дорӣ?

Абдулқодир:

- 40 танга тилло дорам.

Роҳзан бовар накард. Роҳзани дуюм суол кард. Ӯ ҳам ҷавоби яксон гирифт. Сухани кӯдакро ба роҳбари роҳзанҳо расонид. Ин кӯдак мегӯяд, ки 40 танга тилло дорам.

Ин маротиб роҳбари роҳзанҳо пурсид.

Абдулқодир ҷавоб дод:

- 40 танга тилло.

Роҳбар:

- Бадани кӯдакро кобед.

Аз либоси Абдулқодир 40 танга тиллоро гирифта, ба роҳбарашон супориданд.

Роҳбар боҳайрат пурсон шуд:

- Чаро ту гуфтӣ, ки бо худ тангаи тилло дорӣ?

Абдулқодир:

- Вақте ки аз модарам дур шудам, ба модарам ваъда кардам, ки ҳаргиз дурӯғ намегӯям. Барои 40 танга тилло ваъдаамро намешиканам.

Роҳбари роҳзанҳо пас аз шунидани ин суханҳо ашки чашм рехт ва синну соли худро бо синну соли Абдулқодир

қиёс кард. Роҳбари роҳзанҳо хиёнату зулмҳои кардаи худро фикр кард ва аз кардаҳои худ пӯшаймон шуд ва даст ба сари худ зада гуфт:

- Мо ҳам ба Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) ваъда додем. То имрӯз ба шайтон тобеъият нишон додему аҳди худро шикастем. Фардо рӯзи қиёмат аҳволи мо назди Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чӣ мешуда бошад? Тарафи рафиқони худ нигариста, чунин садо кард:

- Дӯстони ман. Маро гӯш кунед. Ман тӯли ин солҳо аҳдамро бар Худованд (ҷ.ҷ.) шикастам. Бар Ӯ (ҷ.ҷ.) исён кардам. Ба Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) тавбаву истиғфор мекунам. Иншоаллоҳ, аз ин пас, ягон амали баде намекунам. Роҳзанҳо бо як овоз чунин садо баровarданд:

- Мо аз шумо ҷудо намешавем. Дар роҳзанӣ роҳбарамон ту будӣ ва дар ҳидоят низ, роҳбарамон ту бошӣ.

Баъди ин, он чизе, ки аз корвон гирифта буданд, дубора баргардониданд. Роҳзанҳо назди Абдулқодири Гелонӣ тавба карданд. Дубора роҳашонро тарафи Бағдод давом доданд.

*** Таъсирбахшии сухани рост аз самимият ва ихлоси сухан маншаъ мегирад. Қуръон шифо аст ва ба бемор таъсир мекунад, агар ки аз даҳони пок барояд. Оятҳои Раббонӣ аз даҳони шахсе берун шавад, ки амалу рафтори Қуръонӣ дорад.

Рафторат самимӣ ва аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бошад, пас, барои роҳнамоӣ кардани дигарон таъсир мерасонад.

***ХУДОБАХШ***
***15.07.2012с.***

## Кӯр ва Қуръон

Марде ба хонаи дарвеше меҳмон мешавад. Дарвеш нобино буд ва танҳо зиндагӣ мекард. Дар хонаи дарвеш Қуръон буд. Нисфи шаб овози Қуръон мешунавад. Мард ҳайрон мешавад, ки охир соҳиби хона кӯр аст. Меҳмон бедор мешавад ва мебинад, ки дарвеш Қуръон тиловат дорад ва бо дастонаш оятҳоро таъқиб дорад.

Меҳмон мепурсад:

- Чашмони ту намебинад ва ту чӣ гуна ҳам Қуръон мехонӣ ва ҳам оятҳоро таъқиб мекунӣ?

Дарвеш:

- Аллоҳ (ҷ.ҷ.), ки хоҳад ҳама чиз мешавад. Ман Қуръон хонданро дӯст медорам ва ба Худо (ҷ.ҷ.) дуо кардам, ки;

«Худоё! Ман Қуръон хонданро дуст медорам ва вақти хондани Қуръон чашмони маро бино бигардон».

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дуои маро қабул кард ва ман ҳар вақте ки Қуръонро дастам мегирам чашмонам бино мегардад.

*** То он вақте, ки ҷон дар тан дорем, неъматҳои атошударо дар амали хайр бояд истифода кард. Имрӯз бояд хонд, зеро дар қабр хонда наметавонем. Қадри неъмат ва шукри Неъматдиҳандаро (ҷ.ҷ.) бояд кард.

***ХУДОБАХШ***
***21.08.2011с.***

## Куртаи чаҳордирҳама

Асҳоби Киром нақл мекунанд:

Рӯзе аз рӯзҳо Абӯдардо (р.а.) барои харидорӣ кардани курта ба бозор рафт. Дар роҳ Бо Абӯзар (р.а.) рӯ ба рӯ шуд. Абӯзар (р.а.) ба куҷо рафтани Абӯдардро пурсид. Абӯдардо (р.а.) ҷавоб дод.

- Як куртаи даҳдирҳама харидан мехоҳам.

Абӯзар бо овози баланд гуфт:

- Эҳтиёт кунед. Абӯдардо аз мусрифон аст.

Абӯдардо (р.а.):

- Биё, Абӯзар ҳамроҳи ман рав ва ту харидорӣ кун.

Абӯзар (р.а.) ва Абӯдардо (р.а.) ба бозор мераванд ва ба чаҳор дирҳам ба Абӯдардо курта мехаранд.

Абӯдардо мегӯяд:

- Вақти баргашт ба шахсе рӯ ба рӯ шудам, ки урён буд. Ба ӯ гуфтам, ки худашро пӯшонад. Мард либос надоштанашро эътироз кард. Ман ҳам куртаи харидаамро ба он кас додам. Ба бозор рафта, дубора як куртаи чаҳордирҳамаи дигар харидам. Ин маротиб, вақти баргашт як хизматгореро дидам, ки гиря дорад. Сабаби гиря карданашро пурсидам. Хизматгор ҷавоб дод:

- Зарфи равғангириро шикастам ва боз дер ҳам кардам.

Бо он зани хизматгор ба бозор рафтем ва бо ду дирҳам равған гирифтем. Ин маротиб хизматгор гуфт:

- Ту бар ман хубии аз дастат омадаро кардӣ. То ба хона ҳамроҳиам кун, зеро ман дер кардам. Аз заданҳои ӯ метарсам. Агар бо ман биёед, шояд ба ман даст нарасонад.

Абӯдардо (р.а.) бо хизматгор то ба хона ҳамроҳӣ

кард ва ба хоҷаи хизматгор гуфт:

- Хизматгоратон дер кардааст ва аз сарзанишу азияти шумо андеша дорад. Аз ин хотир, хост, ки ҳамроҳияш намоям. Барои ҳамин, назди шумо омадам.

Хоҷаи хизматгор гуфт:

- Модоме, ки бо Шумо омадааст, ман ҳам аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) озодаш кардам.

Абӯдардо (р.а.) ҳамаи инро дида, чунин мегӯяд:

- Абӯзар (р.а.) аз ман беҳтарашро амал кард. Бо даҳ дирҳам ба ман як курта, ба як фақир як курта ва як ғуломро озод кард.

*** Моле, ки лозим бошад, қимат ҳам бошад, дар харидории он боке нест, аммо агар мол арзон бошаду лозим набошад, харидории он исроф аст. Бигзор шахсе харидорӣ намояд, ки эҳтиёҷ ба он дошта бошад ва ё харидорӣ куну садақааш намо.

***ХУДОБАХШ***
***15.01.2012с.***

## Кӯшиши ба даст овардани ризқи ҳалол

Устоди Имом Шаронӣ бо исми Алӣ Ҳаввос нафақаи худро бо тавоноии худ ба даст меовард. Дар аввал собун ва дигар маҳсулоти тозакунанда мефурӯхт. Баъдтар ба фурӯши зайтун шурӯъ намуд. Баъди чанд муддате ба ин кор ҳам хотима доду ба бофтани сабад машғул шуд. Рӯзе чашмони Алӣ Ҳаввос варам кард, аммо сабадбофиро идома медод. Яке аз дӯстдоронаш наздаш омаду барояш миқдори пуле дод ва гуфт:

- Устод! Инро гиреду сарф кунед. То сиҳат ёфтани чашмонатон истироҳат намоед.

Алӣ Ҳаввос пулро нагирифт ва чунин фармуд:

- Ҳатто бо ин аҳволам, пок будани нафақаи ба даст овардаамро бовар карда наметавонам, пас, чӣ гуна ҳалол будани овардаи дигареро бовар кунам?

*** Бузургонамон дар масъалаи луқма чунин боэҳтиёту ҳассос рафтор мекунанд. Аз куҷо омадани пулро бояд донист. Дониста ва ё нодониста хайри мардумро барои сохтмони беморхона, мактаб ва ё масҷиде набояд қабул кард, зеро боиси бархестани фитна мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Қабл аз мурдан тавба кардан

Мӯйсафеде, ки солаш аз 90 гузашта буд, назди ҳазрати Ҳасани Басрӣ меояд ва мегӯяд:

- Ман мехоҳам, ки тавба карда, роҳи ростро ихтиёр бикунам.

Ҳасани Басрӣ ҳам хост ба мӯйсафед латифае кунад ва гуфт:

- Эй мӯйсафед! Магар каме дер нашуд?

Мӯйсафед:

- Чӣ хел дер шудааст? Пеш аз мурдан омадам.

Ҳасани Басрӣ:

- Дуруст фармудед. Шахсе, ки пеш аз мурдан меояд, дар вақташ омадааст.

*** Дар ҳадисе Расулуллоҳ (с.а.с.) фармудааст:

«Баргардед ба Аллоҳ (ҷ.ҷ.), қабл аз он, ки мемиред».

Охири нафас хело муҳим аст. Барои он ки нафаси охир хайру осон барояд, пас моро мебояд, ки умрамонро бо тавбаю истиғфор, ибодату амалҳои хайр гузаронем. На ба ҳар кас пиронсолӣ насиб мекунад. Маргро ҳама вақт бояд интизор шуд. Худоё, ба мо тавбаи насуҳ насиб бигардон. Омин!

***ХУДОБАХШ***
***14.07.2013с.***

## Қадратро воло бикуну хоксор бош!

Сухандоне зимни суханронии худ дар баромадаш, як адад пули 20 - доллараро гирифта, ба мухлисон нишон медиҳад ва мепурсад:

- Кӣ ин пулро соҳиб шудан мехоҳад?

Тамоми толорбудаҳо даст мебардоранд.

Ин маротиб, сухандон пулро зери пояш мегузораду мачақаш мекунад ва дубора ба мухлисон суол мекунад:

- Кӣ ин пулро соҳиб шудан мехоҳад?

Тамоми мухлисон даст мебардоранд.

Сухандон суханашро чунин идома мебахшад:

- Дар охир ин пулро ба касе аз шумо тақдим мекунам. Бубинед, ҳама гуна таҳқиру фишороварӣ қадри ӯро паст накард. Пас аз зери по кардану мачақ кардан ҳам, ин ҳоло ҳам 20 доллар аст. Мо ҳам, дар ҳаёт ба пастию баландӣ, фақирию ҳақирӣ рӯ ба рӯ мешавем, аммо набояд қадрамонро ҳеҷ бидонем. Муҳим қадри худро воло кардану хоксор шудан аст. Дӯстдорони ту, доимо қадру эҳтироми туро медонанд. Дар баробари оне, ки бо кӣ буданамонро мебинанду баҳо медиҳанд, кӣ будани худамон зиёдтар нақш мебозад.

***ХУДОБАХШ***
***05.07.2015с.***

## Қадрдонӣ кардан

Кӯдаке ба намоишгоҳи рассоми машҳуре меравад ва расмҳоро тамошо мекунад ва расмеро маъқули дили худ мекунад. Расмро барои рӯзи таваллуди бародараш хариданӣ мешавад. Рӯзи таваллуди бародараш боз ба намоишгоҳ меравад. Назди ҳамон расм меистад ва бо тамоми шавқу ҳавас назар мекунад. Назди рассом меравад ва пулҳояшро ба рассом дода, мегӯяд:

- Тамоми дороиям ҳамин қадар аст ва ин расмро мехоҳам, ки бихарам.

Рассом расмро ба кӯдак мефурӯшад. Мардуме, ки он ҷо ин манзараро медиданд дар ҳайрат монданд ва аз рассом пурсиданд:

- Расм арзиши миллион дошт, чаро бо пули кӯчаке фурӯхтӣ?

Рассом:

- Бале, барои ин расм чандин ашхосе меёфтам, ки миллионҳо диҳанд, аммо кам ашхосе нафар ёфта метавонам, ки ҳамаи ҳастияшонро бидиҳанд?..

Имрӯзҳо ҳама қимати ашёро медонанд, аммо қадри ашёро намедонанд. *(Оскар Вилд)*

***ХУДОБАХШ***
***01.12.2012с.***

## Қадри одам

Рӯзе халифа ҳазрати Умар (р.а.) аз аҳли маҷлис суол кард:

- Агар хоҳишатон дарҳол қабул мешуд, чӣ орзӯ мекардед?

Аҳли маҷлис чунин посӯх доданд:

- Водии тилло мехостем ва онро дар роҳи Ислом сарф мекардем.

Ҳама ба чунин зайл орзуҳои худро зикр намуданд. Ин маротиб саволи мазкурро аз худи ҳазрати Умар (р.а.) суол карданд. Ҳазрати Умар (р.а.) ҷавоб дод.

- Ман ба мисли Муоз, Салим ва Абӯубайда бародарони мусулмон мехостам, то ин ки бо василаи онҳо ба Ислом хизмат намоям.

*** Шиносоӣ ва қадр кардани одам хислати ҳар як муъмин аст. Чунон зиндагӣ ва хизмати халқ ва динро бикунем, ки бо дуои хайр ёдамон бикунанд ва чӣ гуна, ки мо аз бузургон ва гузаштагонамон дарс гирифтем, насли оянда низ аз мо ёдоварӣ намоянду дарс гиранд.

***ХУДОБАХШ***
***06.01.2013с.***

## Қадри ҳайвон дар Ислом

Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) ба боғи яке аз ансориҳо (саҳобаҳои шаҳри Мадина) даромад. Бо уштуре рӯ ба рӯ шуд. Уштур Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро дид ва нола карду аз чашмонаш ашк рехт. Расулуллоҳ (с.а.с.) ба уштур наздик шуду даст бар уштур ниҳод ва уштур ҳам хомӯш шуд.

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуд:

- Соҳиби ин уштур кист?

Ҷавоне аз ансориҳо гуфт:

- Аз ман аст, ё Расулуллоҳ (с.а.с.).

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуд:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ту уштурро чун мулк бахшидааст ва ту аз Аллоҳ (ҷ.ҷ.) наметарсӣ, магар? Зеро ин ҳайвон ба ман шикоят аз он кард, ки ту ӯро гурусна мемонӣ ва бисёр хастааш мекунӣ.

*** Раҳм кун, то ки раҳм бубинӣ. Раҳм бар ҳама касу бар ҳама чиз: ба одам, ба ҳайвон ба дарахт умуман ба ҳама чиз. Расулуллоҳ (с.а.с.) шикастани дарахти сабзро ҳам манъ кардааст.

***ХУДОБАШ***
***17.03.2013с.***

## Қадри шаб

Иброҳими Адҳам шабе дар масҷиди Ақсо буд ва хобаш бурд. Садое шунид:

- Шабҳоро бо ибодат гузаронидан, оташи ҷаҳаннамро хомӯш мекунад ва намегузорад, ки пой дар пули сирот билағжад. Пас, набояд дар ғафлат бимонд.

Ӯ ҳам баъд аз ин ҳодиса, то охири умр шабҳоро бо ибодат эҳё намуд.

*** Ҳар шабро қадр ва ҳар касро Хизр бидон.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «*Лайл*», оятҳои 1-4 фармудааст:

وَالَّيْلِ اِذَا يَغْشٰى

وَالنَّهَارِ اِذَا تَجَلّٰى

وَمَا خَلَقَ الذَّكَرَ وَالْاُنْثٰى

اِنَّ سَعْيَكُمْ لَشَتّٰى

«Савганд ба шаб, он гоҳ ки ҷаҳонро бо торикиаш бипӯшад. Ва савганд ба рӯз, он гоҳ, ки ошкор шавад. Ва савганд ба он, ки нару модаро биёфарид. Ки ҳосили кӯшишҳои шумо гуногун аст».

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Қалбе, ки Аллоҳро фаромӯш намекунад

Абулҳасан Ҳарақонӣ рӯзе дар суҳбат чунин суол кард:

- Беҳтарин чиз дар дунё чист?

Аҳли суҳбат чунин гуфтанд:

- Шумо хубтар медонед.

Абулҳасани Ҳарақонӣ чунин фармуд:

- Дар дунё аз ҳама чизи беҳтарин қалбест, ки Аллоҳро фаромӯш намекунад.

*** Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) фармудааст:

Қалб хонаи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Қиёмат

Абӯбакри Варроқ як писар дошт. Рӯзе дасташро гирифту назди олими дине бурд, то ин ки Қуръон омӯзад. Дар муддати кӯтоҳ Қуръонро омӯхт. Рӯзе ояти 17-уми сураи «Музаммил»-ро мехонад:

فَكَيْفَ تَتَّقُونَ اِنْ كَفَرْتُمْ يَوْمًا يَجْعَلُ الْوِلْدَانَ شِيبًا

«Агар кофир бошед, дар рӯзе, ки кӯдаконро пир мегардонад, чӣ гуна дар амон монед?». Кӯдак пас аз хондани ин оят ба ларза меояд. Чеҳрааш сап сафед мегардад. Ба хона бармегардад. Падар аҳволи писарашро мебинад ва дар ҳайрат мемонад. Дар бадани кӯдак хун намондааст ва баданаш дар ларзиш буд. Абӯбакри Варроқ гуфт:

- Шамъи ҷаннатии ман, ба ту чӣ шуд фарзандам?

Писар:

- Имрӯз ояте хондам. То чанде, ки фикр мекунам, дилам об мешавад.

Падар:

- Эй нури чашмони ман! Кадом оят аст?

Писар оятро барои падар бихонд ва боз оташ бар дили писар ҷо гирифт. Писар бистарӣ шуд ва баъди чанд рӯзе вафот кард. Падар писарро дар қабр гузошт. Ҳар вақте ки ба гӯри писар мерафт чунин мегуфт:

«Кӯдаки майда як ояти Қуръонро хонд ва аз тарси Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҷон дод. Ту Қуръонро хатм мекунӣ, аммо ба мисли ӯ, аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) наметарсӣ. Ту ин қадар сангдил будаӣ».

*** Дар сураи «Исра», оятҳои 13 ва 14 Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) фармудааст:

وَكُلَّ اِنْسَانٍ اَلْزَمْنَاهُ طَائِرَهُ فِى عُنُقِهِ وَنُخْرِجُ لَهُ يَوْمَ الْقِيٰمَةِ كِتَابًا يَلْقٰيهُ مَنْشُورًا
اِقْرَاْ كِتَابَكَ كَفٰى بِنَفْسِكَ الْيَوْمَ عَلَيْكَ حَسِيبًا

«Кирдори некӯ бади ҳар инсонеро чун тавқе ба гарданаш овехтаем. Ва дар рӯзи қиёмат барои ӯ номае кушода берун оварем, то дар он бингарад. «Бихон номаатро Имрӯз ту худ барои ҳисоб кардани аз худ басандаӣ!».

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Ягон банда, дар рӯзи қиёмат дар куҷо сарф кардани умр, бо илмаш кадом корхоро анҷом додан, аз куҷо мол ҷамъ кардану дар куҷо сарф кардани он ва дар куҷо истифода кардани баданро ҷавоб надода, ягон ҳаракате карда наметавонад.

Баъзан мардум дар фикри қиёмати бузург мебошанд, ҳол он ки марги ҳар кас барои ӯ қиёмат аст.

Ҳазрати Умар (р.а.) дар ангуштарини худ навиштаи зеринро сабт карда буд. «Барои насиҳат марг бас аст». Марги хеш қиёмати хеш аст.

***ХУДОБАХШ***
***09.02.2913с.***

## Қимати модар

*(бахшида ба Рӯзи модарон)*

Дар замоне ду бародар зиндагӣ мекарданд ва модари пире доштанд, ки эҳтиёҷ ба хизмат дошт. Ҳар шабе бо навбат хизмати модар мекарданд ва дигаре бо ибодат машғул мешуд. Шабе бародаре, ки бояд хизмати модар мекард, ба додараш гуфт:

- Имшаб ҳам ту хизмати модар бикун ва ман ибодат мекунам.

Додар қабул намуд. Бародар ибодат кард. Дар саҷда хобаш бурд ва хобе дид. Садое баромад:

- Додаратро авф кардем, туро ҳам ба хотири ӯ авф кардем.

Бародар:

- Ман ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ибодат дорам. Додарам хизмати модар дорад. Маро ба хотири амали додарам авф кардед?

Садо:

- Бале, мо ба ибодати ту эҳтиёҷ надорем, аммо модарат ба хизмати додарат эҳтиёҷ дорад.

*** Аз ибодати нафл, хизмати модар афзал аст. Султон Увайси Қаранӣ (р.а.) фармудааст:

- Хизмат ва эҳтироми модар, ҷомаи пайғомбарӣ мепӯшонад.

Хизмат ва дуои модар буд, ки Расулуллоҳ (с.а.с.) ҷомаи мубораки худро ба Увайси Қаранӣ (р.а.) равон намуд.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «*Луқмон*», ояти 14 фармудаст:

وَوَصَّيْنَا الْاِنْسَانَ بِوَالِدَيْهِ حَمَلَتْهُ اُمُّهُ وَهْنًا عَلٰى وَهْنٍ وَفِصَالُهُ
فِى عَامَيْنِ اَنِ اشْكُرْ لِى وَلِوَالِدَيْكَ اِلَىَّ الْمَصِيرُ

«Одамиро дар бораи падару модараш супориш кардем. Модараш ба ӯ ҳомила шуд ва ҳар рӯз нотавонтар мешуд ва пас аз ду сол аз шираш бозгирифт. Ва супориш кардем, ки Марову падару модаратро шукр гӯй, ки бозгашти ту назди Ман аст».

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Қошуқҳои дарвешон

Ба дарвеше суол карданд:

- Ошиқоне, ки танҳо бо забон мебошанд, аз ошиқоне, ки дар ҳаёт татбиқ мекунанд, чӣ фарқе аст?

Дарвеш фармуд:

- Дар аввал афродеро, ки танҳо бо забон худро ошиқ медонанд, ба зиёфате даъват намоем.

Рӯзе зиёфатае оростанд. Ошиқони забонӣ ташриф оварданд. Пеши ҳар кадоме табақи хӯрок гузошта шуд. Албатта ки пеши ҳар як нафаре қошуқи дарвешӣ, ки як метр дарозӣ дорад, гузошта шуд. Шарт гузошта шуд, ки аз нуги дигари қошуқ доштан ҳатмист. Ошиқони забонӣ ҳарчанд кушиши хӯрдани хӯрокро карда бошанд ҳам, аммо муваффақ нагардиданд ва ошиқони забонӣ бо шиками гурусна зиёфатро тарк намуданд.

Дарвеш рӯзи дигар ошиқони самимиро даъват намуд. Ҳамон зиёфат, ҳамон қошуқҳо ва албатта ки ҳамон шарт.

Ошиқони аслӣ қошуқ бар табақи хӯрок андохта ва баъдан сӯи даҳони дигаре равон карданд. Ҳама хӯрок хурданд ва бо шиками сер зиёфатро тарк намуданд.

Дарвеш гуфт:

- Ҳар фарде, ки дар дастархон худашро танҳо мебинад ва танҳо худашро сер карданӣ мешавад, пас ӯ гурусна мемонад. Ҳар нафаре, ки бародари худро фикр мекунад ва ӯро сер мекунад, ӯ низ аз ҷониби бародараш сер мегардад. Инро ҳам набояд фаромӯш кард: Дар бозори ҳаёт, гиранде не, диҳанда бурд мекунад.

*** Ёд бикун, то ёдат кунам. Сababи рангин сохтани зиндагии дигарон ҳатман бар ранги шудан ва пурбаракат шудани ҳаётатон сабаб мегардад. Шод, ки кардӣ, ҳатман шодиро хоҳӣ дид.

***ХУДОБАХШ***
***05.01.2014с.***

## Лаззати ибодат

Аҳмад бинни Абил Ҳаварӣ нақл мекунад:

- Шабе намозро танҳо адо кардам. *Лаззати* волое бурдам. Фардояш ҳолатро ба устодам Абӯсулаймон Доронӣ нақл кардам. Устодам фармуд:

- Кушиши зиёдтар бикун, то ин ки дар миёни мардум ҳам *лаззати* яксонро ба даст оварӣ.

*** Ҳазрати Ҳусейн (р.а.)) фармудааст:

Баъзе афрод ибодатро ба хотири аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чизе соҳиб шудан адо мекунанд, ки ин ибодати тоҷирон аст. Баъзе ашхос ибодатро бо тарс адо мекунанд, ки ин ибодати ғуломон аст. Баъзе одамон ибодатро ба хотири шукр ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) адо мекунанд, ки ин ибодати озод аст. Афзали ибодатҳо ҳамин аст.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Лаззати хайр афзун шавад

Шахсе назди Яҳё бинни Холид рафту аз ӯ чизе хост. Яҳё бинни Халид ваъда дод, ки дархосташро медиҳад.

Мард дубора пурсид:

- Ҳоло имкони хайр карданро дорӣ, чаро намедиҳӣ ва ваъда куниву вақтро кашола медиҳӣ?

Яҳё бинни Холид чунин сухани маънидор гуфт:

- Ваъда додан ба мисли чашонидани маззаи хӯрок аст. Адои ваъда, хӯрондани хӯрок аст. Шахсеро, ки маззаи хӯрокро чашидаасту баъдан онро мехӯрад, чунон лаззате мебарад, ки шахсе, ки хӯрокро яку якбора мехӯрад, он лаззатро насиб карда наметавонад. Бо ваъда хӯрокро болаззат бигардон, то ин ки вақти адои ваъда лаззати он комил гардад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Лаҳзаҳои охири ҳазрати Умар бинни Абдулазиз (р.а.)

Ҳазрати Умар бинни Абдулазиз (р.а.) пеш аз маргаш чунин фармуд:

- Худоё! Бешӯбҳа гунаҳгорам. Агар гуноҳҳоямро бубахшӣ, бо лутфу раҳматат рафтор намудаӣ. Агар азобам бидиҳӣ, бешӯбҳа, ки бо адолатат рафтор намудаӣ. Танҳо ман «Ашҳаду ан ло илаҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу» мегӯям.

Марг, ки наздикаш шуд, ба гиря даромад. Дӯстонаш сабаби гиря карданашро пурсон шуданд. Ҳазрати Умар бинни Абдулазиз (р.а.) ҷавоб дод:

- Барои тарс аз марг ва ё ҳирс ба дунё гиря намекунам. Сабаби гиряи ман дар он аст, ки ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба қадри кофӣ итоат ва ибодат накардаам.

*** Ягон амали хайратро бузург ва ягон амали бадатро кам мабин. Эътимод ба амалат макун, балки эътимод ба Раҳмати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бикун.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Лаънат ба ташвиқгари ғайбат

Шахсеа ба Фазл бинни Базвон гуфт:

- Фалон кас дар ҳаққи ту суханҳои пасту баланд гуфт. Ғайбатат дорад.

Фазл бинни Базвон гуфт:

- Ман ҳам ба оне, ки ӯро ба ин кор амр кардааст, нафрат ва лаънат мехонам.

Мард:

- Кӣ ба ӯ амр мекунад?

Фазл бинни Базвон:

- Албатта ки шайтон. Шайтон ӯро ба ғайбат кардан майл намуд. Ман барои ҳамин нисбати шайтон пур аз нафратам.

*** Шайтон чизҳоро бо ҳилаҳояш дӯст медоронад, то дар инсон тамаъ пайдо шавад.

Шайтон баъзан чизҳои нопокро ба инсон пок нишон медиҳад, то бар инсон хуш ояд. Инсони оқил агар огоҳ гардад, пас, шайтон боз кӯшиш мекунад, ки дар амали поки инсон кибру ғуруру риёро ҷо бикунад. Боақл бояд тирҳои шайтонро хуб бидонад ва худро бо зикру ибодату дуо дифоъ намояд. Ба ин мисол, ки баъзан инсон шахсеро мавриди ғайбат қарор медиҳад, аммо худашро тасалло ба он медиҳад, ки шахси ғайбатшударо мавриди баҳс ва ё машварат қарор додааст. Бобати машварат дарсест алоҳида.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

**Либоси ифлос бо собун шуста мешавад**

Шахсе ба Абӯлфараҷ ибни Ҷавзӣ суол кард:

- Зикри «Ё Раб, туро тасбеҳ мекунам» гуфтан афзал аст ва ё зикри «Ё Раб, аз Ту мағфират талаб мекунам»?

Ибни Ҷавзӣ ҷавоб дод:

- Либоси ифлос эҳтиёҷ бо собун шустанро дорад, на ин ки эҳтиёҷ ба атр.

*** Бо ин сухан аввал истиғфор ва баъдан тасбеҳ карданро ишорат намудааст.

Аз гуноҳҳо паноҳ ҷӯстан аз тавбаю истиғфор осонтар аст *(ҳазрати Умар (р.а.))*.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Либоси суфигӣ, хандаи ғофилӣ

Муоза ал-Адвия гурӯҳе аз ҷавононро мебинад, ки либоси суфигӣ ба бар доранд, аммо бардавом хандаи баланд менамуданд. Муоза ин аҳволро дида, чунин мефармояд:

- Субҳоналлоҳ, либоси суфигӣ ба бар карданд, ки хело зебост, аммо хандаашон бад аст, зеро хандаи ғофилӣ аст.

*** Шайх Саъдӣ фармудааст:
Тани одам шариф аст, ба ҷони одамият,
Наҳамин либоси зебост нишони одамият.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Лойи пойафзол ва ҳақи банда

Боязиди Бастомӣ дар як рӯзи боронӣ барои адои намози ҷумъа сӯи масҷид мерафт. Борон хело бошиддат меборид. Барои тамом шудани борон каме дар назди девори маҷусие истод. Пойафзолашро бар санги девор аз лой тоза кард. Шиддати борон, ки кам шуд роҳашро давом дод. Дар нимароҳ фикр кард, ки девори маҷусиро ифлос кардам ва ӯ ҳақашро ҳалол нокарда, чӣ гуна намози ҷумъа мехонам ва чӣ гуна ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) мебароям? Чунин фикрҳо ба сараш омаду аз роҳ гашт ва дари маҷусиро тақ-тақ кард.

Маҷусӣ:

- Марҳамат хоҳише дорӣ?

Боязид:

- Барои бахшишпурсӣ омадам.

Маҷусӣ:

- Чи хел бахшиш, барои чӣ?

Боязид:

- Каме пештар пойафзоламро дар девoратон тоза кардам ва девoратон ифлос шуд. Шиддати борон маро аз ин нозукӣ маҳрум карда буд.

Маҷусӣ:

- Ҳеҷ боке надорад. Бе ин ҳам деворамон пур аз лой шудааст. Лойи пойафзоли шумо ифлосие накардааст.

Боязид:

- Дуруст гуфтед, аммо ин ҳақ аст ва бояд ризогии соҳибро гирифт.

Маҷусӣ:

- Ин нозукии зиндагӣ ва ҳаққи инсонро дар ин сатҳ

динатон омӯзондааст?

Боязид.

- Бале, динамон ва пайғомбарамон ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) дарс додааст.

Маҷусӣ, «пас, чаро мо ба ин дин шомил нашавем?» гуфта, калимаи шаҳодат меораду мусулмон мешавад.

*** Дунё муҳтоҷи насиҳат аст, аммо аз насиҳат дида рафтору кирдор аз насиҳат таъсири волотаре мебахшад. Чи мешуд, ки дар баробари насиҳат кардан, кӯшиш кунем, то рафторамонро чун рафтори Расули Худо (с.а.с.) ва пайравони Ӯ (с.а.с) гардонем. Доимо фикри онро кунем, ки ҳақи нафаре дар гарданамон бор нашуда ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)бароем.

Ногуфта намонад, ки агар мо дар хонаҳои худ, газу обу қувваи баркро бо роҳи дуздӣ истифода кунем, пас, рӯзи қиёмат тамоми аҳолии кишвар аз мо ҳақи худашонро талаб мекунад, зеро аҳолии кишвар ба обу газу қувваи барқ ва дигар сарчашмаҳои кишвар ҳақ доранд. Агар мо аз пардохти хизматрасонии Ҳукумат даст кашем, пас, аҳолии кишвар рӯзи қиёмат аз мо ҳақашро талаб хоҳанд кард, зеро сарчашмаҳои Ватан моли мардум аст.

Бе андеша зиндагӣ кардан, мисли беҳуда зиндагӣ кардан аст.

***ХУДОБАХШ***
***13.08.2011с.***

**Луқма**

Абдулқодири Гелонӣ мефармояд:

- Хӯроки ҳаром қалбро мекушад. Хӯроки ҳалол қалбро эҳё мекунад. Луқма ҳаст, ки қалбро нуронӣ мекунад ва луқма ҳаст, ки қалбро торик мекунад. Луқма ҳаст, ки туро бо дунё машғул мекунад ва луқма ҳаст, ки туро бо охират машғул мекунад. Луқма ҳаст, ки дунё ва охиратро тарк мекунонад. Луқма ҳаст, ки Офаридгори дунё ва охиратро ба ёд меорад.

Луқмаи ҳаром танҳо ба дунё рағбат мекунад ва ба ту гуноҳҳоро зебо намудор мекунад.

Хӯрокҳои мубоҳ бо охират машғул мекунад ва ба ту тоатро дӯст медоронад.

Хӯрокҳои ҳалол бошад, қалбатро ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) наздик мекунад.

*** Луқмаи ҳалол шифо аст (маънои ҳадис).

Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) фармудааст:

- Ҳар порчаи бадане, ки бо луқмаи ҳаром парвариш меёбад, оташи дӯзахро мебинад.

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Луқмаи ҳалол

Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) дар Қуръони Карим оид ба мавзӯи *луқмаи ҳалолу ҳаром* баҳри бандаҳо оятҳо нозил намудааст, ки ҳар бандаи мусулмонро мебояд, ки дар асоси ҳалол ва ё ҳаром будани ин ё он хӯрок аҳмияти хосса бидиҳад. Бешӯбҳа, *луқмаи ҳалол* ба ҷисму рӯҳ нерӯ мебахшад ва *луқмаи ҳаром* бошад, ба ҷисму рӯҳ зарар медиҳад. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Бақара», ояти 168-ум фармудааст:

يَا اَيُّهَا النَّاسُ كُلُوا مِمَّا فِى الْاَرْضِ حَلَالًا طَيِّبًا وَلَا تَتَّبِعُوا
خُطُوَاتِ الشَّيْطَانِ اِنَّهُ لَكُمْ عَدُوٌّ مُبِينٌ

- Эй одамон! Дар рӯи замин аз ҳамаи неъматҳо бо шарти ҳалол будан истеъмол кунед.

Дар ояти мазкур зикр шудааст, ки инсонро барои хӯрдани *луқмаи ҳалол* амр намудааст ва агар даст ба *луқмаи ҳаром* бизанад, пас, бешӯбҳа, ки гуноҳ кардааст.

Дар сураи «Бақара», ояти 172-ум низ Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) фармудааст:

يَا اَيُّهَا الَّذِينَ اٰمَنُوا كُلُوا مِنْ طَيِّبَاتِ مَا رَزَقْنَاكُمْ
وَاشْكُرُوا لِلّٰهِ اِنْ كُنْتُمْ اِيَّاهُ تَعْبُدُونَ

«Эй касоне, ки имон овардаед! Аз ризқҳое, ки ба шумо насиб шудааст, аз пок ва ҳалоли онҳо бихӯред».

Дар сураи «Аъроф», ояти 157-ум бошад, Аллоҳи Мутаъол (ҷ.ҷ.) фармудааст:

اَلَّذِينَ يَتَّبِعُونَ الرَّسُولَ النَّبِيَّ الْاُمِّيَّ الَّذِى يَجِدُونَهُ مَكْتُوبًا
عِنْدَهُمْ فِى التَّوْرٰيةِ وَالْاِنْجِيلِ يَاْمُرُهُمْ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهٰيهُمْ عَنِ
الْمُنْكَرِ وَيُحِلُّ لَهُمُ الطَّيِّبَاتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَائِثَ وَيَضَعُ عَنْهُمْ
اِصْرَهُمْ وَالْاَغْلَالَ الَّتِى كَانَتْ عَلَيْهِمْ فَالَّذِينَ اٰمَنُوا بِهِ وَعَزَّرُوهُ
وَنَصَرُوهُ وَاتَّبَعُوا النُّورَ الَّذِى اُنْزِلَ مَعَهُ اُولٰئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ

«Тоза будаҳоро ҳалол ва ифлосбудаҳоро ҳаром кардааст».

Ҳаром будаҳоро донистан, шарти аввалиндарача аст ва баъдан мубоҳ буданро дар шакли фатвои мазҳабҳо дида мешавад.

Дар Қуръони Карим, дар сураҳои «Бақара» (ояти 173), «Моъида» (оятҳои 3 ва 90) ва «Наҳл» (ояти 115) Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) хурдани хук, хун, гушти ҳайвоне, ки бо номи Аллоҳ (ҷ.ҷ.) не ва ба номи дигар кушта мешавад ва хамрро низ (маводи мадҳушкунанда) ҳаром кардааст.

Тибқи суннати саҳеҳ, ҳайвонҳои даррандае, ки бо дандону панҷаҳояшон шикор мекунанд, паррандаҳои дарранда ва хар ҳам ҳаром шудааст (Шавқонӣ, «Найлул автор», 8/125-146 )

Он чизҳое, ки ҳаром буданашонро зикр намудем, агар порчае аз онҳо дар луқмаи ҳалол илова карда шавад, луқмаи ҳалолбуда ҳукми ҳаромро мегирад.

Бешубҳа, ки роҳҳои ба даст овардани луқмаи ҳалол низ бар ҳукми ҳалол боқӣ мондан ва ё намонаданаш нақш бозӣ мекунад. Агар бо роҳҳои ришва, фоиз, дуздӣ, ҳила, ғорат ва яғмо ба даст оварда бошад, пас, ҳукми ҳаромро мегирад.

## Васеъ будани доираи ҳалол

Доираи ҳалол чунон васеъ халқ шудааст, ки барои лаззат бурдан ҳоҷат ба дастдарозӣ сӯи ҳаром нест. Расулуллоҳ (с.а.с.) чунин дуо кардааст:

«Худоё, бо неъматҳои ҳалолат чашму қалбамро чунон сер бигардон, ки чашм ба сӯи ҳаром наниҳам (Тирмизӣ, китоби Дуо, саҳ. 110)

Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) хӯкро ҳаром кардааст, аммо гусфанду бузу гову уштурро ва дигар ҳайвонҳою паррандаҳоро (ба ҷуз дарранда) ҳалол гардонидааст.

Хамрро ҳаром кардааст, аммо нӯшокиҳои дигар меваҳоро бидуни олӯда кардани хамр, ҳалол кардааст.

Дар замони муосир олимони соҳаи тиб, татқиқоти фоидаю зарарҳои хӯрокҳоро мегузоранд

Барои намуна: Хук ё ин ки хамр, ки ҳаром шудааст, дар мавриди зарарҳои онҳо садҳо мақолаву китобҳо навишта шудааст.

Мусулмон новобаста аз фоидаву зарарро донистан, сараввал бояд, ки сирф ба хотири амри Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) будан, аз ҳаром дурӣ ва ба ҳалол наздик бишавад.

## Муҳиммияти луқмаи ҳалол

Мусулмон дар сурати иҷро кардани амрҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) соҳиби тақво мегардад ва маънавиёти хешро воло мегардонад, аммо дар сурати иҷро накардан бошад, ба роҳи шайтон шомил шуда, бар имони худ рахнаҳо ворид мекунад. Дар сурати итоат накардан бар амрҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз шукргузорӣ дур шуда, қадам ба ношукрӣ гузошта, аввал бар худ ва баъдан бар оила ва баъди он ба ҷомеа зарари он расидан мегирад.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) пас аз амр кардани истеъмоли луқмаи ҳалол, амр ба он мекунад, ки дунболи шайтон нашавем. Дар ояти 142-уми сураи «Анъом» Худованд (ҷ.ҷ.) фармудааст:

وَمِنَ الْاَنْعَامِ حَمُولَةً وَفَرْشًا كُلُوا مِمَّا رَزَقَكُمُ اللّٰهُ وَلَا تَتَّبِعُوا
خُطُوَاتِ الشَّيْطَانِ اِنَّهُ لَكُمْ عَدُوٌّ مُبِينٌ

- (Ӯ касе аст, ки) Чаҳорпоён барои шумо ҳайвоноти борбар ва ҳайвоноти хурд (барои манофеи дигар) офарид,

аз он чӣ ба шумо рӯзӣ додааст, бихӯред ва аз гомҳои шайтон пайравӣ нанамоед, ки ӯ душмани ошкори шумост.

Баъди он, дар сураи «Моъида», ояти 88 ва сураи «Анфол», ояти 69 Аллоҳ (ҷ.ҷ.) бар мо бандагон амр мекунад, ки ба сӯи доираи тақво қадам гузорем;

وَكُلُوا مِمَّا رَزَقَكُمُ اللّٰهُ حَلَالًا طَيِّبًا وَاتَّقُوا اللّٰهَ الَّذِي اَنْتُمْ بِهِ مُؤْمِنُونَ

«Ва аз неъматҳои ҳалолу покизае, ки Худованд ба шумо рӯзӣ додааст, бихӯред. Ва аз (мухолифати) Худованде, ки ба Ӯ имон доред, бипарҳезед».

فَكُلُوا مِمَّا غَنِمْتُمْ حَلَالًا طَيِّبًا وَاتَّقُوا اللّٰهَ اِنَّ اللّٰهَ غَفُورٌ رَحِيمٌ

«Аз он чӣ ба ғанимат гирифтаед, ҳалолу покиза бихуред ва аз Худо бипарҳезед, Худованд омурзанда ва меҳрубон аст».

Аллоҳи Бузург (ҷ.ҷ.) дар оятҳои 172-уми сураи «Бақара» ва ояти 114-уми сураи «Наҳл» бошад, шукр карданро амр намудааст;

يَا اَيُّهَا الَّذِينَ اٰمَنُوا كُلُوا مِنْ طَيِّبَاتِ مَا رَزَقْنَاكُمْ وَاشْكُرُوا لِلّٰهِ اِنْ كُنْتُمْ اِيَّاهُ تَعْبُدُونَ

«Эй касоне, ки имон овардаед! Аз неъматҳои покизае, ки ба шумо додаем, бихӯред ва шукри Худоро ба ҷо оваред, агар Ӯро парастиш мекунед».

فَكُلُوا مِمَّا رَزَقَكُمُ اللّٰهُ حَلَالًا طَيِّبًا وَاشْكُرُوا نِعْمَتَ اللّٰهِ اِنْ كُنْتُمْ اِيَّاهُ تَعْبُدُونَ

«Пас аз он чӣ, Худо рӯзиятон кардааст, ҳалолу покиза бихӯред ва шукри неъмати Худоро ба ҷо оваред, агар Ӯро мепарастед».

Дар ояти 60-уми сураи «Бақара» ва ояти 81-уми сураи «Тоҳо» бошад, барои фасод набардоштан, амр шудаем.

وَإِذِ اسْتَسْقَىٰ مُوسَىٰ لِقَوْمِهِ فَقُلْنَا اضْرِب بِّعَصَاكَ الْحَجَرَ فَانفَجَرَتْ مِنْهُ اثْنَتَا عَشْرَةَ عَيْنًا قَدْ عَلِمَ كُلُّ أُنَاسٍ مَّشْرَبَهُمْ كُلُوا وَاشْرَبُوا مِن رِّزْقِ اللَّهِ وَلَا تَعْثَوْا فِي الْأَرْضِ مُفْسِدِينَ

«Ва (ба ёд оваред) замонеро, ки Мусо барои қавми худ об талабид, ба ӯ дастур додем: “Асои худро бар он санги махсус бизан!” Ногаҳ дувоздаҳ чашмаи об аз он ҷӯшид, он гуна ки як (аз гӯруҳҳои двоздаҳгонаи Бани Исроил) чашмаи махсуси худро мешинохтанд. (Ва гуфтем:) “Аз рӯзиҳои Илоҳӣ бихӯред ва биёшомед ва дар замин фасод накунед”.

كُلُوا مِن طَيِّبَاتِ مَا رَزَقْنَاكُمْ وَلَا تَطْغَوْا فِيهِ فَيَحِلَّ عَلَيْكُمْ غَضَبِي وَمَن يَحْلِلْ عَلَيْهِ غَضَبِي فَقَدْ هَوَىٰ

- Бихуред аз рӯзиҳои покизае, ки ба шумо додаем ва дар он туғён накунед, ки ғазаби Ман бар шумо ворид шавад ва ҳар кас ғазабам бар ӯ ворид шавад, суқут мекунад.

Айни ҳол бо чашмҳои худ бисёр мушоҳида мекунем, ки дар охири замон умр ба сард орем, зеро тибқи тафсирҳои ҳадисҳо;

- Дар охири замон, таваҷҷуҳ ба луқмаи ҳалолу ҳаром кам мегардад.

Дар «Маҷмаъул Кабир»-и Табаронӣ 10/74 -9993 омадааст, ҳадиси Расулуллоҳ (с.а.с.) омадааст:

«Талабул ҳалоли воҷибун ало кулли муслимин- Талаби ҳалол ба ҳар фарди мусулмон воҷиб аст».

## Зарари луқмаи ҳаром

Дар сураи «Муъминун», ояти 51 Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) фармудааст:

يَا أَيُّهَا الرُّسُلُ كُلُوا مِنَ الطَّيِّبَاتِ وَاعْمَلُوا صَالِحًا إِنِّي بِمَا تَعْمَلُونَ عَلِيمٌ

«Эй пайғомбарон! Аз хурданиҳо покиза бихӯред ва амали солеҳ нишон диҳед, ки Ман он чӣ анҷом медиҳед, огоҳам.

Дар ин ояти карима Худованди Аъза ва Ҷалла (ҷ.ҷ.) тамоми муъминонро аввал бар луқмаи ҳалол ва баъдан ба амали хайр амр намудааст. Маълум мешавад, ки аввал бо луқмаи ҳалол бояд, ки соҳиби қувват шавем ва баъд амали хайр намоем. Аз ин бармеояд, ки луқмаи ҳалол сарчашмаи амали хайр аст.

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

«Аввалин маконе, ки дар инсон мепӯсад. Меъдааш мебошад». Пас, инсон бо тамоми ҳастияш меъдаашро бояд тоза нигоҳ дорад ва кушиш ба он намояд, ки ба меъдааш чизи нопок ворид нашавад (маънои ҳадис, Бухорӣ, Аҳком, 9).

Аз Ибни Масъуд (р.а.) ривоят шудааст, ки;

«Ҳар фарде, ки луқмаи ҳаром мехӯрад, Аллоҳ (ҷ.ҷ.) чиҳил намози шабаш ва чиҳил дуои субҳашро қабул намекунад. Ба ҳар порчаи гушти бадан, ки аз луқмаи ҳаром парвариш меёбад, макони лоиқаш ҷаҳаннам аст» (Суютӣ, Ҷомеъ-ул-аҳодис, 20/55- 21483).

Дар ҳадиси мазкур таваҷҷуҳ кардан ва нақши назаррас доштани луқмаи ҳалолро зикр намудааст.

## Нозукиҳои бузургон аз луқмаи ҳаром

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) шаб ба ҷойи хоб даромад, аммо то саҳар хоб карда натавонист ва ба тарафҳои чапу рост ҳаракат кардан гирифт. Рӯз шуд ва ҳамсари муборак сабаби дарди бедоркашидаро пурсон шуд. Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуд:

«Вақти ҷо ба ҷо кардани ҷойи хоб, хурмое ёфтам. Онро ба даҳонам мондам, аммо баъдтар ба ёдам омад, ки дар хонаи мо хурмоҳои садақа ва закот низ буд. Ба андешаи он ки агар он хурмо, аз онҳо (аз хурмоҳои садақа ва ё закот) мебуд, то саҳар фикр кардам ва бо он дард ба тарафи чапу рост ҳаракат мекардам. Ба чашмам хоб наомад» (Аҳмад бинни Ҳанбал, ал-Муснад, 2/193).

Дар асл аз садақаву закот дида, эҳтимоли туҳфа буданаш зиёд аст, зеро Расулуллоҳ (с.а.с.) садақа ва закотро зуд ба соҳибонашон (эҳтиёҷмандон) мерасонид.

Рӯзе Расулуллоҳ (с.а.с.) наберааш ҳазрати Ҳасан (р.а.)-ро дид, ки аз хурмои закот донае ба даҳонаш гузошт. Расулуллоҳ (с.а.с) дарҳол хурморо аз даҳонаш гирифт ва фармуд:

«Намедонӣ, ки Оли Муҳаммад (авлоди Муҳаммад (с.а.с.)) моли закот намехӯранд» (Бухорӣ, закот, 80).

Рӯзе ҳазрати Абӯбакр (р.а.) аз дасти хизматгораш хӯроке гирифта мехӯрад ва суол мекунад, ки;

- Аз куҷо овардӣ?

Хизматгор мегӯяд:

- Дар даврони ҷоҳилият аз коҳине (ҷодугарӣ) маблағе ба даст оварда будам.

Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) дарҳол ангушт ба даҳон гузошт ва кӯшиш кард, ки луқмаи фурӯбурдаашро берун барорад. (Бухорӣ, Маноқиб-ул -асрор, 26; Байҳақӣ, ас-Сунан-ул- кубро, 6/97)

Ҳазрати Умар (р.а.) нофаҳмида, шири уштури закотбударо нӯшидааст. Рафтори ҳазрати Умар (р.а.) ҳам бо Абӯбакр (р.а.) яксон буд. Ангушт ба даҳон даровард, то ин ки шири фурӯрафтаро барорад. (Муватта, закот, 31)

Луқмаи ҳаром сабаби сард шудани қалб, коста гардонидани шавқу завқи ибодат, нест кардани эҳёкунии шабҳо, қабул нашудани дуоҳо, нест шудани номус ва иффат ва дигар натиҷаҳои манфӣ мегардад.

«Ҳар фарде, ки луқмаи ҳаром мехӯрад. Узвҳои баданаш бар ӯ исён мекунад. Агар худ аҳволро дарк кунад ё накунад ва ё донад ё надонад, фарқе намекунад» (Саҳли Тустарӣ).

«Барои расидан ба мақоми воло, назорат кардани меъда муҳим аст» (Иброҳими Адҳам).

«Ҳар касе, ки ба меъдаш воридшудро бидонад, Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ӯро аз зумраи содиқон менависад» (Фузайл бинни Иёз).

«Яке аз хазинаҳои Аллоҳ (ҷ.ҷ.), итоат мебошад. Калиди итоат дуо аст. Дандонаҳои калид луқмаи ҳалол аст» (Яҳё бинни Муоз).

**Истеҳсолкунандаҳо, фурӯшандаҳо, харидорҳо ва истеъмолкунандаҳо**

Агар фарди мӯъмин бошӣ, пас, хоҳ истеҳсолкунанда, хоҳ фурӯшанда, хоҳ харидор ва хоҳ истеъмолкунанда бошӣ, ҳатман аз зарраи ҳаром парҳез бикун, то аз зумраи тақводорон ва фармонбардорони амрҳои Илоҳӣ бошед.

Аҳли китоб - насроние, ки китоби Инҷилро бовар дорад, яҳудие, ки Тавротро бовар дорад, барои боварӣ доштанашон ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз қассобхонаи онҳо гуштҳои ҳайвонҳои ҳалолро харидорӣ карда, истифода бурдан мумкин аст. Албатта, агар қассобхонаи мусулмоне пайдо накардӣ. Аввалиндараҷа аз бародари мусулмони худ хариданро тарҷеҳ намоед. Шахсе, ки Аллоҳ Таъолоро (ҷ.ҷ.) инкор мекунад, аз қассобхонаи ӯ харидани гушт

мумкин нест. Касе, ки Аллоҳро инкор мекунад, аз аҳли китоб нест. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Моъида», ояти 5 фармудааст:

اَلْيَوْمَ اُحِلَّ لَكُمُ الطَّيِّبَاتُ وَطَعَامُ الَّذِينَ اُوتُوا الْكِتَابَ حِلٌّ لَكُمْ وَطَعَامُكُمْ حِلٌّ لَهُمْ وَالْمُحْصَنَاتُ مِنَ الْمُؤْمِنَاتِ وَالْمُحْصَنَاتُ مِنَ الَّذِينَ اُوتُوا الْكِتَابَ مِنْ قَبْلِكُمْ اِذَا اٰتَيْتُمُوهُنَّ اُجُورَهُنَّ مُحْصِنِينَ غَيْرَ مُسَافِحِينَ وَلَا مُتَّخِذِى اَخْدَانٍ وَمَنْ يَكْفُرْ بِالْاِيمَانِ فَقَدْ حَبِطَ عَمَلُهُ وَهُوَ فِى الْاٰخِرَةِ مِنَ الْخَاسِرِينَ

Имрӯз чизҳои покиза бар шумо ҳалол шудааст. Таъоми аҳли китоб бар шумо ҳалол аст ва таъоми шумо низ бар онҳо ҳалол аст. Ва низ занони солеҳи мӯъмина ва занони солеҳи аҳли китоб ҳар гоҳ маҳрашонро бипардозед, ба таври заношӯӣ на зинокорӣ ва дӯстгирӣ бар шумо ҳалоланд. Ва ҳар кас ки ба Ислом кофир шавад, амалаш ночиз шавад ва дар охират аз зиёнкорон хоҳад буд.

## Якчанд дарс аз таҳияҳои Худобахш

## Кӯшиши ба даст овардани ризқи ҳалол

## Ризқи ҳалол

Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ширеро, ки ғуломаш меорад, менӯшад ва ба ғуломаш аз куҷо овардани ширро пурсон мешавад. Ғулом мегӯяд:

- Коҳинӣ кардам, яъне аз ғайб хабар додам ва ба ҳақи корам ин ширро гирифтам.

Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) барои аз меъда баровардани шир ангушт ба даҳон андохт. Ангушташро чунон вориди даҳон кард, ки мисле, ки ҷонаш мебаромад. Баъд чунин фармуд:

- Худоё аз боқимандае, ки дар меъдаам монду ба рагҳоям омехта шудааст, ба Ту паноҳ металабам.

*** Дар луқмаи ҳалол шифо аст. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Моъида», ояти 88-ум фармудааст:

وَكُلُوا مِمَّا رَزَقَكُمُ اللهُ حَلَالًا طَيِّبًا وَاتَّقُوا اللهَ الَّذِى اَنْتُمْ بِهِ مُؤْمِنُونَ

- Аз чизҳои ҳалолу покизае, ки Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ба шумо рӯзӣ додааст, бихӯред ва аз Худое, ки ба Ӯ имон овардаед, битарсед.

- Беҳтарин ризқ онест, ки ба ҳалолу ҳаром таваҷҷуҳ намуда, ба даст оварда мешавад (маънои ҳадис. Насоӣ).

## Ҳалолу ҳаром

Ҳазрати Саҳл фарзанде дошт. Кӯдак ҳар вақте ки аз модараш чизе мехост, модар ба кӯдак мегуфт, то аз Аллоҳ (ҷ.ҷ.) талаб кунад. Кӯдак сар ба саҷда мениҳод ва аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) талаб мекард. Дар аснои саҷдаи кӯдак, модар чизи хостаи кӯдакро оҳиста дар пеши кӯдак мегузошт. Бо чунин рафтор, ин ахлоқи ҳамида ба кӯдак таъсир мекунад. Кӯдак бо тамоми ҳастӣ ва ҳиссиёташ омӯзиши ҳастии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва ҳама чизро аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) талаб кардан ва боқӣ ҳама сабаб шуданро аз худ мекард. Иртиботашро бо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) қавӣ мегардонд. Ва ин дарсро давом медод.

Рӯзе модараш дар хона набуд. Дили кӯдак чизе хост ва сар ба саҷда ниҳоду аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мақсадашро талаб кард. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хости кӯдакро эҳсон кард. Модар ба хона баргашт ва дар дасти кӯдак чизеро мебинаду бо як софдилӣ аз куҷо гирифтаашро суол мекунад. Ва кӯдак ҷавоб медиҳад:

- Аз ҳамон ҷои доимӣ, модарҷонам.

*** Мо бандагон бояд ҳастии Аллоҳ Таъоло ва Қодир будани ӯро на танҳо бо зикру ақламон тасдиқ кунем, инчунин бо қалбамон низ тасдиқи онро доимо нигоҳ дорем. Барои мисол:

Банда ҳаром будани нӯшокии масткунандаро ҳам бо ақлам ва ҳам бо қалбам тасдиқ кардам ва банда на худсарона ва на маҷбуран онро наменӯшам ва иншоаллоҳ, касе ҳам наменӯшонад. Аммо ҳаром будани суҳбати шаҳвонӣ бо зани бегонаро танҳо бо ақламон тасдиқ кардаему халос. Зеро агар бо қалбам ҳам тасдиқ мекардам, пас бо зани бегона на суҳбати шаҳвонӣ мекардаму ва на ӯ бо ман суҳбати шаҳвонӣ карда метавонист.

Дар ҳақи якдигар дуо кунем, то ҳалолу ҳаромкардаи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳам бо ақл ва ҳам бо қалбамон тасдиқ карданро Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бароямон насиб гардонад.

***ХУДОБАХШ***
***08.01.2014с.***

## Мазааш меравад, аммо масъулияташ мемонад

Дарки масъулиятшиносӣ наҷотбахши амал аст. То ба сари курсӣ нишастан касе ҳадя намедиҳад. Вақте ки сари курсӣ мешинанд, бо садои баланд ва бо кибру ғурур даъвои онро мекунанд, ки дӯстонам бароям мошину хона ва қарзи бефоиз тақдим намуд. Ин аст, роҳи дигари қабули ришва. Пас аз қабул кардани чунин «ҳадяҳо» маҷбур мешаванд, ки кори ғайрқонунии «дӯстҳоро» рӯйпӯш намоянд. Ҷавоб бар хиёнати масъулият ҳам дар дунёст ва ҳам дар охират. Қабл аз нишастан ба курсӣ андешаи ба дӯш гирифтани масъулиятро бояд ҳам ақлан ва ҳам қалбан тасдиқ намуд. Ҳар як фарди аҳолӣ болоят ҳақ дорад ва он ҳақро дар дунё ва охират хоҳад пурсид. Агар масъулиятро ба куллӣ анҷом бидиҳӣ, пас, дуои ҳар як фарзанди миллат бароят сабаби наҷот хоҳад гардид, биизниллоҳ.

Рӯзе шахсе ба халифа ҳазрати Умар (р.а.) шир ва асал оварданд, аммо ҳазрати Умар (р.а.) қабул накард ва фармуд:

- Маззаи инҳо мераванд, аммо масъулияташ мемонад.

*** Ҳисси масъулият аз эътиқод тавлид меёбад.

*(Аҳмет Салим)*

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Маконе наёфтам, ки Аллоҳ (ҷ.ҷ.) он маконро набинад

Дар замоне устоде аз миёни шогирдон яке аз шогирдони доно ва заҳматкашашро зиёдтар дӯст медошт. Дигар шогирдон аз меҳрубонӣ ва дӯстдории устодашон бохабар буданд ва ҳасад мехӯрданд. Шогирдон миёни худ мегуфтанд:

- Чаро устод ба ӯ таваҷҷуҳи зиёдтар мекунад.

Устод барои рафъи ин фикрҳо ба шумори шогирдон паранда овард ва ба шогирдон доду гуфт:

- Парандаҳоро дар маконе бикушед, ки касе набинад.

Ҳамаи шогирдон ба ҳар гӯшае рафтанд. Баъди чанд лаҳзае баргаштанду яке аз дигаре таърифкунон макони куштани парандаи хешро нақл мекард. Баъди лаҳзае шогирди дӯстдошта дар дасташ паранда омад, аммо парандааш солим буд. Устод суол кард:

- Чаро парандаатро накуштӣ? Бубин, ҳамаи рафиқҳоят парандаҳояшонро дар маконҳое куштанд, ки касе онҳоро надидааст. Магар ту маконе наёфтӣ?

Шогирд посух дод:

- Бале, устод. Ман чун рафиқонам макони беодам ёфта метавонистам, аммо ман маконе наёфтам, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) он маконро набинад.

Тамоми шогирдон аз ин сухан дар ҳайрат монданд ва бетаваҷҷуҳ будани хешро дарк карданд.

*** Аллоҳ Таъоло дар сураи «Ҳуҷурат» ояти 18 фармудааст:

اِنَّ ٱللّٰهَ يَعْلَمُ غَيْبَ السَّمٰوَاتِ وَالْاَرْضِ وَٱللّٰهُ بَصِيرٌ بِمَا تَعْمَلُون

Албатта, Аллоҳ ниҳони осмонҳову заминро медонад ва ба ҳар коре, ки мекунед, биност!

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Вақте ки бандаам ба Ман бо ибодатҳои фарз ва нафлаш наздик мешавад, ӯро дӯст медорам. Чашмони нигоҳкунандааш мешавам, гӯшҳои шунавояш мешавам, дастҳои доштанаш мегардам ва пойҳои роҳгардаш мегардам. Ӯ бо Ман мебинад, бо Ман мешунавад, бо Ман медорад, бо Ман роҳ мегардад. Ба Ман паноҳ биҷӯяд, ҳимояташ мекунам. Аз Ман чизе бихоҳад, барояш медиҳам (Бухорӣ, Ибни Моҷа, Аҳмад).

***ХУДОБАХШ***
***03.02.2013с.***

## Мақсади шумо намоиш додан аст

Дар замони ҳазрати Умар (р.а.) сӯхторе рух дод. Оташ ҳар лаҳза бузургтар шудан мегирифт. Мардум бо ҳар василае мехостанд оташро хомӯш гардонанд, аммо ҳеҷ фоидае намекард. Мардум чи қадаре, ки кӯшиш мекарданд ҳам, аммо фоидае намебахшид. Мардум ба ҳазрати Умар (р.а.) хитоб карданд:

- Ё Халифа! Оташро хомӯш карда наметавонем, ба мо кӯмак бикун.

Ҳазрати Умар (р.а.), ки асли воқеа ва сирро медонист, чунин гуфт:

- Оташ аз аломатҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст. Ин оташ шуълаест аз оташи бахилии шумо. Обпоширо як тараф гузоред, сахӣ бошед, ба фақирон дастгирӣ намоед, озуқаву нӯшока тақсим кунед, бахилиро аз худ дур кунед.

Халқ ин суханро шунида, эътироз намуданд:

- Мо мардуми сахӣ ҳастем, ба фақирону дармондагон кӯмак мекунем.

Ҳазрати Умар (р.а.) фармуд:

- Шумо аз рӯи одат, ба фақирон кӯмак менамоед, на ин ки барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.). Ҳадафи шумо намоиш додан аст. Мақсадатон ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) нест. Инро тарк бикунед, то ин ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба шумо марҳамат бикунад.

*** Иқдоми хайр бояд танҳо барои дарёфти ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) амалӣ гардад, вагарна арзише надорад. Агар барои чашми мардум мекунӣ, пас, аҷрро низ аз мардум интизор бишав. Чунин аъмол аз сифатҳои бутпарастӣ ҳисоб меёбад.

***ХУДОБАХШ***
***10.02.2013с.***

## Мансабдор ва зан

Мансабдоре, ки ҳам сарвати хубе дошт, ба боғи зебое меравад. Гулҳои рангоранг ба боғ завқи хоссае мебахшид. Шахси мансабдор бо баҳона боғбонро ба берун мебарорад ва ба ҳамсари боғбон мегӯяд:

«Дарҳои боғро маҳкам кун ва ягон даре кушода набошад.

Зан, ки боақлу бономус буд, ният ва нақшаи мансабдорро фаҳмид. Зан паси дарахте пинҳон шуду баъди чанд лаҳзае назди мансабдор омад ва гуфт:

«Дарҳоро маҳкам кардам, аммо якеаш кушода аст ва зӯрам нарасид, то маҳкамаш кунам. Чи қадар кӯшише кардам, аммо муваффақ нашудам».

Мансабдор:

- Кадом дар?

Зан:

- Даре, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бо сифати басириаш моро мебинад.

Мансабдор ин суханро мешунавад ва пӯшаймон мегардаду тавба мекунад. Барои он ки дубора чунин фикрҳои бад ба сараш наояд, назди шайхе рафта, дар суҳбати эшон ҳамроҳ мешавад ва бо суҳбатҳои шайх тарбия мегирад. Мансабдор яке аз бандаҳои холиси Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мегардад.

*** Баъзан фирефтаи нафс мегардем ва фаромӯш мекунем, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бо сифати басириаш моро нигоҳ дорад ва малоик ҳам аъмоли неку бади моро сабт доранд. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барои завқ бурдани мо дар ҳаёт ҳалолҳои зиёде офаридааст, ки ҳоҷат ба майли ҳаром нест.

***ХУДОБАХШ***
***16.06.2011с.***

## Марги фарзанд

Донишмандеро фарзандаш вафот мекунад. Ёру дӯстони донишманд ашки чашм резонданд, аммо донишманд боре ашки чашм нарезонд. Ҳамсари донишманд чун дигарон ҳайратзада шуданд.

Ҳамсар:

- Ёру дӯстонат ашки чашм мерезонад, аммо ту падар шуда, боре ҳам ашки чашм нарезондӣ, магар сангдил ҳастӣ?

Донишманд:

- Ҳамсарам! Фарзандам як тараф истад, дилам ба ғайримусулмон ва ҳайвонҳо ҳам месӯзад. Ашки чашм барои чизе рехт, ки аз даст мераваду дубора дида намешавад, лекин мо фарзандамонро гум накардем, ӯ гум нашудааст, дар атрофамон чарх мезанад.

*** Мурдан ҳақ аст, ман наметарсам аз он,

Ман нек назистаме, аз он метарсам.

Бале, мо бояд ба вақтҳое ашки чашм резонем, ки бе амалҳои хайр ва бе ибодат гузарондаем. Ба вақтҳое ашки чашм резонем, ки дониставу нодониста, ноҳақӣ кардем, ранҷондем ва дигар корҳои бад кардем.

Ҳам дуо ва ҳам кӯшиш кунем, ки аз ин пас вақтҳоямонро дар амалҳои самаранок истифода барем.

***ХУДОБАХШ***
***20.08.2011с.***

## Мардҳо ҳам оро мекунанд

Назди халифа ҳазрати Умар (р.а.) марде даромад, ки сару андомаш парешон ва мӯи сараш ҳам ифлос буд. Ҳамроҳаш ҳамсараш буд. Ҳамсараш ба ҳазрати Умар (р.а.) гуфт:

- Эй Амиралмуъминин! Маро аз ин одам наҷот деҳ.

Ҳазрати Умар (р.а.) дарк намуд, ки аз шавҳараш хушаш намеояд. Ҳазрати Умар (р.а.) фармон дод, то мардро ба ҳаммом бибаранд ва сару либосашро тоза кунанд, мӯи сарашро ба тартиб дароранд ва нохунҳояшро бигиранд. Мард берун баромад ва гуфтаҳои ҳазрати Умар (р.а.) иҷро шуду дубора баргашт. Ҳазрати Умар (р.а.) фармон дод, то ин ки мард ба ҳамсараш наздик шавад. Мард ҳам наздик шуд ва ҳамсараш мардашро дид хурсанд шуду аз ҷудошавӣ даст кашид.

Ҳазрати Умар (р.а.) фармуд:

- Барои хонумҳоятон чунин бикунед. Қасам ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), ки чӣ гуна шумо аз зебо шудани ҳамсарҳоятон хушатон меояд, ҳамсарҳоятон низ аз зебо будани шумо хушашон меояд.

*** Вақти суҳбат бо мардҳои сигоркашу носкаш ва шаробхора худи мард тоқат намекунад, вой бар ҳоли ҳамсарони чунин мардон. Албатта, баъзе аз онҳо мисвоку хушбӯӣ мекунанд ва каме аз он бӯй наҷот меёбанд, аммо беҳтар он аст, ки аз ин феъли зараровар, ки ҳам ба имон ва ҳам ба саломатӣ албатта зарари молиявӣ ҳам дорад, дурӣ биҷӯянд.

Дар «Ҷомиъус-сағир» (1/4) ҳадисе сабт шудааст:

- *Либосҳоятонро бишӯед. Мӯйҳоятонро ба тартиб*

дароред. Дандонҳоятонро мисвок бикунед. Кӯшиш кунед, ки тоза ва зебо бошед, зеро бани Исроил чунин накарданд ва занҳояшон ба зино рӯй оварданд.

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Маро бо худат машғул намо

Ҳазрати Робия бисёр рӯза мегирифт. Боре як ҳафта озӯқае наёфт. Дар шаби ҳаштум гуруснагияш шаддидтар шуд. Фикри онро кард, ки бар нафсаш азият дорад. Дар ҳамин лаҳза шахсе дарашро тақ-тақ кард ва як табақ хӯрок овард. Робия табақро гирифта, ба замин монд. Барои гирифтани шамъ рафт. Гурба хӯрокашро резонд. Барои гирифтани қадаҳи об рафт. Шамъ хомӯш шуд. Вақти нӯшидани об, қадаҳ аз дасташ афтида мешиканад.

Ҳазрати Робия:

- Эй Худо (ҷ.ҷ.)! Бандаи бечораатро имтиҳон мекунӣ, аммо ман аз оҷизиям сабр карда наметавонам.

Ҳазрати Робия ин суханро гуфту оҳе кашид.

Ҳазрати Робия овозе шунид:

- Эй Робия, агар хоҳӣ, неъмати дунёро болои сарат резонам. Агар хоҳӣ, дарду балоро аз сарат мебардорам, аммо ин дарду бало бо моли дунё дар як ҷо намеистанд.

Баъди шунидани чунин овоз, дуо кард:

- Эй Худо! Маро бо Худат (ҷ.ҷ.) машғул намо ва он чизе, ки маро аз Ту (ҷ.ҷ.) дур месозад, ҳамроҳ макун.

Баъд аз ин аз завқи дунё канда шуду ҳар намози адокардаашро «Ин намози охирин ман» гуфта бо ҳушу (бо тамоми ҳастӣ) ният мекунаду бо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) машғул мешавад. Дар намоз ҳам чунон дуо мекард:

Худоё, маро бо худат машғул намо, то касе бо ман машғул нагардад.

*** Ду неъматро дар як вақт тамаъ макун. Он чи, ки дар даст дорӣ шукр кун. Шукр бар неъмат не, бар Неъматдиҳанда (ҷ.ҷ.) бояд кард. Ҳар як намозамонро чун

намози охирон бояд адо кард, то ин ки онро бо тамоми ҳастӣ бихонӣ.

***ХУДОБАХШ***
***20.11.2011с.***

## Маро ғулом мекунад

Амиралмуъминин ҳазрати Усмон (р.а.) ба ғуломаш як миқдор маблағ медиҳад ва мефармояд:

- Ин маблағро ба Абӯзар қабул карда тавонӣ, туро озод мекунам.

Ғулом пулро гирифта ба Абӯзар мебарад ва хоҳиш мекунад, ки қабул намояд, аммо Абӯзар чун одат қабул намекунад. Ғулом гуфт:

- Хоҳиш мекунам, ки ин маблағро қабул намо, зеро қабул кардани ту сабаби озод шудани ман мегардад.

Абӯзар фармуд:

- Шояд қабул кардани маблағ сабаби озод шудани ту мегардад, аммо маро ғулом мегардонад.

*** Кӯшиш ба он кунем, ки рӯзгори хешро бо бозӯи худ пеш бибарем. Агар танбалӣ кунему дигаре бар зиндагии мо саҳмгузорӣ намояд, пас, худро дар пеши эшон ғулом (муттаҳам) ҳис мекунем. Танбалӣ сифати муъмин нест. Аз ин лиҳоз, набояд танбалӣ карда, хешро дар назди дигаре чун ғулом муаррифӣ кард.

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

**Матарс, ки ризқат бурида мешавад**

Афроде ҳастанд, ки барои гирифтани вазифа ва ё ба даст овардани моли зиёд назди роҳбарони давлатӣ ва ё тоҷирони машҳур беҳудагӯӣ ва сафсатагӯӣ мекунанд.

Суфёни Саврӣ ба яке аз чунин ашхос гуфт, ки ин феълатро тарк кун.

Мард гуфт:

- Агар тарк кунам, аҳли оилаам чӣ гуна зиндагӣ мекунанд?

Суфёни Саврӣ фармуд:

- Аллоҳ Таъолоеро, ки ту исёнаш кардӣ, ризқатро канда накард. Ту фикр мекунӣ, ки итоаташ кунӣ, ризқатро бармеканад?

*** Бо нону обу намак таъмин кардани оила набояд сабаб ва баҳонаи фаромӯшӣ аз Ҳақ (ҷ.ҷ.) гардад. Агар Худованд (ҷ.ҷ.) ба банда гулӯ халқ накунад, нону об додани мо ҳам маъние намекунад. Пас, ҳам ба Халққунанда (ҷ.ҷ.) ва ҳам ба Ризқдиҳанда (ҷ.ҷ.) шукри беандоза бояд кард.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Машаққат ва савоби илм

Яке аз бузургон нақл мекунад:

- Замони толибилмӣ аз душворӣ дарсро тарк кардаму роҳ сӯи деҳа намудам. Дар роҳ барои истироҳат дар канорае нишастам. Дар ин асно чашмам ба ҳашароте бархурд. Ҳашарот пораи сангеро бардошта баромадан мехост, аммо меафтид. Ин корро чандин маротиб такрор кард ва дар охир комёб шуд. Ман ҳам аз ин илҳом гирифтаму ба таълимам баргаштам. Илмро ба оғӯш гирифтам ва ман ҳам муваффақ шудам.

*** Аллоҳ Таъоло дар сураи «Алақ» оятҳои 1-5 фармудааст:

اِقْرَاْ بِاسْمِ رَبِّكَ الَّذِى خَلَقَ
خَلَقَ الْاِنْسَانَ مِنْ عَلَقٍ
اِقْرَاْ وَرَبُّكَ الْاَكْرَمُ
اَلَّذِى عَلَّمَ بِالْقَلَمِ
عَلَّمَ الْاِنْسَانَ مَا لَمْ يَعْلَمْ

- Бихон ба номи Парвардигорат, ки биёфарид. Одамиро аз лухтаи хуне биёфарид. Бихон! Ва Парвардигори ту арҷмандтарин аст. Худое, ки ба воситаи қалам омӯзиш дод. Ба одамӣ он чиро, ки намедонист, биёмӯхт.

- Ҳар як чиз роҳи худро дорад ва роҳи ҷаннат илм аст (маънои ҳадис).

- Илм чизест, ки агар ту тамоми қуввататро надиҳӣ, ӯ ҳатто нимашро ба ту намедиҳад (Абу Юсуф).

Баъзан чунин суханҳо мешунавем, ки бидонию амал накунӣ, чӣ суд? Бале, дуруст аст, ки бо донистан амал мебояд, аммо ин маънои онро надорад, ки аз илм омӯхтан канораҷӯӣ кунӣ. Донистану амал накардан ҳайф аст, аммо надонистану амал накардан сад ҳайф.

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Меваи хоксорӣ ва кибр

Сайид Аҳмад Руфоӣ мефармояд, ки;

- Ба сӯи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дарҳои зиёде кушода аст, аммо назди дари хоксорӣ на он қадар мардуми зиёде аст, назар ба дарҳои дигар. Ман ҳам дари хоксориро интихоб кардам ва ба осонӣ қабул гардидам. Ман ҳам ба шумо тавсия медиҳам, ки дари хоксориро тарҷеҳ (интихоб) кунед. Эҳтиёт кунед, то ба дари кибр наравед, вагарна шахси кибрдор доимо интизорӣ мекашад.

Барои исботи суханаш, дарахти хурморо ишора карда, суханашро чунин идома мебахшад.

Дарахти хурмо хоксорӣ нишон надода, қоматашро хело намоиш додааст, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) низ меваҳояшро хурд кардаасту ба сараш бор кардааст ва маҷбур борашро кашонида истодааст.

Сайид Аҳмад Руфоӣ ба каду назар карда боз чунин гуфт: «Аммо хоксории кадуро бубинед, ки навдаву баргаш хоксорӣ намудааст ва Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) меваи онро бузург намудаасту болои хок ҳаволааш кардааст. Вазнинии меваро ба кашиши замин бор кардааст.

Сайид Аҳмад Рӯфоӣ мисоли овардаашро чунин шарҳ додан мегирад: Фарқияти хоксорӣ ва кибр ҳамин аст: Хоксор ягон даъвои машҳур шудан надорад ва дар худ бори манманиро намебардорад. Аммо мутакаббир (шахси кибрдор) як умр болои сари худ бори манманиро бо азобу машаққат мегардонад».

*** Банда аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хоксорӣ намояд, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ӯро воло ва ҳикматашро зиёда мегардонад. *(ҳазрати Умар (р.а.))*

Қалбе, ки кибр дорад, дар он қалб тарси Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ёфт намешавад. *(Абдуллоҳ Тустарӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***01.11.2015с.***

## Меҳнат ва роҳат

Зарбулмасали чинӣ аст:

- Касе меҳнат кунад, бурд мекунад ва касе меҳнат намекунад, фиреб мехӯрад.

Мо давраи толибилмӣ ва давраи донишҷӯиро низ паси сар кардем. Агар меҳнат кунӣ, ба ту аттестати сурх ва ё дипломи сурх медиҳанд. Он гоҳ ба ҷойи кори хуб таъмин мегардӣ. Пас, барои ба ҷаннат рафтан чӣ бояд кард?

Барои дар дунё муваффақ будан ҳам меҳнат мебояд ва барои ба ҷаннат рафтан низ. Магар, Эдисон бе меҳнат фурӯзонакро кашф намуд? Магар Ибни Сино бе меҳнат соҳиби илми соҳаи тиб гардид? Магар Имом Бухорӣ бе заҳмат соҳиби китоби ҳадис шуд?

Меҳнат сирри муваффақият аст. Дини Ислом меҳнати ҳалолро ибодат номидааст.

Бузурге фармудааст, ки дар ҷаҳаннам оташ нест ва ҳар кас оташи худро аз дунё худаш мебарад.

Бузурги дигаре иловатан фармудааст, ки; Шахсе, ки ба ҷаннат меравад, пас, бояд боғи гулро ҳамроҳаш бибарад.

Барои соҳиби боғи гулу оби софу минбари воло ҳам бандагии худро ба куллӣ анҷом диҳем ва ҳам ба дигарон роҳ нишон бидиҳему дастгирӣ намоем.

***ХУДОБАХШ***
***04.08.2013с.***

## Меҳнат ибодат аст

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) бо ҳазрати Муоз (р.а.) салом кард ва фармуд:

- Ё Муоз! Дастонат захмдор шудааст?

Муаз:

- Бале Расулуллоҳ (с.а.с.). Бо кишту кори замин машғулам. Бо ин роҳ ба оилаам ризқу рӯзӣ меорам.

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) дасти Муозро бӯса карду фармуд:

- Ин дастро ҷаҳаннам намесӯзонад.

*** Танбалӣ сифати мӯъмин нест. Меҳнат ибодат аст. Яке аз обҳои муқаддас, арақи ҷабин аст. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Наҷм» ояти 39 фармудааст:

وَ اَنْ لَيْسَ لِلْاِنْسَانِ اِلَّا مَا سَعٰى

- Ва ин ки: барои мардум подоше ҷуз он чӣ худ кардаанд, нест?

***ХУДОБАШ***
***17.03.2013с.***

## Мисле, ки ба нафсам ғурур омад

Рӯзе Халифа ҳазрати Умар (р.а.) дар пушташ зарфи об гирифта аз маҳаллаи серодамтарини Мадина гузар мекард. Фарзанди ҳазрати Умар (р.а.) бо исми Абдуллоҳ ин аҳволро мебинад ва назди падар меояду мегӯяд:

- Падар чӣ кор мекунӣ? Як халифаи бузург дар зарф об мекашад, магар? Шахсе наёфтӣ, ки об бикашад?

Халифа ҳазрати Умар (р.а.) фармуд:

- Фарзандам, ман инро на ба хотири бекасӣ ва ё аз рӯи маҷбурият, балки эҳсосе намудам, ки бар нафсам ғурур омад ва барои ин кор худамро маъқул донистам. Сирф ба хотири ҳақир кардани нафсам ба ин роҳ қадам мондам.

*** Ба ин усул мо ҳам бояд нафси худро чунин тарбия намоем. Нафс басирати инсонро кӯр мекунад. Пеш аз оне, ки нафс кӯрат накунад, ту нафсатро кӯр бикун. Касеро ҳақир машумор. Ҳақир шумурдан, маънои тобеъ шудан бар нафсро дорад. Худованди Мутаъол дар сураи «*Луқмон*» ояти 18 фармудааст:

وَلَا تُصَعِّرْ خَدَّكَ لِلنَّاسِ وَلَا تَمْشِ فِى الْاَرْضِ مَرَحًا اِنَّ اللهَ لَا يُحِبُّ كُلَّ مُخْتَالٍ فَخُورٍ

- Ба такаббур аз мардум рӯй магардон ва ба худписандӣ бар замин роҳ марав, зеро Худо ҳеҷ мутакаббиру фахрфурӯшеро дӯст надорад.

- Рӯҳи шахс қабл аз баромадан аз бадан аз се чиз дур гардад, ба ҷаннат медароянд: кибр, хоинӣ ва қарз (маънои ҳадис).

***ХУДОБАХШ***
***17.03.2013с.***

## Мо дар зиндонем

Яҳё бинни Муоз (р.а.) вафот мекунад. Шахсе ӯро дар хоб мебинад ва мепурсад:

- Дар қабр ба ту чӣ гуна муомила намуданд?

Яҳё бинни Муоз ҷавоб додааст:

- Аз ман пурсдиданд, ки аз дунё чӣ овардӣ? Ман ба онҳо ҷавоб додам, ки: ман аз зиндон меоям. Шахсе, ки аз зиндон меояд, чӣ оварда метавонад? Инро бигуфтам ва дигар ба ман суол накарданд.

*** Неъмате, ки мӯъмин дар охират мебинад, дунё барояш зиндон менамояд, ҳарчанд ки тамоми неъмати дунёро дар дунё дида бошад.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2013с.***

## Мо зинда мекунем

Абдуллоҳи Ансорӣ рӯзе Аҳмади Ҷомиро ба хонааш даъват мекунад. Аҳмади Ҷомӣ зимни баромадан ба хизматгораш гуфт:

- Бояд соате интизор шавем.

Баъд аз соате марде бо занаш ва фарзанди 12 - солааш назди Аҳмади Ҷомӣ омаданд.

Мард:

- Худованд ба мо моли зиёд дод. Аз ин дигар фарзанде надорем, лекин фарзандам нобино аст. Барои табобаташ ҳама ҷо рафтем. На ҷое монду на табибе, аммо илоҷаш пайдо нашуд. Мо медонем, ки шумо чи дуое, ки кунед, Аллоҳ Таъоло лутф мекунаду қабулаш мегардонад. Агар барои бино шудани чашмони фарзандам дуо кунед, хело шод мегардем. Чашмаш бино шавад, чи моле, ки дорем, фидояш мекунем. Хоҳиш мекунам, ки марҳамат кунед, хело шод мегардем, вагарна аз ғаму ғусса мемирем.

Аҳмади Ҷомӣ:

- Чи хел мешавад? Мурдаро зинда кардан, пусти баданро эҳё кардан муъҷизаҳои ҳазрати Исо (а.с.) аст. Аҳмад худаш кист, ки аз ман чунин дархост менамоед?

Аҳмади Ҷомӣ пас аз ин суханҳо баромаданӣ шуд. Баъди якчанд қадаме овози «мо мекунем» садо дод. Ҳама ин суханро шунид, аммо касе чизе нафаҳмид. Аҳмади Ҷомӣ аз роҳ баргашту нишаст ва гуфт:

- Кӯдакро биёред.

Аҳмади Ҷомӣ ду сари ангушти муборакашонро бар чашмони кӯдак ламс карду зикр кард:

«Бо изни Аллоҳи Азизу Ҷалил кушода шав».

Чашмони кӯдак бино гардид. Ба Аҳмади Ҷомӣ суол карданд.

- Дар аввал фармудед, ки мурдаҳоро зинда кардану пусти инсонро эҳё кардан муъҷизаи ҳазрати Исо (а.с.) аст ва худатонро ҳеҷ шумурдед, аммо пас аз лаҳзае «мо мекунем» гуфтед. Иртиботи ин ду суханро ҳеҷ дарк накардем. Хоҳиш мекунем, ки шарҳ диҳед.

Аҳмади Ҷомӣ:

- Сухани аввал аз ман буд. Ба ҷуз ин чизе наметавонистам гуфт, лекин ба ман чунин илҳоме омад. Эй Аҳмад! Магар мурдаҳоро Исо зинда кард? Магар гунгҳою бемормони пустро Исо табобат кард? Мо мекунем, мо. Баргард. Барои бино шудани чашмони кӯдак туро сабаб кардем. Ин сухан ба қалбам илҳом шуду чунин садо баромад. Он сухану рафтор аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) буд. Аҳмад танҳо сабаб шуд.

*** Вақте, ки кори хайреро анҷом медиҳем, набояд фирефтаи шайтон шуду тобеъи нафс гашт. Ҳар кори неке, ки барои эҳтиёҷмандон ва барои пешрафти Ватану миллат анҷом медиҳем, худро чун василае бояд донист ва шукр кард, ки дар кори хайр Аллоҳ (ҷ.ҷ.) моро интихоб кардааст, вагарна бандаҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) зиёданд ва эҳтимоли сабаб нашудани ту ҳам хело зиёд аст.

Вақти табобат, аввалу охир ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) такя кард, аммо аз тадбирҳо набояд дурӣ кард.

Табиб сабаб мегардад. Аз ин хотир табиб набояд ғурур кунад. Бемор ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шукру сипос кунад ва инчунин барои сабаб шудани табиб, ба табиб низ ташаккур бояд кунад.

Шахсе, ки ба банда ташаккур карда натавонад, шукр кардани ӯ ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барояш гаронӣ меорад.

***ХУДОБАХШ***
***11.08.2011с.***

## Модар- қаҳрамон ва роҳбаладі беҳамто

Рӯзе Томас Эдисон ба хона меояд. Дар дасти модараш қоғазе ҳаст ва онро ба Эдисон медиҳаду мегӯяд:

- Ин қоғазро муаллимат додааст ва таъкид кард, ки танҳо ту бидонӣ.

Модар қоғазро бо чашми гирён хонд:

- Фарзандатон доҳӣ мебошад ва ин мактаб барои ӯ хело кӯчак аст. Дар мактабамон муаллиме нест, ки ба фарзандатон дарс дода тавонад. Аз ин хотир, ӯро худатон тарбия кунед.

Солҳои зиёде мегузарад. Эдисон олими машҳури аср шуд. Модари Эдисон вафот мекунад. Рӯзе Эдисон ашёи пешинаро аз назар гузаронидан мегирад, ки чашмаш ба қоғазе бармехӯрад, ки дар он навишта шуда буд:

- Фарзандатон беақл (бемории ақлонӣ дорад) аст. Дигар иҷозат намедиҳем, ки фарзандатон ба мактаб ояд.

Эдисон хело гиря кард ва дар дафтари хотирияівияш чунин навишта кард: «Томас Алва Эдисон «кӯдаки беақл» буд, ки аз ҷониби модари қаҳрамонаш, доҳии аср шуд».

*** Аввалин устод модар аст. Хушо ба ҳоли он ашхосе, ки волидайнашон аз аҳли фаҳманд ва метавонанд ба фарзандҳояшон роҳбаладі намунавӣ бошанд.

Эдисон волфрамро кашф намуд ва ин ҳам бо дастгирии модари ғамхораш буд. Модарон аз оне, ки бар фарзанд дуои бад ва ё сухани қабеҳ мегӯянд, беҳтар аст, ки ба фарзандон умед бубахшанд, то онҳо ҳам умедбахши дигарон гарданд.

Сирри тарбия аз эҳтироми кӯдак оғоз меёбад.

*(Волтер Скотт)*

***ХУДОБАХШ***

***11.10.2015с.***

## МОДАР

Соати 3-и шаб занги телефон мешавад. Писар гӯшакро мебардорад. Дар гӯшаки телефон садои модар мебарояд:

- Фарзандам саломатият хуб аст?

Фарзанд:

- Хубам, ягон коре шудааст?

Модар:

- Ҳеҷ гап нест, танҳо хостам, овозатро шунавам.

Фарзанд:

- Модар, барои овози маро шунидан, дар нисфи шаб занг мезанӣ?

Модар:

- Нороҳатат кардам магар?

Фарзанд:

- Бале, нороҳатам кардӣ.

Модар:

- 25 сол қабл, ту ҳам маро нороҳат карда будӣ, зодрӯзат муборак бод.

Писарро дубора хобаш намебарад ва субҳи содиқ ба хонаи модар меравад. Модар ҳамон лаҳзае, ки гӯшаки телефонро мегузорад, ҷон ба Ҷонофарин (ҷ.ҷ.) супурдааст.

*** Биёед, ҳар лаҳза ёди модар кунем ва дуои модарро гирем. Кӯшиш кунем, ки розигии модарро ба даст орем. Хизмати модар бикунем. Агар риҳлат карда бошанд, ҳар субҳе барояшон фотиҳае бихонем. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар Қуръони Карим дар Сураи «Исро», оятҳои 23-24 мефармояд:

وَقَضٰى رَبُّكَ اَلَّا تَعْبُدُوا اِلَّا اِيَّاهُ وَبِالْوَالِدَيْنِ اِحْسَانًا
اِمَّا يَبْلُغَنَّ عِنْدَكَ الْكِبَرَ اَحَدُهُمَا اَوْ كِلَاهُمَا فَلَا تَقُلْ لَهُمَا
اُفٍّ وَلَا تَنْهَرْهُمَا وَقُلْ لَهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا
وَاخْفِضْ لَهُمَا جَنَاحَ الذُّلِّ مِنَ الرَّحْمَةِ وَقُلْ رَبِّ
ارْحَمْهُمَا كَمَا رَبَّيَانِى صَغِيرًا

«Парвардигорат муқаррар дошт, ки ҷуз Ӯро напарастед ва ба падару модар некӣ кунед. Ҳар гоҳ то ту зинда ҳастӣ, ҳар ду ё яке аз он ду солхӯрда шаванд, ононро маёзор ва ба дуруштӣ хитоб макун (тарафи волидайн «уф» магӯ ) ва бо онон ба икром сухан бигӯй. Дар баробарашон аз рӯи меҳрубонӣ сари хоксорӣ хам бикун ва бигӯ: «Эй Парвардигори ман, ҳамчунон ки маро дар хурдӣ парвариш доданд, бар онҳо раҳмат овар».

Дар Қуръони Карим 99 маротиб номи падар, 35 маротиб номи модар ва 22 маротиб номи падару модар зикр шудааст.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) эҳтироми волидайнро қабл аз Ислом низ ба дигар қавмҳо низ амр карда буд. дар сураи «Бақара», ояти 83 Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) фармудааст:

وَاِذْ اَخَذْنَا مِيثَاقَ بَنِى اِسْرَائِلَ لَا تَعْبُدُونَ اِلَّا اللّٰهَ
وَبِالْوَالِدَيْنِ اِحْسَانًا وَذِى الْقُرْبٰى وَالْيَتَامٰى وَالْمَسَاكِينِ
وَقُولُوا لِلنَّاسِ حُسْنًا وَاَقِيمُوا الصَّلٰوةَ وَاٰتُوا الزَّكٰوةَ ثُمَّ
تَوَلَّيْتُمْ اِلَّا قَلِيلًا مِنْكُمْ وَاَنْتُمْ مُعْرِضُونَ

- Ба ёд оред он ҳангомро, ки аз банӣ- Исроил паймон гирифтем, ки ғайри Худоро напарастед ва ба падару модару хешовандон ва ятмону дарвешон некӣ кунед ва ба мардумон сухани нек гӯед ва намоз бихонед ва закот бидиҳед! Вале ҷуз андаке аз шумо пушт кардед ва шумоед рӯйгардондагон.

***ХУДОБАХШ***
***29.07.2012с.***

## Моли дунё набояд қалбро пӯшонад

Имоми Аъзам дар баробари фаъолияти илмӣ ба тиҷорат ҳам машғул буд ва ҳатто соҳиби моли зиёд буд. Имоми Аъзам то нисфирӯзӣ ба толибилмон дарс мегуфт. Баъд аз зуҳр ба тиҷорат машғул мешуд. Рӯзе дар аснои дарс нафаре вориди масҷид шуду ба Имом гуфт:

- Эй Имом киштият ғарқ шуд. (дар киштӣ молҳои Имоми Аъзам ҳам буд)

Имом:

- Алҳамдулиллоҳ.

Баъди чанд лаҳзае ҳамон одам боз омаду гуфт:

- Эй Имом! Киштии ғарқшуда моли ту набуд.

Имом:

- Алҳамдулиллоҳ.

Мард:

- Эй Имом! Гуфтем, ки киштият ғарқ шуд «Алҳамдулиллоҳ» гуфтӣ ва боз гуфтем, ки киштии ту ғарқ нашудааст, боз «Алҳамдулиллоҳ» гуфтӣ, пас ин чи гуна ҳамдгӯӣ буд?

Имом:

- Ту гуфтӣ, ки киштият ғарқ шуд. Ман дастамро ба қалбам бурдам ва санҷидам, ки аз талафи моли дунё ғамгиние пайдо шуда бошад. Шукр, ки ғамгиние пайдо нашуда буд ва «Алҳамдулиллоҳ» гуфтам.

Боз хабар овардӣ, ки киштӣ моли ман набудааст. Боз қалбамро санҷидам. Шояд ба моли дунёиям дубора соҳиб шудам ва хурсандие дар дилам пайдо шуда бошад, аммо шукр хурсандие пайдо нашуда буд ва боз «Алҳамдулиллоҳ» гӯфтам.

*** Ҳама моли Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳаст, хоҳад ҳар лаҳзае туро доро мекунад ва хоҳад ҳар лаҳзае туро муҳтоҷи ноне кунад. Пас, бояд бигӯем, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хайрашро бар мо ато кун ва ҳар чӣ ояд аз Ӯ (ҷ.ҷ.) бароямон хуш аст, хоҳ нур бошад хоҳ нор бошад.

***ХУДОБАХШ***
***18.08.2011с.***

## Моли зиёд қалбро машғул мекунад

Молик бинни Динор дар хонааш Қуръони карим, бурё ва зарфи обгирӣ дошт. Рӯзе шахсе барояш зарфи обгирии нав туҳфа кард. Субҳ Молик бинни Динор ба яке аз рафиқонаш фармуд:

- Зарфи обгирии навро ба касе туҳфа кун. Шаб, шахсе зарфи обгирии навро медуздад гуфта, қалбамро машғул кард.

*** Молу сарват дар гардиш қарор гираду дастгири фақирон шавад, хайр аст. Агар молу сарват дар қалб ҷой гирад, он вақт имон дар хатар аст.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

- Моли каме, ки хуб истифода бурда мешавад, аз моли зиёде, ки дар роҳи бад истифода мешавад, зиёдтар тӯл мекашад.

Манзур аз зиёдтар тӯл кашидани он ҳам баракат аст ва ҳам дастгире дар рӯзи қиёмат, зеро тариқи молу мулк метавон корҳои хайре анҷом дод, то ин ки пас аз мурдан ҳам, дафтари аъмолат кушода истад.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Моли мардум туҳфа намешавад

Халифа Мансур ба Имоми Аъзам гуфт:

- Чаро туҳфаҳои маро қабул намекунӣ?

Имоми Аъзам чунин ҷавоб дод:

- Барои он қабул намекунам, ки инҳо моли ту не, моли мардум аст.

*** Касе ҳақ надорад, ки моли дигареро чун моли худ, ба дигарон туҳфа ва ё хайр бикунад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Монеа ҳам фурсат аст

Дар замони қадим, шоҳе дар роҳе, ки сӯи қаср меравад, санги калонеро гузошту аз дур аҳволро назорат кард. То нисфирӯзӣ ба қаср тоҷирони бузург, роҳбарони қавм омаданд. Аммо ҳама аз як тарафи санги калон гузар карданду касе сангро аз роҳ дур насохт.

Кабудифурӯше омад. Халтаи кабудияшро як тараф гузошт. Бо як азоб сангро аз роҳ берун баровард. Халтаашро аз замин бардоштанӣ мешавад, ки чашмаш ба халтачае пур аз зар мерасад, ки зери санги калон монда шуда буд. Даруни халтачаи зар варақе буд, ки дар он навишта шудааст: «Ин халатачаи зар ҳақи нафарест, ки сангро аз роҳ берун кардааст».

*** Ҳар як монеа фурсатест баҳри беҳтар намудани шароити зиндагӣ. Монеаро набояд садди роҳ донист.

***ХУДОБАХШ***
***20.06.2015с.***

## Мори қабри фарде, ки закот намедод

Дар вақти асҳоби гиром марди дорое мемирад. Барои дафн кардан қабр канданд. Дар қабр море пайдо шуд. Хабарро ба Ибни Аббос расониданд. Ибни Аббос фармуд, то қабри дигар бикананд. Дар қабри дигар ҳам мор баромад. Ҳафт қабр биканданд ва аз ҳафт қабр мор баромад. Ба ин нуқта омаданд, ки чӣ қадаре, ки қабр канда шавад ҳам, мор пайдо мешавад. Дар қабри охирин дафн карданд. Ибни Аббос аз наздикони мурда аҳволи майитро пурсон шуд. Наздикон гуфтанд:

- Доро буд, аммо боре закот ҳам надод.

Бо ҳамин, сабаби пайдо шудани мор ҳам маълум гардид.

*** Фикр мекунам, агар дастнигар мебудем, нафаре дарамонро тақ- тақ карда дарояду кӯмак бикунад, хело хурсанд мешудем. Пас, ҳаст ашхосе, ки интизори даромадани моянд. Закот ва садақаи Фитрро фаромӯш накунем.

Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) дар сураи «Бақара», ояти 43 фармудааст;

وَاَقِيمُوا الصَّلٰوةَ وَاٰتُوا الزَّكٰوةَ وَارْكَعُوا مَعَ الرَّاكِعِينَ

«Ва намозро барпой доред ва закот бидиҳед ва бо рукӯъкунандагон рукӯъ кунед!»

***ХУДОБАХШ***
***13.01.2013с.***

## Мувозинат дар таслим ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва ташаббус бар сабабҳо

Халифа Абдулмалик зиёрати Ҳаҷ намуд. Ато бинни Абӣ Рабеҳ зиёраташ намуд ва дар бораи адолат ва рафъи эҳтиёҷоти мусулмонон насиҳаташ намуд.

Баъди анҷоми насиҳат Ато бинни Абӣ Рабеҳ баромаданӣ мешавад. Халифа фармуд:

- Эй Ато! Ҳамаи тавсияҳоятро амалӣ мегардонам. Танҳо дар бораи эҳтиёҷоти дигарон сухан гуфтӣ. Магар шумо худ эҳтиёҷе надоред?

Ато бинни Рабеҳ чунин ҷавоб дод:

- Ман эҳтиёҷоти худро аз мардум талаб намекунам.

Ато бинни Рабаҳ ин суханро бигуфту баромад.

Халифа гуфт:

- Бешубҳа, ки чунин рафторат туро соҳиби обрӯ, шараф ва воломақомӣ гардонидааст.

*** Албатта, бузургон барои рафъи камбудӣ ва дастгирии фақирон назди роҳбарон пешниҳодҳо ва насиҳатҳо мекарданд, аммо аз аҳволи худ пеши касе арз намекарданд. Бешубҳа, ки сабабшаванда соҳиби амал аст, чӣ дар кори хайр бошад ва чӣ дар кори бад.

***ХУДОБАХШ***
***01.09.2013с.***

## Мувозинати дунё ва охират

Умар бинни Қайс нақл мекунад:

- Абдуллоҳ ибн Зубайр 100 ғулом дошт. Дар миёни ғуломон афроде буданд, ки ба дигар забон сухан мекарданд. Ибни Зубайр бо ҳар як ғулом бо забони худ сухан мекарду ба онҳо корҳои лозимаро мефармуд. Вақте ки ӯро машғули кори дунё медидам, чунин фикр мекардам:

- Ин одам лаҳзае ҳам бошад, вақти ибодат кардан надорад.

Аммо вақте ки ӯро дар аснои ибодат медидам, чунин фикр мекардам:

- Ин одам заррае ҳам майли дунё надорад.

Бешубҳа, ки Абдуллоҳ ибн Зубайр мувозинати дунё ва охиратро хело хуб ба роҳ мондааст.

*** Боязиди Бастомӣ фармудааст:

- Ориф барои гузаронидани рӯз ба дунё машғул мешавад, аммо қалбаш аз ин корҳо завқе намебарад.

Мусулмон то узр (сабаб) надошта бошад, набояд аз касе чизе биталабад. Дунё моли мусулмон нест гуфта, набояд ба гӯшае нишаста танбалӣ кард, зеро танбалӣ сабаби талбанда шуданро дорад. Танбалӣ (бе узр) сифати мусулмон нест. Албатта, ки фахр кардан аз доройӣ бар муқобили бародари худ ҳам сифати мусулмон нест. Мувозинатро аз Абдуллоҳ ибн Зубайр бояд омӯхт.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2013с.***

## Мукофоти муносибат бо шавҳар

Расулуллоҳ (с.а.с.) ба духтараш ҳазрати Фотима (р.а.) дар бораи зане суҳбат кард ва гуфт, ки он зан ҷаннатӣ аст. Ҳазрати Фотима (р.а.) хост зиёрати зани таърифшуда кунад. Макони занро ёфт ва дарашро тақ-тақ кард. Зан гуфт:

- Ки ҳастӣ?

Ҳазрати Фотима (р.а.) ҷавоб дод:

- Ман Фотима духтари Расулуллоҳ (с.а.с).

Зан гуфт:

- Эй духтари Расулуллоҳ (с.а.с)! Ман намедонистам, ки ту ташриф мекунӣ, то ки аз шавҳарам иҷозат мегирифтам. Ҳозир туро қабул карда наметавонам. Имрӯз аз шавҳарам иҷозат мегирам ва фардо туро қабул мекунам.

Ҳазрати Фотима (р.а.) рӯзи дуюм роҳ сӯи хонаи зан гирифт ва ҳазрати Ҳасан ҳам хост ҳамроҳи модар равад.

Зан дарк кард, ки ҳазрати Фотима (р.а.) танҳо нест ва пурсид, ки ҳамроҳе дорӣ?

Ҳазрати Фотима (р.а.):

- Писарам Ҳасан, ки хурдсол аст.

Зан:

- Ман аз шавҳарам иҷозату ту ва фарзандатро нагирифтам ва бубахшед, шуморо қабул карда наметавонам.

Рӯзи сеюм бошад, ҳазрати Ҳусайн ҳам ҳамроҳ шуд. Соҳибхоназан ҳам барои се нафар иҷозат нагирифта буд, аз ин сабаб бори сеюм ҳам рад кард. Ва гуфт:

- Фардо барои ҳамаатон иҷозат мегирам ва қабулатон мекунам.

Ин маротиб ҳамаашонро қабул кард, зеро иҷозати қабули аҳли байтро аз шавҳараш гирифта буд. Вақти суҳбат ҳазрати Фотима (р.а.) пурсид:

- Овозатон аз берун чун пиронсоле садо медиҳад, аммо ҷавон ҳастед.

Зан:

- Вақте ки бо берунбуда суҳбат мекунам, ба даҳонам санге мегузорам, то роҳгузаре овози маро шунида гунаҳгор нашавад. Ҳоло рӯ ба рӯ ҳастем ва сангро гирифтам.

- Эй Фотима (р.а.)! Ман кӯшиш мекунам, ки шавҳарамро ғамгин насозам, ҳамаи хоҳишҳояшро иҷро намоям, бе иҷозати ӯ касеро ба хона қабул намекунам. Оё ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) насибам мегардад?

Ҳазрати Фотима (р.а.) сухани Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро барояш гуфт:

- Муборак бодо! Расулуллоҳ (с.а.с.) ҷаннатӣ будани туро хабар дод. Ибодат ва эҳтироми шавҳаратро чунин идома деҳ. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз ту розӣ аст.

*** Зане, ки панҷ вақт намоз мехонад, моҳи Рамазон рӯза мегирад ва номусашро ҳимоя мекунаду шавҳарашро итоат мекунад, аз кадом дари ҷаннат, ки даромадан мехоҳад, дарояд (маънои ҳадис).

Мукофоти итоати шавҳар ҷаннат аст. Чӣ саодат ба он занҳое, ки ҳам оиларо дар по нигоҳ медораду ҳам хушбахтии дунёро мебинаду ҳам хушбахтии қиёматро. Фирефтаи суханҳои ноҷои атрофиён магардед. Баъзе занҳоро ҳатто модарҳояшон аз роҳ бероҳ мекунанд.

Масалан: духтарашро бе иҷозати шавҳараш ба хонааш меорад ва мард, ки ба хона меояду занашро дар

хона намебинад, қаҳр кӯраш месозаду занашро лату кӯб мекунад ва оқибат то ба ҷудоӣ мерасонад.

Ё зане сирф ба хотири иштирок дар маъракаи ақрабо ё дугонааш бо шавҳараш баҳсу ҷанҷол мекунад ва худро хонавайрон мекунад. Шавҳар, ки иҷозат надод, итоат бояд кард. Кадом занро, ки аз хотири ақрабояш ва ё дугонааш хонавайрон шуду ҳамон ақрабо ва ё дугонааш ӯро дар хонааш ҷо кард?

Баъд аз ҷудоӣ, кошкигӯён зиёд мешаванд. Беҳтар мебуд, ки итоати шавҳар ба ҷо оварда шаваду манзили дунё ва қиёмат ҳам обод гардад.

Албатта, мард ҳам бояд ҳақи занро риоя кунад. Бе нафақа нагузорад. Эҳтироми зан ва хешу табори занро низ ба ҷо орад. Дар кори хона ҳам бояд дастгирӣ кунад. На танҳо дар зодрӯз, балки ҳар моҳе як маротиб туҳфае аз қабили гул бояд тақдим кунад.

Волидайни зан набояд фикр кунанд, ки духтарам рафт, балки фикр кунад, боз соҳиби фарзанде шудааст.

***ХУДОБАХШ***
***06.08.2011.***

## Мункару Накир ва ҳазрати Умар (р.а.)

Ҳазрати Сарвари Коинот (с.а.с.) ва мафхари мавҷудот ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) ба ҷамъи асҳоб дар мавриди азоби қабр ва суолпурсии Мункару Накир ва ҳайбати эшон нақл кард.

Ҳазрати Умар (р.а.) пурсид:

- Ё Расулуллоҳ! Вақте ки мо даруни қабр мешавем, ба мо ақламон дода мешаваду баъдан суол мекунанд ва ё ақламонро надода, пурсон мешаванд?

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуданд:

- Ҳозир дар ақлат ҳар чӣ, ки бошад, дар қабр ҳамон мешавад.

Ҳазрати Умар (р.а.):

- Агар чунин бошад, пас ҷойи ғамгин шудан нест.

Ҳазрати Умар (р.а.) вафот кард. Ба қабр гузошта шуд. Ҳазрати Алӣ (р.а.) сухани ҳазрати Умар (р.а.)-ро ба ёд меорад ва ба қабри ҳазрати Умар (р.а.) меояд. Чашмони муборакашро маҳкам мекунад ва қалбашро ба аҳволи ҳазрати Умар (р.а.) мутаввоҷеҳ мекунад. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) пардаро аз пеши чашмони ҳазрати Алӣ (р.а.) мегирад ва ҳазрати Умар (р.а.) аҳволро мушоҳида мекунад. Мункару Накир бо ҳайбат меоянду аз ҳазрати Умар (р.а.) мепурсанд:

- Худои ту кист? Дини ту чист? Пайғомбари ту кист?

Ҳазрати Умар (р.а.) аз онҳо пурсид:

- Аз осмони ҳафтум то ба ин ҷо чӣ қадар масофа тай кардед?

Мункару Накир ҷавоб доданд.

- Ҳафтҳазорсола роҳ аст.

Ҳазрати Умар (р.а.) фармуданд:

- Шумо аз ҳафт ҳазорсола роҳ омадед ва Аллоҳ Таъолоро фаромӯш накардед. Ман имрӯз аз хона баромадаму ба қабр даромадам, чи гуна Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), дин ва пайғомбарамро фаромӯш мекунам.

Малоик гуфтанд:

- Эй Умар (р.а.)! Мо медонистем, ки чунин ҷавоб медиҳед, аммо мо вазифадорем, ки бо ҳайбат суол бикунем.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) чашмони муборакашро кушод ва гуфт:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) муборак гардонад, Умар дар даъвояш қоим будааст.

Хилофати ҳазрати Умар (р.а.) 10 солу 6 моҳу 7 рӯз давом кардааст. 63 солу 10 рӯз умр дидааст.

*** Чи гуна бимирӣ, ҳамон гуна ҳашр мешавӣ. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба мо ақлу ҳӯши Умарӣ насиб бикунад.

***ХУДОБАХШ***
***07.07.2012с.***

## Муносибатҳои зану шавҳар

Ду ҷуфти тоза, бо ишқу муҳаббати самимӣ оиладор шуданд. Қабл аз оиладорӣ ҳар рӯзе суханҳои тару тоза ва дилписанд мегуфтанд. Дар рӯзҳои аввали оиладорӣ низ идома дод, аммо баъди чанд муддате суханҳои пур аз муҳаббат ва эҳтиром коста гардид. Нофаҳмии кӯчаке боиси ҷангу ҷидол ва қаҳр мегардид.

Шабе ҳар ду нишастанд. Суҳбат намуданд ва қарор доданд, ки ба оиладорӣ хотима медиҳанд. Мард гуфт: «Дар боғамон дарахте мешинонем ва агар дарахт дар се моҳ хушк шавад, ҷудо мешавем. Агар хушк нашавад, дигар фикри ҷудоиро намекунем. То як муддате дар хонаҳои алоҳида мехобем».

Фикри мард ба зан ҳолиб омад. Субҳ дарахте гирифтанд ва якҷоя дар боғ шинонданд. Як моҳ гузашт, аммо дарахт заррае аз хушкиро надид. Шабе зану шавҳар дар боғ рӯ ба рӯ шуданд. Албатта, ки дар дастҳояшон сатили пур аз об буд.

*** Аксари вақт зану мард ҷудо шудан намехоҳанд, аммо шайтон ба ҳар ду талқин мекунад, ки ҷудо бишаванд. Зану мард дар ин аснои номуносиб кибру ғурур мекунанд ва сабаби ҷудоӣ мегардад. Албатта пӯшаймон мешаванд, аммо аллакай дер шудааст.

Ҳолатҳое мешавад, ки ҳодисаи кӯчаке сабаби ҷудо шудани оила мегардад, зеро шайтон аз ҷудо кардани оила хушаш меояд ва ҳодисаи кӯчакро ҳам дар чашми мард ва ҳам дар чашми зан бузург месозад. Инсон бехато намешавад ва муҳим дарки хато ва дубора такрор накардани он аст. Зану мард дар ҳама шароит бояд дар ҳақи якдигар дуои хайр намоянд. Ҳар яке бар худ вазифаҳои мушкил ба

сар доранд ва вазифаҳои якдигарро набояд сабӯк ва осон бидонанд.

Қадаме, ки як умр ғамгинат месозад, ҳаргиз фикраш макун.

- Ҳамсарҳоятонро ғамгин масозед. Онҳо ба шумо амонатест аз ҷониби Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.). Бар амонати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мулоим бошед ва хубӣ намоед (маънои ҳадис, Муслим).

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

**Мӯр (мӯрча) ва ҳазрати Сулаймон (а.с.)**

Рӯзе ҳазрати Сулаймон аз мӯр дар як сол чи қадар хӯрок хурданашро пурсон мешавад.

Мур ҷавоб дод:

- Як дона гандум.

Ҳазрати Сулаймон (а.с.) барои дуруст ва нодуруст будани ҷавоб мӯрро ба шишае зарфе мегузорад ва дар зарф донаи гандуме мегузорад. Дар зарф як сӯрохие кучаке (майдае) барои ҳаво даромадан мекӯшояд. Зарфро маҳкам мекунаду як сол интизор мешавад. Баъди як сол ҳазрати Сулаймон зарфро мекушояд ва мебинад, ки мӯр нисфи гандумро хурдааст. Ҳазрати Сулаймон (а.с.) худ ба худ мегӯяд. Чаро нахурда бошад? Сабаби нахурдани кулли гандумро аз мӯр мепурсад.

Мӯр мегӯяд:

-Қаблан хӯроки маро Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) медод. Ман ҳам Ӯро (ҷ.ҷ.) эътимод карда, кулли гандумро мехурдам, зеро Ӯ (ҷ.ҷ.) маро ҳаргиз фаромӯш намекунад. Ту ин вазифаро ба худ гирифтӣ. Ту худ як инсони оҷиз ҳастӣ ва туро куллан бовар карда натавонистам. Фикр кардам, ки шояд маро фаромӯш кунӣ. Барои ҳамин нисфи хӯрокаи яксолаамро хурдам ва нисфи дгарашро барои соли оянда гузоштам.

*** Аз хони Худат барои мо рӯзӣ бидеҳ,
То к-аз дари Ту бар дари эшон нашавем.

Бузғола дар оғил таваллуд мешавад, ризқаш дар чарогоҳ мебарояд. Соҳиби мол онро назди бузғола меорад.

Одам, ки халифаи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар замин аст, чи гуна фаромӯш мешавад, дар ҳоле, ки дар батни модар

фаромӯш намешавад.

Исроф баракати ризқро аз байн мебарад. Муҳим исроф накарда, истифода бурдан аст.

***ХУДОБАХШ***
***10.03.2012с.***

**Мӯре, ки об мекашад**

Намруд ҳазрати Иброҳим (а.с.)-ро ба оташ партофт. Дар ин вақт мӯре ба даҳон об гирифту давон - давон сӯи оташ рафт. Мӯри дигаре ин талошро мебинад ва ба мӯр мегӯяд:

- Чаро дар чунин талош ҳастӣ?

Мӯри обкаш обро аз даҳон ба дастҳояш мегузорад ва мегӯяд:

- Магар нашунидӣ, ки Намруд ҳазрати Иброҳим (а.с.)-ро ба оташ партофтааст ва ман ҳам сӯи оташ об мебарам.

Мӯр бо ханда мегӯяд:

- Як қатра оби ту ба он оташи бузург чӣ таъсире мерасонад?

Мӯри обкаш мефармояд:

- Хеҷ набошад, дар кадом саф буданам маълум мешавад.

*** Новобаста дар кадом сатҳ ва дар кадом шароит буданамон бояд, ки сафи будаамонро маълум гардонем. Баҳона пеш овардан сифати шахсони беҷуръат мебошанд. Бояд, ки ҳимматбаланд бошем. Як дӯстам гуфта буд: «Камҳимматӣ аз беҳимматӣ беҳтар аст».

***ХУДОБАХШ***
***01.12.2012с.***

## Муриди Ҷунайди Бағдодӣ

Яке аз муридони Ҷунайди Бағдодӣ нақл мекунад:

- Дар бозор будам ва зани зебоеро дидам. Баргашта як бори дигар дидам. Баъдан пӯшаймон шудаму тавба кардам. Шаб ба хона омадам ва ба ҳамсарам ба ман гуфт:

- Имрӯз чеҳраат торик аст?

Гуноҳе, ки дар бозор кардам, ба чеҳраам сироят кардааст.

Пӯшаймонӣ барзиёд шуд. Худро дӯсти ғор кардам. Он ҷо чиҳил рӯз истодам ва ашки чашм рехтам. Баъд ба Бағдод рафтам ва хостам ҳазрати Ҷунайди Бағдодиро зиёрат кунам. Наздаш даромадам. Ба ман гуфт:

- Ту дар бозор гуноҳ кун, мо дар Бағдод барои ту истиғфор кунем?

Хело шарм кардам ва дубора ба он гуноҳ ғӯта назадам.

*** Агар шайх шайхи ҳақонӣ бошад, пас, бо изни Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз корҳои шогирдаш бохабар мешавад. Чи гуна, ки паёмбарон барои умматонаш авфу истиғфор талаб мекунанд, шайхҳо низ барои муридонаш ҳамонро металабанд.

Дуо кунем, ки сафи шайхони чун Ҷунайди Бағдодӣ ва муридони ӯ зиёд шавад. Албатта ки ҳама кор аз саъю кӯшиш мешавад. То банда мақсади тағйири хеш надошта бошад, қуввае ӯро дигар намекунад.

***ХУДОБАХШ***
***19.08.2011с.***

## Муши амонат

Зоти шарифе бо номи Юсуф бохабар аз он шуд, ки Зунуни Мисрӣ Исми Аъзамро медонад. Юсуф назди ҳазрати Зунуни Мисрӣ рафт ва як сол хизмати ҳазрат намуд. Рӯзе аз Зунуни Мисрӣ суол кард:

- Устод ба ту як сол хизмат кардам, акнун ҳақамро мехоҳам. Медонам, ки Шумо Исми Аъзамро медонед. Медонед, ки ин амонатро ба ҷуз ман каси дигаре наметавонад нигоҳ дорад.

Баъд аз шаш моҳи дигар, Зунуни Мисрӣ дар латтае чизеро печонида рӯи табақ гузошт ва ба Юсуф дод ва гуфт:

- Дар Фустат як дӯсте дорем, ту ҳам медонӣ?

Юсуф:

- Бале.

Зунуни Мисрӣ:

- Ин амонатро ба ҳамон кас деҳ.

Юсуф амонатро мегираду ба роҳ мебарояд. Дар роҳ худ ба худ мегӯяд, ки зоте ба мисли Зунуни Мисрӣ чи туҳфа карда бошад. Латтаро мекушояд ва муше аз болои табақ парида мегурезаду гум мешавад. Юсуф назди Зунуни Мисрӣ меравад. Зунуни Мисрӣ мегӯяд:

- Мо туро санҷидем. Ба ту мушеро амонат додем ва онро хиёнат кардӣ. Чи гуна туро бовар кунаму Исми Аъзамро таслим кунам.

*** Яке аз сифатҳои мусулмон амонатро ҳифз кардан аст. Зану фарзанд ва ҷону мол ин ҳама амонат аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст. Бар амонат хиёнат кардан гуноҳ аст. Ба зану фарзанд луқмаи ҳалол муҳаё кардан амонатро ҳифз кардан аст ва ба зимми он соҳиби савоб мегардӣ. Бар ҷон

хиёнат кардан, гуноҳ аст. Молро дар кори хайр истифода кардан, амонатро ҳифз кардан аст, аммо молро дар кори ҳаром истифода кардан ҳаром аст.

Бо умеди дарки фаҳмиши амонат,

***ХУДОБАХШ***
***28.01.2012с.***

**Мӯъмин ҳасад мекунад?**

Ҳаммом бинни Ҳумайд аз Ҳасани Басрӣ суол кард:

- Мӯъмин ҳасад мекунад?

Ҳасани Басрӣ ба ин савол чунин ҷавоб дод:

- Магар фарзандони ҳазрати Яъқуб (а.с.)-ро фаромӯш кардӣ? Онҳо (бародарон) ба ҳазрати Юсуф (а.с.) ҳасад бурданд.

Ҳасад бар қалби одамон пинҳон ва болояш пӯшида нигоҳ дошта мешавад. То он вақте ки инсон бо дасту забонаш онро берун набарорад, ҳасад ба ӯ зарар намерасонад.

*** Ҳасад, маънои бахилӣ карданро дорад. Ё худ саломатӣ, дорой ва ё муваффақиятҳои дигареро чашми дидан надоштан аст. Ҳамчунин аз неъматҳои дигарон нороҳат шудан ва умеди рафтани неъмат аз дасти дигаронро кардан мебошад. Чунин бемориӣ ба мисли дигар бемориҳо аз беилмӣ сарчашма мегирад.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

***Дар таълифи китоби мазкур манбаъҳои зерин истифода шудаанд:***

1. Қуръони Карим
2. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ
3. «Қутул қулуб»-и Абутолиб ал-Маккӣ
4. «Китоби зуҳд»- Байҳоқӣ
5. Мукошифатул қулуб
6. «Эҳёи улумид-дин»- и Имом Ғазолӣ
7. «Анварул ошиқин»- Аҳмади Бечон
8. «Сифатус-Сафва»- и Ибнил Ҷавзӣ
9. «ал-Муҷамул кабир, ал-муҷамул сағир»- и Табаронӣ
10. «Зуҳд»- и Ибни Моҷа
11. «Фиқҳи акбар»- и Имоми Аъзам
12. «ал-Муснад»- и Аҳмад ибни Ҳанбал
13. «Ҳикояҳои диннӣ»- и Аҳмад Шоҳин

# ХАЗИНАИ МАЪРИФАТ 4

## *500 ҲИКМАТ*

*Қисмати якум*

Ба чоп 30.12.2015 имзо шуд. Андозаи 32x48 1/8.
Қоғази офсет. Гарнитураи адабӣ.
Ҷузъи чопии шартӣ 19,5.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 13.0 чопи офсет.
Адади нашр 100. Супориши №20/16.

ҶДММ «Графика принт»
ш.Душанбе, кӯчаи Карин Манн, 130
E-mail: admin@grafikaprint.tj